**Бахтёри Муртазо**

# ҶАВПАЗАК



ДУШАНБЕ
«АДИБ»
2010

ББК 84 Тоҷик 7-5
М-49

Муҳаррир *Зиё Абдулло*

М-49 **Бахтёри Муртазо. Ҷавпазак** (ҳикояҳо, қиссаҳо ва очеркҳо). – Душанбе, «Адиб», 2010, 256 саҳ.

Маҷмӯаи ҳикояҳо, қиссаҳо ва очеркҳои нависанда Бахтёри Муртазо хислатҳои пок ва нек, одамияти баланд, ростқавлӣ, заҳматписандӣ, ватанпарастӣ, хоксорию фурӯтании шахсони наҷибро ситоиш менамояд. Итминон дорем, ки китоби адиб писанди табъи хонандагони арҷманд хоҳад шуд.

ISBN 978-99947-2-25-5

© Бахтёри Муртазо, 2010

# ҲИКОЯҲО

## СИЯҲМУШКИНИ ВОПАСИН

Подабонон Куррааспро ба шиварзамини ақиби ферма ронданд, ба шиварзамине, ки атрофи онро ҳолиё шиғ бастаанд. Аслан ин ҷо шолӣ мекиштанд, аз пали замин ҳам маълум буд, вале акнун он ба шиканҷагоҳ бадал ёфтааст. (Ин маъниро подабонон бофтаанд).

Ба шиканҷагоҳ зуд-зуд об сар медоданд, то замини бе ин ҳам пурнам лойи часпак шавад. Ва сумҳои борику нозуки куррааспон ба лой фурӯ рафта, камтар ҳаллос зананд, ба чор тараф наҷаҳанд...

...Раис сапедадам ба ферма омад. Дили мудир таҳ кашид: ин қадар барвақт омадани вай бесабаб набуд.

– Камтар қазӣ даркор шуда монд, – гуфт раис мудирро дидан замон. – Калони худамон телефон карданд, ҳадаҳа кунед, бегоҳӣ одамашон меояд, ба Калони Боло мебурдаанд.

– Тойча намонд, раис,-маъюсона гуфт мудир.

– Ягон бало кунед... Ман, охир, аз номи шумо ваъда додаам.

Мудир сар ба пеш афганда, андаке ғарқи хаёлот шуд. Сонӣ ӯ чизеро ба ёд оварда, сар боло кард.

– Дар оғили посбони ферма Чорӣ-газари човандоз як тойча ҳаст.

– Гиред, ҳамонро! – фармон дод раис, аммо напурсид, ки соҳиби он розӣ мешавад ё не.

– Газар онро аз марғзори Чордағал овардааст, насли нодир будааст, сияҳмушкин меномидаанд ин наслро, Сиямушкини рисолабоб. Тойчаро барои бузкашӣ парвариш карданӣ. Писари Чорӣ-газар ҳам човандоз.

– Ҳеч боке не. Чорӣ-газар боз меёбад, ҳа, дер накунед, бегоҳӣ меоям...

«Газик»-и раис бо суръати баланд ҳаракат намуда, чанги роҳро ба ҳаво бардошт.

Вақте ки подабонон бо амри мудир ба хонаи посбони ферма гузаштанд, он ҷо касе набуд. Чорӣ-газар ба каланди палаки Пушти Тал рафтааст. Кампираш ҳам он ҷо чӯмчак чида чой

мечӯшонд, ба шуғли чолаш дастрасой мекард. Фарзандони Чорӣ-газар ҳар яке бо хонаводаи худ дар деҳа зиндагӣ доштанд.

Подабонон полҳанги Куррааспро аз гулмех кушода, ба тарафи шиканчагоҳ тофтанд...

Бечора Курраасни наҳифпайкар ба кадом сӯ фукашро битобад, дар ҳамон сӯ подабони барзангие бо тозиёнаи дастасурхе истода, зарбаи сахте ба сӯяш равона мекард. Зарбаҳои бераҳмона дар бадани нозуки ӯ сим барин меғӯтиданд.

– Задан гир! – дод зад посбони качбурут, ки нисбат ба шарикон калонсолтар менамуд. – Ҳоло то арақ баровардани ин ҷонвар худи мо чанд бор арақ мекунем.

Курраасп шиҳа кашид, ба талвоса афтод.

– Арақ, барорад, – тозиёна ба сағрии Курраасп зад галабони кӯса, – гӯшташ беғубор мешудааст-а?

– Беғубор гуфтию мондӣ, агар аз ин гӯшт қазӣ пазанд, малҳам мешавад, малҳами камарсустҳо, – калимаи охиринро бо оҳанги махсус талаффуз кард галабони калта. – Пушти камарсустҳо гарм шуда, шавқу ғайраташон меафзудааст.

– Бародарҳо, архаин[1] нашавед, – боз ҷилави калониро соҳиб шуд качбурут,–ҳозир Чорӣ-газар ояд, ҷони ҳамаи моро дар каду қава мекунад. Ҳа, қамчинро базарбатар фуроред, ки арақаш тезтар барояд.

– Ако, магар дигар тойча намонд, ки инро бе пурсиш гирифтем, гӯё дуздидем, – баъди задани тозиёна ба качбурут нигарист галабони чорум, ки ҳамагон ӯро нисбати шикамкалон буданаш дар ҳозиру ғоиб «дилдам» мегуфтанд. – Охир, ҳамкори худамон, фаҳмад, доду фарёд мекунад. Мӯйсафед бо орзую ҳавас аз чанд фарсанг роҳ овард, хеле саргардон шуд. Чорӣ-газар тойчаро овардан боз ҷавонон барин чусту чолок ва хушҳол шудааст. «Зоти гумгаштаи аспамро ёфтам, сияҳмушкини рисолабобро ёфтам» мегӯяд. Ҳамин тойчаро ҳар рӯз бо ҳавсала қашав мекунаду

*Дунони ман туӣ,*

*Ғунони ман туӣ,* – гӯён ашӯла мехонад.

– Сияҳмушкини рисолабоб бошад, ё дунону ғунон бошад, ба ту чӣ? Раис «гир» гуфт, гирифтем, сарашу равғанаш, – качбурут шартӣ тозиёна фуровард.

– Ҳой, бекорхӯҷаҳои ҳаромхор, – ногаҳон аррос зад мудир, – аз кори кардаатон гапатон бисёр. Дониста монед, агар то чоштгоҳ

1. Бепарво, хотирҷамъ

кушта, пӯст наканед, пас худатонро пӯст меканам, – мушт гирех баст вай.

Каҷбуруту кӯса ва калтаю дилдам аз ин дӯғу пӯписаи мудир ба ваҳм афтода, зарбаҳои тозиёнаро шиддатнок карданд.

Курраасп боз шиҳа кашид, ки ин дафъа шиҳааш тӯлонӣ ва басе дарднок буд,гӯё Байталмодарашро ҷустуҷӯ дошт, аз Айғирпадараш имдод мехост...

...Дар он ҷо, дар дашт, вақте ки Курраасп пистон макида, аз шири гуворою хушбӯи модар сер шуду маст гашт, барояш раҳпӯӣ андаке душвор намуд. Оҳиста-оҳиста аз гала қафо мондан гирифт. Дар ҳамин дам ногаҳон уллоси дарандаҳои чорпои хунхорро шунид. Ин тездандонҳои хокистарранг аз гирду атроф, аз зери буттаю хорҳо нӯла мекашиданду ба дили ҳар ҷонвари аз худашон камзӯр воҳима меандохтанд. Курраасп ҳам аз ин овози ваҳшатхез ва ҳавлангез сахт тарсид, дар баданаш раъша дамид. Ва якбора шиҳа кашид, шиҳааш он авҷу дараҷаи одатиро надошт, балки баланд буду тарсолуд. Шиҳа кашиданаш ҳамин шуду дарҳол тапартапар сум кӯфтани Айғирпадарро шунид. Айғирпадар ончунон бо шӯру шағаб ва бо ёлҳои парешон даррасид, ки гурги ба Курраасп наздик омада тоб хӯрдан ҳам натавонист. Асп бо ҳамин суръат, бо ҳамон қаҳру ғазаб дандонҳояшро гиз карда, аз банди гардани гург бигазид. Курраасп бидид, ки дар миёни дандонҳои гизи падар сабзаю алафҳои хӯрдааш кам-кам дармондаанд. Боз бидид, ки ҳамин дандонҳои аз гиёҳу алафҳои гуногун сабз гашта, ки гоҳгоҳе гардану китфи Курраaспро мехориданд, аз лою хасу хошок тоза мекарданд, ҳоло ба гардани гург ғарсаскунон фурӯ рафтанд. Курраасп дигар чизеро надид, фақат як лаҳза фиғони гургро шуниду бас, дигар овози гург низ ба гӯш нарасид. Айғирпадар ба шиддат тоб хӯрда, гургро чунон ҳаво дод, ки дар авҷи осмон порa-пора гашта, ба чор тараф титу парешон афтод. Дигар гургон ин даҳшати бар сари ҳамнавъи худашон омадаро чун мушоҳида карданд, дар як они воҳид ба умқи чӯл ғайб заданд. Дар ин дам Байталмодар ва дигар аспону курраҳо ҳам даррасиданд. Байталмодар Курраро бӯида, шиҳа кашид ва бо думаш ба рони вай чанд дафъа зад, гӯё бо ҳамин танбеҳ дод, ки «дигар аз гала қафо намонад. Охир, як ишоратро чанд бор такрор кардан мумкин, оқибати бепарвоию баттолиашро бо чашмони худ бидид. Агар минбаъд ҳам гӯш накунад, аз ин бадтар мешавад»... Курраасп гирди Байталмодар думчаяки худро афшонда, ду-се гардиш карду фукашро ба пистон бурд. Аз мазаи шири гарм дилаш гум мезаду вай

даҳонашро пур карда, мемакиду мемакид. Байталмодар бошад, Куррааспро мебӯид, мелесид, бо дандонҳояш бадани ӯро мехорид. Аҷаб фараҳфизою ширин буданд он лаҳзаҳо.

Сонӣ тамоми байталмодарон давра ороста, курраҳояшонро дар мобайн ҳалқавор печонида гирифтанд. Сарқофилаи гала Айғирпадари Курраасп ва дигар айғирпадарони пурқудрат буданд. Акнун ба Курраасп ва дигар курраҳои тавила ҳеч хатаре таҳдид намекард. Пойҳои қавӣ ва мустаҳками айғирпадарон ва байталмодарон дар атрофи курраҳо тавораи шикастнопазире сохта буданд. Курраҳо дум афшонда-дум афшонда гулу гиёҳҳоро мечариданд. Айғирпадар ҳар дам чорхез зада, гирду атрофи тавилаи худро хабар мегирфт: мабодо ки ягон нохалафи ғаддоре, дади хунхоре таҳдид намояд. Эҳ, ку, он айёми беғамиҳо, дигар такрор намешаванд он давраҳо...

Аз ҳавли ҷон ва ҳасрати он даврон Курраасп дигарбора шиҳа кашид. Он ҷо дар дашт пойҳои айғирпадарон ва байталмодаронро медид, ки аз ҷондорони хуношом ҳифз мекарданд, ин ҷо пойҳои гургони дупоро медид, ки мӯзаҳои резинии соқбаланд пӯшидаанду ӯро ба исканҷа маҳкам гирифтаанд ва аз нӯки тозиёнаҳояшон хун мечакад, хуни бечора, Курраасп.

Куҷост он Айғирпадари дандонгизи хашмгин, ки чун тундбоду тӯфон ҳамлавар шавад? Ва аз банди гардани ягонтои ин гургони дупо газида, пора-пора созаду ҷони Куррааспи мискинро аз панҷаю исканҷаи азобу итоби онон наҷот бахшад.

Беҳтараш аз банду гардани ҳамоне бигирад, ки дам ба дам даст афшонда дӯғ мезанаду баъди шӯру валвалаи ӯ зарбаҳои тозиёна пуршиддатар мегарданд. Агар Айғирпадар ҳамин замон чорхеззанону ёлпарешон меомаду ин саркардаи гургонро вожгун месохт, сипас дигар гургони дупо ҳам мисли он ваҳшиёни дашт ғайб мезаданд...

Куҷост он Байталмодари меҳрубонаш, ки барои танбеҳ бо думи сермӯ зада, ба лабу дандонҳои худ хору молаш кунад, акнун хунҳои шоридаю карахтбастаи баданашро тоза намояд. Оҳ, куҷост Байталмодари дилсӯз?... Ба ҷои навозишҳои байталмодарона, ба ҷои хору моли гуворою форамаш ба пайкари нирғаю бемадори ӯ тозиёнаҳои шадид бармехӯранд. Куҷоед, шумо Байталмодари ғамгусори муштипар, Айғирпадари дилсӯзи тавонгар. Куҷоед, то Куррааспро аз ин вартаи марг, аз чанголи хунолуди ин гургони дупо, ки аз он гургони бӯрҷомаи дашти Чор Дағал ҳам маккортару ваҳшитару хунхортаранд, халос кунед?..

Курраасп шиҳаи дуру дарозе кашид, зоҳиран ин вопасин шиҳаи ӯ буд. Ва ҳамин шиҳаи оҳутаки беҳолу мадор ба гӯши Чорӣ-газар расид.

– Эҳ,-гуфт ӯ алафи дар сари китф овардаашро ба охур партоф-та, – кампир, тойча канӣ?

– Арғамчинаш яла шудагист, – ҷавоб дод пиразан.

– Не-е, – бо хавоси парешон гуфт Чорӣ-газар, – арғамчинаш яла намешуд, курмак[1] карда баста будам,-шиҳаи тойча аз тарафи ферма омад, хайрият бошад-ку нағз-а.

Пирамард ҷелаки нимдошти тикро аз мехи бари девор гирифта пӯшиду бо рӯймоли гулдӯзӣ, ки дар он ғилофу корд ҳамоил буд, миёнашро маҳкам баст.

Вақте ки Чорӣ-газар ба саҳни ферма ворид шуд, каҷбурут бо корди дарози дастасафедаш Куррааспро кушта пӯст мекард. Кӯса, калта ва дилдам ба вай ёрӣ мерасонданду мудир рост истода ба онон фармон медод. Чашмони Курраасп дар сари буридааш беҳис метофтанд, гӯё ба тамоми ҳаракати қотилони худ оромона нига-рон буданд.

– Ҳо, бачамурдаҳо, ин чӣ бедодӣ,-ғирев бардошт пирамард.

Мудир ва подабонон ба ин зудӣ бохабар шудани Чорӣ-газарро чашмдор набуданд, ки ҳамагон якбора дасту по хӯрданд.

– Човандоз-бобо, шумо дар хона набудед, – мудир дами обро гирифтанӣ шуд, – пулаш тайёр.

– Пули исқотита дар хайротат сарф кун, номард. – Чорӣ-газар корд аз наём кашида, ба ҷониби мудир дарафтод.

– Ҳой, пиракӣ, аз ҳад нагузарон, – мудир бо дастони серрагу пай ва нерӯманди худ бозувони камгӯшти хушкидаи Чорӣ-газарро дар ҳаво нигоҳ медошт.

Кӯсаю калтаю дилдам ба кӯмаки мудир шитофта, корди мӯйсафедро аз дасташ гирифтанд.

– Барои қасди одамкушӣ карданаш ҳуҷҷат тартиб додан дар-кор, – таҳдид намуд мудир ва илова кард:

– Ҳоло ба хонааш баред, сонӣ масъалаи ин одамкушро меби-нем.

– Қазӣ ба кадом ҳези занғарат даркор шуд, балохӯрҳо... илоҳӣ, оши охираташ шавад, – дуои бад кард пирамард...

...Баъд аз чанд рӯз Чорӣ-газар аз байни хасрӯбаҳои паҳлӯи ферма суми Куррааспро пайдо кардаасту бо эҳтиёт дар тарқиши

---

1. Кӯргиреҳ

девори оғилаш хаста, ба кампираш гуфтааст: «Бо ҳамин тойча насли сияҳмушкини рисолабоб гум шуд...»

Ҳеч кас ҳам дар ягон ҷо ин таронаро дигар аз ӯ нашунидааст:

*Дунони ман туӣ,*
*Ғунони ман туӣ...*

## ИШҚИ ДУХТАРИ РАИС

Рӯзи аввали таътил ҳамсинфон мувофиқи фармудаи муаллима дар подаҷо ҷамъ шуданд. Баҳром ҳам хараробаи худро «тақар-тақар» ҳай карда омад. Аслан,ӯ бо ин аробача барои нонпазии модараш хор ва решаҳои ғӯзапоя меовард. Дирӯз муаллима ба Баҳром таъкид намуда буд: «Аробаатро ҳам ба сафар омода бикун, дар соғуяш бори дӯстонатро мегирӣ, роҳ дур аст, ягон ҳамсинфат хаста шавад, савор мекунӣ»...

Марҳамат ба аробаи Баҳром бо ҳайрат назар мефиканду табассум менамуд. Зоҳиран ӯ чунин аробаи аҷибро бори аввал медид. Марҳамат ду моҳ пеш ба синфи 7 «б»-и онҳо омад. Падарашро аз кадом минтақае даъват намуда, ба ин ноҳия раис таъин карда будаанд. Воқеан ҳам ба духтараки чеҳрасафед аробаи Баҳром хеле ҳайратангез менамуд. Аҷоиботаш барои Марҳамат он ҳисоб меёфт, ки хари хурдакак гӯё ба тақдираш тан дода бошад, ки ин аробачаро оромона мекашид.

Вақте ки мактабиён ба доманаи кӯҳ расиданд, муаллима майдончаеро ишора кард:

– Дар ҳамин ҷо қарор мегирем.

Гирду атрофи ин майдонча, албатта, ғайр аз тарафи кӯҳ, киштзор буда, майсаҳои гандуми он баланд расида буданд ва дар байни майсазор гулҳои гандумак бо рангу ҷозибаи дилкаш назаррабоӣ менамуданд.

– Ин гул чӣ хел хушрӯ, – ба тарафи киштзор бо дасти фарбеҳаки латифаш нишон дод Марҳамат.

– Гули гандумакро мегӯӣ? – пурсон шуд Баҳром.

– Ҳа, ҳа, ҳамон ки ранги нилӣ дорад, – гуфт духтар.

– Ман, ҳозир, – ба тарафи киштзор шитобон рафт бача.

Ҳине ки Баҳром дар байни гандумзор гашта, гул мечиду даста мебаст, Марҳамат аз ӯ чашм намеканд.

Баҳром бо шиму пойафзоли тар аз гандумзор баромад ва гулдастаро ба духтар дароз кард.

– Ташаккур, – гуфт Марҳамат гулдастаро гирифтаву бӯида бо табассуми малеҳ.

– Намеарзад, – ҷавоб дод писарак, ки аз ин кори худ басо фараҳманд шуда буд.

Духтарон ба Марҳамат гул тақдим кардани Баҳромро дида, байни худ маънидорона пичир-пичир менамуданд.. .

– Ба кӯҳи баланд набароед, – таъкид намуд муаллима ба гурӯҳи бачаҳое, ки ба лолачинӣ мерафтанд, – аз ҳамин талу теппаҳо дур наравед.

Муаллима ба дигарон ҳам супориш дод:

– Духтарон бо пухту паз машғул шавед, Баҳром бошад, бо аробааш ҳезум меорад.

– Ҳо, Баҳром бобои хоркаши мост, – гуфт яке аз духтарон ва дигарон ба ин пичинги ӯ хандиданд.

Ин гап ба Марҳамат маъқул нашуд ва ӯ хомӯш буду фақат гулдастаашро мебӯид.

Пас аз соате чанд гурӯҳи бачаҳое, ки ба тарафи талу теппаҳо, ба лолачинӣ рафта буданд, даста – даста лолаҳои арғувонӣ овarданд. Духтарон бо ҳезуми ҷамъовардаи Баҳром палав пухтанд. Дар гирди дастархон сӯҳбати гуворое баргузор шуд. Хулоса, сафари мактабиён ба кӯҳдоман комилан дилписанд анҷом меёфт. Агар дар охир, ҳангоми тӯббозӣ ин воқеа рух намедод. Аслан ин бозӣ нав оғоз ёфта буд, ки банохост аз паҳлӯи Марҳамат тӯб ғелон аз давра берун рафт. Марҳамат ҳам бо шаст аз пайи он тохта, пойяш якбора ба санге бархӯрда афтид ва оҳу воҳаш баромад. «Чӣ шуд?»-гӯён пеш аз ҳама Баҳром ба назди ӯ тозон даррасид. Сипас муаллима ва духтарону дигар бачаҳо ҳам дар гирди Марҳамат ҷамъ шуданд. Пои Марҳамат лат хӯрда буд.

– Ҳеч боке не, – гуфт муаллима баъди муоина, – баъди ду-се рӯз шифо ёфта, ту дидӣ, ман надидам мешавад.

– Аробаатро омода бикун, – фармуд сипас муаллима ба Баҳром, – ҳамаатон тайёр шавед, бармегардем.

– Муаллима, мана, бо ин пои Марҳаматро бубандед, – локиашро дароз кард Баҳром.

Муаллима пас аз бастани ҷои латхӯрдаи Марҳамат бо ёрии духтарон ӯро ба аробача савор кард.

Аробачаи Баҳром Марҳаматро беозор то хонаашон овард. Духтарон дар сари дуроҳа ҷудо шуданд.

Дар назди ҳавлии Марҳаматино муаллима барои аз аробача фуровардани духтарак Баҳромро ба ёрӣ даъват намуд.

Лаҳзае ки Баҳром аз ду дасти гарму нарми Марҳамат дошта, барои фуромаданаш ёрӣ мерасонд, тамоми вуҷуди ӯро як

эҳсосоти барояш ноаён, вале басе гуворое фаро гирифта буд. Чунки Баҳром то ба имрӯз аз дастони ягон духтарак ба ин ранг надошта буд. Марҳамат бошад, бо ҳамон табассуми малеҳ ба чеҳраи Баҳром менигарист.

Ҳамин дам дарвозаи ҳавлӣ кушода шуда, модари Марҳамат баромад ва лангидани духтарашро дида, фиғон бардошт:

– Вой, ҷони оча, ба ту чӣ шуд?

– Пояш андаке лат хӯрдааст, – модарро ором кард муаллима.

– Ман гуфта будам, ки ба кӯҳ нарав, вале ту ба гапам гӯш накардӣ.

– Очаҷон, ҳеч гап не, поям ҳоло дард намекунад, – Марҳамат ҳам модарашро таскин бахшид, – Баҳром бо ин аробачааш овард, дар роҳ поям ягон зарра ҳам озор наёфт.

Аз ин суханони муаллимаю духтараш воқеан ҳам дили модар каме ором шуд. Ва аз бағали духтараш дошта, ба ҳавлӣ ҳидоят намудан мехост, ки Марҳамат эътироз кард:

– Очаҷон, ман худам, ман худам.

Ва Марҳамат оҳиста-оҳиста қадам зада, «хайр муаллима», «хайр Баҳромҷон» гӯён ба ҳавлӣ ворид шуд.

– Марҳамат, гули дӯстдоштаатро фаромӯш кардӣ, – гуфта сонӣ Баҳром гулро аз соғуи аробача гирифта, ба духтарак дод.

Марҳамат гулдастаро гирифта, боз ҳамон табассуми малеҳро нисори Баҳром намуд.

Модари Марҳамат муаллимаро ба хонааш даъват кард.

– Як пиёла чой нӯшида мерафтед.

– Ташаккур, ягон дафъаи дигар, – даст пеши бар гирифт муаллима.

Баҳром нӯхтаи маркабро ба тарафи хонаашон тофта, «хайр, Баҳромҷон» гуфтани Марҳаматро бо хаёлоти рангин ёд меовард. Охир то ҳол ҳеч кас номи ӯро ин хел ширин талаффуз накарда буд. Ё ба гӯшаш ҳамин ранг овози Марҳамат чун загӯлача ба лаҳни тарабафзо танин андохта буд.

Дар давраи таътил Марҳамат шифо ёфт. Ӯ рӯзи аввали ба дарс омаданаш коғазпечеро ба Баҳром супурда, «ташаккур» гуфт. Баҳром коғазпечро дар сӯмкааш ниҳода, онро фақат дар хонаашон кушод. Маълум шуд, ки Марҳамат локии шарикдарси ғамхорашро шустаю дарзмол карда, атри хеле хушбӯе ҳам пошидааст. Аммо чизи қиматбаҳо номачаи Марҳамат буд, ки дар он чунин ҳарфҳо сабт ёфта буданд: «Баҳромҷон! Рӯзи якшанбе барои тамошои кинофилм биё. Бо салом, Марҳамат».

Он солҳо дар кинотеатри маркази ноҳия фақат рӯзи истироҳат барои мактабиён филм намоиш медоданд.

Марҳамат ба тамошои филм бо хоҳараку додаракаш омад, ки онҳо аз ду тарафаш нишастанд. Баҳром бошад, аз қатори ақиби Марҳамат ҷойгузин гардид. Аз кокулони пӯпакдори Марҳамат бӯи атри хеле димоғпарвар меомад. Шамими ин атр ба Баҳром аз бӯи локиаш шинос буд. Марҳамат локии ӯро шустаю дарзмол карда, маҳз аз ҳамин атр пошида буд.

Дар давраи таҳсили синфҳои ҳафтуму ҳаштум мулоқоту вохӯриҳои Баҳрому Марҳамат берун аз мактаб ҳамин тавр сипарӣ мешуданд. Баҳром, ки як бачаяки рустоӣ буд, аз ишқи духтари раис хеле болидарӯҳ гардид. Бо хароробааш алафу ҳезуми хонаводаро ба сарвақт муҳайё мекард, то ки рӯзи истироҳат ягон кор ба тамошои филм халал нарасонад ва мамониат накунад.

Баҳром дар таҳсил низ фаъол гардида, дар ниҳоди хеш нерӯи ноаёнеро эҳсос менамуд. Бузургон саҳеҳ мегуфтанд, ки муҳаббати нахустин ба одамӣ бол ато мекунад.

Вале пас аз хатми синфи ҳаштум хабари нохушоянде Баҳромро гирифтори ғаму ғусса кард. Хабар он буд, ки падари Марҳаматро ба пойтахт ба кор даъват намудаанд ва ҳамин рӯзҳо бояд онҳо кӯч банданду Баҳромро ба водии фироқу яъс гузоранд. Ду дилдода барои садоқату вафодории абадӣ савганд ёд карда, ба нишони хотира ба ҳамдигар сураташонро тақдим намуданд. Ва он рӯзи ҷудоӣ ҳам фаро расиду Марҳамат бо аҳли хонаашон мошинсавор роҳӣ шуд ва Баҳром ба гусел баромада дастафшону гирёну нолон дар раҳгузар афтод...

Баҳромро ҳамчун талабаи фаъол ба узвияти созмони ҷавонон пазируфта буданд ва дар ин бобат санад доданд ва гаштаю баргашта таъкид намуданд, ки ин ҳуҷҷат муқаддас аст ва онро ҳамеша бояд дар ҷайби болои дил нигаҳ дорад. Баҳром ҳамин тавр мекард ва акси маҳбубаи худ Марҳаматро ҳам муқаддасу мӯътабар ҳисобида, онро дар байни ҳамон санад мегузошт ва басо бо эҳтиёт нигоҳ медошт.

Баҳром баъди рафтани ёраш гӯё хуфта буду бедор шуд ва маст буду ҳушёр шуд. Рост гуфтаанд, ки «мастӣ ба нахустбода сахт, аст ва афтодани нофитода сахт аст.» Ҷавони дилдода аз мактуб то мактуби нигораш бо рӯзшуморӣ мезист. Вале Марҳамат ба номаҳои ҷонсӯзи Баҳром дер-дер посух менавишт.

Пас Баҳром дар таътили тобистона хишт рехта, соҳиби маблағе шуду барои худ шиму курта ва пойафзол харид ва озими

шаҳри Душанбе гардид. Ӯ ба ин либосе, ки бо заҳмати хиштрезӣ ёфт, ба висоли Марҳамат мешитофт.

Ҷавони рустоӣ дар шаҳри азим манзили дилдодаи худро ба осонӣ пайдо намуд. Пас ӯ ба бозори гулфурӯшон рафт ва аз гулҳои нилиранг, ки ба гули гандумак монанд буду Марҳамат онҳоро дӯст медошт, гулдастаи зебое бихарид. Воқеан имрӯз зодрӯзи Марҳамат буд. Ӯ шитоб дошт, гӯё мепарид, зеро ҳарчи зудтар мехост, ки Марҳамати худро бубинаду табрик намояд ва ин гулдастаро ба ӯ супорад. Ҳамчунон ки бори нахуст дар кӯҳпоя ба вай як даста гули гандумак тақдим карда буд. Инак, манзили нигор ба чашмаш намудор шуд. Ва ногаҳон ӯ бо дарду алам бидид... (кошкӣ онро намедид) Марҳамат дар оғӯши ҷавоне бо бӯсу канор аз ҳавлӣ баромад ва сипас бо он ҷавон ба мошин савор шуду мошин ҳам оҳиста-оҳиста роҳӣ гашт.

Ҳамин тавр парвози Бахром дар нимароҳ қатъ гардид.

## ДАРАХТИ ПУДА

Олими ҷавон Фозил Мурод дар назди даромадгоҳи институт як гурӯҳ ҳамкорони худро дид. Онҳо пеш аз оғози кор ба лавҳаи эълонҳо чашм дӯхта, чизеро байни худ гарму ҷӯшон муҳокима мекарданд. Фозил низ сигарети дасташро ба қуттии пеши зина партофта, бар лавҳа назар афканд. Ӯ ба эълоннома чашм давонда, аз дил мегузаронд, ки ба ин таъҷилӣ даъват шудани маҷлиси истеҳсолӣ чӣ маънӣ дошта бошад? Охир, ба қарибӣ маҷлис шуда буд-ку?

Зимнан ду-се рӯзи охир кормандони солхӯрдаи институт барпо шудани як маҷлиси пурғавғоеро чашмдор буданд. «Халил Ибронович ҳоло ходимони навашро аз чиғири худ нагузарондааст», мегуфтанд онон маънидор. «Вай дурустакак ҳаллоҷӣ мекунад, меҷинҷонад. Нағмаю усулҳояш бисёр!»

Ходимони нави илмӣ дар озмоишгоҳи Халил Ибронович шарикдарсон Фозилу Давлат буданд, ки ҳар ду ҳам дар соҳаи физика рисолаи номзадиро дар шаҳри Дубнаи кишвари Русия ҳимоя намуда, ҳоло шаш моҳ боз ба тадқиқот шуғл доштанд. Онҳо дар Дубна соҳиби вазифа, ҷою макон буданд, вале ин ҳамаро партофта, барои тараққиёти илми ҷумҳурии худ камар баста, роҳи Душанберо пеш гирифтаанд.

Номзади илми физикаю математика Халил Ибронович даҳ сол мешавад, ки мудири озмоишгоҳ аст. Дар бадали ҳамин даҳ сол

ҳаждаҳ нафар муҳаққиқон яке паи дигар бо мудир созгорӣ накарда, аз вазифа рафтаанд...

Фозил дар долон қадам мезад, ки аз ақиб овози Холиқро шунид. Ӯ чашмони маккоронаи бозингаре дошт. Ходимони институт дар бораи ин ҷавон, ки хеле сертану тӯш буд. «Холиқи Гупсар аз шогирдони бовафои Халил Ибронович» мегуфтанд.»

– Ба ту ҳаёт диҳад, – баъд аз вохӯрӣ ва ба коргоҳи Фозил даромадан гуфт Холиқи гупсар, – мо аз ихлосмандонат. Умуман аз ту барин олимони ояндадор ибрат мегирем-дия, коми туро охир дар маркази физика бардошта шах кардаанд.

– Ташаккур, бародар. Мо ба ин таърифҳо сазовор нестем. Мегӯянд, ки худи ту ҳам ба қарибӣ ҳимоя мекардаӣ.

– Бо мадади дӯстон, ҳаёт диҳад. Ту барин олимон як дуои нек диҳанд, ҳеч боке не. – Қуръаи фоламон ҳам нек мешавад,- хушкаломӣ мекард Холиқи Гупсар. – Хоҳ бовар кунӣ, хоҳ не, ба ту эътиқоди ман калон. Ҳа, дониста мон, дар институт ба ту ҳасад мебурдагӣ ҳам кам не. Худат шояд пайхас кардаӣ.

– Ҳадафатро нафаҳмидам, – сигарет даргиронда гуфт Фозил, ки мехост, мусоҳибаш ҳарчи зудтар ба сари мақсад ояд.

– Ҳеч ҳадаф-падаф надорам, ба ту ҳаёт диҳад. Ҳаминро гуфтаниям, ки ту дар синну сол аз ман хурдтар бошӣ ҳам, дар институт мавқеи хос дорӣ. Ана ҳамин мавқеъро дар пеши назари ҳасудон мустаҳкам кардан даркор. – Холиқи Гупсар ин суханонро гуфта, чашмони худро бозӣ доронда ба чеҳраи Фозил нигарист: «Ку, ин гуфтаҳо чӣ акси таъсире доранд?»

Фозил мехост, ки ба ин суханони Холиқи Гупсар беэътиноии худро нишон диҳад, лекин дили вайро фаҳмиданӣ шуд.

– Дар пеши кадом ҳасудон?

– Ту эҳтимол бовар накунӣ, ҳаёт диҳад, ҳасудон бисёр ҳастанд. Хайр, дур намеравем, мана, яктоаш ҳамин шарикдарси худат.

– Давлат?

– Бале.

– Вай ба кадом ҷоҳу ҷалоли ман ҳасад мебурдааст. Ҳол он ки вазифаи ҳардуямон баробар, сонӣ падари вай дар ноҳия роҳбари хоҷагии калону падари ман як деҳқони оддӣ, ки ба қарибӣ ба нафақа мебарояд.

Холиқи Гупсар боз чашм бозӣ доронда, ба чеҳраи Фозил нигарист ва як диқиқа хомӯш монд.

– Эҳтимол, мавқею эътибори ту дар институт маъқул набошад,

– сонӣ илова намуд ӯ. – Чаро ман нею Фозил эътибор ёфтааст, гӯяд.

– Шояд, – бо андеша гуфт Фозил, – ҳасад яке аз зиштиҳои сиришти одамист. – Ва хаёл карда, «чаро ман инро дар табиати Давлат пай набурдаам», – аз дил гузаронд.

– Агар мавқеи худро мустаҳкам накунӣ, – ба ҳамлаи дигар гузашт Холиқи Гупсар,-аз ҳамин кору дастгоҳ ҳам мемонӣ. Аммо ту бояд пеш равӣ. Шунидам, ки пагоҳ-фардо Халил Ибронович ба вазифаи дигар мегузаштааст. Ҳоло аз ҳама беҳтар кӣ ба ҷои вай лоиқ , ту. Ман дар ин кор аз ту лоиқтарро намебинам. Ту мудири таппа-тайёр, олими пухта, метавонӣ мустақилона ба озмоишгоҳ роҳбарӣ кунӣ, инро медонӣ?! Вале дар лаҳзаи мувофиқ гӯлӣ накарда, барои ин бояд замина тайёр кунӣ, за-ми-на-и маъ-на-вӣ! – Ду калимаи охиронро ба таъкиди махсус талаффуз кард вай.

Дар миён фурсате сукунат ба амал омад. Холиқи Гупсар мақсади худро анҷом ёфта пиндошт. Зеро вай аз зумраи он одамони худбовару худбин буд, ки чизҳои саросема тахмину тасаввур кардаашонро ҳақиқат мешумурданд. Гупсар дар хусуси дигарон аз назари худ ақида дошт: онҳо дар шууру ҷаҳонбинӣ аз ӯ пасттаранд ё шояд ками дар кам баробар бошанд, вале ба ҳеч ваҷҳ бартар нестанд.

– Пас ман чӣ тавр заминаи маънавӣ тайёр мекунам?

– Наход ки ман ба ту фаҳмонам, – пешонӣ пурчин кард Холиқи Гупсар. – Хабар дорӣ, имрӯз, соати ҳафти бегоҳ маҷлис мешавад.

– Эълонро хондам.

– Ана, дар ҳамин маҷлис... – Холиқи Гупсар бо азоб калимаҳоро талаффуз мекард, – ту бояд маърӯзаи ходими калони илмӣ Нодириро қувват диҳӣ, умуман мувофиқи оҳанги гуфтори вай гап занӣ. Бо ҳамин бояд нишон диҳӣ, ки ту аз Давлат болотар ҳастӣ. Олимӣ-ку, ба ту чӣ тавр гап заданро ёд додани ман лозим набудагист. Фаромӯш накун, Халил Ибронович пеш аз рафтан туро дар ҷои худ пешниҳод карданист. Ман одами вай, инро нағз медонам.

Фозил сонияе чанд андешид ва пас ба Гупсар рӯй овард.

– Хуб шудааст, ман гап мезанам.

Ин ҷо Холиқи Гупсар аз чӣ бошад, ки ба сӯи Фозил назари шубҳаноке партофт.

– Хотирҷамъ бош, гап – якто, – шубҳаи ӯро бартараф кард Фозил, – ҳамоҳанг мешавам.

– Ин тавр бошад, маслиҳатамон пухт, – аз ҷояш хест Холиқи Гупсар.

Вале дар остонаи дарвоза бозистод ва бори дигар ба тарафи Фозил озмоишкорона назар афканд. Ин одам бо дилу ҷон мехост, ки ба Фозил бовар кунад.

– Ҳушёр бош, ман ба ту таҳдид намекунам, лекин агар ягон найрангбозие кунӣ, ҳамаи бало ба сари худат меафтад, – ва аз коргоҳи Фозил бадар рафт.

Аслан ҷумлаи охирини Холиқи Гупсар таҳдиди сахте буд ба Фозил.

Азбаски дигар ҳамкорон ҳанӯз наомада буданд, Фозил дар коргоҳ танҳо нишаста хеле хаёл кард. Тамоми иборaю ишораҳои Холиқи Гупсарро дар маҳаки ақл санҷид, бо он суханоне, ки пештар аз дигар кормандони институт шунида буд, муқоиса намуд. «Нағмаю усули Халил Ибронович бисёр» гуфтани коргарони институтро ёд овард. Халил Ибронович дар дигар муассисаҳои илмӣ низ кор кардааст. Ӯ дар ҳама ҷо як усули тағйирнопазир доштааст. Худ ба ягон кори илмӣ машғул нашуда, (ба ин ҳавсала, маърифат ва ҷаҳонбинии казоӣ ҳам надоштааст), аммо мувофиқи ривояте, ба тайёраш баковул мешудааст.

Чанде пеш Давлат тадқиқоти худро дар боби муайян кардани вақти пайдоиши моддаҳои кӯҳӣ ба анҷом расонида, мақолаашро дар маҷаллаи соҳавӣ дарҷ кард. Дар болои имзои Давлат, бале, маҳз дар боло – имзои мубораки Халил Ибронович ба назар нарасид. Инро вай бо воситаи Холиқи Гупсар хоста буд. Аммо дар маҷалла зери мақола ному насаби худро надид. «Бо инаш ҳам кӯрчамон набаромад, гуфт баъди ин воқеа Халил Ибронович ба Холиқи Гупсар, – бо Фозил гапзанон карда, ба тарафи худамон майл кунон. Дар миёни ҳамдигар як дафъа носозгор шаванд, баъд масъала ҳал шуд, гуфтан гир. Ин ҷавонони шаккоки ёғиро бо дасти худашон бартараф накунем, дигар илоҷ нест». Халил Ибронович ба ҷабини ҳар ходими илмие, ки дар озмоишгоҳ ба ӯ гардан намефаровард, ҳамин тамғаи худро насб мекард: «шаккоки ёғӣ!» Ҳаждаҳ нафар корманди илмӣ бо ҳамин тамғаи мудири озмоишгоҳ маҷбуран ҷои худро иваз намуда буданд... Мудир ба ривоҷи илму фарҳанг асло коре надошт. Зеро худ аз он фарсангҳо дур буд.

«Ман, албатта, дар маҷлис сухан мегӯям, аз ҳалқаи хаёлот раст Фозил. Аммо бартарии ман аз Давлат ҳеч маъние надорад. Мо бояд бо Халил Ибронович часпу талош кунем. Охир, ин то ба кай бояд давом ёбад? Бигзор ман нуздаҳум бошам!»

...Мудири озмоишгоҳ Халил Ибронович дар ҳайати раёсати маҷлис ҷои садрнишинро ишғол намуда буд. Дар гирду атрофи ӯ ҳамагон одамони худӣ нишастаанд, ин дафъа ба маҷлис бегонаҳо даъват нашудаанд. Башараи носареҳи худро ба одамони ғайр нишон додан чӣ зарур?

Раиси иттифоқи касабаи институт, ҷонишини мудири озмоишгоҳ, ходими калони илмӣ Нодирӣ маърӯза кард. Ин мӯйсафеди муррук, ки маърӯзаи дигарон навиштаро пеш аз маҷлис як бор аз назар нагузаронда будааст, матнро дармонда-дармонда мехонд. Қисса мекарданд, ки Нодирӣ зоҳиран бо касе кордор набуда, дар озмоишгоҳ ба таҳқиқи микроэлементҳои хоки минтақаи кӯҳдоман машғул аст. Вале солҳои зиёд боз касе намедонист, ки ин кораш ягон самара дорад ё не? Ӯ нотиқу гапдони забардасте ҳам набуд, вале аҷоибаш ин ки ягон касро танқид карданӣ шаванд, ҳатман вай маърӯзачӣ мешуд. Нодирӣ ҳам нею нестон накарда, бо овози якнавохту хираи худ маърӯза мехонд: мувофиқи супориш як касро таъриф мекарду каси дигарро танқид. Баъзан агар вазъият тағйир ёфта, маҷлис мувофиқи нақшаи қаблӣ нагузараду танқидҳо ғалат ва ҷазоҳои додашуда беасос бароянд ҳам, касе аз Нодирии ҳалими беозор хафа намешуд. Гунаҳгорони дигарро меҷустанд ва боз Нодирӣ ба минбар баромада, гӯё чун ҳаками холис гунаҳгорону бегуноҳонро муайян мекард.

Нодирӣ дар ин маҷлис ҳам овози худро пасту баланд накарда, арз менамуд, ки олими ҷавон Давлат бо мудири озмоишгоҳ Ибронов баҳсҳои ноҷояи илмӣ мекунад. Илова бар ин Давлат дар муносибат бо атрофиён дағал аст, ҳатто фалонӣ ва бисмадониро бо алфози қабеҳ дашном додааст. Вақте бо одамон гап задан дар миёни ду ангушташ сигарет мегирад, охир, ин беҳурматист ва ғайра ва ҳоказо.

Ҳозирон аз ин ёвагӯиҳо дилгир шуда, хамёза мекашиданд. Ходими калони илмӣ аз паи як хулосаи мантиқӣ бо ҳамон оҳанги беэътиноӣ хулосаи мантиқии дигареро арз менамуд. Фозил андеша дошт, ки Нодирӣ дар оилаи худ бо наздиконаш чӣ хел муносибат мекарда бошад? Оё ягон касро дӯст медорад? Чаро вай соҳиби обрӯю эътибор аст, барои чӣ ҳоло дигарон ба суханонаш ором гӯш мекунанд, шӯру қиём намебардоранд? Ва аз ҳама аҷибтар он ки одамон ҳар саҳар бо вай рӯ ба рӯ шуда, чаро ба даҳшат намеоянд? Чаро?! Охир, вай ҳар як касро бо ҳамин дилсардӣ, беэътиноӣ, мантиқи сохтаю бофта маҳкум карда мета-

вонад. Не, ба даҳшат намеоянд. Агар ба даҳшат меомаданд, пас дар ин маҷлис карахтӣ ва беҳиссии вай ба ҳозирон сироят намекард.

Чашмони Фозил ба афту башараи Холиқи Гупсар намерасид. Холиқи Гупсар дар қафо нишаста, қиёфаи вай дар паноҳи шахсони навча нопадид буд. Фозил дидан мехост, ки ин гумоштаи Халил Ибронович ҳоло чӣ тантанае дорад.

Нодирӣ маърӯзаи худро анҷом дод. Касе дар поёни маъруза кафкӯбӣ накард, балки маҷлисгоҳро як хомӯшие фаро гирифт, хомӯшии ноҳинҷоре. Нодирӣ гӯё кори муҳим ва начандон осонеро анҷом дода бошад, ду-се бор сулфида ба ҳозирон бо виқор нигарист ва айнакашро аз болои бинӣ гирифта, аз сари минбар рафту ба паси мизи ҳайати раёсат нишаст. Ӯро низ ба ҳамон ҷо интихоб карда буданд.

Холиқи Гупсар аввалин шуда ба музокира баромад. Ӯ дар нутқчаи худ «ҳаёт диҳад, ҳаёт диҳад»-гӯён эҳтироми устодонро таъкид намуда, Давлат барин шогирдони «кӯрнамак»-ро сахт маҳкум кард. «Ҳа, бале», – кинояомез андешид Фозил, – қандата зан нотиқ.

– Навбати сухан ба Фозил Мурод, – бо тантана эълон кард садри маҷлис Халил Ибронович.

Маҷлисгоҳ андаке ба ҷунбиш омад. Ҳамагон бесаброна интизор буданд, ки акнун рафиқи наздики Давлат чӣ мегуфта бошад? Ҳамон Давлате, ки имрӯз Халил Ибронович ба майдони тӯҳматолуди муҳокима кашидааст.

Фозил пеш аз суханронӣ лаҳзае ба рӯи Халил Ибронович нигарист. Ин як лаҳза кофӣ буд, ки Фозил аз чеҳраи мудир бисёр чизҳоро бихонад: оре, ба Халил Ибронович гуфтаанд, ки Фозил ба муқобили Давлат мебарояд, ин аз қаноатмандӣ ва бо эътимод нишастани мудир равшан буд, яъне ҳамааш мувофиқи нақша ҷараён дорад. Сонӣ Фозил ба аҳли маҷлис муроҷиат кард:

– Аввал, рафиқон, ман дар бораи он нақл карданиям, ки барои хиёнат ба дӯст чӣ тавр бо ман корсозӣ карданд.

Маҷлисгоҳро якбора хомӯшии комиле фаро гирифт. Ранги рӯи Халил Ибронович парид, дастонаш ларзиданд ва барои он ки ин ҳолати ӯ аён нашавад, панҷаҳои ҳар ду дасташро қуфлу калид карда менишаст.

– Бо воситаи шахсе, ки пеш аз ман, – давом дод Фозил, – аз минбар гап зад, ба ивази хиёнат ба дӯст вазифаи баландтарро ваъдаам кардаанд. Хушбахтона, ман метавонам, бори дигар номи

вайро ба забон нагирам... Ин ҷо Фозил таваққуф намуда, ба толор хаёлангез нигарист. Сипас ба оҳанги устувор гуфт: – Лекин ҳоло чизи дигареро мушоҳида кардам!..

Фозил ба мизи ҳайати раёсати маҷлис назар намуд. Дар паси он Халил Ибронович, Нодирӣ ва дигарон нишаста буданд.

– Мӯҳтарам Нодирӣ! Лутфан бигӯед, ба ин суханоне, ки дар бадали чилу панҷ – панҷоҳ дақиқа ба мо гуфтед, худатон ҳам бовар доред?

Ларзишу беқарории Халил Ибронович афзун шуд. Вай гӯё дар рӯи як курсӣ ҳам ҷои мувофиқтаре меҷуст. Пирамард Нодирӣ ба аъзои ҳайати раёсат як-як нигоҳи имдодҷӯёна мефиканд. Вале аз касе бӯи имдоде наёфта, дар рӯи миз хам шуд. Дар ин ҳолат ҷуссаяки фартути вай боз оҷизтар метофт.

– Яъне чӣ тавр? –гуфт сонӣ ӯ.

– Ҳамин тавр, – ба гапҳоятон худатон бовар доред ё не, мегӯям?

– Ҳа...албатта...ҳа...-канда-канда ҷавоб дод Нодирӣ ва дигар машғулият наёфта, бо нӯги галстуки худ айнакашро пок кардан гирифт.

– Аз рӯи виҷдон бори дигар як фикр кунед, олими мӯҳтарам, ақаллан дар пиронсолӣ гапи ҳақ гӯед. Магар бо ин сари сафед ба шумо айб нест, ки ҳамкори худро беасос маҳкум мекунед. Фардо бо кадом рӯй ба вай менигаред? Шумо ба ҳамаи мо ҳукми устодӣ доред. Оё сабақи шумо ба мо ҳамин аст?!

Дар маҷлисгоҳ пичир-пичири нишастагон бештар шуд. Сонӣ ногаҳон дар толор овози Холиқи Гупсар паҳн гардид.

– Дурӯғ! Бӯҳтон!

– Эътироз мекунӣ, дасисабоз? – гуфт ба ӯ Фозил бо пичинги талх аз сари минбар. – Лекин ман медонам, ту ҳам бовар надорӣ, на ба суханони худат, на ба суханони Нодирӣ. Вале ба ин ҳеч вақт иқрор намешавӣ.

– Бӯҳтон!

Ҳозирон ба ғалоғула даромаданд. Халил Ибронович ҳамчун мурғи нимбисмил дар талвоса афтода буд.

– Дуруст! Фозил рост мегӯяд. Ҳеҷ кас бовар надорад! – Аз ҳар кунҷу канори маҷлисгоҳ овозҳо шунида мешуданд.

Халил Ибронович қаламеро аз бағалкиссаи кастюмаш баровварда, барои ором кардани ҳозирон ба сурохии рӯи миз задан гирифт.

– Ҳамин тавр, рафиқон, – давом дод Фозил, аҳли маҷлис хомӯш гашта, суханони ӯро гӯш мекарданд. – Олими мӯҳтарам Нодирӣ ин ҷо гапҳои бисёре гуфтанд, вале худашон ба ягон нуктаи гуфтаашон бовар надоранд. Аз рӯи шунидам чунин ҳолат пештар ҳам рӯй медодааст. Ба ҷои он ки Давлат барин олимони ҳақиқиро ҳимоя кунанд, Халил Ибронович, Холиқи Гупсар барин шахсони тасодуфан ба илмомадаро дастгирӣ менамоянд... Боғбонон як ҳикмате доранд, ки мегӯянд: агар дарахт пуда шавад, аз ҳосил мемонад. Ин хел дарахт барои аловӣ ҳам кор намеояд, чунки лахчааш ҳарорат надорад. Нағз мешуд, ки олими мӯҳтарам ҳаминро ёд меоварданд.

Фозил суханрониро ба охир расонд.

Дар байни ғалоғулаи нишастагон боз овози Холиқи Гупсар шунида шуд.

– Ман гап дорам, ду-се даҳан гап дорам!

Ӯ ба иҷозати садри маҷлис маътал нашуда, аз курсӣ хест. Вале Холиқи Гупсар дар мобайни маҷлисгоҳ дар ҷояш шах шуд. Минбар аллакай банд шуда буд, аз паси он сари сафеди Нодирии миҷморуқ метофт.

– Суханони Фозил Мурод ҳақ буданд. Бале, рафиқон, ҳаққанд. Ин ҷавон ба ман дарс дод, дарси фаромӯшнашаванда... Вале афсӯс, ки хеле дер... Агар тавонед, рафиқон, маро бубахшед... Илтимос, рафиқони аз ин ҷо рафта ҳам маро бубахшанд... аммо, мана, ин ҷавон!.. Нодирӣ мушти пажмурдаю хушкидаи худро ба сӯи Холиқи Гупсар равона кард. Баробари ин мушт сарҳои ҳамаи ҳозирон ба ҷониби Холиқи Гупсар, ки ҳоло ҳам дар байни маҷлисгоҳ мисли хӯсаи миёни полез карахт меистод, тофта шуданд. – Не, ҷавон не, ин ноҷавон, борҳо сари маро гаранг карда буд, ин ноҷавон бо устози шайтанатпешааш дар байни мо тухми нифоқ мекорад. Фозил дар бораи инҳо хеле баҷо гуфт: дарахти пуда!..

Кафкӯбии баланди аҳли маҷлис суханони Нодириро қатъ кард. Дар байни шӯру мағали ҳозирон Фозил гуфтугӯи касеро шунид: «Дандони мудир ба нуздаҳумаш нағӯтид...».

## ҶӮИ НАВДИЗ

Қутбия-бибӣ кадушӯрборо дар назди ҳамсараш болои сандалӣ гузошт. Солеҳ – бобо пораи нони зағораро дар оби шӯрбо тар карда, ба даҳони бедандонаш бурду ҷониби тиреза нигарист.

– Хонаҳалок имрӯз ҳам намемондагӣ барин-а. Дар соли ҷанг хунук сахт мешуд, ҳоло-ку як сол боз ҷанг ба охир расид. Ин касрати ҷанг-да, касрати ҷанг. Касраташ ҳоло давом мекунад, дарди бедаво барин...

Кампир ба суханони пирамард чизе нагуфта, офтобаи дар байни қӯри дегдонбударо ҷунбонда монд. Оби офтоба қариб ба ҷӯшомада будааст, ки он оҳиста-оҳиста садо мебаровард. – Барги чинор танга барин кушода шуду ҳоло ҳам барф меборад-е,-гуфт боз мӯйсафед ва дар деҳаи Чорбоғ хеле камшумор мондани чорворо донад ҳам, илова кард: – Ин барф офати мол. Охир мо, бандаҳо чӣ ҳам мекардем, мулки худаш.

Дар бадали чор-панҷ сол оғили мардум аз чорво холӣ шуд. Ҳоло аз понздаҳ-бист бунаи деҳаи хурдакаки Чорбоғ танҳо дар ҳавлии Солеҳ-бобо як ғуноҷин буду дар хонаи зани Ҳидоят як сар буз. Ҳама ба коми ҷанг фурӯ рафт: ҳам мардон, ҳам чорво...

«Аз дигар тараф барф ин файзу баракати осмонӣ, – ҳанӯз аз тиреза чашм намеканд пирамард, – агар баҳор нағз ояд, ҳосил мӯл мешавад. Ҳа-а! Лекин Ҷӯи Навдиз-чӣ?»

Чолу кампир хомӯшона кадушӯрбо мехӯрданд, ки дарвоза ғиҷиррос зада кушода шуду аз паси он сари урёни писараке намоён гашт. Мӯи бача жӯлида ва баланд расида буд.

– Очам гуфт, ки камтар лахча...

– Э, биё, Иноят, биё, ҷони бобо, биё, – суханони бачаро бурид мӯйсафед. Чашмони сиёҳи гирдаи писарак дар чеҳраи рангпарида, коста ва лоғари ӯ калон-калон метофтанд.

Иноят хушҳолона ба хона ворид шуд. Ӯ ба ҷомаи дарози кӯҳнае печида буду дар пойҳояш калӯшҳои бебинии пахолпур дошт.

Бача сатили барои лахча овардаашро дар остона ниҳода, дар гӯшаи сандалӣ нишаст ва дастонашро зери кӯрпа андохт. Чашмони ӯ ба чеҳраи пирамард дӯхта шуданд.

Солеҳ-бобо як пора нони зағора ва кадуро ба назди Иноят болои дастархон гузошт.

– Бо дадояш як себи ду тақсим-е, – ба кампираш нигарист пирамард.

– Ҳа, – ҷавоб дод Қутбия-бибӣ, – Ҳидоят ҷавони хушқаду қомат буд.

Писарак табассум кард ва дандонҳои садаф барин сафеди худро нишон дода, ба нону кадухӯрӣ даромад.

Соли аввали ҷанг, вақте ки Ҳидоят-тракторчӣ бо ҳамқиш-

лоқиҳои худ Файзулло, Неъматулло, Қурбон ва Нурмат ба муҳориба рафт, писараш Иноят чорсола буд. Ӯ дар ду-се соли охир зуд қад кашида, мактабхон шуд. «Азобу кулфати ҷанг дарҳол хурдонро калон, калонсолонро пир мекардааст», – аз дил гузаронд Солеҳ-бобо.

Пирамард ҳамашро дар ёд дошт. Ин панҷ мард, ки сокинони деҳа онҳоро ситораи панҷгӯша меномиданд, ҳамин зимистон дар остонаи Москва ҷангиданд. Баъди як моҳ аз чор нафарашон хати сиёҳ омад. Лекин Ҳидоят ба ӯ мунтазам мактуб навишта меистод, аз ҳолу аҳволи деҳотиён мепурсид.

Риштаи хаёлоти Солеҳ-боборо садои кӯҳнасатили Иноят, ки ба он Қутбия-бибӣ лахча мегузошт, канда кард. Кампир ба бағали писарак як порча нони загора андохта, «ба укоят деҳ» гуфт. Писарак боз дарвозаро ғиҷиррос занонда кушоду берун баромад.

«Эҳ, Ҳидоят-е, Ҳидоят-е, – хаёл мекард марди солхӯрда, – дар дилат чӣ орзуҳои нек буданд...»

Солеҳ-бобо, ки фарзанд надошт, ба Ҳидоят чун падар меҳр баста буд. Ҳидоят ҳам ба хонаводааш, ҳам ба Солеҳ-бобо нома менавишт. Пирамард мактубҳои ӯро интизор мешуд, гаштаю баргашта мехонд. Номаҳои сегӯшаи аскар, ки бо мӯҳри почтаи майдони ҷанг меомаданд, ба марди солхӯрда қувваю дармон мебахшиданд. Мана, як мактуби вай, ки аз сарзамини Полша омада буд. «Имрӯз Варшаваро аз фашистон озод кардем, – навишта буд Ҳидоят, – ба қарибӣ лонаи онҳо – Берлинро ҳам мегирем! Ҳамин ки ба деҳа баргаштам, бачаҳоро ҷамъ карда, саргаҳи Ҷӯи Навдизро меканем. Агар харсангҳо ҷӯйро баста бошанд, ҳамроҳи худ доруи тарканда мебарам. Харсангҳоро мисли танкҳои фашисттон майда-майда карда, ҳатман обро сар медиҳем. Боз замин шодобу ғалла фаровон мешавад. Сару тани ятимон обод, ишкамашон аз нон сер мегардад».

– Ҳа, – мегуфт мӯйсафед, – Ҳидоят фарзанди падараш Ноҳид,ки дар дастаи Ӯта-командир хизмат мекард. Ӯ нағз медонист, ки Ноҳид хеле шуҷоъ буд, ғосибон ба рӯи синааш мили таппонча, дами теғро рост карда бошанд ҳам, буздилию безардагӣ карда, сирри ҳамяроқони худро фош насохту чун марди майдон рост истода ҳалок шуд. «Бале, писари чунин инсони мард мард мешавад, дар ғами дигарон месӯзад», – хаёл дошт Солеҳ-бобо.

Дар муҳорибаи душманон, ки падари Ҳидоят қатл гардид, ба пои Солеҳ ҳам тир расид, бинобар ин ӯ иллатӣ шуда аз ҳамон рӯз боз лангон-лангон роҳ мегашт.

Соли ҷанг магар соли кабиса буд, ки аз аввали баҳор селобаи шадиде аз кӯҳ шорид. Ин селоб саргаҳи Ҷӯи Навдизро, ки аз дараи Дандоншикан мегузашт, бо лою санги зиёд пур кард. Акнун оби Кофарниҳон ба Ҷӯи Навдиз ҷорӣ намешуд. Ҷӯи Навдиз як осиё об дошт. Сокинони деҳаи Чорбоғ гандумзор, полизҳои харбуза ва кишти ҷувории худро аз он об медоданд...

Солеҳ-бобо дар вақташ аз падари солхӯрдаи худ шунида буд, ки аз замонҳои қадим мардуми деҳа дар соҳили ҳамин рӯд Наврӯзро ҷашн мегирифтаанд. Одамон дар ду лаби ҷӯйбор хаймаҳои сурху сафед зада, ба чорсайр мебаромадаанд. Оби ҷӯй аз бари кӯҳнақалъае ҷорӣ шавад ҳам, онро «Навдиз», яъне қалъаи нав мегуфтанд.

Солеҳ-бобо аз хушкидани Ҷӯи Навдиз хеле ғамгин шуда буд, ҳамон вақт ҳатто мисли одамони дардманд бемадору хастаҳол мегашт. «Нависам ё нанависам, охир, бе ин ҳам дар ҷанг ғаму кулфаташ басанда», – гӯён хаёл карда гашту оқибат дарди дилашро ба Ҳидоят баён намуд. «Гирмони хонаҳалокро қир карда биё, – бо ҳарфҳои каҷу килеби лотиниаш навишта буд Солеҳ-бобо, – сонӣ ҳардуямон саргаҳи Ҷӯи Навдизро тоза мекунем. Аз кӯҳ як дунё сангу хок ба дара, ба дамгаҳи Ҷӯи Навдиз рехт. Мани ланг бо ин бачаҳои сағира ва занони беваи камқувват ҳеч кор карда наметавонам. Ба ин занони бечора кори колхозу ташвиши хона ҳам бас...»

Солеҳ-бобо хати сегӯшаи Ҳидоятро гирифта, ба ҳар як ҳавлӣ рафта, ҳамқишлоқиҳои худро тасаллӣ дода буд: «Ғам нахӯред, аскарони мо очаи зори душманҳоро ба чашмашон нишон медиҳанд. Ҳидоят-тракторчӣ меояд, дигар бачаҳо ҳам меоянд, ба Ҷӯи Навдиз об сар медиҳем. Нон мӯл мешавад».

Рӯзи Ғалаба пирамард нишони сипаршакли Ҷумҳурии Халқии Бухороро, ки солҳои бистум аз дасти Ӯта-командир мукофот гирифта буд, ба рӯи синааш насб карда, ба маркази ноҳия рафт. Мӯйсафед умедвор буд, ки Ҳидоятро пешвоз мегирад. Вале он рӯз Ҳидоят наомад, аз ҳеч каси дигар ҳам хату хабаре набуд.

Минбаъд Солеҳ-бобо дар бораи тоза кардани Ҷӯи Навдиз бисёр андеша мекард. Аксар вақт дар гирду атрофи саргаҳ мегашт, чизеро худ ба худ муҳокима мекард, қаду бари ҷӯйро бо қадамҳояш ҳисоб менамуд.

Боре, Солеҳ-бобо тамоми минтақаи бандшудаи ҷӯйро бо қадам чен карду ба ҳавлиаш баргашта, ба оғил даромад. Ғуноҷин хошоки охурро хӯрда, акнун ба соҳибаш нигариста кавша мекард ва

гӯё «ҳоло зимистон дароз, ба ман боз чӣ медиҳӣ?» гуфта пурсиданӣ мешуд. «Эҳ, ғуноҷинам, ғуноҷин, – мегуфт пирамард, – агар Ҳидоят баъди ғалаба бармегашт, ба Ҷӯи Навдиз обро равон мекардем. Вай йигити девкор буд, тракторашро меоварду дар як дам тоза мекард, ё ягон роҳашро меёфт. Лекин дидӣ, чӣ шуд, вай наомад, дигар Худо медонад, ки меояд ё не? Ҳа, ин хонаҳалоки Гирмон...» ва Солеҳ-бобо як дашноми дастабиринҷӣ дода каме андешаманд шуд. – Ё аз ҳамқишлоқиҳо қарз гирам. Вале ҳолу аҳволи ҳама ба ман маълум. Охир дар ҷои хурдакак ягон чизро пинҳон кардан мумкин нест: на бадбахтӣ, на доройӣ, на хурсандиро... Бузи зани Ҳидоят ҳаст ва ғуноҷини ман. Буз ба онҳо зарур, ба бачаҳояш шир медиҳад. Як сари қоқи ману кампирам бо як илоҷ мегузарад-дия. Акнун ман дигар роҳ надорам. Аз ман хафа нашав, азизам. Туро бояд ба бозор бурда фурӯшаму ба пулат дусе касро киро карда, банди дамгаҳро бардорам. Ман аз номи Ҳидоят ба одамон ваъда додаам. Боз ягон кас дар бораи вай нагӯяд, ки ваъдаашро иҷро накард. Барои ҳамин ба аҳд истоданам ҳам қарзу ҳам фарз. Ман бояд дар назди аскарбача қарзи худро адо кунам. Имсол аз файзи осмон замин фарбеҳ шуд, лекин дар моҳҳои ҷавзою асаду саратон оби Ҷӯи Навдиз ба киштзор нӯшдору аст, нӯшдору. Медонам, ту розӣ ҳастӣ, ба ту фарқ надорад, аммо кампирро чӣ тавр розӣ кунонам, ба вай чӣ тавр фаҳмонам?»

Солеҳ-бобо бо ҳамин фикру андешаҳо аз оғил баромада, дар саҳни ҳавлӣ кампирашро дид, ки ӯбадиҳои кӯҳнакӯрпаро дар рӯи бӯрё густурда сабадчӯб мезад.

– Ба ман нигар, – гуфт пирамард ва бо шиддат ба сӯи кампир омадан гирифт. Вале ду-се қадам ниҳода, роҳгардиашро суст карду «Ҳа, хонаҳалоки Гирмон»-гӯён аз раъяш гашт ва аз ҳавлӣ баромад.

Қутбия-бибӣ ин бесаранҷомии ҳамсарашро дида, аз қафои вай мутаҳайирона нигоҳ карда монд.

Бегоҳӣ сӯҳбатро Қутбия-бибӣ кушод.

– Ин қадар безобита ҳастед? – ба рӯи Солеҳ-бобо назар афканд.

– Хуб шуд, ки кампир, гапро худат кушодӣ, – лаб боз кард Солеҳ-бобо. – Ту аз ҳама чиз бохабар ҳастӣ. Ман дар пеши аскарбачаҳо ҳамаи қарзҳоямро адо кардам, чор-панҷ зимистони ҷанг барфи бомашонро тоза кардам, аз обу ҳезуми аёлу атфолашон хабардор шуда истодам, ғаллаашонро дар дастос орд каши-

дам, хуллас, ҳар чи метавонистам, кардам. Акнун солам рафтааст, аъзои баданам суст шудааст. Лекин як қарзам мондагӣ, як қарзам аз Ҳидоят-тракторчӣ. Ҳамон қарз ба қиёмат намонад, нағз не, саргаҳи Ҷӯи Навдизро кушоданам даркор, – медонӣ? То ҷорӣ шудани обро бо чашмам набинам, ором намегирам. Агар ҳамин корро буд карда натавониста мурам, як дастам аз гӯр боло мемонад. – Пирамард дар ин ҷо каме хомӯш монду сонӣ илова кард:

– Барои ҳамин фикр карда-фикр карда, дигар илоҷ наёфтам. Намедонам, ту чӣ мегӯӣ? Хаёлам, ҳамин ғуноҷинро нафурӯшам, намешавад.

Инро шунида кампир якбора сарашро хам кард.

– Охир бо чашми умед нигоҳ карда шиштаем, ки кай гӯсола мезояд. Як қошуқ шир медиҳад.

Қутбия-бибӣ дигар чизе ба забон наоварду сиришки дидагон ба чеҳраи пурчин рехтан гирифт. Кампир бо нӯги қарс оби чашмонашро пок мекард. Ӯ медонист, ки пирамард дигар аз райъаш намегардад.

– Шуд-шуд, – дар ҷояш хеста нишаст Солеҳ-бобо, – мақсадамро мефаҳмӣ гуфта, гапро аз дур сар кардам. Набошад, чизе намегуфтаму мефурӯхтам, вассалом. Хонаҳалоки Гирмон намешуд, чунин рӯз дар сарамон намеборид, албатта. Сонӣ, ин корамон, охир ба нияти хайр аст, барои серию пулӣ, ободии ҷамоа.

– Ихтиёратон, ин тарафашро ҳам қатори халқ дидан мегирем, – розӣ шуд Қутбия-хола.

– Ин тарафаш ободию фаровонӣ, кампир, хавотир нашав, – табассум намуд мӯйсафед.

...Саҳаргоҳ Солеҳ-бобо ғуноҷинашро ба бозори маркази ноҳия бурд.

## УМЕДИ МОДАР

Ду мактуб... ду мактуби бо мурури солҳо фасурдаву зардгашта. Ин мактубҳоро ҳазорон бор аз даст ба даст гирифтаанд, хатҳои зебою хонои онҳо сутурда шудаанд.

Ду мактуб... Ду нишонаи фарзандони шуҷоатманди тоҷик, малҳами захмҳои хунфишони дили азияткашидаи модар. Оишабибӣ ин мактубҳоро дар кафи пурожангаш ниҳода, ба сӯи ман дароз мекунад. Шояд ин маротибаи садумин бошад, ки ҳамин тавр мактубҳоро ба ман мехононаду худ гӯшу ҳуш мешавад. Оиша-бибӣ ҳар як сатр, ҳар як ҷумла, ҳатто ҳар як калимаи он ду

мактубро медонад. Агар вақти хондан дар ягон ҷо дармонам, дарҳол он калима ё ҷумларо аз ёд хонда, ба ман кӯмак мерасонад.

...Дар давраи таътил, ҳар гоҳ ки ба деҳа оям, албатта, рӯзи дуюм даричаи ҳавлии Оиша-бибиро мекушоям. Чун ҳарвақта кампир зери воиш болои суфа нишастааст: ӯ бо дастони чандири худ урчуқ мересад, дугдонаш дар рӯи гилеми кӯҳна пур аз риштаю латтапораҳои гуногунранг. Аз ҳикояти кампир фаҳмидаам, ки писаронаш Ҳабибуллою Юсуф ҳамин токро шинонда, сонӣ воиш сохтаанд. Суфа ҳам нақшҳои дастони кӯшакабӯтарони модарро дошт. «Аз якдигар ҷудо намешуданд, кафтарҳо ворӣ якҷо мегаштанд, ҳар як корро бо маслиҳат мекарданд» ситоиш менамуд Оиша-бибӣ.

Ин дафъа ҳам ба суфаи кампир наздик шуда будам, ки ӯ маро бидиду пазирой намуд.

– Биё, бачем, сиҳат ҳастӣ, тану ҷонат соғ? Мана, бубин халтачаҳоро қариб дӯхта тамом кардам. Насиб бошад, имсол хӯшаҳои ангур калон-калон мешаванд, халтачаҳоро ҳам муносиби ҳамин дӯхтан дорам.

Сонӣ Оиша-бибӣ бе ҳарфу сухане аз рӯи одат мактубҳоро ба ман дароз кард. Ман яке аз мактубҳоро ба хондан шурӯъ намудам.

«Модари меҳрубон! Маро бубахш, дигар роҳ надоштам. Ҳар як рафиқи ҳамяроқи ман ҳам чунин рафтор мекард. Ман ҳозир ба иҷрои амри Ватан меравам ва... шояд дигар барнагардам. Ба қафо барнагаштани ман боиси пеш рафтани аскарони мо мешавад. Ин роҳро ихтиёрӣ қабул кардам ва аз он фахр менамоям, ки чунин вазифаи муҳимро бо боварӣ ба ман супурданд.

Модарҷон! Ман орзу доштам, ки пас аз хатми мактаб бинокор шавам, барои одамон хонаю қасрҳои дилнишин, шаҳрҳои нозанин бино кунам. Аммо бар сари башарият вабо пайдо шуд, вайронкунандагони бинои умри одамӣ фашистони лаъин омаданд. Ва ба мисли ҳазорҳо фарзандони халқ ман ба даст аслиҳа гирифта, ба мудофиаи ҳаёти осоиштаи оламиён хестам. Ман аминам, ки заққуми фашизм абадан решакан мешавад ва наслҳои оянда ба мо – боғбонон таҳсин хоҳанд гуфт.

Модарҷони азизам! Маро тарбият кардӣ, ба мактаб додию хонондӣ, вале ба ивази ҳамаи ин хизмататро адо карда натавонистам. Ба ту аз маоши худ ягон курта, қарс ё кафш тӯҳфа накардаам. Бинобар ин супориши охирини худро ба номи ту, барои ту

ҳамчун қарзи фарзандӣ иҷро мекунам. Ҳарчанд ки ин дар пеши хизматҳои ту ҳеч аст!

Ман ҳалок мешавам. Вале ин марг ба ман умри ҷовидон мебахшад. Бале, ман зиндаам! Дар шаъшаапошии офтоб, ки ба олами мавҷудот гармӣ медиҳад, дар рухи гулҳои шукуфон, ки ба истиқболи рӯшноӣ чашм мекушоянд, акси маро мебинӣ.

Хайр, модари арҷманд!

Алвидоъ, диёри дилбанд!

Фарзанди ту – ЮСУФ, 20.01.42».

Ман сар аз мактуб бардошта, ба сӯи Оиша-бибӣ назар дӯхтам. Ӯ ҳайкал барин карахт шуда буд. Аз чашмони камнураш, ки наваду чор сол боз оламу одамро медиданд, ду-се қатра сиришки симобгун чакида, чеҳраи пурчини ӯро мешуст.

– Хон, писарам, хон, – гуфт кампир базӯр. Гиря гулӯгираш карда буд. Ӯ барои нишондани гиреҳи гиря оби даҳонашро фурӯ бурда буд, ки рагҳои гардани камгӯшташ баланд хестанд. Ман ҳарфе назада, мактуби дуюмро хондам. Дар он сатрҳои поён сабт ёфта буданд:

«Мӯҳтарам Оиша Ҳомидова! Мактуби маро гирифта, ҳайрон нашавед. Мо ҳама ёру бародарони писари шумо Ҳабибулло ҳастем. Ротаи мо аз русҳо ва украинҳо, тоторҳо ва тоҷикон, гурҷиён ва қазоқон иборат аст. Ҳамаи мо аз рӯзҳои аввали ҷанг бо Ҳабибулло унс гирифта, тамоми душвориҳоро якҷоя ба сар бурда истодаем. Мо аҳд бастем, ки баъди ҷанг ба Тоҷикистони офтобрӯя рафта, шаҳру деҳоти зебоманзари онро тамошо кунем, аз кӯҳҳои сабзпӯшаш гул бичинем, аз чашмасори пурхурӯшаш об бинӯшем...

Ҳабибулло ҷасорати бисёр нишон дод. Корнамоиҳои ӯро агар тасвир намоем, як китоби калон мешавад. Мана, як қаҳрамонии ӯ дар роҳи озодии Ватан.

Дар беруни шаҳр, дар ақиби як теппа фашистон миқдори зиёди сӯзишвориро захира карда буданд. Командир ба Ҳабибулло супориш дод, ки ҳамроҳи ду кас рафта, сӯзишвории душманро тарконад.

Гитлерчиён атрофи чалакҳои пур аз сӯзишвориро бо симхори панҷқабата иҳота карда, сагҳою аскарони бисёре ба дидбонӣ гузошта буданд. Ба он ҷо на рӯз рафтан мумкин буд, на шаб. Вале Ҳабибулло ҳамроҳи дӯстонаш ин муамморо ҳал кард. Шуҷоатмандон бо ҷӯйчаи хушкидае ба чалакҳо наздик мешаванд ва моддаҳои таркандаро дар зери онҳо мегузоранд. Вақти боз-

гашти онҳо фашистон хабардор шудаанд. Тирандозии сахт ба амал меояд, аммо талвосаи душман натиҷае намебахшад. Таркиш гитлерчиёнро ба коми оташ фурӯ мебарад.

Вақти тирандозӣ як нафар рафиқи Ҳабибулло шаҳид гашт, худи ӯ захмдор шуд. Писаратонро ба шифохона равон кардем. Мо бовар дорем, ки вай боз ба саф бармегардад, зеро ӯ шикастнопазир ва қавирӯҳ аст.

Имрӯз мо ба ҳуҷум мегузарем. Далерии писари шумо ба мо ҳам ҷасорат мебахшад. Бинобар ин ба шумо барои тарбияи чунин фарзанди ватанхоҳ ва асоратнописанд ташаккур мегӯем.

Аз номи ҷанговарони қисм Алӣ Ҷаъфар ӯғлӣ Мамедов.

14.12.43».

Ман мактубҳои сегӯшаро ба таври аввалаашон қат карда, дар дугдон болои риштаю латтапораҳои рангоранг ниҳодаму аз ҷои худ бархостам. Нағз медонам, ки Оиша-бибӣ аз ин латтапораҳо якчанд адад халтача дӯхта, хӯшаҳои пуршарбати каҳрабоe ранги ангурро аз ҳамлаи парандаю занбӯрҳо нигоҳ медорад. Бо умеде нигаҳ медорад, ки писаронаш меоянду ҳосили меваи ангури шинондаашонро худашон ҳам мечашанд.

Вақте ки барои берун рафтан даричаи ҳавлиро мекушодам, аз ақиб овози кампирро шунидам:

– Ин тирамоҳ ҳам, албатта, биё. Аз ангури акаҳоят мечашӣ, барои бастани халтачаҳо ёрӣ медиҳӣ. Ризқи кӯшакафтарҳоям канда нашавад, мегӯям.

Модар ба дидори фарзандон умедвор аст. Умедворӣ умри ӯро дароз кардааст.

## ҶАВПАЗАК

Мактуби сегӯшаи падарам дар яке аз рӯзҳои ҷавзо расид. Онро дар рӯи суфаи ҳавлӣ, зери дарахти зардолу бо муаллими деҳаамон хондем. «Ҷанг бо ғалабаи мо тамом шуд, – навишта буд падарам, – ба қарибӣ бармегардам. Ба писарам сумкаи мактабӣ мебарам, сумкаи чармӣ...»

Аз ягон номаи падар ин қадар хурсанд нашуда будам. Ин тамоман дигар буд, сумкаи мактабӣ ва боз чармиаш ақлу ҳушамро батамом рабуд. Чигунагии рангу намуд, қуфлаку банд, ҳаҷму андозаи онро тасаввур карда, рӯзу шаб мешумурдам. Бо сӯмкаи нави чармӣ бори аввал ба мактаб хоҳам рафт. Албатта, гапи маълум,дигар талабаҳо чунин сӯмка надоранд. Онҳо сӯмкаи маро

даст расонда, тамошо хоҳанд кард, ман онро бо остинам пок намуда мегӯям, ки падарам аз аскарӣ, аз Москва овардаанд. Чунин буданд фикру андешаҳои ман баъди гирифтани ин хати сегӯшаи падар.

Рӯзе модарам болои суфа бӯрё партофта, рӯи он нишаст ва куртаи пурдарбеҳи маро аз барам кашида остини даридаашро дӯхтан гирифт. Пас аз он ки дар курта дарбеҳи нав илова шуд «фардо мешӯям»-гӯён онро як афшонда ба ман пӯшонду гуфт:

– Писарам, акнун калон шудаӣ, дастёри хонаӣ, боақл шав, – модарам ба зардолуи болои суфа назар карда, ба хаёл фурӯ рафт.

Ман аз дил мегузаронидам, ки рӯзҳои охир ягон баттолие накардаам, барои чӣ модарам ҳоло танбеҳ доданист.

– Ҷавпазаки падарат зард шудааст, як сатил чида, ба бозор бубар, пули қаламу дафтарат мебарояд. Охир, пагоҳ-бегоҳ падарат сӯмкаро биёранд, ба мактаб сӯмкаи холиро намебарӣ-ку?

Инро шунидан замон ба шохи зардолуи ҷавпазак часпида баромадам. Ин дарахти ҷавпазакро аз рӯи ҳикояти модар падарам соли аввали муаллимиаш шинонда будааст. Шаддаҳои марҷоносои ҷавпазакро мечидаму худ ба худ андеша мекардам, ки чаро ин фикр пештар ба сарам наомадааст. Хуб шуд, ки модарам инро гуфтанд, вагарна сумкаи холиро чӣ навъ ба мактаб мебурдам, бе қаламу дафтар сумка чӣ даркор? Донаҳои тарафи офтобраси зардолу чун нигини ягона ангуштарини модарам, ки аз бибиам ёдгор монда будааст, мисли ёқути сурх метофтанд. Ин зардолуи мо аз дигар зардолуҳо барвақттар мепухт, баробари сар кашидани ҷав, бинобар ин номаш ҳам ҷавпазак буд.

Саҳаргоҳони рӯзи дигар сатилро аз ҷавпазак пур карда, ҳамроҳи хаткашони колхозамон роҳи бозорро пеш гирифтам, ӯ барои сабук кардани бори ман сатили зардолуро дар паллаи хӯрҷинаш андохт. Баробари маркабаш қадам мепартофтаму раҳорах нақша мекашидам, ки агар тамоми зардолуро фурӯшам, пули қаламу дафтар ва китобу рангро ҷудо карда, дар локиам мебандам ва ба пули боқимонда барои худаму модарам нону нахӯдшӯрак мегирам. (Аз рӯи шунидам дар бозор нони гандум мефурӯшанд ва нахӯдшӯрак ҳам ёфт мешавад. Мо фақат нони зағора мехӯрдем).

Вале ба бозор даромада ҳангам канд. Ягон ҳашт-даҳ нафар мӯйсафед ва се-чор нафар зани саргиракдошта дар сабадҳои калон ҷавпазак мефурӯхтанд. Зардолуҳои онҳо ба назарам калон-калон менамуданду бештар сурхчатоб буданд, гӯё офтоб боғоти онҳоро аз чор тараф саховатмандона нуру ҳарорат бахшида бо-

шад. Он гумонҳои ман, ки дигарон ҷавпазак надоранд ва агар дошта бошанд ҳам, мисли ҷавпазаки мо ширину сурх ва хӯрданбоб нестанд, дар як лаҳза барбод рафтанд...

Ҳавои бозор серчанг буд, шӯру ғиреви мардум ба фазо мепечид, ҳама дар тапу талош буданд.

– Ҷавпазак, навгонӣ, ба пулат асал мехӯрӣ,-зардолуашро ситоиш мекард мӯйсафеде.

– Қандак хӯр, қандак хӯр, – дигаре аз ӯ гузаштанӣ буд.

Ба ҳар ҳол ман ҳам дар растаи зардолуфурӯшон ҷой гирифтам. Бар намми он ки сифати ҷавпазакам хуб набуд, ман бо сатили хурд дар паҳлӯи ҷуссаҳои калони дигар зардолуфурӯшон ва сабадҳои пурборашон аз назарҳо нопадид шудам. Ба сӯи ман касе майл намекард ва ягон харидор ҷавпазаки маро «чанд пул?»-гӯён намепурсид. Аз дур бӯи нони гарм, бӯи нони гандум ба машом мерасиду дилам аз шиддати гуруснагӣ гум мезад. Бачае, ки аз растаи мевафурӯшӣ чанд қадам пештар буд, харидоронро ба тарафи моли худ даъват менамуд: «нахӯдшӯрак», «нахӯдшӯрак». Акнун ман дар бораи нони гарму нахӯдшӯрак фикр ҳам намекардам. «Наход ки барои китобу дафтар ҳам пул пайдо карда натавонам» аз дил мегузарондам. Ман ҳамин тавр бо сари хам менишастаму ба касе ва чизе назар намефикандам.

Аз чунин вазъияти ногувор ду-се соат гузашта буд, ки ногаҳ ба димоғам бӯи карасин расид. Сарамро беихтиёр боло карда, дар пеши сатили ҷавпазаки худ Шоим-карасинфурӯшро дидам. Бале, ҳамон Шоим-карасинфурӯшро, ки ба аробааш чор дона чалак бор карда, ба деҳаи мо меомад, худаш ба ароба савор намешуд, аз лаҷоми дарози аспаш дошта, баробари он қадам мезад. Ба одамони деҳаи мо карасин мефурӯхту сонӣ ба қишлоқи ҳамсоя мерафт. Ҳам аз аробаи Шоим-карасинфурӯш, ҳам аз сару тани ӯ, ҳатто аз аспаш бӯи карасин меомад. Бинобар ин ҳоло аз худаш пештар ин бӯй ба димоғам расида, якбора маро ба худ овард. Баъзеҳо мегуфтанд, ки Шоим-карасинфурӯш хеле одами пулдор аст. «Ҳа, вай, албатта, пулдор, чаро пулдор набошад, охир, ҳар рӯз карасин мефурӯшад», андеша доштам. Мана, ҳоло бо дастони карасинолудаш ҷавпазаки маро санҷидан дорад. Ҳатман мехарад, шояд ҳамаи сатилро бихарад, охир пули ним сатил карасин-дия, чӣ шудааст? Бо зану бачаҳояш мехӯрад, хонааш дар маркази ноҳия зардолуи ҷавпазакаш набудагист, ё умуман дар ҳавлиаш шояд ягон дарахти мевадор набошад.

– Бача, ин ғӯра-ку? Чаро хом кандӣ?-инро ба рӯи ман шартӣ гуфта ба тарафи зардолуфурӯши солхӯрда майл намуд Шоим.

«Ғӯра!», «Хом!» ин суханон дар буни гӯшам садо медоданд. Шоим-карасинфурӯш ҳаминро таъкид накарда мерафт, беҳтар буд, бо ин суханонаш гӯё маро ду тарсакӣ зад.

Вале дар ҳамин вақт аз қафои Шоим-карасинфурӯш овози гулдурросие расид.

– Пӯшт, мардум, хабардор! – Ин овоз аз чӣ бошад, ки ба ман як шарораи умеде илқо намуд.

Дар рӯ ба рӯи ман аскари баландқомати шофбуруте рост меистод, ки нишону медалҳои сари синааш ба ҳамдигар бархӯрда ҷиринг-ҷиринг садо мебароварданд.

– Ҷавпазак чанд шуд? – як дона зардолуро аз сатил гирифта ба даҳонаш партофт ӯ.

Ман нархашро гуфтам.

– Баҳ-баҳ бӯи замин мекунад, чор соли ҷанг дар нияти чашиданаш будам. Панҷ банка те, – гуфт аскар донаки ҷавпазакро аз даҳонаш бароварда ва борхалтаашро аз сари китфаш гирифта.

Ман банкаро пури зардолу карда, ба борхалтаи ӯ рехтан гирифтам. Баъд аз банкаи панҷум дар сатил як каф барин ҷавпазак монд. Ман мехостам, ки онро ҳам ба борхалта бирезам. Лекин аскар аллакай даҳони борхалтаашро баста гуфт.

– Бас аст, ба инаш пул надорам.

– Амакҷон, ман инашро бепул медиҳам, гиред, – гуфтам ба ӯ ва сатилро бардошта хостам, ки ҳамаашро лабрез кунам.

– Ба бепулаш одат накардаам, ба ягон насибахӯри дигар медиҳӣ, – аз киссааш якчанд коғази шақарросӣ бароварда, ба ман дароз карду пурсид: – Падарат дар куҷо?

– Дар ҷанг, – пулро ба локиам печонда ҷавоб додам ман. – Ба қарибӣ меоянд, мактуб навиштанд.

Ба аскар боз гуфтан мехостам, ки падарам ба ман сӯмкаи мактабӣ меоранд, сӯмкаи чармӣ. Аммо ӯ саросема сарамро сила карда:

– Офарин, ҷиян, дилат соф будааст, пула нашумурда гирифтӣ, – гуфту бардам-бардам қадам монда рафт.

Сонӣ ман ба тарафи нахӯдшӯрак давидам. Аммо вай косаю табақашро ҷамъ мекард. Дарвозаи нонвойхона ҳам баста буд. Бо вуҷуди набудани нахӯдшӯрак ва нони гандум ман чандон ғамгин нашудам. Акнун бовар доштам, ки сӯмкаи чарминам холӣ намемонад, бо қаламу китобу дафтар пур мешавад. Барои эътимоднок

шудани орзуям пули дар локӣ печондаамро бо дастам ду-се дафъа зер кардам. Пул дар ҷояш буд.

Дар назди нонвойхона аробакаши деҳаамон Қодир – бобоpo дидам, ки бо кӯмаки шахсе халтаи вазнинеро ба ароба бор мекард. Қодир-бобо лангон-лангон роҳ мерафт, барои ҳамин як умр ӯ аробакаш буд. Вақтҳои охир, шабонгоҳон ба даст милтиқ гирифта, анбори хоҷагиро ҳам дидбонӣ мекард.

– Бобо, ба хона намеравед? – хушҳолона пурсидам.

– Аспа қатӣ кунам, меравем, – ҷавоб дод Қодир-бобо ва илова намуд. – Ту ба ароба баромада шин.

Ман дар соғуи ароба, паҳлӯи халтаи орд нишастам. Ҳамин вақт ваҷоҳати ду шахс, ки ба тарафи халтаи болои ароба чоплусона ишораҳо мекарданд, диққати маро ҷалб намуд. «Дар бозор дуздон ҳастанд, эҳтиёт бош!» – гуфтани модарам ба хотир расиду беихтиёр боз пулро даст-даст кардам. Аробакаш бо кори худ андармон шуда, ба ин ду одам аҳамият намедод. Сонӣ Қодир-бобо ба ароба наздик шуда буд, ки яке аз он ду нафар ба вай муроҷиат кард:

– Ҳамшаҳрӣ, орда намефурӯшӣ?

Баъди наздик шуданаш дидам, ки чашми вай олус будааст.

– Не, наметавонам, бародар, – бо нармӣ ҷавоб дод Қодир-бобо, – моли халқ аст, ба хоҷагӣ мебарам.

– Чаро наметавонӣ? – бо тундӣ гуфт шарики олус, ки кундаи чинор барин ғафс буда, дар болои биниаш холи гӯштин дошт. – Мана, пул, – бағалашро кушод ӯ, – ҳар қадар хоҳӣ медиҳам, барои фатират як мушт орд ҳам мемонем. Пула гирифта маишат мекунӣ.

– Ҳа, маишат, – илова намуд олус, – колхоз туро поида нагаштааст-ку?

– Ба дигар ҷо раветон, ман ба ризқи беваю бечораҳо зомин намешавам, – ин гуфтугӯи беҳударо хотима дод Қодир-бобо ва ба ароба баромада, қамчинро ба болои сари асп бардошт. Он ду нафар худро ба канор гирифтанду чарххо ғиҷироскунон садо бароварданд.

Роҳи деҳа аз давродаври кӯҳнақалъа, аз роҳи дукӯтала мегузашт. Дар пушти кӯтали дуюм дашти фарохе доман паҳн карда буд, ки як тарафи он ба киштзори деҳаи мо рафта мерасид. Қодир-бобо носкадуро ба сари зону зада, зери забон як каф нос партофта хомӯш менишаст. Фақат гоҳ-гоҳе лаҷомро мекашид.

Аспи лоғарбадани бобо аробаро базӯр болои кӯтали аввал ка-

шида баромад. Бадани асп ларзида, аз миёни қабурғаҳои часта баромадааш арақ шашқатор мешуд. Қодир-бобо ҳам мисли аспаш ниҳоят лоғарандом буд, пӯсташ ба устухонаш часпида, дар бадани чандири ӯ рангҳои хунгардаш кабудчатоб менамуданд. Гимнастёркаи аскарие, ки бобо пӯшида буд, ягонта ҳам тугма надошта, аз арақи баданаш шӯр зада, мисли чарми ширешмолидаи дафак шахшӯл шуда буд.

Қодир-бобо аробаро боздошта, носро туф кард ва гуфт:

– Агар ба ин ҷонвар коҳ надиҳем, аз кӯтали дуюм нагузашта по дароз мекунад.

Аробакаш аз соғу тубраро гирифта, каме коҳ андохту ба гардани асп овезон кард. Ман аз ароба фуромада, рӯи сабза ғел задам. Осмон соф буд, ҷӯрҳои чобукбол дар фазо чуғур-чуғуркунон парвоз доштанд. Қодир-бобо ба соғуи ароба такя карда дам мегирифт.

Ҳамин вақт асп аз чизе хӯсида, «тап-тап»-кунон пои худро ба замин зад. Ману бобо ба тарафи муқобил, ҷониби кӯтали дуюм нигариста, ҳамон ду нафарро дидем, ки аз паҳлӯи дигари кӯҳнақалъа роҳро миёнабур карда, дар сари роҳи мо шинак гирифта будаанд. Ҳоло истодани аробаро дида ба тарафи мо меомаданд. Ман бо ҳамон тарафи локӣ, ки пулро печонда будам, ба замин дароз кашидам. Як лаҳза ҳавоси Қодир-бобо парешон шуда бо дасташ дар соғуи ароба чизеро ҷустуҷӯ карда ёфту пас дар чеҳраи пурожангаш ҳисси дилпурӣ таҷассум гашт. Ӯ аз ғазаб оби даҳонашро фурӯ бурда буд, ки ман дар гардани борикаш ду бор боло-поён рафтани хекиртакашро мушоҳида кардам.

Дар ин дам он ду нафар ба мо наздик шуданд.

– Хӯш, орда мефурӯшӣ ё не? – бо заҳрханда ба бобо нигарист холдор ва интизори ҷавоб нашуда, ба шарики олусаш ишора намуд. Олус халтаро чобук ба пушташ бардошт.

– Ба ҳаққи беваю бечораҳо даст назан, ҳаромхӯр! – бобо пеши роҳи олусро гирифт. Ба хаёлам, тамоми банду пайванди ӯ ба як мушт рагу пай монанд шуда буд.

Ман ҳам сангеро ба даст гирифта, ба паҳлӯи вай ҳозир шудам.

Холдор, ки аз қафои олус меомад, пеш гузашта ба бари синаи Қодир-бобо муште бизад. Бобо пуштнокӣ ба замин хӯрд. Сонӣ маро ҳам аз локиам дошта, ба болои Қодир-бобо ҳаво дод. Локӣ кушода шуда, пули ман, пуле, ки барои харидани китоб ва дафтару қалам бар ивази ҷавпазаки падар пайдо карда будам, бар замин афтод.

– Ғинг нагуфта, дар ҷоят шиштан гир, пирсаг, – гуфт холдор ба бобо муроҷиат карда ва пули ғиҷимшударо ба киссаи кӯлбораш тиққонда, – агар боз ҷунбӣ, ба бехи гарданат чунон мезанам, ки сарат хомак барин парида меравад. Ҳа, ин ҷо ҳеч кас ба додат намерасад.

Ман хостам, ки ба тарафи холдор санг андозам, вале Қодир-бобо дастамро дошта, ба сӯям маънидорона нигарист.

Дуздон тақрибан понздаҳ қадам боло рафта буданд, ки Қодир-бобо аз ҷояш хеста, лангида ба назди ароба омаду аз даруни пахоли соғу милтиқашро баровард ва аз болои сари дуздон ба осмон тир андохт. Дар ин хомӯшии дашти холӣ тир ниҳоят баланд садо баровард. Олус халтаи ордро сар доду худашро ҳам ба замин партофта, дар паси халта пинҳон шуд. Холдор бошад, ду дасташро боло карда, дир-дир меларзид, чашм аз милтиқи дасти бобо намеканд.

– Э-э-э, – бобоҷон, ба шумо чӣ шуд, охир, мо шӯхӣ кардем, – тавалло менамуд ӯ. – Ордатон аз худатон. Пулатонро ҳам гиред.

– Ман ҳам шӯхӣ кардам, вагарна мағзи сарат тухми палағда барин пош хӯрда, ин сабзаро ҳаром мекард, – Қодир-бобо бо дасти қаиши худ дастгоҳи милтиқро чолокона ба ҳаракат даровconfigured ба тирдон тири дигар ҷой карда фарёд кашид: – Дафъ шавед! Оқи падарҳо!

Ман ҳеч гумон надоштам, ки Қодир-бобои наҳифпайкар аз гулӯи худ чунин овози гулдурросӣ мебарорад.

Дуздон ба лаҳзае пушти кӯтал хазида, аз назари мо гум шуданд...

# ҚИССАҲО

## ОДАМИ ҶАВҲАРДОР

Дар деҳаи Гулгунхона қариб ҳамаи иморатҳо навсохту шиферпӯшанд. Вале фақат як кулбаи тахтбом, ки деворҳои ҷо-ҷо кафида ва мӯрии калонаш тамоми сатҳи боми онро сип-сиёҳ кардааст, маназари деҳаро тағйир медиҳад. Ин кулба оҳангархона аст. Оҳангархонаи кӯҳнаю фарсуда дар дамгаҳи деҳа воқеъ гардида, пеши биноҳои зебою дилрабои атроф назарногир менамояд. Аммо пиру барнои Гулгунхона бо эҳтиёҷе ба остонаи он қадам мениҳанд. Усто-Зариф дар ин ҷо доси якеро тез мекунаду табари дигареро пеш мебандад, ба зарурати сеюмин бел месозад ва ба чорумин каланд. Сохтаҳои дастони шахшӯли ин оҳангари солхӯрда дар ҳар хонадони деҳа мавҷуданд.

Оҳангарӣ ба усто-Зариф касби меросӣ бошад ҳам, солҳои аввали ташкил ёфтани колхоз муддате мудири анбор ва саркор будааст, лекин ҳоло худаш ҳам дуруст дар ёд надорад, ки чанд сол ин корҳоро анҷом додааст. Баъд «бе болғаю сандон рӯзам намегузарад»-гӯён боз ба «пирхонааш» (ӯ коргоҳи худро ҳамин тавр меномад) баргаштааст.

Роҳи маркази деҳа аз бари дарвозаи оҳангархонаи усто-Зариф мегузарад. Бинобар ин ҳар касе, ки ба Гулгунхона, ба ин деҳаи дурдасти кӯҳистон ояд, аввал садои чаккуши ӯро мешунавад.

Оҳангар тақрибан моҳе як бор бо набераи худ Ғазанфар, ки дар синфи чоруми мактаби деҳа мехонад, ба арчазори бағали кӯҳсор рафта, барои таҳияи ангишт арчаҳои хушкидаро мебурад. Имрӯз ҳам бо наберааш аз дами чоштгоҳ ба арчазор расида, зертангу забартанг ва аили байталашро каме суст карду ҷавзиро аз даҳони асп бароварда, барои он, ки улав чарида-чарида дур наравад, нӯки лаҷоми онро ба пойи чапи пешаш бубаст.

Гашти пешин бобою набера аспи пурборро ба роҳ даровар-данд. Усто – Зариф ҷомаро кулӯла карда, сари китфаш партофта буду аз қафои байтал оҳиста-оҳиста қадам мегузошт. Мӯйсафед хаёл мекард. Ғазанфар пешопеши асп лаҷомро дошта меомад. Оҳангар рӯзи кӯҳравӣ аз бачаҳои хонавода танҳо Ғазанфарро

ҳамроҳ мегирифт. Ба дигар бачаҳо «шумо лаҷомро маҳкам надошта, аз паи шапалак медавед, корро сара намекунед, ба ман зиёнатон мерасаду як пули пучак фоидаатон не» мегуфт. Ба Ғазанфар ҳар дам «ин шери бобо» гӯён сарашро бо навозиш мемолид.

Бори аввал онҳо тақрибан як сол пеш ҳамроҳ ба кӯҳ раҳсипор шуда буданд. Пирамард инро нағз дар хотир дошт. Вақте ки ӯ бегоҳӣ «Ғазан, тайёр шав, пагоҳ ба кӯҳ меравем, барои ангишт бурс меорем» гуфт, бача сахт ба ҳаяҷон омад. Аз ҳисси ҳаяҷон сӯрохии биниаш калон шуда, чеҳрааш тафсида, дар он доғҳои кунҷитак аранг-аранг падидор шуданд. Ин ҳолат ба ёди мӯйсафед чеҳраи арғувонии падари Ғазанфар-Латифҷонро овард. Дар рӯи Латифҷон ҳам овони кӯдакӣ, агар аз чизе ба ҳаяҷон ояд, ҳамин тавр доғҳои кунҷитак намоён мешуданд. Ҳоло сару рӯи вай сергӯшт шуда, ранги пӯсташро тағйир додааст ва ҳангоми вохӯриҳои аҳёнӣ мӯйсафед пайхас намекунад, ки он доғҳои дилкашу поки бачагӣ дар чеҳраи писараш боқӣ мондаанд ё не.

Ба ҳаяҷон омадани бача сабаб дошт. Ин сафари ӯ дар пайраҳаҳои кӯҳӣ ҳамроҳи бобо, оҳангари машҳури Гулгунхона ба кори ҷиддӣ даст задани ӯ буд, бинобар ин дар назди дигар бачаҳо-хешовандони усто-Зариф қадру қимати Ғазанфарро як сару гардан боло мекард. Аз ин рӯ Ғазанфар ҳам хурсанд буд, ки бобояш танҳо ӯро ба кӯҳ ҳамроҳ мебурд.

Вақте ки онҳо ба роҳ баромаданд, Ғазанфар ба мисли ҷӯри тезҳаракати чобукбол ба чор тараф гардан тофта, ба ҳама чиз бо беқарорӣ назар мефиканд. Зеро ӯ нахустин бор дар ҳаёт ба кӯҳи ҳақиқӣ мебаромад, барои тамошо не, барои он мебаромад, ки кори муҳимро анҷом диҳад, ба бобояш дар буридану ҷамъоварии бурс ҳамроҳӣ кунад. Бача бисёр мехост ба ҷои кор зудтар бирасад, бо дастони худ бурс ҷамъ оварад, бисёр ҷамъ оварад. Вале ин майлу хоҳишҳои бачагона ба одамони калонсол хандаовар метобанд. Бобо Ғазанфарро, умуман ҳеч касро тамасхур накунад ҳам, бача саъй дошт, ки ҳиссиёти ботинии худро фош насозад. Аммо ин барояш чандон муяссар намешуд. Ин хурсандӣ, ин болидагии рӯҳи худро ниҳон доштан мушкил буд, гунаҳои пурраи кулчарангаш гулгун шуда буданд. Хусусан чашмони барқафшони шаффофи бачагона он шодию сурур ва ифтихорро, ки соғари ҷонашро саршор карда буданд, ниҳон дошта наметавонистанд. Охир дар пеш кӯҳ буд, кӯҳи баланд буд! Бобою набераро майдони кор интизор буд!

Усто-Зариф тағйироти имрӯзаи рӯҳи набераро мефаҳмид. Мӯйсафед чашмони худро нимкоф карда, як ба пеш, ба ҷониби кӯҳ назар фиканду лаҳзае беқарорию нооромии Ғазанфарро мушоҳида намуд. Табассум дар лабони пирамард андаке падидор шуд, вале ришашро бо дастон шона кард ва табассуми андаке барқзада дар даҳони аз бедандонӣ фурӯрафта нопадид гардид. «Эҳ, бачагӣ, олами беғаши бачагӣ» аз дил гузаронд пирамард. Вале табассумро набояд нишон дод, ин ҳиссиёти бачаро надида ангоштан авлотар аст. Охир имрӯз ӯ шарики кор аст. Барои вай имрӯз заҳмат оғоз меёбад, ҳаёт оғоз меёбад!

Бинобар ин пирамард набераро фақат ба солорӣ даъват карда, «Ба кӯтал, ба кӯҳ оҳиста-оҳиста баромадан даркор» гуфт...

Вақте ки ба доманаи арчазори фарохе расиданд, усто – Зариф лаҷоми байталро кашида гуфт:

– Ана, ҳамин ҷо, омадем.

Ғазанфар ба чор тараф бо ҳисси кунҷковии бачагона, бо ҳарисӣ назар мекард.

Онҳо тешаю табар ва арраи дастиро аз хӯрҷин бароварданд.

Усто-Зариф ангушти ишораро боло бардошта, ба набераaш муроҷиат кард:

– Тарбурӣ-сарбурӣ, гуфтаанд, фақат ба арчаи хушк табар зан. Дидӣ, ин арчаи хушкро. Хушкида бошад ҳам, рост истодааст. Ҳа-а, – гуфт сипас пирамард хаёлманд, – дарахтон ҳамчун мардони ҳақиқӣ сарбаланд мемуранд, нолаю зорӣ, ҳолати ҷонкании онҳоро касе намефаҳмад. Лекин дар асл дарахтон ҳам мавҷудоти зинда. Ҳар кӣ агар дарахти сабзро, яъне дарахти зиндаро дӯст дорад, одамро ҳам дӯст медорад, одамдӯст мешавад. Одам дарахти шинондаи худро ҳамчун фарзанд эҳтиёт мекунад.

Оҳангар аз дасти набера гирифта, ба миёнаи анбӯҳи арчазорони навруста бурд.

– Ин арчаҳо ҳоло ҷавонанд, – гуфт ӯ. – Дарахтон ҳам одамизод барин давраи бачагӣ, камолоти ҷавонӣ, овони пирӣ доранд. Дар ҳар давра як рангу бӯ, як таровату зебоии хосе ҳаст. Аммо ҷавонии ин арчаҳо сара-дия, ҳар вақте ки ба ин ҷо биёям, ҷавонии ин арчаҳо ба рангу пайванди ман қувваю дармон мебахшанд. Барои ҳамин ҳам корро тамом карда, дар байни ин арчазори ҷавон мешинам, хомӯш мешинаму шибир-шибири баргонро гӯш мекунам.

Ғазанфар аз бари ҷомаи бобояш дошта, ба боло назора мекард. Арчаҳои ҷавони боқувват сар ба авҷи осмон кашида буданду ба

нӯки шохаҳои онон абрҳои ҳарирӣ расида гузашта мерафтанд. Аз вазиши шамол шохаҳои дарахтон ҳам ба ҷунбиш меомаданд. Ба чашми Ғазанфар чунин тофт, ки арчаҳо гӯё ҳамин дақиқа аз шамол меафтанд. Ӯ аз бари ҷомаи бобо сахттар гирифт.

Шамол мевазид, вале арчаҳо намеафтиданд, ба назари бача ҳамин тавр тофта буд.

Ғазанфар аз паси усто-Зариф қадам мезаду бӯи шираю шилми дарахтон, бӯи ҷангалро мешамид, ба хаёли вай бобо ба арчаи мустаҳкаме монанд буд, ки ба замин чуқур реша давондааст. Арчае, ки аз шамол, аз тундбод намеафтад...

Пас аз чанд дақиқа усто-Зариф боз ба андешаҳои худ давом медод...

... «Абдулатиф хеле камдидор шудааст. Ин кораш сара не», аз дил мегузаронд оҳангари пир. Сипас ӯ бо ангуштон ҳисоб кард, ки охирин бор писараш панҷ сол пеш ба ҷанозаи раҳматӣ модараш омадааст. Кампири оҳангар Садбарг ҳамон вақт фавтида буд. «Ҳа, чиллаи зимистон расад, панҷ соли расо мешавад»,-зери лаб гуфт усто-Зариф. «Набераи хурдиамро медидам, хуб мешуд, пайдо шуданаш боз надидаам, ҳолиё тойча барин тохта мегаштагист»,-худ ба худ гап зада, табассум намуд мӯйсафед.

Якбора истодани байтали пурбор риштаи хаёлоти оҳангарро гусаст. Усто-Зариф ба пойҳои арақшори улоғаш нигарист. Пойҳои бечора байтал меларзиданд.

– Ҳа-а, ҷонвар, – сар ҷунбонидаю афсӯсхӯрон гуфт пирамард, – ҳай дареғ-а, ту ҳам мисли ман пири фартут шудаӣ. Як вақто ту аспҳои ҷавмаст барин будӣ, зери поям тирвор мепаридӣ, ҳар чӣ қадар бор бошад, мебардоштӣ, пойҳоят намеларзиданд. Акнун дар бадани ман ҳам қувваи пештараам нест. Акнун мо ҳар ду пир шудем. Ҳай дареғ-а. ё ман имрӯз ҳавсала карда арчаи бисёр бурида бошам?...

Тойчаи байтал, ки гӯё истодани модарашро маътал бошад, дартоз омада, думи буридаи худро ликонида, ба пистони вай часпид. Шири шакаррези байтал дар лабони тойча кафк мебаст.

Тойча даҳони худро аз шири бомазза ва чун асал ширини модар пур карда фурӯ мебурд. Ғазанфар чалп-чалп макидани тойчаро дида ба шавқ омад. Оҳангари солхӯрда ба ин заррае эътибор надода, бори оҳутаки бемадорашро, ки солҳои дароз дар хизмат буд, кам кардан гирифт. Баъд усто-Зариф чилбурро таранг кашида, «чу, ҷонвар» гуфту байталро тела дод. Асп пойҳои ларзони худро боэҳтиёт гузошта, реза-реза ба роҳ даромад.

Мӯйсафед ба тойча нигариста, андеша ронд: «кори сара шуд, ки зоти ҳамон ҷирани йӯрғаи қашқапои ман бенишон нарафт. Ҷиранам дар бузкашии юнучқазори назди Наҳри Калон обрӯи маро бардошта буд. Вай ҷонвар баҳо надошт. Ҳамин ки дастам ба буз расид, дартоз медаромад, не, вай наметохт, балки дар рӯи замин парвоз мекард. Despite Ончунон бонизом, беозор парвоз мекард, ки агар ин вақт дар болояш шахси аспсавориро намедонистагӣ нишинад ҳам, намеафтид». Сонӣ ӯ ба набера гуфт:

– Ғазанфар, тойчаи қашқапоро ба ту бахшидам, нигоҳубин кун.

Писарак аз шодӣ намедонист, ки ба бобояш чӣ гӯяд, бо кадом суханон арзи ташаккуру таҳният намояд...

Ғазанфар аз ин ҳадяи бобо он қадар хушҳол гашт, ки ба масал баробари як қади ҷав калон шуд. Охир, тойча чӣ қадар зебо буд! Пайкари лӯндаяк, лӯхтак барин мавзуну мутаносиби он, чорхез заданаш, тойчавор шиҳа кашиданаш, гӯшҳояшро сих карданаш, фирқ-фирқ садо баровардани биниаш, пистонҳои модарро саросема макиданаш – ҳама ба назари Ғазанфар дилкашу зебо менамуданд.

Чун аз кӯҳпоя фуромада, ба адир равон шуданд, усто-Зариф ба Ғазанфар гуфт:

– Ба тарафи сой меравем, байталу тойчаро об додан даркор.

Ин сой, ки самти офтоббарои Гулгунхонаро шероза баста буд, тақрибан ду осиё об дошт.

Байтал шалаппоскунон ба сой даромад.

– Ғазан, оҳиста-оҳиста ҳуштак каш, ман акнун дандон надорам, ҳуштаккашиам соф намебарояд,-оҳангар ба рӯи тобасанги лаби сой нишаст.

Ғазанфар ба як мизони паст ва равон ҳуштак кашид. Байтал ба бинӣ фирқ-фирқкунон ба обхӯрӣ сар кард. Писарак бо ҳамин мизон ҳуштаккаширо давом медод.

– Ана, ҳамин тавр, бачем. Табиати асп, ҷонвар, ҳамин хел аст, ҳуштак кашӣ, нағз об мехӯрад, ба гӯшаш мефорад, роҳат мекунад.

Ғазанфар ҳуштаккашон ба тойча, ки то ин вақт дар канораи сой меистод, наздик шуд. Бо садои ҳуштаки Ғазанфар тойча ҳам аз оби сой нӯши ҷон кард. Бача аз ин хурсанд шуда буд.

...Бобою набера бори улавро дар саҳни ҳавлӣ фуроварда буданд, ки келини оҳангар Шаҳрбону-холаи сертану тӯш ҳарсасзанон омад. Усто-Зариф бо додари худ Шариф, ки дар совхози навташкил кор мекард, ҳамсоя буд.

– Ғазан, – тез-тез нафас кашида гуфт зан, – аз дадот хат омадааст, мана бигир, шодиёнаашро баъд медиҳӣ.

Ғазанфар мактуби падарро гирифта, бо ҳайрат як аз назар гузаронду баъд сӯи бобояш имдодталабона нигарист. Писарак гӯё бо ҳамин аз ягона шахсе, ки дар ин хонадон барояш ғамхору мӯнис буд, ёрию маслиҳат металабид, бо чашмони калон-калон кушодаи кӯдаконааш гуфтан мехост, ки бо ин мактуб чӣ кор кунад? Ҳарчанд Ғазанфар аз суханони бобо ва дигарон медонист, ки падараш дар шаҳр зиндагӣ мекунад, вале худи ӯро солҳо боз надида буд, афту андомашро ҳам намедонист, ки ба кӣ монанд аст. Ӯ борҳо аз ҳамсолони худ мешунид, ки падараш дар шаҳри Душанбе зани дигар гирифтааст. «Дадот очаи туро партофта рафтагӣ»-мегуфтанд онҳо ба ҷони вай расонда. Аммо баъзе калонсолон ба падари вай эҳтиром доштанд, онҳо муҳокима меронданд, ки падари Ғазанфар шахси донишманд буда, дар шаҳр олим шудааст. Эҳ, кошкӣ, инро ҳамсолони Ғазанфар мешуниданду вай дигар пеши бачаҳои шум сархаму дамдарун намешуд.

Модари Ғазанфар Манзура баъди як соли рафтани шавҳару зан гирифтани вай писаракро ба дасти бобо супурда, худ назди хешу ақрабояш баргашт ва дере нагузашта бори дуюм хонадор шуд. Ба ҳамин васила тарбияи Ғазанфар тамоман дар гардани усто-Зариф афтод. Ба ӯ, албатта, дар нигоҳубини бача келинаш Шаҳрбону ёрӣ мерасонд. Лекин Ғазанфар худро донистан боз фақат ғамхории боборо ҳис мекард, ин марди солхӯрдаро, ки риши дарози сапсафедаш вақти нон хӯрдану гап задан ба таври тааҷҷубовар меҷунбид, ба ҷои падару модари ҷавонаш бо дили софи бачагӣ самимона дӯст медошт. Модараш гоҳ-гоҳе ҳамроҳи ду нафар духтаракони худ ба хабаргирии Ғазанфар ояд, вай бо онҳо нишастану сухан гуфтан нахоста, дарҳол ба оҳангархонаи бобо меомад ё ба қафои оҳангархона гузашта, назди охури таги бед байталу тойчаро тамошо мекард. Хусусан дидани ҷастухези тойчаи қашқапо аз дидани духтарони модараш бештар хуш меомад.

Ба Ғазанфар рӯзи вафоти модаркалон фарзандони Шариф-амак Акмалу Лола, ки яке дар синфи ҳафтум ва дигаре дар синфи шашум мехонданд, аз дур падарашро нишон доданд. Вале Ғазанфар дар байни одамон чеҳраи вайро фарқ карда натавониста, аз чӣ бошад, ки ба ҳавлии ҳамсояашон гурехта рафт. Сонӣ Лола гуфт, ки падараш ӯро пурсуҷӯ кард. Бо ҳамин Ғазанфар дигар ба деҳа омадани падарро надидаю нашунида буду ҳоло дар кафаш мактуби вайро мефишурд.

– Канӣ, ба ман деҳ, – гӯён усто-Зариф номаро гирифта, мушкилоти набераашро осон кард.

– Писаракам, Абдулатифҷонам хат навиштааст, кори сара кардааст, моро аз ёд набаровардааст, – овози пирамард меларзид.

Ҳамин вақт Акмалу Лола ва Шариф-амак, ки навакак барои сарфи нони чошт ба хона омада буд, дар атрофи усто-Зарифу Ғазанфар ҳалқа бастанд. Пирамард бо ангуштони дароз-дарози пуробилаи шахшӯл мактубро ду-се бор рӯгардон намуда, сонӣ барои нобуд накардани хати рӯи лифофа аз қафои он ноӯҳдабароёна кушод, аммо лифофа тамоман пора шуд. Усто – Зариф хату савод надошта бошад ҳам, навиштаҳои писарашро бо хушҳолию шукуфтарӯӣ аз пеши чашмонаш гузаронду баъд мактубро сӯи Акмал дароз кард ва гуфт:

– Ма, бачем, канӣ инро як хон.

Овози мӯйсафед ҳанӯз аз ҳисси ҳаяҷон меларзид.

Латифҷон дар мактуб навишта буд, ки баъди ду-се рӯз ба Гулгунхона меояд. Рисолаи номзадии худро ба итмом расонидааст ва акнун дар як шаҳри дуре онро ҳимоя мекунад. Бинобар ин ба падараш кори муҳиме доштааст.

– Ё, астағфурулло, рисолаи номзадиаш чию вая аз кӣ ҳимоя мекарда бошад? – дар ҳайрат афтод дӯсти овони бачагии усто-Зариф Усмон-ҷувозгар, ки ҳоло бо кампираш дар наздикии маркази ноҳия ҳавлӣ дошту имрӯз барои хабаргирӣ ва якбора бо мақсади наъл занондани аспаш ба назди оҳангар омада буд, ӯ ҳам дар қатори дигарон мактубро гӯш меандохт. Ғазанфар ҳавлии ӯро медонист, зеро якчанд бор ҳамроҳи бобояш он ҷо ба меҳмонӣ рафта буд.

– Ин ҳам ягон ҳикмат доштагист-дия, Усмон, – ҷавоб дод усто-Зариф. Аз ваҷоҳати оҳангар маълум буд, ки хабари омадани писарашро шунида қалбан хеле хурсанд шудааст. – Абдулатиф биёяд, аз худаш мепурсем. Ману ту одамони нохондаем, ягон фол диданамон қатӣ фоида надорад. Беҳтар, ба устохона биё, аспатро наъл занам, – ба тарафи дӯконаш роҳ пеш гирифт усто-Зариф. Сипас ӯ номаи Латифҷонро дуқат карда, дар ҷои кафидаи девори оҳангархона бихасту ба дамдиҳии кӯра шурӯъ намуд.

– Абдулатифи ту баоқибат, қобил, – гуфт Усмон-ҷувозгар, – баъзе фарзандҳои нохалаф барин не, падарашро фаромӯш накардааст.

Оҳангар ба ин суханони дӯст ҷавобе надод...

«Баъди ду-се рӯз меоям» гуфтани Латифҷон падари солхӯрдаро серташвиш кард, бечора пирамард барои худ ҳеч ҷои нишастан намеёфт. Ӯ худи ҳамон рӯз тамоми коло ва лашулӯши хонаро бароварда, фаршу сақфи онро чунон бодиққату ҳавсалаи том тоза кард, ки ба қавли худаш, мисли оина шаффоф гардид. Ғазанфар, Акмалу Лола ба ёрӣ омада бошанд ҳам, мӯйсафед ба онҳо бовар накарда, ҳамаи корҳоро худ анҷом медод. Дару тиреза ва тоқчаҳоро покиза мекард, ҳатто як латтаи тар гирифта, акси калони шишабанди бо мурури солҳо зардгаштаи худашу кампирашро, ки ба он муддатҳои тӯлонӣ касе даст намезад, аз гарду хок ва доғи магасҳо орӣ сохт. (Ин сурати калонро як марди осетин бо супориши усто-Зариф аз суратҳои хурд-хурди алоҳида тайёр карда буд).

Усто-Зариф боз як бор ҳамроҳи Ғазанфар ба кӯҳ рафта, арчаи хушк бурида овард. Ӯ мехост, ки захираи ангиштро зиёдтар карда, дар рӯзҳои меҳмонии Латифҷон ба ин корҳо даст назанад. «Падарат маътали мо бошаду вайро бо як хона меҳмон партофта, ба кӯҳ равем, кори сара намешавад, – мегуфт мӯйсафед ба набера. Оҳангар барои тайёр кардани ангишт аз рӯзҳои муқаррарӣ дида барвақттар хеста, ба кор машғул шуд. Ӯ дар лаби ҷӯйбор назди дӯконаш чӯбҳои арчаро бо арраи дастӣ ба қадри яквачабӣ бурида, болои гулхан қалъа мекард.

Ғазанфар якчанд дафъа ҳамроҳи бобо барои арча ба кӯҳ рафта бошад ҳам, тайёр кардани ангиштро имрӯз бори нахуст медид. Ҳоло чеҳраи ӯ аз шӯълаи оташ сурх гашта буду ба кори бобояш бодиққат назора мекард.

– Бобо, бе ҳамин ангишт коратон буд намешавад? – пурсид Ғазанфар, вақте ки усто-Зариф лахчаҳои нимсӯхтаро ба чуқурии ангиштхобонӣ мекашид. Сонӣ пирамард ба рӯи лахчаҳо бо панҷа об пошида, онҳоро зери хок гӯр кард.

Вале пирамард ба саволи наберааш дарҳол ҷавоб надода, дар бораи кадом як чизе хаёл мекард. Ғазанфар хомӯш истодани бобоbooро мушоҳида карда, илова намуд:

– Охир, Шариф-амак порсол аз магазин ангишти мӯл харида оварданд-ку, дар дегдон бисёр сурх шуд, тафсаш ҳам баланд.

– Корам бе ин ангишт ҳам буд мешавад, бачам, – ҷавоб дод усто-Зариф аз банди андеша раста, – вале сара намешавад. Ангишти Шариф оварда ангишти кон. Ангишти кон ғози оҳанро месӯзонад, ғозаш ки сӯхт, оҳан камшира мешавад, – фаҳмонд оҳангар. Ӯ бо бачаҳои хурдсол ҳам тавре сухан мегуфт, ки гӯё

дар сӯҳбати калонсолон нишаста бошад. «Хурду калони инсон баробар, ҳама аз як гавҳари пок» ақида дошт пиармард.

– Агар аз оҳани камшира ягон асбоб созӣ, бадошт намебароянд, ба соҳибаш дер хизмат накарда мешиканад. Сонӣ кӣ гунаҳгор? Оҳангар гунаҳгор, – давом дод усто.

Ғазанфар моту мабҳут шуда, ба суханони бобо гӯш медод. Аз ғояти ҳайронӣ даҳони бача андаке боз шуда буд.

Усто-Зариф ҳикоят мекард:

– Ангишти бурс ҳикмати зӯр дорад, ғози оҳанро намесӯзонад, балки онро лола барин механдонад, инро пирам, раҳматӣ усто-Ашӯри оҳангар фаҳмонда буданд. Пирам мегуфтанд, ки оҳангар агар бо ақли дил хандидани оҳанро бинаду фаҳмад, сонӣ устои ҳақиқӣ мешавад. Ба ман ҳам раҳматӣ, фақат баъди ҳамин дуо дода, камарамро баста буданд, «акнун, ки дар рӯи сандонат оҳан механдад, усто шудӣ, Зариф», – гуфта буданд пирам. Ғози оҳан насӯзад, вай абрешим барин мулоим мешавад, сершира мешавад. Одами усто аз вай ҳар чи сохта метавонад, бачам. Пирам ҳикмати дигари ангишти бурсро ҳам мегуфтанд. Ин ангишт оҳану пӯлодро ҷавҳардор мекунад, оҳану пӯлоди ҷавҳардор хосияти дигар дорад, мегуфтанд. Худашон ба йигитҳои дӯстдорашон аз пӯлоди ҷавҳардор корд сохта медоданд. Одам агар ин хел корд дошта бошад, кораш бобаракат мешавад, ба вай ҷину шайтон зарар намерасонад, бачам, аз корди ҷавҳардор ҳар балои азим мегурезад, – пирамард хомӯш монда ба як нуқта каме чашм дӯхту дасти гарони худро бар дӯши набера гузошт. Бача аз дасти бобояш бӯи ангишт, бӯи оҳани зангорбастаро шамид.

– Ғазанҷон, – гуфт усто-Зариф,-медонӣ, одам ҳам ҷавҳардор мешавад, ҳа, ин хел одам ҳикмати дигар дорад. Ту агар одам шуда, маро розӣ мекунонам гӯӣ, одами ҷавҳардор шав, бачам, – бо ҳамин оҳангар гӯё тамоми мақсадаш баён кардани ҳамин панд бошад, лаб аз сухан фурӯ басту дигар чизе нагуфт.

«Оҳани ҷавҳардор хуб будааст, корди аз чунин оҳан сохташударо ҳамроҳ гирифта гарданд, ба одам ҷину шайтон зарар намерасондааст», бо хаёлоти бачагона муҳокима меронд Ғазанфар. Лекин одами ҷавҳардор чӣ хел одам бошад? Киро одами ҷавҳардор гуфтан мумкин? Шариф-амак? Не. Шариф-амак доим бачаҳои худро: «Аз назарам гум шав, дар пеши ман китобатро нахон, дар мактаб хонданат бас набуд, ки боз дар хона мехонӣ, рав барои гӯсфанди шишак алаф биёр, ба ҷувона об деҳ»,-гӯён ҷанг мекунад. Фикру ёдаш гову гӯсфандро фарбеҳ карда, ба бозор

бурда фурӯхтан. Худи Ғазанфар ҳам чанд бор гӯсфандони вайро ба бозор этак карда бурда буд. Лекин Шариф-амак якчанд сар молро фурӯшад ҳам, ба бачаҳояш ҳеч савғотӣ намехарад, ба занаш Шаҳрбону-хола ҳам ягон чиз намеорад. Ҳар дафъа, ки вай аз бозор ояд, занаш ғур-ғур мекунад, то вақте ғур-ғур мекунад, ки Шариф-амак «дам шав-е, натақатро гир-е, кампири ҷалоҷин, сару калобаамро ёбам, сонӣ мехарам-дия, гурехта нарафтааст-ку» гӯяд, хола дигар хомӯш мешавад.

Не, ин хел одам набояд одами ҷавҳардор бошад.

Хайр, дадоям чӣ?

Ғазанфар чеҳраи падари худро пеши назар оварда натавонист. Ҳаминро медонист, ки вай падари худ, яъне бобои азизу меҳрубони Ғазанфарро кам хабар мегирад, ба ягон кораш мадад намерасонад, мушкилашро осон намекунад. Боз аз ҳама аламовар он ки Ғазанфару модараш Манзураро партофта, ба шаҳр рафта, зани дигар гирифта буд. Магар чунин одамро одами ҷавҳардор гуфтан шояд? Ҳаргиз!

Пас, кӣ одами ҷавҳардор аст?

Ҷангалбони совхоз Маманаими чилдурӯғ чӣ? – ба андешаҳои худ давом медод Ғазанфар, – вай чӣ хел одам аст, аз номаш ҳам маълум. Ин одами паканаи шикамкалони кӯсанамо, ки чашмони хурд-хурди бозингараш нуқтаҳои сиёҳ доштанд, ба Ғазанфар ҳеч маъқул набуд. Бисёр сокинони Гулгунхона аз бадаъмолии ин шахс шикоят мекарданд, ба вай нафрат доштанд. Ин гапҳоро Ғазанфар дар устохонаи бобо борҳо шунида буд. Масалан, Нор-механики совхоз дар давраҳо нишаста мегуфт, ки вақти хонадоршавии Маманаим ба вай сесад сӯм пул қарз дода будааст. Аммо чилдурӯғ, сонитар, аз қарз мункир шудааст. Дар бораи ҳаромхӯрии ҷангалбон ҳамсояи Шариф-амак Муборак-кампир оби дида рехта, шикоят мекард, аз сӯзи дарун оҳу нола дошт. Муборак-кампир танҳо мезист. Ӯ дар соботи ҳавлӣ як сар гӯсфанд парвариш мекард, ки бо сад ният рӯзи аз аскарӣ омадани писари яккаю ягонаи худ онро кушта, ба халқ тӯй диҳад. Зеро писарашро ниҳоят дӯст медошт, сари ӯро ба ҳазору як мазор ниёз карда, талабидаю харида гирифта буд. Як рӯз чилдурӯғ ба хонаи кампир омада, ба сад макру фиреб мегӯяд:

– Аммаҷон, – забон мекушояд чилдурӯғ худро хеш тарошида, – имрӯз рӯзи нигоҳ доштани обрӯи ман, ору номуси ман. Шумо обрӯи маро нигоҳ дошта метавонед. Дар хонаам калонҳои совхоз меҳмон шуда шиштаанд. Молам дар айлоқи поён, пеши Халил-

бои чӯпон. Ҳамин гӯсфандатонро ҳозир қарз диҳед, фардо ман ба шумо гӯсфанд меорам.

– Пагоҳ-бегоҳ писарам ояд, ман чӣ мекунам? – илтимоси чилдурӯғро гардонданӣ мешавад Муборак-кампир.

– Э, хола, ҳамин қадар сол дар як қишлоқ зиндагӣ мекунем, наход бовар накунед. Худи пагоҳ аз рамаи Халилбой ду сар гӯсфанд оварда медиҳам, охир, мебинам, гӯсфандатон дастпарвар аст, хеле фарбеҳ, – оби даҳон рехта зорӣ мекунад чилдурӯғ.

Муборак-кампири соддалавҳ бовар карда, гӯсфандро медиҳад. Лекин рӯзи дигар Маманаим ду сар гӯсфанди ваъдагиро намеорад. Ҳар гоҳ Муборак-кампирро дар кӯчаю паскӯча бинад, бешармона «хотирҷамъ бошед, гӯсфандатонро меорам» мегуфтааст чилдурӯғ ба рӯяш чарм кашида, Муборак-кампир чизе нагуфта, оби дидаи худро ба нӯги қарс пок карда, ба роҳаш мерафтааст. Рӯзи аз аскарӣ омадани писари кампир Маманаим ба воситаи Халилбой як сар бузи харобу ҳалокро фиристода, бо Муборак-кампир ҳамин тавр «адои қарз» кардааст.

Барои чунин қаллобиҳо одамон ба вай «Чилдурӯғ» лақаб дода будаанд. Ба Ғазанфар ҳамин сахт мерасид, ки Маманаим ба оҳангархонаи бобояш омада, нописандона «канӣ, усто, кори маро тезтар иҷро кунед, вақтам нест, маро раис ҷеғ задагӣ» – мегуфт. Бар иловаи ин, тойчаи Ғазанфарро дар назди дӯкон дида, ҳарисона даҳон мекушод. «Усто, ҳамин тойчаи қашқапоятон аҷаб аспи йӯрға мешавад-дия. Аз камараш, аз пойҳои най барин дарозаш маълум. Духтарони хушрӯ барин талабгоронаш бисёр мешаванд».

Ғазанфар аз оҳанги омирона, аз баднафсии чилдурӯғ дар ғазаб шуда мехост, ки мушти кӯчакашро гиреҳ баста, ба ҷоғи камришу сергӯшт ва лаблабу барин сурхи вай якто фурорад. Лекин боз худдорӣ мекард.

– Бобоҷон, кори ин одами гандаро буд накунед, – мегуфт Ғазанфар баъди аз дӯкон рафтани чилдурӯғ.

– Парво накун, бачем, ба худаш ганда, – сари набераро мемолид усто-Зариф.

Ғазанфар ҳамаи инро андеша карда, ба ақлу фаросати тифлона ба ақидае меомад, ки чилдурӯғ одами ҷавҳардор он тараф истад, умуман аз кӯчаи одамият нагузаштааст.

Пас, чӣ гуна кас одами ҷавҳардор мешавад?

Дар охир пеши чашмони Ғазанфар танҳо симои Зариф-бобо ҷилвагар шуд, ки сокинони Гулгунхона дар бораи ӯ ба ҷуз ҳарфи

нек дигар чизе намегуфтанд. Одами ҷавҳардор бобояш буд, бача дигар касро баробари усто-Зариф гузошта наметавонист. Дар Гулгунхона ҳам хурду ҳам калон усто-Зарифро дар ҳозиру ғоиб эҳтиром мекарданд.

... Ғазанфар ин ҳикояро аз даҳони Усмон-ҷувозгар шунида буд. Боре зимистони қаҳратун меояд, барфи бисёр меборад. Зафар ном коргари идораи роҳсозӣ, ки дар ҳудуди совхоз мезист, зери тарма монда, чор нафар фарзанди худро ятим мекунад. Ғам ҷӯра-ҷӯра меояд, гуфтаанд, баҳори ҳамон сол аз бағали кӯҳ сел шорида, ба хонаи сағираҳои Зафар сахт осеб мерасонад. Албатта, аз тарафи маъмурияти хоҷагӣ ва ноҳия ба осебрасидагон ёрӣ расонданӣ буданд. Намояндагон омаданд. Аммо имдоди усто-Зариф ҳамаро дар ҳайрат мегузорад. Ӯ ба айвони хонаи додари худ кӯчида мегузараду ҳамроҳи кампираш ба назди зани бевамондаи Зафар омада мегӯяд:

– Бори мо сабук. Мо дар бисотамон буду шудаш як бача дорем. Марҳамат, шумо бо фарзандонатон ба ҳавлии мо гузаред. Ва ҳамроҳи кампираш ба кӯчкашӣ ёрӣ медиҳад.

Усто-Зариф ҳавлии ҳозираи худро баъди гарм шудани ҳаво месозад, то сохтани хона ба қавоқи гирифтаи зани додараш базӯр тоб меорад...

«Одамгарии ин дар ҳеч кас нест, усто-Зариф фаришта» гуфта буд ҳамон вақт Усмон-ҷувозгар.

Чӣ хел одам будани фариштаро Ғазанфар нафаҳмида буд, лекин медонист, ки аз фаришта кори бад намебарояд, фаришта одами нағз аст...

Бо ҳамаи далелҳо Ғазанфар қарор дод, ки бобояш аз қабили одамони ҷавҳардор аст.

Рӯзе як кас доси шикастаеро ба дӯкони усто-Зариф овард.

– Усто-бобо, ҳаминро кафшер карда диҳед, – илтимос кард ҳамон шахс ва досро назди оҳангар монда рафт. Оҳангар ин тарафу он тарафи досро аз назар гузаронд.

– Теғаи дос бекора шудааст, – гуфт пирамард ба набера,-теғаи дигар мемонем.

– Сипас як пораи фулузот ва он доси кӯҳнаро бо анбӯри дастдароз гирифта, дар миёни оташи фурӯзони кӯра гузошт.

– Канӣ, Ғазан, дам деҳ, – гуфт оҳангар.

Ғазанфар ба дамдиҳӣ даромад. Усто-Зариф гоҳ-гоҳ оҳанпора ва дастаи досро бо анбӯр гирифта, ин тарафу он тараф гардонда

медид. Вақте ки оҳанпора ба дараҷаи зарурӣ сурх шуд, оҳангар даст бардошт. Ин маънои «шуд»-ро ифода мекард.

Усто-Зариф оҳанпораро дар кафи сандон ниҳод. Аз он оҳанпораи сиёҳ ному нишоне намонда буд. Ғазанфар дар сандон, пеши болғаи бобо оҳани тамоман сурхеро медид, ки ба лолаи калоне шукуфта, ба лолаи хандон мемонд. Аз ин оҳанпораи сурхи тофта шарора мерехт. Вақте ки усто-Зариф ба анбӯри дасти чап оҳанпорарo дошта, ба болғаи дасти рост онро гӯё барои хандаи бемаврид кӯфт, оҳанпора мисли хамир паҳн шуд. Бобо ба сӯи набера ба маънои «дидӣ» чашм дӯхт. Ҳамин лаҳза ба ёди Ғазанфар «ангишти бурс ҳикматнок, оҳану пӯлодро бирешим барин мулоим мекунад, механдонад, сершира мекунад» гуфтанҳои бобо расиданд.

Ҳангоми болғазании усто-Зариф аз рӯи сандон лахчае парид ва ба дасташ часпид.

– Бобо, дастатон сӯхт, – бонг зад Ғазанфар, – оташро кушед.

– Оҳан батоб аст, – бепарвоёна ҷавоб дод усто-Зариф ва дигар ҳарфе нагуфта болғазаниашро давом дод. Баъд ӯ пораи фулузотро, ки ба кафшер кардани дос хеле мувофиқ карда буд, боз ба кӯра гузошта, ба сухан даромад.

– -Боре ба як оҳангар хабар додаанд, ки «ҳӯй фалонӣ, пирхонаатро банд, дадот мурд». Оҳангар ба ин гап ҷавоб додааст: «оҳан батоб аст» ва корашро давом додан гирифтааст. Медонӣ, барои чӣ оҳангар ин тавр гуфтааст?- – ба чашми ӯ нигарист усто-Зариф.

– Барои он ин тавр гуфтааст, ки –худи ӯ ба саволаш ҷавоб дод, – оҳангар бояд аввал оҳани батобро кӯфта, сонӣ аз паи кори дигар шавад. Оҳани сардро дигар хуб обутоб додан душвор аст, оҳани сард кӯфтан кори бефоида кардан аст. Аз оҳани сард чизи сара сохта намешавад. Ана, оҳангарон ҳамин хел ҳикмат доранд.

Усто-Зариф ақида дошт, ки Ғазанфар акнун баъзе чизҳоро дарк мекунад, бинобар ин сирри касбашро бояд қадре ба ӯ фаҳмонад. «Соҳиби ҳар кадом касбу ҳунар шавад, ихтиёраш, – аз дил мегузаронд мӯйсафед, – лекин оҳангарирo ҳам омӯхтанаш савоб. Вақту бевақт болғаи маро гирифта, «даст-дасти ман не, дасти бобом» – гӯён ягон чиз созад, сара мешавад». Ана, бо ҳамин мақсад ба дасти набера хоискро дода, худ дос ва теғаи онро ба анбӯр аз кӯра бароварду ишора кард.

– Ана, ба ҳамин ҷо зан!

– Хуб, – гуфт Ғазанфар ва ба ҷои ишоракардаи бобо зад.

Вале зарбаи ӯ ба ҳадаф нарасида, тиқирросзанон ба сандон бархӯрд. Писарак аз хато рафтани зарбаи худ шармид ва хоискро кашида истод.

– Ҳа, – гуфт усто-Зариф, – наист, задан гир, охир оҳан батоб аст.

Ғазанфар хоискро баланд бардошта, ба ҷои нишондода мезад. Вале баъд аз ду-се дафъа фақат як бор ба ҳадаф мерасид.

Усто-Зариф бо анбӯри дасти чап оҳани сурхро дошта, бо болғаи дасти рост баробари зарбаи Ғазанфар оҳиста-оҳиста ба сандон мезаду гӯё бо ҳамин ҳар як зарбаро тасдиқ мекард. Аз зарбаҳои хоиску болға «тиқ-тиқ» садоҳо мебаромаданд. Пас аз як муддат зарба задан дар пешонаи Ғазанфар қатраҳои арақ пайдо шуданд, усто-Зариф инро дида, болғаро дар рӯи сандон якпаҳлӯ гузошт. Вале наберааш маънии якпаҳлӯ гузошта шудани болғаро нафаҳмид, бинобар ин усто «бас»-гӯён Ғазанфарро боздошт ва оҳану дастаи досро ба кӯра гузошту гуфт:

– Шогирд бояд доим зираку ҳушёр бошад ва ҳамин ки болғаи усто дар рӯи сандон якпаҳлӯ шавад, зуд зарбазаниро тамом карда, хоиски худро ба сӯе гирад ва ба усто нигарад, мунтазири дастури минбаъдаи вай бошад. Яъне якпаҳлӯ шудани болғаи усто маънии «исто»-ро дорад, акнун фаҳмидӣ?

– Фаҳмидам, бобоҷон, минбаъд доим ҳушёр мешавам, диққат мекунам, – ҷавоб дод Ғазанфар.

– Офарин, шери бобо,-хушҳол шуд усто-Зариф ва ба нишон додану фаҳмондани асбобҳои оҳангарӣ шурӯъ кард. – Аввалин асбоби оҳангарон анбӯр будааст. Муаллими одамизод табиат аст, асбобсозиро ҳам аз табиат омӯхтааст. Пири оҳангарон ҳазрати Довуд боре саги даргоҳи худро дидааст, ки поҳояшро ба шакли хоҷ ниҳода хобидааст. Инро дида, пайғамбарамон анбӯрро сохтаанд, ана, мо, ҳамаи оҳангарон, то ҳол аз он истифода мекунем. Сонитар, ин асбобҳо баромадаанд, – пирамард саночи фарсудаеро кушода ба Ғазанфар нишон дод.

– Мана, ин сумаи ёшгир, ин-ахирсума, инҳо – қалам, занҷилақалам, моҳқалам, ситорақалам...

Бача чунон моту мабҳут шуда ба суханони бобо гӯш медод, ки гӯё пеши чашмаш водии нави рангине боз шуда бошаду ин мӯйсафед бобояш набуда, балки кадом як соҳир ва ё афсунгарест аз олами номаълуми афсонавӣ.

Усто-Зариф даҳони саночро баста, онро як сӯ гузошту расани дамро ду-се бор кашида, кӯраро кофт.

– Ин тарафи корро худам мекунам, – гуфт мӯйсафед, – ту нигоҳ кун.

Оҳангар теғаи досро аз кӯра бароварда дид ва боз ба даруни оташ гузошт. Ин дафъа дастаи досро гирифта, зери зарбаҳои болға ниҳод ва онро ҳам дар оташ монд.

– Оҳану пӯлод ба ҳам ҷангӣ, – кинояомез гуфт усто-Зариф, – ҳич ба якдигар ҷӯр намешаванд. Ду одам агар бо якдигар ҷанг кунанд, каси дигар ононро囗оштӣ медиҳад. Оҳану пӯлодро ана ҳамин чиз оштӣ медиҳад, – пирамард коғази кӯҳнаи равғанинеро кушода, моддаи хокаеро ба Ғазанфар нишон дод, – номи инро танакор мегӯянд, ҳамин танакор оҳану пӯлодро ба ҳам мепайвандад. Ҳозир ту инро бо чашмони худ мебинӣ.

Пирамард теға ва дастаи досро гирифта, ба сандон гузошт. Ба ҷӯйчаи теғаи пӯлодин каме танакор пошиду дастаи оҳанини онро пахш карда буд, ки дуди тунуке баромада, дар ҳаво зуд ҳал шуд. Бо ду-се зарбаи усто пайвандии теғаи пӯлодин ва дастаи оҳанини дос дерпо гашт.

– Мана, дос ҳам акнун тайёр, – гуфт усто-Зариф онро аз назар гузаронда, – доси сара шудааст, – хушҳол шуд ӯ.

– Камтар истад,сонӣ ба чарх мегирем.

Ғазанфар досро, ки нав аз дами болғаи бобояш баромада буд, ба об тар кард.

– Нони оҳангарон бисёр ширин, – ба сухан даромад усто-Зариф, барои пеш бастан пойтешаеро аз назар гузаронда. – Кори як касро кунӣ, барака ёб гӯяд, савоб аст. Нонаш нӯши ҷонат мешавад, роҳат мекунӣ. Барои ҳамин ҳар болғаро бояд аз сидқи дил занӣ, корат ҳам дар он сурат сара мешавад. Лекин оҳангарони нопокро халқ радди маърака мекунад.

– Як оҳангар ҳамин тавр радди маърака шуда будааст, – нақл кард усто. – Дар деҳае оҳангари пухтакору доное мезистааст. Асбоби сохтаи ӯ дар ҳама ҷо қимати баланд доштааст. Мардум вайро эҳтиром карда, дар ҳар кор аз ӯ маслиҳат мепурсидаанд. Ҳамин оҳангар садри ҳар маҷлис ва пешгаҳнишини ҳар маърака будааст.

Рӯзе як дузд наълҳои кандашудаи аспону маркабҳоро ғундошта, назди усто меорад ва арзи муддао мекунад:

– Ҳӯ, усто, ҳамин наълҳоро гудохта, чил рӯз ба заҳраи одамӣ обутоб деҳ ва корде бисоз, ки ҳар оҳану пӯлодро ба як зарба бибурад.

Оҳангарон медонанд, ки наълҳои кандаи сутурон фулузоти

беғашу мустаҳкаманд ва ин наълҳоро гудохта, ҳар асбоби хуб сохтан мумкин, лекин ҷоиз нест.

– Хуб, тақсир, – гуфтааст устои тарсончак ларзону парешон даст пеши бар гирифта ва ҳамон лаҳза ба кор оғоз кардааст.

Усто наълҳоро гудохта, онро чил рӯз ба заҳраи одамӣ обутоб дода, корди бурроe сохтааст, ки ҳеч оҳану пӯлод пеши он тоб намеовардааст.

Дар рӯзи чилум дузд кордро гирифта, барои имтиҳон аз ангушт ғафстар пӯлодро бо як зарба мебурад. Пас вай аз шодӣ давону ғазалхон рӯ ҷониби деҳа тофтааст.

Мардуми деҳа ҳама дар кӯҳу пуштаҳо ғалла медаравидаанд. Дузд ҳар рӯз зулфини дареро бо он корд бурида, молу мулки халқро ғорат мекардааст. Ба ҳамин тариқ, то огоҳ шудани мардум мулки аҳли деҳа ба тороҷ рафта буд.

Одамон аз паи дузд афтода, ӯро басе ҷустуҷӯ карданд. Вале аз ӯ ному нишоне наёфтанд. Гуфтанд, ки дузд ба деҳаи дурдасти дигаре рафтааст.

Овозаҳо паҳн шуд, ки ба ҳамон дузд оҳангари деҳа корди пӯлодгузар сохта додааст. Мардум зулфинҳои буридаро дида, инро собит карданд ва аз оҳангар рӯ тофтанд. Рӯзгоре чанд бигузашту касе дигар бо оҳангар мулоқот надошт ва пурсуҷӯяш намекард. Оҳангари нопок мардуди халқ шуда буд ва ӯ ба тарафи кӯҳу дараҳо рафт ва талаф гашт...

– Ин оҳангар, – ба ҳикоят хотима дод усто-Зариф, – ду гуноҳ кард: аввал ин ки ба дузд дидаю дониста корди махсус сохт ва сонӣ онро бо пешоби одам обутоб дода, дӯкону дастгоҳро ҳаром кард.

Барои ҳамин ҳам вай радди маърака шуд...

Ин қиссаи усто-Зариф барои Ғазанфар сабақи хуби оҳангарӣ гардид.

* * *

Латифҷон ҳамроҳу зану фарзандаш Майсараю Фарид дар маркази ноҳия аз автобус фаромадан замон бо писари Усмонҷувозгар Мурод вохӯрд.

– Канӣ, кадом шамолҳо паронд, – бағал кашида пурсупос намуд Мурод, – тамоман одами шаҳрӣ шуда рафтед-ку, ако, дар роҳи омаданатон чашмамон чор, – илова кард ӯ. –Бегоҳӣ устобоборо дида будам, он кас ҳамин шабу рӯз омаданатонро гуфтанд. Саломатии худашон нағз, даҷам, давлати мою шумо тинҷию даҷамии падару модарамон-дия, ҳамин тавр не?

– Ҳа, ҳамин тавр, уко, – кулоҳро дар сар батартиб овард Латифҷон.

– Мана, ҳамин мошини ман, – гуфт сонӣ Мурод, – агар дар ноҳия кор надошта бошед, ба Гулгунхона меравем. Усто-бобо ба шумо интизор.

– Муродҷон, мошини нав муборак шавад, – гуфт Латифҷон дари «Жигули»-и норинҷиро боз карда, – аз ҳаштуним ҳазориҳо-ку.

– Ташаккур, ако, давлати падарам зиёд шавад, он кас тӯҳфа карданд.

Мурод мошинро ба ҳаракат даровард.

Вақте ки «Жигули» як сигнал дода, дар назди оҳангархона қарор гирифт. Усто-Зариф дар назди сандон ҷунбуҷӯл мекард.

Ғазанфар чун ҳамеша таноби чармини дамро гирифта, ба бобо ёрӣ медод.

Пирамард овози мошинро шунида, пешгиракро ҳам накушода саросема берун баромад. Дар остонаи дӯкон вай Латифҷонро дида, оғӯши худро боз кард.

– Писарам, бардам ҳастӣ, тану ҷонат саломат, – мӯйсафед Латифҷонро дуру дароз бағал гирифта, бо садои ларзон ҳолпурсӣ мекард. Танҳо овози ӯ не, балки тамоми пайкараш меларзид. Оҳангари пир ҳамин лаҳза ба чиноре монанд буд, ки аз вазиши шамол ба ҷунбиш омадааст. Усто-Зариф ҳамин зайл писарро хеле ба сандуқи дил пахш намуда истоду сонӣ бо келинаш салом кард ва Фаридро бардошта бибӯсид.

Бача аз он ки риши бобо ба рӯяш расид, тарсида ба гиря даромад.

– Эй беғайрат-е, беғайрати бобо-е, – оҳангар набераи шаҳрии худро ба замин гузошт. Бача ҳамон лаҳза ба модар наздик шуда, аз домани кӯтоҳи ӯ маҳкам дошт.

Ғазанфар ҳамаи инро аз даруни оҳангархона мушоҳида мекард. Вақте ки усто-Зариф «Ғазан, берун баро, дадот омад» гуфта, ба дарун сар хаст, наберааш аллакай ғайб зада буд. Ҳалқаи даричаи қафои оҳангархона оҳиста-оҳиста меҷунбид.

– Ин қадар одамгурез шудааст, – ба оҳанги сард гуфт Латифҷон.

– Намедонам, ин дар табиаташ набуд, – ҷавоб дод пирамард, – ҳеҷ боке не, бача-дия, одат мекунад.

Латифҷон дар хонаи падар дер наистод.

Акнун ду рӯз гузашта буд, ки тараддуди рафтанро дид.

– Дадо, бояд зудтар равем, – гуфт ӯ саҳаргоҳ, вақти чойхӯрӣ, ташвишам бисёр.

Усто-Зариф баъди ин суханони писар хеле вақт хомӯш истоду ба оҳанги гила гуфт:

– Дар шаҳрҳои мусофирӣ худатро серташвиш карда гаштай-дия. Кори сара накардӣ, ки худатро ғариб кардӣ. Дар ҳамин ҷо ҳам ягон машғулӣ меёфтӣ, мешуд. Рӯзат намегузашт магар, гул барин мегузашт. Охир, ман пир шудаам. Аъзои баданам доим дард мекунад, худамро бисёр вақт суст ҳис мекунам. Дар дуконам ҳеч кас нест. Ҳеч кас нест, ки болғаи маро аз дастам гирад. Ғазан ҳоло бачагӣ мекунад. Агар дар ҳамин наздикиҳо мешудӣ, мурам, ба болоям як бел хок мепартофтӣ.

Пирамард боз хомӯш шуда, нонрезаи дар рӯи гилем афтодаро чида ба даҳонаш бурду ба писараш нигоҳ кард ва:

– Ҳикмати ин мусофирии туро нафаҳмидам, – гуфт.

– Дадо, охир ман бо кори илмӣ машғул, чаро шумо инро фаҳмидан намехоҳед.

– Агар дар пеши ман машғулии худатро кунӣ, оё ман дасту поятро мебастам? Мана, худат бин, Абдулатиф, чӣ қадар ҳамсолонат дар қишлоқ, дар ҷое, ки хуни нофашон чакидааст, хонаву дар кардаанд. Писарони Абдулло-нонвой, Усмон-ҷувозгар ту барин шаҳрӣ нашуда бошанд, ягон ҷояшон кам аст магар. Ко-рашон сара, рӯзгорашон биноӣ. Ту худат бемеҳр баромадӣ, ба-чам.

Дар ҳамин вақт зани Латифҷон аз ҳавлии Шариф-амак бо ка-рашма баромада:

– Лёня, ман тайёр шудам, ба роҳ мебароем?-гуфт.

– Майяхон, ман ҳозир, – кулоҳро аз рӯи болишт гирифта, ҷаста хест Латифҷон. Дигар суханони усто-Зариф нагуфта монданд.

Мурод «Жигулӣ»-и муҷаллои худро оҳиста-оҳиста ронда ба ҳавлӣ даромад ва ду маротиба «пип-пип» сигнал дод. Усто-Зариф мошини Муродро дидан замон «ҳа» гӯён чизеро ба хотир оварду ба замин такя карда бархост ва роҳравон локиашро кушода, миё-нашро аз болои ҷелак маҳкам баста, ба тарафи дӯкон рафт.

– Хола, ба бачаҳоятон нағз нигоҳубин кунед, намешавад, – гуфт Майсара ба ҳамсари Шариф-амак вақти хайрухуш, куртаи андаке гардолуди Лоларо дида, – боз сарутанашон чиркин шуда касал нашаванд.

– Ғам нахӯред, гардам, бачаҳои мо ғалтида-хеста калон меша-ванд, – ҷавоб дод Шаҳрбону-хола, – хоку чанги қишлоқамон

микрӯб надорад, ҳа-а, бачаҳо сарлучу пойлуч гашта касал намешаванд, – киноя кард ӯ.

«Анча олуфтасатанги танноз будааст», – гуфт дар дил Шаҳрбону-хола, ки Майсара аз рӯзи омаданаш ба ӯ маъқул нашуда буд.

Вақте ки пирамард бастаеро зери каш ниҳода, ба гусели фарзанд омад, зани Латифҷон аллакай дар даруни мошин менишаст. Латифҷон бо Мурод ва Шариф-амак сӯҳбат карда, дар назди мошин рост меистод.

Усто-Зариф ба назди онҳо рафта, аз оринҷи писар гирифта, ба каноре бурд ва бастаро сӯяш дароз карда гуфт:

– Мана, ин шаш ҳазор сӯм. Як қисмро раҳматӣ модарат ғундошта буд, як қисмро худам. Ба ҳамин якто «Жигулӣ» гир, мо ҳам орзую ҳавасамонро шиканем. Сонӣ, маро тез-тез хабар гирифта ист. Дурӯза умрам мондагӣ ё не, кӣ медонад? Баъди сари ман дар ҳаққам дуою фотеҳа хонӣ, бас, дигар аз ту ҳеч тамаъ надорам.

Латифҷон пулро аз дасти падараш гирифта, ба даруни ҷузвдон гузошту якбора хушҳол шуда, табъаш болид ва дар борaи «кори муҳим»-и дар мактуб навиштааш дигар чизе нагуфт.

Шариф-амак ба Латифҷон пул додани бародари худро магар пай бурд, ки якбора рангаш канд.

Латифҷон бо ҳама хайрбод карда, дар паҳлӯи Мурод нишаст. Усто-Зариф «роҳи сафед, кушоиши кор»-гӯён дастони худро ба чеҳраи пурочингаш молид.

Ғазанфар фақат баъд аз рафтани падар ба назди бобо омад. Ӯ бо падар, моиндар, додари ӯгай – Фариди фисин ҳеч унс нагирифта, аз онҳо мегурехт. Ду шаби меҳмонии падараш ба хонаи бобо наомада, бо фарзандони Шариф-амак мехобид. Шариф-амак, усто-Зариф чанд дафъа хостанд, ки Ғазанфарро ба назди падар оранд. Вале писарак ҳаргиз омадан намехост ва ҳамин ки дар ин хусус касе сухан ронад, ӯ гӯш накарда, ба ягон тараф мегурехт. Латифҷон инро фаҳмида «хайр, ҳеч боке не, калон шавад, худаш мефаҳмад» гуфт.

...Бегоҳӣ усто-Зариф ба Ғазанфар фармуд, ки байталу тойчаро ба сой бурда об диҳад.

– Ин ақиқи асил, – гуфт боз оҳангар, – ба ёли тойчаат банд, хосияташ сара, ба ту омӯхта мешавад.

Ғазанфар ду дона мӯҳраи шаффофро ба бағалкиса андохта, аспҳоро тарафи сой ронд.

Вақте ки аспҳо об мехӯрданд, Ғазанфар ҳуштаккашон ба тойча наздик шуда, хост, ки мӯҳраҳоро ба ёли зарринтобаш бандад. Вале тойча ба миёнатари сой рафт. Ғазанфар дигар то об хӯрдани аспҳо дар соҳил истода, ба оҳанги форам мулоим-мулоим ҳуштак мекашид.

Аввал байтал, баъд тойча аз сой баромаданд. Ғазанфар яккачилави байталро дароз дошта, тоқиашро аз сар гирифту дар даруни он як дона қанди дар киса доштаашро гузошт ва «маҳ-маҳ», «беҳ-беҳ»-гӯён ба тойча наздик шудан гирифт:

*Зуд о, эй тойи зарринёли ман,*
*Аз ту бошад некӯии фоли ман.*
*Зуд о, эй тойи зарринёли ман,*
*Бо ту маҳкам бозуи ман, боли ман,*
*Зуд о, эй тойи зарринёли ман.*

Тойча фук боло карда, дар ҷояш истод. Ғазанфар тоқиро ба фуки тойча дароз намуд. Тойча паракҳои биниро бурма карда, гирду атрофи тоқии соҳибашро бӯида-бӯида, қандро ба лабонаш гирифт. Ғазанфар тоқиро нармакак пӯшида, боз оҳиста ҳуштак кашид. Ӯ мехост, ки тойчаро ба ҳуштаки худ дурустакак омӯхта кунад. Тойча гӯё мақсади Ғазанфарро фаҳмида бошад, ки ором меистод. Ин дафъа Ғазанфар қандро дар рӯи даст ниҳода, ба тойча дароз кард. Тойча ҳам қандро гирифта, ба хоидан даромад. Дар ҳамин вақт Ғазанфар ёли тойчаро бо даст шона кард. Тойча ҳамон ором меистод. Сонӣ Ғазанфар мӯҳраҳоро ба ёли тойча баст. Мӯҳраҳои ақиқин дар рӯи ёли тойча зери шуоъҳои офтоб ба сад ранг ҷилванамоӣ мекарданд...

Ғазанфар байталро дар яккамех мебаст, ки Акмал тозон омад.

– Имшаб дар клуби совхоз кинои ҷанг мешудааст, – хабар расонд ӯ, – лекин медонӣ, дадом барои белат пул надоданд. «Аз species бобоят гир, пули бобоят бисёр» гуфтанд. Чӣ мекунем?

– Хайр, биё пеши бобоям меравем, – роҳ кашид Ғазанфар.

Усто-Зариф ба охури асп коҳ меандохт.

– Бобо, ба қишлоқамон кино омадааст, кинои ҷанг, – гуфт Ғазанфар, – шумо ҳам намеравед?

– Лаббай, кинои ҷанг бошад, меравам, ҳамаамон меравем, – табассум кард оҳангар. – Лола куҷост? Магар вай кинои ҷангро намебинад?

– Вай ҳам меравад, бобоҷон, – дарҳол ҷавоб дод Акмал.

– Ҳоло ҳавлӣ мерӯбад, ҳамин ки ҳавлиро рӯфта шуд, очаам иҷозат медиҳанд.

– Ин тавр бошад, кор сара мешудааст-дия, – рамуз гирифт усто-Зариф. – Мана, ту паттаашро гир, – оҳангар аз ҳамёни фарсуда ду сӯм бароварда, ба Ғазанфар дод, – ман ҳам Лола барин корҳоямро тамом кунам, сонӣ ба кино меравем. Лекин ман худам ба худам иҷозат медиҳам.

Бачаҳо хандида ба тарафи клуби совхоз дартоз шуданд.

Лекин бегоҳӣ усто-Зариф ба тамошои кинофилм рафта натавонист. Ӯ ду пиёла наботчой хӯрду «бетоб шудан дорам» гуфта, ҷойгаҳ андохта хобид.

Ҳангоме ки Акмалу Лола либосҳои тоза пӯшида ба ҳавлии усто-Зариф омаданд, Ғазанфар бо сари хам ба онҳо гуфт:

– Бобоям касал. Ман ба кино намеравам. Мана, белат, худатон раветон.

– Ман касал-пасал не, ҳамин тавр каме монда шудаам. Рав Ғазанфарҷон, тамошо кун. Сонӣ ба ман нақл мекунӣ.

Ӯ ночор бо Акмалу Лола ба кино рафт. Ҳамон шаб дар клуби деҳаи Гулгунхона кинофилми «Озодӣ»-ро нишон доданд.

Одамон баъд аз тамошо гурӯҳ-гурӯҳ шуда, киноро муҳокима карда, ба хонаҳояшон мерафтанд.

Ғазанфар хаёл дошт, ки агар бобояш нахобида бошад, таассуроти худро ҳикоя хоҳад кард.

Вале ба ҳавлӣ қадам ниҳодан замон оҳу воҳи боборо шунид. Шариф-амак ва Шаҳрбону-хола дар гирди ҷойгаҳи усто-Зариф ҷунбуҷӯл доштанд.

– Одами пир ҳамин-дия, имрӯз сиҳат, фардо бемор, – ғур-ғур мекард Шаҳрбону-хола.

– Бобоҷон, ба шумо чӣ шуд! – Ғазанфар бо овози гиряолуд пурсид ва хам шуда аз пешонаи бобо бӯсид. Бача бо лабони худ ҳарорати баландро ҳис кард.

– Ҳеч боке не, бачем,-базӯр табассум кард усто-Зариф, рафта хоб кун, – илова намуд ӯ.

Маълум буд, ки пирамард бо душворӣ нафас мекашид.

– Келин, ба Ғазанфар ҷой партоед.

Сипас ӯ ду-се дақиқа чуқур-чуқур нафас кашида, ба наберааш муроҷиат кард:

– Рав, Ғазанфарҷон хоб кун, пагоҳ хезӣ, ман сиҳат шуда, аз ҷойгаҳ сар мебардорам.

Шаҳрбону-хола ва Ғазанфар аз ҷо хестанд.

– Бобоҷон, то саҳар саломат шавед, – гуфт Ғазанфар ба тарафи ҳавлии Шариф-амак раҳсипор шуда, – ман ба шумо киноро ҳикоя мекунам.

– Албатта, албатта, – гуфт усто-Зариф ва ӯҳу-ӯҳукунон сулфид.

– Бача-дия, дилаш чашма барин соф, – илова намуд ӯ аз қафои набера.

Саҳаргоҳ Ғазанфар аз хоб чашм кушоду дарҳол ба назди бобо омад. Усто-Зариф ба лӯлаболишт такя карда, дароз кашида буд.

– Бобоҷон, нағз шудед? – пурсид Ғазанфар.

– Ҳа, сара.

– Бобо, – ба усто-Зариф нигарист Ғазанфар, – шумо дар дӯконатон тайёрача сохта метавонед?

– Чӣ буд! – табассум кард мӯйсафед. Вақти табассум аён мегашт, ки чашмони оҳангар андаке чуқур нишастаанд.

– Агар шумо тайёрача месохтед, ман ҳай кардани онро ёд мегирифтам. Мана, ин хел, – Ғазанфар дастонашро ба ду тараф ёзонда, дар ҳавлӣ як давр зад.

– Хайр, сара. Агар тайёраро ҳамин хел ҳай кунӣ, ман ба ту якто сохта медиҳам.

– Сонӣ, медонед, чӣ мекунам, – хушҳол шуд Ғазанфар, – ҳамин ки тайёраи рафиқам ғалтид, ман худашро халос мекунам. Дар кинои шаб дидаамон ҳаминро нишон доданд. Оҳиста ба замин мефароям ва то омадани душманҳо рафиқамро аз тайёраи сӯзон бароварда, ба тайёраи худам савор мекунам.

– Кори сара мекунӣ, шери бобо, – ба китфи Ғазанфар тап-тап зад усто-Зариф. – Ин хел ният дошта бошӣ, ман ҳатман барои ту тайёра месозам.

Сипас, оҳангар андак фикр карду гуфт:

– Тайёра месозем. Тайёраро ҳардуямон месозем. Баъди ду-се рӯз ҳамин ки ман ба қувват биёям, ба кӯҳ меравем, бурси хушк меорем, ангишти мӯл тайёр мекунем, ана сонӣ месозем.

Пас аз як ҳафта усто-Зариф бистари бемориро тарк кард. Вале ӯ ҳанӯз хеле камқувват буд.

Шариф-амак дар давраи бемории бародари худ аспи вайро дар заминҳои ангораи қишлоқ сар медод, ки бо тойчааш бичарад.

Дар рӯзи аз болин сар бардоштани усто-Зариф Ғазанфар аспро ба ҳавлӣ ҳай карда омад. Байтал дам ба дам сари худро ба ду тараф меҷунбонд.

– Дар пушти дӯкон сарашро ҳамин тавр меҷунбонд, – гуфт Ғазанфар ба бобо. – Аз пешонаш хун мешорад. Аммо ҳамроҳаш тойча нест, – бача аз ин хеле зиқ буд.

Усто-Зариф аз яккаҷилави байтал дошта, ба ҷои кафидаи сари он бодиққат нигарист.

– Ӯх, – гуфт ӯ ва афсӯсхӯрон бо забон чуқ-чуқ кард.

– Ин кори кадом худобехабар бошад. Ба сари ҷонвари безабон ин қадар ҷабр кардааст, воҳ-воҳ.

Сонӣ ӯ ба Ғазанфар муроҷиат намуд.

– Аз хонаи Акмалино камтар борут биёр.

Ғазанфар тозон рафта, борут овард.

Усто-Зариф онро бо лой омехта, ба пешонаи асп молид.

– Бояд ҷароҳатро ба ҳам орад, – гуфт пирамард.

Гӯё ба тасдиқи ин суханони бобо бошад, асп каме ором шуд. Усто-Зариф аз мехи сутуни пешайвон ҷомаи кабудро гирифта пӯшиду байталро ба тарафи охури қафои дуконаш етак кард. Аспро ба мехи чӯбини назди охур баста, як бандча беда, дар сатил об овард. Байтал об нахӯрд ва ба тарафи беда ҳам майл накард.

– Ҳа, ҷонвар-е, – гуфт усто-Зариф бо овози дардолуд.

– Бобо, тойча дар куҷо бошад? – ба оҳангар ташвишомез нигарист Ғазанфар.

Мӯйсафед андешамандона ба дуродур назар кард.

– Канӣ, миязори лаби дарёро бинем, – пеш даромад ӯ. Бобою набера ба самти ғарбии Гулгунхона рафтанд. Онҳо аз пули Наҳри Калон гузашта, ба миязори лаби дарё расиданд. Дар ҳеч куҷо тойчаи қашқапо наменамуд. Усто-Зариф ба теппачаи чим баромада, даст болои чашмон соябон кард.

Ғазанфар ҳам ба ин омоли бобо пайравӣ намуд. Аз усто-Зариф дида, ӯ бисёртар мехост, ки тойчаро биёбанд. Охир, бобояш қашқапоро ба каси дигар не, маҳз ба ӯ бахшида буд. Ва тойча ҳам ин қадар зебо буд, доим бо модараш мегашт. «Тойча дар танҳоӣ зиста наметавонад, – андеша дошт Ғазанфар,-онро ягон кас маҷбуран нигоҳ медоштагист, вагарна тозон-тозон ба пеши модараш меомад. Агар ҳоло пешонаи кафидаи хунфишони модарашро медид, як лаҳза ҳам аз наздаш дур намешуд».

Усто-Зариф ба юнучқазори байни Наҳри Калону миязор дуру дароз дида дӯхта, ба ёд меовард, ки солҳои ҷавонӣ дар ҳамин ҷо байни човандозони колхозҳои «Тоҷикистони сурх» ва «Октябр» мусобиқаи бузкашӣ барпо шуда буд. Ҳар ду колхоз ҳам дар ноҳия пешқадам ҳисоб меёфт. Ҳамин ки нақшаю ӯҳдадориҳоро анҷом доданд ва ғӯзапояро тоза карданд, човандозону тамошобинон ба ин бузкашӣ ҷамъ омаданд. Човандозони деҳаи ҳамсоя Сангоба ҳам дар бузкашӣ иштирок мекарданд. Роҳбарони ҳар ду колхоз

мутасаддиёни ин мусобиқа буданд. Баъзе коргарони масъули ноҳия низ дар тамошои бузкашӣ ҳузур доштанд.

Дар зери рикоби усто-Зариф ҷирани бозингари қашқапо, бобокалони ҳамин тойчаи гумшуда буд. Дасту бозувони худаш ҳам дар кори оҳангарӣ машқдида буду чунонки бояд варзида. Ҷирани қашқапо ба майдон даромада, бо синаю сар тӯдаи аспонро дукафон карда, савораро зуд ба сари буз расонид. Ҳамин ки панҷаҳои усто-Зариф ба рони буз расид, асп гӯё инро маътал бошад, бо ҳар ду пои пеш боло ҷаҳид. То ба замин расидани пойҳои қашқаи ҷиран усто-Зариф ҳам чолокона рони бузро бо чилбур ба қоши зин сахт қоим кард. Човандозон медонанд, ки агар ҳар касе рони бузро ба қоши зин бандад, буз ҳаққи ҳалоли ҳамон мешавад.

Дар ҳамин вақт овози гулдурросии Ҳусайн-полвон, ки одатан дар ҳамаи тӯйҳои гирду атроф баковул мешуд, ба гӯш расид: «Бардошт! Бардошт!»

Усто-Зариф дасти ростро дар рӯи қоши зин ниҳода, ба дасти чап бо қамчин рони ҷилодори аспро зад. Ҳамин ба ҷиран басанда шуд. Вай, ки аспи таълимдида буд, ба тарзи пешина ду бор пеш ҷаҳид, дигар аспҳо аз ақибаш дартоз шуданд. Лекин ҳамин дам вай ба тарафи рост так андохта, аз ҳалқаи наздик расида ҷудо шуд ва хеле пеш рафт. Ба усто-Зариф дигар ҳунарнамоӣ ва ҷонсупории асп лозим набуд. Айнан дар ҳамин сония човандозон ҷорандозии боз баландтари Ҳусайн-полвонро шуниданд: «Ҳалол! Ҳалол!»

Усто-Зариф дар байни човандозони Гулгунхонаю Сангоба ба мукофоти аввал – патефони наппа-нав бо ду дона қарта соҳиб шуд. (Ин патефон ҳоло ҳам дар кадом як гӯшаи анборхона зери чангу хок хобидааст).

Усто-Зариф лаҳзае аз банди хаёлот раста, ба дастони лоғару костааш нигарист, ки рагу паи кабудчатоби онҳо ҷаста баромада буданд. «Ҳа, – гуфт мӯйсафед дар дил, – аз Наҳри Калон обҳои бисёр ҷорӣ шуданд, аз умри ман ҳам солҳои дароз гузаштанд. Канӣ акнун он қуввату он ҳавсала?»...

...Дар ҳавлӣ байтал мисли пештара сарро ба чапу рост меҷунбонд, безобита мешуд. Ба назари усто-Зариф чунин менамуд, ки беқарории асп афзун шудааст, ҳайвон талвосаи ҷон дорад. Аз пешонааш ҳам хуни сиёҳ мерехт.

Усто-Зариф байталро қашав карданӣ шуд, лекин тамоми бадани асп арақшор буд. Байтал соҳибашро дар назари худ дида, як

шиҳа кашид. «Шояд бачаашро, тойчаро дидан мехоҳад, – хаёл мекард Ғазанфар,-э, ба бадигарӣ вай ҳам намеояд. Агар меомад, бо забони худ ягон гап мегуфт. Охир бобоям мегӯянд, ки ҳамаи ҷонварҳо забони худро доранд, онҳо забони якдигарро мефаҳманд».

Усто-Зариф то як маҳали шаб дар гирду атрофи асп ҷунбуҷӯл мекард. Вале ба дарди асп дармон ёфта наметавонист. Байтал як зайл сар меҷунбонд.

Пагоҳӣ Ғазанфар дид, ки асп дар назди охур мурда хобидааст. Усто-Зариф «Ҳе, ҷонвар, ҳе, ҷонвар»-гӯён дар назди он рост меистод. Бо кадом сабаб бошад, ки дили Ғазанфар пур шуда чизе дар гулӯяш гиреҳ баст.

Ҳамон саҳарӣ Усмон-ҷувозгар ба хонаи усто-Зариф ба аёдат омада буд.

– Ошно, аз касалиат дертар хабардор шудам, – гуфт ӯ узромез,-шукр, ки ҳоло сиҳату саломат ҳастӣ.

Сонӣ ҳар се мурдаи байталро ба ароба бор карда, ба канори деҳа баровარданд.

Ҳангоме ки чуқурӣ мекофтанд, ба ёди Усмон-ҷувозгар нақли як донишҷӯи шинос расид. Инро ӯ ба оҳангар ҳикоя намуд.

Дирӯз ҳамон донишҷӯ ба таътил омада будааст, дар қатори дигар мӯйсафедон Усмон-ҷувозгар ба хонаи вай хабаргирӣ меравад. Донишҷӯ ҳикоя мекард, мӯйсафедон гӯш меандохтанд. Дар шаҳр як одами мансабдор будааст. Мансабаш калон, ташвишаш бисёр, вақташ кам будааст. Ба ҳолу аҳволпурсии падараш ҳам вақт надоштааст. Падари ӯ дар ҳавлии берунишаҳрӣ танҳо мезистааст. Боре вай бемор шуда ду-се рӯз аз по монда, сонӣ вафот мекунад. Чор рӯз даробарои ӯро касе намебинад. Сонӣ як кас аз ҳамсояҳо воқифи ин воқеа шуда, ба мансабдор хабар мерасонад, ки падараш даргузаштааст. «Ин хел фарзанди нохалаф ба нафъи ҳукумат ҳам кори бахайр карда наметавонад», – овоз мебаровард яке аз мӯйсафедон.

– Ҳа, дуруст, – тасдиқ мекунанд дигарон...

– Дар дунё ҳар хел махлуқ ҳаст, – гуфт усто-Зариф нақли дӯсти худро шунида.

– Лекин ин кори чилдурӯғ, – тахмин кард Усмон-ҷувозгар ба болои мурдаи байтал хок кашида. «Ба чарогоҳи совхоз даҳан зад» гуфта, байталро задагист. Дили вай дили инсон не, дили гург. Тойчаро ҳам худаш duздидагӣ. Ҳоло мебинӣ, ягон гап бофта, гӯсфанди Муборак барин ҳазм мекунад.

– Ин золим ҳар кӣ бошад, хун мегирадаш, хуни ҷонвар, – ҷавоб дод усто-Зариф, – охир ҳайвонро ҳам Худо офаридааст.

– Боз ҳамин хелҳоро ҳеч бало намезанад, – ба оҳанги тааҷҷуб гуфт Усмон-ҷувозгар.

Усто-Зариф ба болои байтал оҳиста-оҳиста хок мепартофту дар дил суханҳои додарашро муҳокима мекард. Зеро Шариф гуфта буд, ки овора шуда мурдаи байталро ба ҷои дур набаранду дар ҳамин қарибиҳо ба ягон чуқурӣ партоянд: «Байтал солҳои дароз ҳамроҳам буду акнун чӣ хел онро ба чуқурии миязори лаби дарё партоям, ки гургу шағолҳо хӯрда раванд. Вай хизмати маро карда, пир шуд, акнун ман ҳам пир шудаам, барои замин фарқ надорад, ки дар он аспро гӯр мекунӣ ё одамро». Оҳангар бо чеҳраи ҳазин ба чуқурӣ чашм дӯхта буд.

Тахмини Усмон-ҷувозгар рост баромад.

Вақти бозгашт онҳо бо кӯчаи назди идораи совхоз омаданд. Ҳавлии Маманаими чилдурӯғ дар ҳамин кӯча ҷойгир буд. Онҳо дар пеши дарвозаи оҳанине, ки дар мобайни он бо ранги сурх ситораи калоне кашида шуда буд, қарор карданд. Ҳавлиро девори баланди панҷпохсагӣ аз назарҳо пинҳон медошт.

Онҳо аз даричаи нимроғ вориди ҳавлии Маманаим шуда буданд, ки Ғазанфар якбора фарёд кашид:

– Бобо, ана тойча.

Дар пешгоҳи ҳавлӣ зери дарахти зардолу Маманаими ишкамкалон тойчаро ҷӯл мекард. Ӯ овози бачаро шунида, ба тарафи дарвозахона нигариста лаҳзае беҳаракат истоду сонӣ гӯё чизе рӯй надода бошад,оромона тойчаро ҷӯл кардан гирифт.

– Ассалому алайк мулло Маманаимбой, – маънидорона гуфт усто-Зариф ба назди вай омада. Ғазанфару Усмон-ҷувозгар аз ду тарафаш рост меистоданд.

– Вааллайкум ассалом, – шунида шуд дар ҷавоб.

Ва Маманаим гӯё чизе рӯй надода бошад, бо мӯйсафедон вохӯрӣ кард.

– Тойчаи мо роҳгум зада ба ҳавлии шумо даромадааст,-бо даст ишора кард усто-Зариф. Ва дар ҳамин дам тойча почаи қашқаашро боло бардошта, ба замин таппӣ кӯфт. Ғазанфар инро дид, хост, ки онро аз дарахти зардолу кушода, ба ҳавлии худашон барад. Вале Усмон-ҷувозгар ин мақсади бачаро фаҳмидагӣ барин аз оринҷи ӯ маҳкам дошта меистод.

– Омадем, ки онро гирифта барем, – илова намуд оҳангар.

– Оҳа, ин тойчаро мегӯед, – худро бо гӯлию гарангӣ зад Ма-

манаими чилдурӯғ, – ин тойчаи худам. Фақат дар ин ҷо набуд, дар қишлоқи Сангоба дар хонаи хусурам буд, – чашмони хурд-хурдаш бозӣ мекарданд. – Инро директори совхозамон ҳам медонанд. Дирӯз бо се-чор нафар шарикони кӯрчбарояшон дар хона меҳмон буданд. Лозим шавад, он кас ба ман ёрӣ ҳам медиҳанд. Ана, ҳамон вақт хусурам ин тойчаро оварданд.

Маманаими чилдурӯғ бо ин суханон бо роҳбарони совхоз муносибати хуб доштанашро таъкид мекард.

– Наход мо тойчаи худро надонем, дар пеши назарамон зоида шуд, се сол боз бонӣ мекунем, рӯзҳои хунуки зимистон ҷомаамонро ба болояш ҷӯл карда мемондем, – ба нармӣ фаҳмонд усто-Зариф. – Магар моли худро намешиносем, ин корат сара не, додар.

– Худо занад, ки тойчаи худам, – қасам хӯрд Маманаими чилдурӯғ.

– Не, – сухани чилдурӯғро рад кард усто-Зариф ва ба тарафи тойча қадам партофт.

Маманаими чилдурӯғ пеши роҳи оҳангарро гирифт. Ишками калони ба пеш дамидаи вай ба ҷелаки оҳангар мерасид.

Оҳангар ба чеҳраи камриши кӯсанамои Маманаими чилдурӯғ теғи назар шикаст:

– Ҳоло ту моли касро аз они худ мекунӣ?

Маманаими пакана беҳаёёна аз поён табассум карда хомӯш меистод.

– Шарм дор, – гуфт Усмон-ҷувозгар, – то ба кай моли мардумро дуздӣ мекунӣ?

Усто-Зариф як қадам ба паҳлӯ партофта, боз ба сӯи тойча оҳанги рафтан кард.

Маманаими чилдурӯғ пеши роҳи мӯйсафедро гирифта аз сари дилаш тела дод.

– Пиракии беимон ба куҷо меравӣ?

Усто-Зариф ду қадам ба ақиб рафт. Ғазанфар дид, ки риши дарозу пахта барин сап-сафеди бобояш ларзид. Ҳамин вақт ӯ мехост, ки калонсол ва боқувват бошаду ба фарқи сари Маманаими чилдурӯғ кӯфта, барои бобояш қасос гирад,тойчаашро ҳам аз чанголи вай халос кунад.

– Ҳаромхӯр набош, шикоф карда мебарояд, гарданат мешиканад, – ранги усто-Зариф парида буд.

– Мон, Зариф, ҳамин тойча сарашро хӯрад, – аз бағали ошнояш дошта гуфт Усмон-ҷувозгар.

Онҳо дигар ҳарфе нагуфта, аз ҳавлии Маманаими чилдурӯғ баромаданд.

Ин воқеа ба усто-Зариф сахт таъсир расонд. Ӯ умуман баъд аз касал шудан тамоми аъзои бадани худро дардманд ҳис мекард. Рангаш заҳир шуда, гӯшти баданаш коста буд, хавосаш парешон менамуд.

Бародараш Шариф барои баргардондани тойча ёрӣ нарасонд, дурусттараш бо Маманаими чилдурӯғ муносибатро вайрон кардан нахост.

Ғазанфар гуфтугӯи онҳоро шунида буд.

– Ман чӣ кор кунам? – китфон дар ҳам кашид Шариф-амак, вақте ки мақсади бародарашро фаҳмид. – Вай бо калонҳои совхоз қӯрчбаро. Хайр, як тойча будааст-дия, аз баҳраш гузаред. Ҳоло маълум нест, ки аз вай аспи дуруст мебарояд ё не? Агар хафа шавад, моли маро аз чарогоҳ пеш мекунад. Дигар ҳеч кас ба доди ман намерасад. Ғуночини шумо ҳам беалаф мемонад.

– Ҳеч аз тангчашмиат намондӣ-дия ту, Шариф. Ин хулқу хӯят сара не,-даст афшонд усто-Зариф ва аз бародараш тақрибан ҳашт ё даҳ қадам дур шуда буд, ки дар ҷояш истода илова намуд:

– Ман тойчаро ба Ғазанфар бахшидагӣ, ба каси дигар бахшида наметавонам.

* * *

Як рӯз тойча ба ҳавлӣ омад. Ғазанфар гусур-гусур ҷастухез карда ворид шудани тойчаи қашқапояшро шунида, аз даруни хона баромад. Тойча лаҷом дошт ва ресмони фарсудае, ки як нӯгаш ба лаҷом баста буд, ба замин кашол меистод. «Маманаими чилдурӯғ аллакай ба тойчаам лаҷом задааст, мӯҳраҳои ақиқии бобом додаро гирифтааст, – фикр кард Ғазанфар аз ресмон дошта.

Ғазанфар ҳуштак кашида тойчаашро хорумол кард ва дар тоқӣ қанд дод. Тойча нахӯсид, аз Ғазанфар дур нашуда, ба ҳамон тарзи пештара қандро ба лабон гирифт ва гоҳ ин почаю гоҳ он почаашро ба замин тап-тап кӯфт, гӯё аз ин дидорбинӣ мамнун буданашро ифода мекард. Ғазанфар гардани тойчаро оғӯш карда, аз чашми ин ҷонвари хушандоми зебо бибӯсид. Дар ҳамин дам бача мушоҳида кард, ки оби чашмони тойча мешорад.

– Ман медонам, – гуфт Ғазанфар ба тойча, – ту модаратро ёд кардаӣ. Барои ҳамин гиря мекунӣ. Модарат ҳам туро пазмон буд, ба дидори ту муштоқ буд. Ӯро Маманаими дузд кушт, сарашро зада кафонду кушт. Модарат туро пеш аз марг дидан мехост, би-

сёр гиря кард, беовоз гиря кард, ман дидам. Ту акнун зиқ мешавӣ, банди дилат месӯзад. Ман ҳам, агар як рӯз бобоҷонамро набинам, зиқ мешавам, гиряам меояд. Акнун ту ба ҳавлии Маманаим нарав. Вай одами ганда, ана бин, аллакай ба сари ту лаҷом задааст. Бобоям ин хел намекарданд, то ту калону боқувват нашавӣ, ба сарат лаҷом намезаданд, туро ҳеч азоб намедоданд. Ҳамин ҷо бош, пагоҳ ба кӯҳ меравем. Барои ангишти дӯкон арча меорем. Ба ту бор намекунем, не, бобоям пуштора мекунанд. Худашон ҳамин тавр гуфтанд.

Дар ҳамин дам садои сахт кӯфта шудани дарвоза суханони Ғазанфарро қатъ намуд. Маманаими чилдурӯғ бо дастаи қамчин дарвозаро кушода, аспи сиёҳранги пири худро ба ҳавлӣ ронд. Ишками тулумаш ба мисли хамири расидаи корсон дар болои қоши зин паҳн шуда буд. Ғазанфар аз бобо афсонаҳои Мункар-Накир, Азроилро борҳо шунида буд. Ҳоло Маманаими чилдурӯғ ба Мункар Накир, ба Азроил монанд буд, ки гӯё савори хари Даҷҷол – савори тавсани марг меояд.

– Намедиҳам, – гуфт Ғазанфар гардани тойчаро оғӯш карда.

– Дафъ шав-е, тирмизак, – хам шуда бо дастаи қамчин аз шонаи Ғазанфар тела дод Маманаим. Бача ба замин афтод, тойча ба тарафи дарвозахона давида берун баромад. Маманаими чилдурӯғ аспи худро тус намуд. Ғазанфар аз қафои Маманаим мушт гиреҳ кард.

– Ман калон шавам, тойчаамро аз дасти ту мегирам, чилдурӯғ, – гуфт ва ҳунгосзанон гиря кард. Гиряи Ғазанфар аз зарбаи қамчини Маманаими чилдурӯғ набуд, балки писарак аз он ваҷҳ гиря мекард, ки ба ин муштумзӯр қувваташ намерасид, майда буд.

* * *

Усто-Зариф дар бозгашт зуд-зуд монда шуда, дам мегирифт. Рангаш парида, сару рӯяшро арақ зер карда буд. Куртаи сафеди дароздомани ӯ, ки гиребони гулдӯзӣ дошт, зери ҷомааш шипшилта тар шуда буд. Баъд аз мурдани байтал ин бори аввал буд, ки оҳангар барои арча пиёда мерафт.

– Биёед, як қисми арчаро партоем, ба шумо вазнин шуд, – вазъияти боборо дида гуфт Ғазанфар.

– Ҳеч қисса не, ҷони бобо, як амал карда, то хона мерасем.

Усто-Зариф ба ҳавлӣ базӯр расида, чӯбдастаҳои пушторакардаашро дар гӯшае партофту ба Ғазанфар нигарист.

– Уф-ф, ҷигарам дуд кардан дорад, об биёр, бачем.

Ғазанфар косаи сафолиро пури об карда овард. Оҳангар косаро бо ду даст гирифт. Дастони пирамард меларзиданд.

– Шукр, – гуфт усто-Зариф обро ошомида ва пас аз лаҳзае илова намуд. – Ғазанфар, кори сара нашуд, ҷойгаҳро андоз.

Ғазанфар боборо дар ҷойгаҳ хобонда, Шариф-амак ва Шаҳрбону-холаро гуфта омад. Шариф-амак даст ба пешонии бародар бурда:

– Таб баровардааст, – гуфт. Дар оҳанги ӯ дилсӯзие эҳсос намешуд, ин суханонро тавре талаффуз мекард, ки гӯё чизи дигаре гуфта наметавонад. –Ин мӯйсафед ҳеч ғами худро намехӯрад, доим дар талвоса, худашро ба ҳар бало бурда мезанад, – илова намуд Шариф-амак.

– Хаёлам, бобо баъди касалӣ нағзакак ба худ наомадаанд, – гуфт Шаҳрбону-хола, – ин кас канда шудагӣ.

Ғазанфар маънои ибораи «канда шудагӣ»-ро нафаҳмад ҳам, дарк мекард, ки дар суханони Шаҳрбону-хола нисбат ба бобояш ғамхорие ифода меёфт.

– Хаёлам, хаёлам, гуфта нашину дар зери ҷойҷӯш оташ гирон, аз чойи мӯйсафед чой дам карда биёр, табаррукӣ, – ба занаш супориш дод Шариф-амак, ман ҳам дар ҳамин ҷо чой мехӯрам.

Шаҳрбону-хола дар зери чойҷӯш оташ гиронда омад. Ғазанфар сари боборо андак бардошта, бо рӯймоли шоҳӣ маҳкам баст.

– Чой мехӯред, бобоҷон? – пурсид Ғазанфар ба болин наздик шуда.

– Даҳ-а-нам... ҷавоб дод мӯйсафед канда-канда, – бемаза. Дилам наме-ҷӯяд.

Пирамард гоҳ-гоҳ ҳазён мегуфт.

Шариф-амак баъди чой хӯрдан Ғазанфарро таъкид кард:

– Ту дар ҳамин ҷо наҷунбида шин. Ман ду-се нафар муллоҳоро ҷеғ мезанам. Чилёсин гардондан даркор, савоб мешавад.

Тақрибан пас аз як соат вай чор нафар пирамардони деҳаро ба назди бародари бемораш овард.

– Усто, бахайр? – ҳолпурсӣ намуд аз ҳама калонтарини пирамардон. Шарикони ӯ низ ягон-ягон бо оҳангар ҳолпурсӣ карданд.

Усто-Зариф хеле мухтасар ҷавоб медод.

– Ҷони гарм-дия, – гуфт, оне ки аз дигарон калонсолтар буд. – Имрӯз сиҳат, фардо бемор. Мо, пирҳо, амонатак мегардем.

Шаҳрбону-холаю Ғазанфар ва аз дунболи онҳо Шариф-амак берун баромаданд...

Рӯзи дигар саломатии усто-Зариф бадтар шуд. Ӯ аз забон монд.

Бо хоҳиши Шариф-амак Мурод ба Латифҷон барқия фиристод. Вале Латифҷон дар рӯзи сеюми бемории падараш ҳам наомад. Одамон мегуфтанд, ки ӯ дар Душанбе мошини «Жигулӣ» харидааст.

Бегоҳии рӯзи сеюм бемории усто-Зариф хуруҷ кард. Ӯ гоҳе ба ҳуш омада, оҳу нола мекард, ки дарунаш месӯзад. Ғазанфар то як маҳали шаб дар сари болини бобо нишаст. Вақте ки чашмони бача ба хоб мерафт, усто-Зариф палмосида, дасташро оҳиста бар сари вай мегузошт. Ғазанфар хобу хоболуд дасти калон, шахшӯл ва гарми бобoро ҳис кард. Усто – Зариф дар дами вопасини худ гӯё мехост, ки ба ҳамин васила сари набераашро дар ёд нигоҳ дорад. Ғазанфар ҳам ҳарорати ин даст, заданҳои набзи онро дар хотир нақш баст.

Аз дасти бобо ба димоғи набера бӯи шиноси занги оҳан ва ангишти арча меомад.

... Ғазанфар ҳамроҳи Акмал ва Лола сатилу тағораҳои кӯҳна ва аз тарафи устохонаи совхоз баъзе қисмҳои бекораи мошинҳоро ба назди оҳангархона кашонд. Ҷамъоварии оҳанпора якчанд рӯз давом кард. Усто-Зариф дар пеши пирхонааш тӯдаи калони оҳанпораҳоро дида:

– Ҳамин кифоя, ба як самолёт мерасад, – гуфт.

Ангишти бурс ҳам як тӯда буд. Бобо ба сохтани тайёрача сар кард. Ғазанфар ба кори бобо ҳамдастӣ менамуд. Дигар бачаҳо ҳам лаҳзае аз дӯкон дур намерафтанд. Оҳангар бо ҳавсала кор мекард, садои путку хоиски ӯ то фаромадани чодари торикӣ паст намешуд. Тиқ-тиқ –тиқрр-тиқ-тиқ-тиқрр, болға мезад усто-Зариф. Ин садо ба гӯши Ғазанфар ҳамчун мусиқӣ мерасид. Охир, дигар хел расиданаш мумкин набуд. Бобояш тайёрача месохт, барои ӯ тайёрача месохт.

Ғазанфар бо ин тайёра пеш аз ҳама тойчаи қашқапоро ҳатман аз банди Маманаими чилдурӯғ озод мекард...

Усто-Зариф аввал ҷои нишаст, баъд танаю думи тайёрачаро сохт. Дар муддати кӯтоҳ болҳо ҳам тайёр шуданд. Бобо болҳоро бо танакор ба бадани тайёра кафшер кард. Дар думу болҳояш бо қалами оҳангарӣ ситорачаҳо кашида, ба онҳо ранги сурх молид. Хурсандии Ғазанфар ҳеч ҳадду канор надошт.

Рӯзе ки тайёра тамоман тайёр шуду Ғазанфар дар пеши мурвати он ва Акмалу Лола дар қафо ҷой гирифтанд, дар атрофи тайёра одамони бисёр ҷамъ омада буданд. Шариф-амаку Шаҳрбону-хола, Усмон-ҷувозгар ва писари ӯ Мурод ба онҳо мутаҳайирона менигаристанд.

– Лола, маҳкамтар дор, боз наафтӣ, – мегуфт Шаҳрбону-холаи ҳаросон.

– Ғазанфар оҳистатар ҳай кун, – таъкид мекард. Шариф-амак.

Усто-Зариф тайёраро тела дод. Вай якбора ғурросзанон ба ҳаракат даромада, ба осмон боло шуд.

Ғазанфар мурвати тайёраро тофт. Тайёра як боли худро каме хам карда, ба болои оҳангархона чарх зад. Одамон ситораҳои сурхи онро медиданд.

– Акнун ба куҷо парвоз мекунем? – пурсид Лола.

– Ба ҳавлии чилдурӯғ, тойчаро халос мекунем, – ҷавоб дод Ғазанфар. –Акмал, ба поён бодиққат нигоҳ кун, тойчаро бинӣ, хабар деҳ.

Тайёра дар фазои кӯчаю боғоти Гулгунхона парвоз мекард. Сокинони деҳа ба ин тайёрачаи аҷиб бо таҳайюр нигариста, нидо мекарданд, даст меафшонданд.

– Ана, ҳавлии чилдурӯғ, тойчаро мебинам,-хабар дод Акмал. Ғазанфар давраи калон кашида, тайёрачаи худро аз дур ба ҳавлии Маманаими чилдурӯғ равон кард. Тайёра боз як маротиба тоб хӯрда, дар зери дарахти зардолу фуромад.

Ғазанфар ба ғурроси тайёрача ҷӯр карда, тоқиашро ба даст гирифта гуфт:

– Зуд о, эй тои зарринёли ман...

Ҳамин ки бачаҳо тойчаро ба тайёра савор карданд, Маманаими чилдурӯғ хабардор шуд.

– Вой дод, хонаам сӯхт, тойчаамро дуздиданд! – фарёд кашид ӯ. Маманаими чилдурӯғ боз чизе мегуфт, вале овози вайро садои тайёра пахш кард. Сипас тайёра бо шаст боло баромад. Ғазанфар дар ҳамин ҷои хобаш якбора бедор шуд...

Ӯ чашм кушода дид, ки гирду атрофи хонаи Шариф-амак, ҳавлии бобояш аз одамон пур буд. Аз даруни хона овози гиряи занон шунида мешуд. Ба Ғазанфар касе ягон сухан нагуфт. Ӯ ба атроф ҳайрон-ҳайрон назар меафканд. Якбора чашмаш ба Маманаими чилдурӯғ афтод: вай бо бадани фарбеҳи бесалиқаи худ дар рӯи банди чӯбдастаҳое менишаст, ки се рӯз пеш бобояш аз кӯҳ барои ангишти кори дӯкон пуштора карда оварда буд. Ресмони

ин бандчаи чӯбдастаҳо ҳанӯз накушода буд. Оҳангар ин чӯбҳои арчаро сӯзонда, ангишт карда натавонист, то ки бо ин ангишт оҳану пӯлодро обутоб дода, ба ҷавонони нағз медидагиаш корди ҷавҳардор ҳадя кунад, тайёрачаи набераашро сохта, ба ӯ шодмониҳо бахшад. Не, оҳангари солхӯрда инҳоро анҷом дода натавонист. Ғазанфар ба Маманаими чилдурӯғ ғазаболуд нигоҳ кард: «-Агар ин тойчаро намедуздид, бобоям зиқ намешуданд, байталро зада намекушт, бобоям пиёда ба кӯҳ намерафтанд» – андеша менамуд Ғазанфар...

...Одамон усто-Зарифро дар қабристони кӯҳнаи деҳа дафн карданд. Ба ёди Ғазанфар рӯзи дафни байтал расид. Акнун ӯ аз бобо, аз байтал, аз тойча ҷудо шуда буд. Мардумон тез-тез қадам ниҳода, барои фотиҳахонӣ ба ҳавлии марҳум роҳ пеш гирифтанд. Ду нафар мӯйсафеде, ки дар шафати Ғазанфар қадам мезаданд, дар бораи кадом як кори худ дуру дароз гуфтугӯ доштанд. Ба Ғазанфар ҳаминаш алам менамуд, ки инҳо бобои ӯ – усто-Зарифро ин қадар зуд фаромӯш кардаанд.

* * *

Шаб Ғазанфар аз як паҳлӯ ба паҳлӯи дигар мегашт. Аз хонаи дигар гуфтугӯи Шариф-амак ва Шаҳрбону-хола мерасид.

– Мешунавӣ, занак, мӯйсафед дар сари вақт рафт. Ба мо бор шуда наистод.

– Ҳа, ҷояш ҷаннат шавад.

– Акнун Абдулатиф гову гӯсфандонро талаб накунад, шуд. Талаб кунад ҳам, ба хатму худоиаш сарф мешавад, аз худаш ба худаш мегӯем. Ҳа, гуфтагӣ барин, аз газвор монд магар?

– Фақат газвори сандуқи чӯбин сарф шуд. Ба сандуқи оҳанин касе даст нарасондааст, қулфи дигар зада, дар мадон мондаам.

– Ҳа, дуруст. Исрофкорӣ чӣ лозим, охир? Одамон ҳам бисёр газвори тоза оварда буданд.

– Ҳамонҳо кифоя карданд, ки ба сандуқи оҳанин даст расондан намондам-дия...

* * *

Латифҷон баъд аз як ҳафта омад. «Жигулӣ»-и наппа-нави ӯро, ки рангаш ба ранги мағзи писта монанд буд, як рафиқаш идора мекард. Зани Латифҷон – Майсара наомада буд.

– Камтар бетоб, – гуфт Латифҷон дар бораи вай ба Шаҳрбону-хола. Пеш аз ҳама Латифҷон мошинашро бо брезент пӯшонд.

Рӯзи дигар онҳо бо Шариф-амак ба сари хок рафтанд. (Ғазанфар аз қафои як дарахт мушоҳида мекард). Шариф-амак ду даст ба пеш гирифта, пичир-пичиркунон дуо мехонд. Латифҷон ва рафиқе, ки мошинашро идора мекард, дастонашонро пеш гирифта буданд, вале зери лаб чизе намехонданд. Онҳо дастҳояшонро пасу пеш ба рӯйҳояшон молиданд. Латифҷон дастони худро ба кисаҳои шим хаста, дар гирди қабр қадам зад.

– Дар Шоҳи Зиндаи Самарқанд аз санги мармар лавҳаи мазор тайёр мекардаанд, – ба ҳамроҳаш нигарист Латифҷон. – Вақт шавад, аз ҳамин лавҳа овардан даркор, марқад месозем.

– Ҷудо нағз мешавад, – гуфт рафиқаш.

– Савоби вай калон, – гуфт Шариф-амак.

Онҳо хоку чанги либосҳояшонро афшонда, аз дарвозаи оҳанини қабристон баромаданд.

Дили Ғазанфар пур шуда, ба сари турбати бобояш омад ва онро оғӯш намуд. Писарак худро ҳақиқатан ҳам яккаю танҳо ҳис мекард. «Бобо, furбобоҷон, маро мешунавед? – мегуфт ӯ, – қабул накунед, фотиҳаи Шариф-амак, фотиҳаи падарамро қабул накунед. Рӯзи вафоти шумо Маманаими чилдурӯғ ҳам фотиҳа хонда буд. Фотиҳаи вайро ҳам қабул накунед. Падарам мегӯяд, ки аз ким-куҷо санг оварда, дар сари қабратон мегузорад. Ба ин асло бовар накунед. Ман худам ҳамин баҳор дар сари мазоратон чинор мешинонам. Чинор сабз мешавад, қад мекашад, ҳамин бас, дигар ҳеч санге лозим нест!

Бобоҷон! Ман ба назди шумо зуд-зуд меоям. Ҳамеша меоям. Тойча ҳам меояд. Вай дар хонаи Маманаими чилдурӯғ намемонад. Тойча ҳам ба назди модараш меояд, ҳам ба назди шумо. Мо ҳар ду меоем...

* * *

Таътили зимистонаи Ғазанфар ба охир мерасид. Усмонҷувозгар то гузаронидани рӯзи чили усто-Зариф истода, русуми дӯстиро ба ҷо овард. Баъд ӯ ба Ғазанфар гуфт:

– Раҳматӣ бобоят аз ман хоҳиш карда буданд, ки ту дар ҳавлии мо зиндагӣ кунӣ. Хонаи моро медонӣ-ку, ба маркази ноҳия наздик, дар он ҷо барои хонданат мактаби калон ҳаст. Мо чолу кампир танҳоем. Рӯзгори писарамон Маҳмадмурод аз мо ҷудо. Агар мерафтӣ, бинои мешуд.

Сари Ғазанфар хам буд.

– Бобоям гуфта бошанд, меравам, – ҷавоб дод ӯ пас аз фосилае

бо овози паст. (Дар дилаш қарор дод, ки дарҳол ба маҳфили тайёрасозӣ дохил мешавад. Зеро аз бачагӣ шунида буд, ки дар мактабҳои калон чунин маҳфилҳо ҳастанд. Охир, орзуяш ҳамин буд).

– Ин тавр бошад, тайёр шав, ба аспам савор шуда меравем, – гуфт Усмон-ҷувозгар, – ман ҳоло ба мактаб рафта, ҳуҷҷатҳоятро мегирам, – берун баромад ӯ.

Ғазанфар либос, китобҳои худро ғундошта ба хӯрҷини Усмон-ҷувозгар андохт. Пас барои хайрбодӣ ба ҳавлии Шариф-амак гузашт.

– Ба Гулгунхона кай меоӣ? – пурсиданд Акмалу Лола ба гусели Ғазанфар баромада.

Вақте ки таътили тобистона расад. Шумо дӯкони бобоямро эҳтиёт кунед. Баъди омаданам дар он ҷо тайёра месозем.

Дар ҳамин лаҳза бачаҳо тапар-тапари аспонро шунида, ба сӯи кӯча нигаристанд. Майда-майда барф меборид. Аспи бесаворе медавид, ки онро се чавандоз пеш мекарданд. Зини аспи бесавор ба ишкамаш фуромада, ҳар дам ба пойҳояш мерасид, ки аз ин асп тӯрида боз тундтар медавид.

Ғазанфар дарҳол аспи бесаворро шинохт: ин тойчаи қашқапои ӯ буд. Бача сахт ба ҳаяҷон омад, аз ҳисси ҳаяҷон дар чеҳрааш доғҳои кунҷитак падидор шуданд. Тойча тозон ба дарвозахонаи усто-Зариф наздик мешуд, вале ҳамин ки саворон пеш оянд, ба тарафи дигар гурехта мерафт. Чавандозон «намон», «гир» – гӯён аспҳоро ба такутоз меандохтанд. Тойча аз байни онҳо баромада, чароғпоя шуда бармегашту боз ба ҷониби ҳавлии усто-Зариф медавид. Дарвозаи калони оҳангар маҳкам буд. Ин якчанд дақиқа давом кард.

Сонӣ Ғазанфар ба болои девор баромада, ба тарафи чавандозон нидо зад.

– Амакҳо, аспҳоятонро нигоҳ доред, ин аспро ман даст мегирам.

– Ту аввал фиси биниатро пок кун, тиррончак, – гуфт яке аз саворон, ки ҷавони сурхинарӯе буд ва аспашро чорхез ронда тойчаро пеш кард. Дигар чавандозон ба вай ҳамдастӣ намуданд, вале онҳо ин дафъа ҳам тойчаро дастгир карда натавонистанд.

– Монед, пеш накунед, – гуфт ба ҳамроҳони худ чавандозе, ки калонтариш буд, – канӣ, ҳунари ин бачаро як бинем.

Саворон лаҷомҳои аспонашонро кашида, дар каноре қарор карданд.

Тойча ҳам дуртар рафта, хӯсида-хӯсида фукашро ба човандозон тофту истод.

Ғазанфар оҳиста-оҳиста ба тойча наздик шудан гирифт. Ӯ тоқии худро ба рӯи каф ниҳода, ҳуштак кашид, бо ҳамон тарзе ҳуштак кашид, ки бобояш ёд дода буд. Тойча ин ҳуштаки шиносро шунида, биниашро фирқ-фирқ кунонд. Ин садои тойча гӯё ҷавоби ҳуштаки соҳибаш буд. Тамоми вуҷуди Ғазанфар аз ин бозгашти тойчаи қашқапо моломоли шодию сурур гашта, аз дилаш беихтиёр ин мисраъҳо мерехтанд:

*Зуд о, эй тойи зарринёли ман,*
*Аз ту бошад некӯии фоли ман.*
*Зуд о, эй тойи зарринёли ман,*
*Бо ту маҳкам бозуи ман, боли ман*
*Зуд о, эй тойи зарринёли ман!*

Вақте ки Ғазанфар ба ёли тойча даст расонд, вай шиҳа кашида пой кӯфт. Дар сари тойча, ки акнун он дар назари Ғазанфар ба аспи ҷирани калоне мемонд, лаҷоми нуқракӯби пӯпакдор андохта шуда буд. Дар ёли зарандудааш ин дафъа ҳамон мӯҳраҳои ақиқин ҷило медоданд. Зинаш ҳам, ба мисли лаҷомаш, нуқракӯби қиматбаҳо буд.

Ғазанфар аз яккаҷилави тойча дошта, лаҷомро аз фукаш баровард ва аилро кушода, зинро гирифт.

– Муборак шавад, аспат омадааст-ку! – Ғазанфар овози Усмон-ҷувозгарро шунид. Ӯ аз тарафи мактаб меомад.

– Кадом аспаш? – эътироз кард савори сурхинарӯ. – Охир, – ин аспи Маманаими човандоз аст, бечора ҳозир дар бузкашии назди Наҳри Калон афтида, гарданаш шикаст. Ҳеч сарашро дошта натавонист, беҳушу беёд буд. Бо мошин ба духтурхона бурданд, одам шуданаш дар гумон. Баковул ба мо фармуд, ки аспи вайро дошта ба ҳавлиаш барем.

– Ба ҳавлии Маманаими дузд аспро не, лаҷому зинро мебаред, халос, – гуфт боз Усмон-ҷувозгар.

– Ин асп як вақт тойчаи худораҳматӣ усто-Зариф буд. Вай ба ҳамин бача, ки наберааш мешавад, тӯҳфа кардааст. Ба ин бача омӯхта будани аспро ба чашматон дидед, ки ин ҳам як далели гуфтаҳои мананд.

– Ин кас дуруст мегӯянд, – суханони Усмон-ҷувозгарро

тасдиқ намуд човандозе, ки риши кулӯта дошт. – Ман ин тойро бо байтали раҳматӣ усто бисёр дидаам. Гумон доштам, ки онро Маманаим харидааст.

– Ин тавр бошад, мо чӣ мекунем? – пурсид чавандози сеюм.

– Чӣ мекардем! Лаҷому зинро ба ҳавлии Маманаим мепартоему аз паи кори худ мешавем, магар қозию даъвогар кофта мегардем? – гуфтугӯро хотима дод кулӯтариш.

Савори ҷавон лаҷому зинро гирифт. Сипас кулӯтариш ба Ғазанфар муроҷиат кард:

– Ҳо, бӯзбала, аспат ба худат насиб кунад, дар амон бош!

Човандозон ба роҳ даромаданд.

– Ана, акнун аспатро худат парвариш куну савор шав, то аз мактаб омаданат ман нигоҳубин мекунам, – гуфт Усмон-ҷувозгар ба китфи Ғазанфар даст ниҳода. – Ба Маманаим дуои бобоят расид, ёд дорӣ, моли мардумро соҳибӣ накун, гарданат мешиканад, гуфта буд. Хуб шуд, ки бобоят барои тойча суду судбозӣ накард. Ҳай зиндагӣ-я. Маманаими чилдурӯғро худи зиндагӣ суд кард-а.

Сонӣ Усмон-ҷувозгар пешопеш ва Ғазанфар аз қафо аспҳои худро етак карданд. Онҳо бо тангкӯча аз байни иморатҳои шиферпӯш ҳаракат карда, ба канори деҳа расиданд ва аз бари оҳангархонаи тахтбоми фарсудаи усто-Зариф гузаштанд.

Фақат пас аз ин ба аспҳояшон савор шуданд.

Ғазанфар зуд-зуд ба қафо менигарист. Ӯ аз деҳа, аз мактаби аввалин, аз ҳалқаи ёру дӯстон, аз олами нотакрори бачагӣ мерафт. Вай ҳар қадар дуртар равад, оҳангархонаи бобои азизаш ҳамон қадар хурдтар метофт. Вале Ғазанфар сиришки дидагони худро бо муштчааш пок карда, ба оҳангархона назар меафканду садоҳои болғаи бобояшро, ки дар гӯши писарак нишаста буданд, бо як мизон мешунид: тиқ-тиқ-тикрр, тиқ-тиқ-тикрр... Ва ӯ дар кафи сандон, дар дами путки бобои равшанравони худ оҳанпораи чун лолаи сурх шукуфтаро медид, хандидани ин оҳанпораи тофтаро пеши чашмон тасаввур мекарду суханони як вақтҳо гуфтаи ӯ дар буни гӯшаш танин меандохтанд: «Бачам, ту агар одам шуда, маро розӣ мекунам гӯӣ, одами ҷавҳардор шав!».

# МАН ЧАРОҒ АФРӮХТАМ

## Ошёни гунҷишк ва раиси ҷонфидо

Ӯ ҳанӯз дар овони тифлӣ дар исканҷаи шадиди қисмат фишор хӯрда буд. Вақте ки ба синни яксолаю шашмоҳагӣ расид, ба ҳукми сарнавишт падару модараш аз ҳам ҷудо гардиданд. Ӯ ва бародари калониаш дар паҳлӯи модар монда буданд. Солҳое, ки Раҳматулло дар мактаб таҳсил дошт, кӯшиш менамуд, ки бори рӯзгорро барои модараш сабуктар бикунад. Бинобар ин аз давраи кӯдакӣ Раҳматулло ба меҳнати гарони ҷисмонӣ гаравида шуд. Чун дар зодгоҳаш одамон иморатҳои нав месохтанд, он солҳо ба хишт талабот зиёд буд. Раҳматулло бо чанд нафар ҳамсолони худ хиштрезӣ мекард ва ҳар маблағе, ки бар ивази ин меҳнати вазнин меёфт, ба модари азизаш месупурд. Ӯ ба таҳсил ҳам шавқу ҳаваси калон дошт ва дафтару китобро зери бағал карда, ба лойхона меомаду лойи хишт мехобонд ва то замони тайёр шудани лой аз хиштҳои хушку нимхушкида як навъ миз сохта, дар рӯйи он дафтару китобҳояшро гузошта, сабақҳои муаллимро такрор менамуд ва ба мутолиаи китобҳо шуғл меварзид.

Хонаи истиқоматии онҳо хеле танг буд, бинобар ин боре Раҳматулло қарор дод, ки ҳангоми таътили тобистона бо дастони худ хоначае бисозаду ба модараш хурсандие бубахшад. Барои ин тамоми тамузи тобистон хишт рехт, пойдевор сохт ва дар ҷустуҷӯи дастаку васса шуд. Чун девори хонаи дастсохти Раҳматулло баланд гардид, модар воқеан ҳам мамнун шуд ва фарзанди меҳнатдӯсти худро дуо кард:

– Гунҷишко ворӣ ҳелча сохтӣ, камол биёбӣ, бачаме, илоҳӣ, камиро набинӣ, ҷуни очае, – кафи дастон ба рӯй молид модар.

Воқеан ҳам Раҳматулло мисли гунҷишкон барои худ ошёне сохта буд.

Вале ҳангоми пӯшидани боми хона Раҳматулло хеле азият кашид, зеро рави пайдо кардааш тақрибан якуним метр кӯтоҳ омад. Аммо пул надошт, ки рави дарозтар бихарад. Бо маслиҳати усто ба ҷойи кӯтоҳи рав дастакро пайванд карда, бомро пӯшиданд.

Раҳматулло ёд дорад, ки дар ҳамин хоначаи навсохтааш аз модаркалони худ афсонаҳои обу заминро шунидааст. Бибии Раҳматулло чарх мересиду ба набераи дӯстдоштааш афсона мегуфту мегуфт. Дар ин афсонаҳо об ҳамчун зебопарӣ, рамзи покӣ ва ризқу рӯзӣ тасвир мешуду момозамини ганҷрасон ҳамеша

ташнаи як қатраи булӯрини об буд. «Ба ҳалқи ман қатраи об чаконед, пас аз бағалам ҳар чӣ хоҳед, ситонед, – мегуфт момозамин, – дастархони шуморо бо нозу неъмати шойгон мекунам рангину пуралвон...»

...Дар афсонаи дигар об ва замин ба мисли ду хоҳароне буданд, ки байни худ доимо ҷанҷолу арбада доштанд ва ба ҳамин сабаб гӯё об гурехта дар қаъри замин пинҳон гардидааст. Ҷанҷолу арбадаи обу замин нишонаи паридани хайру баракат ва омадани бадбахтию касофат будааст. Одамон ҷаҳду талош менамуданд, ки чоҳҳо ва ҷӯйҳо кофта, роҳи обро кушоянд ва онро бо замин оштӣ диҳанд. Баракату шукуфонии замин ҳам дар созиши он ба оби файзрасон будааст...

Барои Раҳматулло шунидани ин афсонаҳо гуворо буду хаёлпарварона. Ҳар вақте ки ӯ бибиашро ҳини чархресӣ медид, хоҳишу илтиҷо менамуд, ки афсонаҳои обу заминро бигӯяд. Бибиаш батакрор мегуфту Раҳматулло гӯш мекард ва хаёлан худро дар сафи чоҳканҳову ҷӯйкобон мепиндошт, ки онон обро ҷустуҷӯ доштанд...

Ҳамон соле, ки Раҳматулло кулбаяки нав сохта буд, зимистон сербарфу борон омад: қисмати рави кӯтоҳомадаи бом андаке чӯкид ва ба чакидан сар кард. Бибии Раҳматулло ҳам дигар чархро дар гирди чакдони хонаи кӯҳна мересиду дар ҳамон ҷо ба набераащ афсона мегуфт...

Раҳматулло дар лаҳзаҳое, ки бар сақфи кулбаяки наваш менигарист, аз дил мегузаронд, ки агар рав кӯтоҳӣ намекард, бом намечӯкид ва нам ҳам намегузашт. Рави кӯтоҳи нахустин хонаи сохтааш як умр дар хотираш нақш баст.

Солҳо гузаштанд. Раҳматулло бо роҳи хидматӣ барои бомпӯшии бисёр одамон – хешу бегона, шиносу ношинос, хулоса, ҳар тоифаи эҳтиёҷмандон равҳои дарозу мустаҳкам, инчунин тахтаю шифер, фанеру мех ва дигар маводи хушсифату фаровони сохтмон муҳайё намудааст. Вале ҳангоми бомпӯшии худаш ҳамон вақт якуним метр рав кӯтоҳ омада буду касе лутфу марҳаматаш накард. Шояд он вақт ҳеч кас дар деҳа чунин рав надошт. Ҳароина Раҳматулло аз он лаҳзаи тангдастӣ дар дил ғуборе напарварида, балки барои одамон равҳои дарозу бадошт ва қавие омода месохт ва ин равҳо якуним метр кӯтоҳ набуда, балки ду-се метр дарозтар буданду бомҳо ҳаргиз намечӯкиданд ва намрезиҳо ҳам ба сақфҳо намегузаштанд...

Айёми ҷавонии Раҳматулло шиори «Чун дар деҳот зиндагӣ

мекунӣ, техникаро биёмӯз!» хеле машҳур шуда буд. Ҷавонон ба идора намудан ва таъмиру тармими васоити гуногуни техникӣ ҷаҳду талош меварзиданд, зеро бидуни васоити техникӣ корҳои хурду калони кишоварзиро анҷом додан душвор буд.

Раҳматулло ҳам шавқи зиёде дошт, ки пешаи ронандагиро омӯзад. Бо ҳамин ният ӯ ба идораи комиссариати ҳарбии ноҳия омад, зеро бо кӯмаки ин идора ҷавонон аз ҳисоби давлат бепул касб омӯхта, пас аз касбомӯзӣ дар сафи артиши Шӯравӣ хизмати Ватанро адо менамуданд. Вале он замон кори Раҳматулло барор нагирифт, дар комиссариати ҳарбӣ ба ӯ гуфтанд, ки ҳанӯз хурдсол аст. Сипас шавқи касбомӯзӣ Раҳматуллоро ба мактаби ронандагии шаҳри Душанбе овард, чунки мехост ҳар чӣ зудтар соҳиби касбу кор шавад ва дар зиндагӣ ба модараш дастрасӣ намояд. Ба касбу кор ташнадилии Раҳматулло аз ҳамин сабаб буд. Дар мактаби ронандагии пойтахт, ки он аз тарафи созмони мададгорони артиш таъсис ёфта буд, аз Раҳматулло талаб намуданд,ки қабл аз оғози таҳсил бояд ҳаштсад сӯм пардохт намояд (ин пули даврони сталинии соли 1947 то ислоҳи пулии соли 1961 буд).

Раҳматулло аз шаҳри Душанбе (он солҳо Сталинобод) ба автобуси самти Қубодиён савор шуда, сӯйи хона раҳсипор гардиду раҳорaҳ гирифтори фикру хаёлҳои гуногун шуд, ки чӣ тавр ҳаштсад сӯмро ҳар чи зудтар пайдо кунад. Барои ҷавони наврас, ки дар хона бизоате надошт, ба даст овардани ин маблағи калон хеле душвор буд. Вале аз тарафи дигар, барои таҳсил дар мактаби ронандагӣ дилаш гум мезад.

Раҳматулло дар хона як сар буз дошт, ки ҳар сол ду бузғола мезоид. Шири ҳамон буз ризқу рӯзии оила ҳисоб меёфт ва бузғолаҳоро ҳам ба ягон камбуди рӯзгор сарф менамуданд. Ӯ тасмим гирифт, ки ҳамон бузро бо бузғолаҳояш ба бозор бурда фурӯшаду як қисми маблағро пайдо намояд ва қисмати дигари пули мактабро бо ягон роҳи дигар биёбад. Вай худро бо ҳамин андеша тасаллӣ медод, ки бузу бузғолаҳо ҳоло як манбаи ризқу рӯзӣ бошанд ҳам, маблағи бар ивази онҳо бадастмеомада низ барои касбомӯзӣ сарф мешавад, ки ин ҳам дар оянда, иншоаллоҳ, манбаи ризқу рӯзӣ ва молу манол хоҳад шуд. Вай бомдоди рӯзи дигар бо ҳамин андешаю пиндорҳои нек бузу бузғолаҳоро ронда ба сари кӯча баромад ва охирин даҳ сӯми ҷайбашро сарфи кирояи мошин карда, ба бозори мавошӣ ва сутурони ноҳия ворид шуд. Бозор пур аз бузу гӯсфанд, гӯсолаю гов, буққаҳои шохзани фарбеҳ ва ҳатто чанд сар аспу шутур ҳам буд. Раҳматулло бо

мақсади ёфтани нисфи пули мактаби ронандагӣ дар дил нархи бузу бузғолаҳоро чорсад сӯм муайян намуд ва тасмим гирифт, ки «ҳар кас чун савдо бикунад, ҳамин нархро мегӯяму дар қавлам устувор меистам».

Дере нагузашта шахсе ба моли Раҳматулло талабгор шуда, бадани бузро даст-даст карда диду бузғолаҳоро муоина намуд.

– Нархи бузу бузғолаҳота дар якҷоягӣ чанд кардӣ, бача? – пурсон шуд харидор.

– Ака, чорсад сӯм, – ҷавоб дод Раҳматулло.

– Ӯҳу, нарха баланд гирифтӣ-ку.

– Охир, ака, се сар мол аст.

– Хайр, воҳима накуну камтар поён фаро,-гуфт харидор ва бо андаке хаёл илова намуд:

– Албатта, ту ҳам бо умед ба бозор омадаӣ, биё, ба ҳарсеаш сесаду панҷоҳ диҳаму гирифта равам. Бачаҳоша бачаҳом бозӣ мекунанд.

– Не, ака, аз чорсад кам намеша. Ман ҷойи мешудагиша гуфтам.

– Якравӣ накун, пули нағз шуд.

– Не, гапи ман якта.

– Хайр, худат медонӣ, – гуфт харидор ва ба сӯйи молдорони дигар рафт.

Бо ҳамин то гашти бозор ягон кас ба назди Раҳматулло омада, бузу бузғолаҳояшро савдо накард. Ва ӯ дигар пуле надошт, ки мошин киро кунад. Бинобар ин ҳайрон монд, дуруст мегуфтаанд, ки «сухани хона ба бозор намеояд рост». Дар бозор низ одамон кам монданд. Раҳматулло намедонист, ки чӣ кор кунад ва бо ҳамин ҳоли музтариб мехост, ки бозорро тарк намояд. Тифоқо дар назди баромадгоҳи бозор шахсе аз банди ресмони буз дошта гуфт:

– Мефурӯшӣ?

Раҳматулло ҳамон нархи пешинаро такрор кард.

– Додарам, акнун гашти бозор шуд, ба он нарх ҳеч кас намехарад. Агар хоҳӣ, ба бузат сад сӯм ва ба бузғолаҳоят панҷоҳ сӯм медиҳам.

Раҳматулло маҷбуран розӣ шуд, зеро дар ҷайб пули мошинкиро ҳам надошт.

Бегоҳӣ модар аз воқеа огоҳ гашта, писарашро дилбардорӣ кард.

– Бачам, агар аз савдои буз барор накарда бошӣ, илоҳӣ, аз хон-

дан барор биёбӣ, шофири зӯр шавӣ, бачам. Ғам нахӯр, мана, ин пули мактабат, бихону дили сағиру кабира биёб...

Ва модар як миқдор пулеро, ки барои рӯзи мабодо пасандоз карда буд, бо ҳазор умеду орзу ба дасти писараш дод.

Раҳматулло дуои поки модарро раҳтӯшаи худ карда, ба таҳсил раҳсипор шуд. Азбаски шавқу завқи таҳсили мактаби ронандагӣ дар ниҳоди ӯ маъво дошт, шабу рӯз сабақи устодонро меомӯхт. Ба корҳои амалӣ шуғл меварзид. Дар фарҷом ба колхоз ҳамчун ронандаи бомаҳорат шуда омад. Он солҳо ӯ дар хоҷагӣ чун ронандаи моҳир назир надошт. Раҳматулло, ки ҷисму ҷонаш ҳама иборат аз рагу пай, ҷавони боғайрат ва чусту чолоке буд, бо мошини худ вазифаҳои душвору вазнинтаринро адо менамуд. Аз тарафи роҳбарияти колхоз ҳар як супорише, ки мешуд, бо ҷону дил ба анҷом мерасонд. Ба даштҳои дур ва кӯҳдоманҳои душворгузар бори чӯпононро сари вақт мебурд, сапедадамон пахтачинонро ба минтақаҳои зарурӣ интиқол медод ва бегоҳӣ ба хонаҳояшон меовард. Дар сари роҳ чун ҳамқишлоқиёнро бубинад, бо борашон ба манзил мерасонд ва ба миннатдории пирону солхӯрдагон сазовор гардида, мутобиқи дуои модар дили сағиру кабирро меёфт. Тавре ки гуфтаанд:

*Дил ба даст овар, ки ҳаҷҷи акбар аст,*
*Аз ҳазорон Каъба як дил беҳтар аст.*
*Каъба бунёди Ҳалили Озар аст,*
*Дил гузаргоҳи Ҷалили Акбар аст.*

Дар колхоз ронандагони бисёре ба таври худ кор мекарданд, вале на ҳар кас мисли Раҳматулло дилёб буд. Ба ғайр аз дилёбӣ ва хизматгори беминнати халқу ҷамъият будан ӯ мошини худро нағз нигоҳубин мекард, мошини Раҳматулло доимо дар ҳаракат буда, аз ҳисоби хобу истироҳат, махсусан шабонгоҳон таъмир мешуд. Бинобар ин роҳбарон ҳар амре бидиҳанд, Раҳматулло бидуни нею нестон омодаи хидмат мешуд. Ӯ чунон боҳавсала буд, ки фурсат пайдо намуда, рондани тракторҳои шудгоркунанда, васоити ҳамакораи марбути коркарди пахтазор ва ҳатто булдозеру экскаваторро ҳам омӯхт. Одамон ба саъю кӯшиш ва ғайрати нотамому ҳавсалаи томи ин ҷавони қоматбаланди камгап ва хоксору фурӯтан қоил мешуданду дар ҳайрат буданд, ки чӣ гуна ӯ аз ӯҳдаи ин корҳои вазнини техникӣ баромада метавонад.

Ҳамин хислатҳои барҷастаи меҳнатдӯстӣ, хушзеҳнӣ ва хизматгори содиқу беминнати мардуми диёр будани Раҳматулло баъдтар, дар давраи мушкилтарини ҳаёти халқ, вақте ки бо

хоҳишу дархости пай дар пайи деҳқонон, ҳамдиёрон, занону мардон, пирону ҷавонон ӯ раиси хоҷагӣ интихоб гардид, барояш кӯмаки зиёд намуданд. Лекин ин воқеа хеле дертар ба вуқӯъ мепайвандад. Ҳоло бошад, Раҳматулло ронандаи пешқадамтарини хоҷагӣ буда, аз ҳар як печу мӯҳра ва обу равғани мошинаш бохабар аст ва онро тозаю озода нигоҳ дшта, моҳирона меронад. Бинобар ҳамин ҳам мошини наппа-нави «ЗИЛ», ки ба колхоз ворид шуд, ба ӯ бовар карда, ба номаш сиҷил намуданд. Ҳамин тавр кору амали ин шахси поквиҷдон ва покизакор барор кард ва акнун ӯ мошини навтаринро соҳиб гардид...

...Деҳқони солхӯрдае, ки ҳоло бо Раҳматулло-раис дар як кӯча зиндагӣ мекарду дар Раштонзамин низ ҳамсояи хонадони онҳо будааст, бо далелҳои қотеъ ва санадҳои мӯътамад мегӯяд, ки падару бобоён ва бобокалонҳои Раҳматулло Абдуллоев ҳамаашон аз тоифаи саркардагон зуҳур намуда, пушт ба пушт ба мардуми маҳал сарварию сардорӣ намудаанд ва бо хирадмандию адолат, поквиҷдонию садоқат хизмати халқу мулкро анҷом додаанд. Биноан ба Раҳматулло – раис низ бо виҷдони соф, мизони адлу инсоф ва сидқу ихлосу таҳаммул ба анҷом расонидани хизмати ҷомеа аз ниёгонаш мерос мондааст...

Аслан ниёгони Раҳматулло аз минтақаи Даҳбеди атрофи шаҳри Самарқанди бостонӣ буда, ба ин маънӣ эҳтимол дорад, ки қаҳрамони кишвари Афғонистон генерали ғаюр Аҳмадшоҳи Масъуд бо Раҳматулло як пайванди дури хешовандӣ дошта бошад. Зеро ин муборизи хастагинопазири шуҷоъ, нотарсу далери озодии тоҷикони Афғонистон шери Панҷшер хонда шавад ҳам, аслан аз Даҳбеди Самарқанд будааст. Панҷшериён ниёгони худро аз ин диёр мегӯянд ва ба ривояте панҷ нафар бародарони ҷасури тоҷикони даҳбедӣ бар зидди ҷабру зулми Амир Темур қаҳрамонона ҷангида, сипас ноилоҷ ҷилои Ватан менамоянд ва дар водии хушманзараи Афғонистон мулку макон мекунанд. Баъд аз сипарӣ гардидани солҳои тӯлонӣ ин водии хушманзара бо нерӯю заковати панҷ тан бародарони даҳбедӣ ободу маъмур шуда, ба шарафи онҳо Панҷшер ном гирифтааст. Зимнан симои зоҳирии Раҳматулло-раис ҳам ба шери панҷшерӣ Аҳмадшоҳи Масъуд монандие дошта, мисли ӯ қоматбаланд, камгӯшт, чандирбадан ва ҷисму ҷоне дорад иборат аз рагу пай. Чашмонаш низ ба монанди чашмони шери Панҷшер тезбину андешаманданд. Албатта, миқёси корнамоиҳои Аҳмадшоҳи Масъуд дигар аст, ӯ шахси ҳарбӣ будааст. Аммо шуҷоати меҳнатӣ ва рисолати

ваҳдатбахши Раҳматулло-раис ҳам камназир аст, зеро ӯ колхози торочгашта ва паҳну парешонро сарварӣ намуда, дар шароити ҳозира ба яке аз хоҷагиҳои пешқадами ҷумҳурӣ табдил додааст, ки ин ҳам қаҳрамонист ва доир ба он мо дар мавридаш муназзаму муфассал ҳикоят хоҳем кард.

Аммо ҳоло зикр менамоем, ки тақрибан сесад сол муқаддам бобокалони бобои Раҳматулло бо маншури амири Бухоро ба мансаби мири Ғарм таъин гардидааст. Бо ҳамин фарзандони мири даҳбедиасли Ғарм дар ин диёр таваллуд мешаванд ва ӯ дар ҳамин ҷо ба раҳмати ҳақ пайваста, ба хоби абадӣ меравад. Дар давраҳои минбаъда авлоди ин мири Ғарм ба мартабаҳои тӯқсоба, судур, муфтӣ, қозӣ, қаровулбегӣ, маҳрамбек, мирохӯр, эшикоғобошӣ ва ғайра расида будаанд. Охирин мири Ғармро Давлатбекбӣ мегуфтанд, ки ин шахс ҳам ба авлоди бобокалони Раҳматулло маҳсуб мегардидааст. Вопасин мири Ғарм Давлатбекбӣ аз лиҳози қаробат ба Раҳматулло хеле наздик-амаки падараш будааст. Давлатбекбӣ пас аз инқилоби Бухоро ба мисли бисёр ҳамватанони мо ба кишвари Афғонистон паноҳанда гардидааст. Ӯ аз муқаррабони хеш касеро ҳамроҳ набурдаасту пеш аз рафтан ҳаққи занону фарзандони худро бахшоиш намудааст. Чунин аст қисмати охирин мири Ғарм, ки аслу насаби худро аз родмарди даҳбедӣ оғоз намудааст.

Бобои Раҳматуллоро Мирзоҳавло мегуфтаанд, ки дар солҳои бистуму сиюми қарни гузашта яке аз шахсиятҳои машҳури Раштонзамин буда, вазифаҳои масъули ҷамъиятро адо намудааст. Яке аз набераҳои Мирзоҳавло аз шохаи дигар ба мансаби прокурори ноҳияи Ғарм расидааст. Писари ин прокурор Сироҷиддин Давлатов бошад, чанд сол пеш бо фармони Президенти ҷумҳурӣ раиси ноҳияи Ғарм таъин гардида буд, ки ин ҳам аз авлоди мири охирини Ғарм Давлатбекбӣ ҳисоб меёфт. Вале Сироҷиддин Давлатов дуру дароз кор карда натавониста, ҳангоми иҷрои вазифа аз тири душманони миллат ҳалок гардид.

Агар шаҷараи хонадони Раҳматуллоро идома диҳем, падари ӯ – Абдулло аз набераҳои хурдии Мирзоҳавло мебошад. Азбаски Мирзоҳавло бештар дар замони аморати Бухоро зистааст, соҳиби заминҳои бисёр ва молу маноли фаровон будааст. Мирзоҳавло пас аз инқилоб дигаргуниҳоро бо заковатмандӣ эҳсос намуда, як қисми моликияти худро дурандешона ба халқ тақсим карда медиҳад. Абдулло дар синни сездаҳсолагӣ аз падар абадан ҷудо шуда бошад ҳам, бо вуҷуди ин аз қиблагоҳ ба ӯ мероси калоне

мемонад, ки он дар шакли заминҳои обию лалмӣ, осиёбу обҷувоз, рамаҳои гӯсфандону галаи аспон будаанд. Табиист, ки дар оғози даврони шӯравӣ, ки ба истилоҳ муборизаҳои синфӣ тезу тунд буд, Абдуллои сездаҳсоларо душмани халқ, яъне кулак эълон мекунанду молашро мусодира менамоянд ва якчанд маротиба иҷозат намедиҳанд, ки дар маҷлисҳо иштирок намояд.

Боре дар ноҳияи Ғарм котиби райком иваз мешавад ва роҳбари нави ҳизбии ноҳия ҷаласа ташкил менамояд. Дар оғози ин ҷаласа яке аз рафиқони Абдулло ба котиби кумитаи ҳизбӣ савол медиҳад, ки оё навраси сездаҳсола аз падар монда бошад, ҳамон ҳам кулак ҳисоб мешавад?

Котиби райком мегӯяд, ки ҳамон писаракро ба ҷаласа даъват намоед.

Абдулло, ки дар беруни дар рост истода буд, ба маҷлисгоҳ ворид мешавад.

Котиби райком мебинад, ки Абдулло як ҷавони ситорагармест ва дар бар либосҳои оддие дорад. Ба роҳбари ноҳия, хусусан дастони дарози таҳамтани Абдулло писанд меояд ва дарк менамояд, ки ӯ ҷавони меҳнатист.

Котиби райком ба ҳозирин мегӯяд:

– Минбаъд ин ҷавонро кулак нагӯед, ӯ кулак нест, балки фарзанди ҳамин обу хок, фарзанди меҳнаткаш аст. Ҳамон рӯз Абдуллоро ба узвияти раёсати ҷаласа интихоб менамоянд. Абдулло аз ин хеле рӯҳу қувват гирифта, ба корҳои колхоз аз таҳти дил мечаспад. Ҳамон роҳбари нави ноҳия борҳо ба хоҷагӣ омада, аз чӣ бошад, ки бо таваҷҷӯҳи хосса натиҷаҳои кори Абдуллоро шахсан худаш месанҷад ва супоришҳо медиҳад. Бо Абдулло ошнои қарин ва ҳатто дӯст мешавад. Ба низоми давлати коргару деҳқон садоқатмандии Абдуллоро фаҳмида, дар синни шонздаҳсолагӣ ӯро сарвари бригадаи колхоз таъин менамоянд. Бригадаи ғаллакорӣ ва боғдории ӯ нақшаро барзиёд иҷро мекунад. Пас аз як сол бо тавсияи котиби кумитаи ҳизбии ноҳия Абдулло Мирзоев дар синни ҳабдаҳсолагӣ раиси колхози «Санги маликӣ» интихоб мешавад. Раиси ҷавон дар тамоми корҳои хоҷагӣ ибрати шахсӣ нишон медод. Лозим шавад, дастаи испорро гирифта замин шудгор мекард. Ба дараҷае ҷуфтронӣ мекард, ки деҳқонони солхӯрда мафтуни кори раиси ҷавон мешуданд. Худованд ба Абдулло ҷисму ҷони солим ва тану тӯши рустамона ато карда буд, бо дасту панҷаи дароз-дарози нерӯмандаш аз саҳар то бегоҳ бо ҷуфтронӣ машғул гардида, хастаҳолиро намедонист. Агар санги

осиёб дурушту фарсуда ва иваз кардани он зарур шавад, устоҳои хоҷагӣ аз раис хоҳиш менамуданд, ки дар кор ёварӣ бикунад. Баъди чидани дандони санги осиёб устоҳо боз ба раис муроҷиат менамуданд. Ва ӯ бидуни душворӣ осиёбсангро дар ҷояш мешинонд. Абдулло-раис дар бузкашӣ ҳам басо маҳорату тавоноӣ дошт ва ҳар гоҳе ки тавсани тундгарди худро савор шуда, ба майдон дарояд, дигар ягон човандозе бузро аз панҷаи гирои ӯ ба чанг оварда наметавонист.

Лекин як воқеа, ки дар фасли баҳорон рух дода буд, номи раиси ҷавонро дар атрофу акноф боз ҳам машҳур гардонд. Он рӯз аз субҳдам майда-майда борон борида, чоштгоҳ бориш шиддат гирифт. Раис ҳамроҳи мудири ферма оғили дар болои теппа воқеъбудаи чорворо аз назар гузаронида, аз захираи коҳу беда огоҳ шуд. Вақте ки онҳо аз теппа поён фуромада, роҳи деҳаро пеш гирифтанӣ буданд, хушкрӯди қаъри дара пуроб шудан гирифт. Абдулло-раис ба самти боло, абрҳои сиёҳи доманаи кӯҳ назар афганда, дарҳол пай бурд, ки сел омада, метавонад деҳаро хароб кунад.

– Илоҷе нест, бояд дарвозаҳои оғилро канда, дами обро бигирем, – гуфт раис, – вагарна чандин кулбаҳои деҳаамонро об мебарад.

Ва ҳар ду зуд ба болои теппа баромада, дарвозаҳоро канданд.

Раис ба чӯпон фармуд, ки гӯсолаҳои дар оғилбударо ба болои теппаи баландтари пушти оғил биронад. Худи ӯ бо мудири ферма дарвозаҳоро оварда, ба пеши маҷрои сел устувор намуд ва якчанд дастаки чӯбинро мехвор заду тамба гузошт.

– Ту ба деҳа тозон рафта, ба мардум хабар расон, – гуфт раис ба мудири ферма, – ман ин ҷо аз дарвозаҳо огоҳ мешавам.

Мудири ферма ба ҷониби деҳа шитобид. Маҷрои селоби хушкрӯд бошад, тадриҷан зиёд мешуд. Абрҳои тира кӯҳдоманро сахт печонида буданд, бориши борон ҳамвора шиддат мегирифт. Абдулло-раис мӯзаашро кашиду почаҳои шимашро барзада, ба об даромад, то дарвозаҳоро нигоҳ дорад. Селоб кафкзанон ҷамъ мешуд ва об то нимаи қади дарвозаҳоро пур карда буд. Раис бо сандуқи синаи худ ҷойи пайванди ду табақи дарвозаро тела карда меистод. Қатраҳои сарди селоби баҳорон пайкари раисро шуста мегузаштанд...

Вақте ки деҳқонон бо белу каландҳо ба кӯмак расиданд, селоб қади дарвозаҳоро пур карда буд. Абдулло-раис дарвозаҳоро бо китф нигоҳ медошт, оби сард аз бару дӯшаш ҷорӣ мешуд. Шаш нафар ҳамқишлоқиҳо дарҳол аз ду паҳлӯи раис сенафарӣ ба об

даромада, дарвозаҳоро нигоҳ доштанду гурӯҳи дигар бо белу каланд ба кушодани дами об ба тарафи сойи паҳлӯ ҳадаҳа шурӯъ намуданд. Ба сойи паҳлӯӣ ҷорӣ гардидани об безарар буд.

Деҳқононе, ки дар ду тарафи раис дарвозаҳоро дошта меистоданд, аз раис хоҳиш намуданд, ки аз об баромада, ба хонаи чорводорон биравад ва гарм шавад.

– Борони баҳорӣ сард аст, шамол мехӯред, – гуфтанд деҳқонон.

– Ман ҳамон вақт аз об мебароям, ки хатари тарафи деҳа бартараф гардад, – ҷавоб дод раис.

Дар ин лаҳза ҳақиқатан ҳам хатар бартараф гардида, маҷрои об ба сойи паҳлӯӣ кушода шуд. Абдулло-раис ба одамон сарварӣ намуда, баъди бо сангу хок пур кардани маҷрои тарафи деҳа аз об баромад.

Ҳодисаи селоби баҳорон номи Абдулло-раисро дар саросари водии Қаротегин машҳур намуд.

Котиби райком ин воқеаро шунида, ба хабаргирии Абдулло-раис омад.

– Додарам, ман медонистам, ки ту ғамхори халқ ҳастӣ, ҳар лаҳза дар ҳифзи одамон ва мулку макони онон тайёр мебошӣ, дар ин роҳ фидокорӣ мекунӣ, – дасти раисро фишурд котиби райком. – Дар носияи ту осори бузургӣ ҳувайдост, аслзода, ки ҳастӣ, бо корҳои покиза машғул мешавӣ.

Пас аз чанд рӯз котиби райком дар колхози «Санги маликӣ» маҷлиси колхозчиёнро баргузор карда, ба ҳозирин маълум намуд, ки раиси хоҷагӣ Мирзоев Абдулло барои фидокорӣ ва шуҷоат дар муҳофизати ҷону моли мардум аз селоби баҳорон ба мукофоти олии ҳукуматӣ пешниҳод гардидааст. Иштирокдорони маҷлис ин суханони котиби райкомро шунида, бо кафкӯбии бардавом изҳори қаноатмандию хурсандӣ намуданд.

Абдулло Мирзоев боз якчанд сол ба колхоз раисӣ карда, баъди якҷоя шудани се хоҷагӣ дар вазифаи мудири фермаи чорво кор мекунад, сонитар дӯсташ – котиби райком ба ноҳияи дигар ба кор меравад ва ӯ ҳамчун сарвари бригадаи ду қишлоқ низ хизмат намудааст.

## Домулло Судур, Мулло Аҳмади Сорбоғӣ ва Гиёҳи Зоғча

Дар сарзамини Рашт домулло Судури номваре буду бош доштааст, ки модаркалони Раҳматулло ҷияни ҳамин Судур буда, ба-

рои Шоири халқии Тоҷикистон, устод Боқӣ Раҳимзода ҳам ин Судур бобо мешудааст. Чи тавре ки маълум аст, рутбаи судур яке аз унвонҳои илмӣ дар Бухорои амирӣ буда, дар силсиламаротиби маъмул пас аз ӯроқ ва пеш аз садр меояд, яъне ба истилоҳи имрӯза баробари профессор аст. Домулло Судури ғармӣ воқеан ҳам марди донишманди мӯътабар ва баобрӯе буда, дар Фарғона ва Ҳисори шодмон саройҳо доштааст, ки дар онҳо наберaю ҷиянҳои сершумораш кор мекардаанд. Ба ривояти мардум Судур хешовандони бисёре дошта, сарҳалқаю васлгари қавми бузурге будааст. Ҳамон навъе, ки зикр намудем, Раҳматулло низ бо суханвари намоёни даврони мо Боқӣ Раҳимзода тавассути домулло Судур робитаи хешутаборӣ доштааст.

Бобои модарии Раҳматулло мулло Аҳмади Сорбоғӣ ном дошта, дар назди домулло Судур ва дигар донишмандони замон сабақ омӯхта будааст. Мулло Аҳмади Сорбоғӣ хусусан дар аркони шариат ва илми фиқҳ ба маърифати комил соҳиб гардида, тамоми масъалаҳои баҳсталаби рӯзгорро тибқи фармудаи шариат саҳеҳ ҳаллу фасл менамудааст. Худаш зодаю парвардаи водии Сорбоғ бошад ҳам, шахси соҳибэътибори сар то сари Раштонзамин маҳсуб мешудааст.

Бародари модаркалони афсонагӯйи Раҳматулло, яъне тағоии модари ӯро Гиёҳи Зоғча мегуфтаанд, ки ин мард ҳам аз авлоди домулло Судур ва мулло Аҳмади Сорбоғӣ ба шумор рафта, яке аз саркардагони лашкари мири Ғарм будааст. Гиёҳ сиёҳчурдаи тезфеъл ва хеле боғайрату нотарс будааст, бинобар ин халқ ба ӯ чунин лақаб додааст – Гиёҳи Зоғча.

...Боре мири Дарвоз роҷеъ ба кадом як масъалае ҷанҷол барангехта, бо дағдағаи зиёд ба Ғарм ҳамлавар мегардад. Ба ин ваҷҳ дар саросари Ғарм тайёрии серӯзаи аскария эълон менамоянд. Гиёҳи Зоғча дар рӯзи муҳориба бо сози ҳарб ба набардгоҳ меояд. Он рӯз барфи бисёр борида, замину замонро пӯшонда будааст. Дар миёни барфистон фақат пайраҳае мондааст. Гиёҳи Зоғча пешопеши лашкар асп медавонад, ки ногаҳ дар пайраҳа гурге пайдо мешавад. Гиёҳи Зоғча ба аспаш маҳмез зада, чорхез мезанонаду худаш хам шуда гургро аз замин чун буз мебардорад ва дар зери ронаш зер мекунад. Паҳлавон гургро чунон сахт пахш карда будааст, ки дар зери рони ӯ нафасгир шуда мемурад. Гиёҳи Зоғча мурдаи гургро ба болои кӯпруке, ки дар байни сарбозони Ғарму Дарвоз воқеъ буд, ҳаво медиҳад. Сипас аз асп фуромада, ҷилави онро ба ҳозирбош медиҳаду худ лавси аз гург расидаро тоза мекунад.

– Магар аз тарси гург шалвори худро тар кардӣ, ки бенамоз шудӣ?-нидо мезанад касе аз тарафи лашкари дарвозиён.

– Ман ба ҳар ҳол бо гург часпу талош кардаам, – ҷавоб медиҳад Гиёҳи Зоғча, – лекин вай, – ба тарафи дарвозиён ишора мекунад, – фақат аз дидани ҷасади беҷони гург тарсидаю ларзида шояд ҳоло шалворашро олуда карда бошад.

Аз ин суханони пурмаъноӣ Гиёҳи Зоғча лашкариёни Ғарм қоҳ-қоҳ механданд.

Ин вақт мири Ғарм тавассути маҳрамбеки худ номаи ҳарбро ба мири Дарвоз пешниҳод менамояд. Мири Дарвоз номаи ҳарбро мутолиа мекунад. Чун ӯ шуҷоати сарлашкар ва омодагии сипоҳиёни Ғармро бо чашми худ мебинад, аз набард рӯ метобад ва ба Дарвоз бармегардад.

Ҳамин тавр ба шарофати ҷасорату тадбири сарлашкар Гиёҳи Зоғча дар миён муторика ва сулҳ барпо гардида, мардуми Ғарму Дарвоз аз қатлу куштор ва деҳаҳои зиёди ин ду минтақа аз харобию вайронӣ эмин мемонанд.

Сарлашкар Гиёҳи Зоғча дар ҳифзи қаламрави мири Ғарм бисёр хизматҳои шоён карда будааст. Мир ин хизматҳои ӯро ба инобат гирифта, деҳаи Хуфро бо васиқаи мӯҳрдор ба Гиёҳи Зоғча умрбод мебахшад. Сокинони ин деҳа то Инқилоби Октябр ва таъсис гардидани сохти шӯравӣ дар ин сарзамин чоряккорони Гиёҳи Зоғча буда, тамоми закот ва боҷу хироҷи давлатиро низ ба ӯ месупоридаанд.

Модаркалони афсонагӯйи Раҳматулло табиби машҳури мардумӣ ҳам будааст. Кампир алафу гиёҳҳои шифобахши гуногунро, ки номҳои онҳоро худаш медонистаасту мешинохтааст, аз доманаи кӯҳу пуштаҳо чида, дардмандонро муолиҷа мекардааст. Хусусан дар муолиҷаи бемориҳои гурда, ҷигар, дарди мафосил ва ҳатто дар табобати безурётии занон маҳорати калон доштааст. Ӯ аз беморон маблағ ва ё ягон музди дигар намегирифтааст. Ҳар вақте ки беморон шифо ёбанд, худашон аз дил баровварда ягон чиз медодаанд. Баъзе беморонро то понздаҳ рӯз дар ҳавлиаш нигоҳ дошта, табобат менамудааст. Масалан, ба чакдон саргини гӯсфандро оташ дода, ҳар гуна гиёҳҳоро мепартофтааст ва зани безурётро дар болои он мешинондааст. Баъд дар чакдон сандалӣ карда, занро он ҷо шинонда, узвҳои гуногуни баданашро бо равғанҳои мухталифи давобахш молиш медодааст. Бибӣ бисёр занонро ба ҳамин усул муолиҷа кардааст.

Як марди давлатманди ғармӣ бо зани дӯстдоштааш якчанд сол

зиндагӣ карда, соҳиби фарзанд намешавад. Хешовандонаш маслиҳат медиҳанд, ки аз ӯ ҷудо шуда зани дигар бигирад. Вале ӯ занашро ниҳоят дӯст медошт ва намехост, ки вайро талоқ намояд. Баъд ин мард овозаи табибии бибии Раҳматуллоро шунида, бо илтиҷо ба наздаш меояд, ки занашро шифо бахшад, то оилааш вайрон нашавад. Бо усули чакдон муолиҷа намудани кампир фоида мебахшад ва зани ҳамон шахси давлатманд шифои комил ёфта, пас аз нӯҳ моҳ фарзанд таваллуд мекунад. Он марди давлатманд бо миннатдории зиёд ба кампир рӯймоли пашмин, пероҳани муносиб ва модагов ҳадя менамояд.

Модаркалони Раҳматулло дар синни наваду сесолагӣ фавтидааст. Ҳикоят мекунанд, ки дар синни наваду дусолагиаш ҳам чашмонаш нағз медиданд ва бо сӯзану тебана ҳар хел дарздӯзиҳоро бо сифати хуб анҷом медодааст. Ҳофизаи қавӣ дошту ҳар гуна маталу афсонаҳо мегуфт.

Пас аз вафоти бибӣ касби табибии ӯ ба модари Раҳматулло мегузарад. Мегӯянд, ки тағоии Раҳматулло Сахӣ Шарифов низ табиби моҳир буда, беморонро аз ҳар навъ ранҷу азиятҳо шифо мебахшидааст. Ғайр аз ин Сахӣ Шарифов машшоқи чирадаст буда, бо навоҳои дилошӯби асбобҳои мусиқӣ ба сомеъон сурур мебахшидааст.

Чи тавре ки возеҳ гардид, ҳам аз тарафи падар, ҳам аз тарафи модар, яъне аҷдоду ниёгон ва бибию модаркалонҳои Раҳматулло шахсиятҳои шарофатманд ва бонаҷотбат буда, тамоми умр дар байни халқ ҳамчун сарвару саркарда ва мушкилкушо хизмат намудаанд ва обрӯю эътибори баландро ба туфайли иҷрои хизматҳою вазифаҳои неку фарзона ба даст овардаанд. Аз ин рӯ, Раҳматулло-раис шахси наҷибуттарафайн буда, бо мададгории арвоҳи гузаштагон имрӯз сарвари шоёни халқ мебошад ва дар боби хизмат ба мардум бо ақлу фаросати хеш дар шоҳроҳи поку муқаддаси ниёгон устуворона қадам мезанад.

## Садамаи обхез ва ҷабҳаҳои ободонӣ

Фасли баҳорони соли як ҳазору нӯҳсаду шасту ҳашт дарёи Кофарниҳон ниҳоят сероб буд ва бо талотум ҷорӣ мешуд. Дарё соҳилҳоро шуста, киштзоронро пахш мекард. Ба майдонҳои пахтаи як қатор хоҷагиҳои назди соҳилҳои ин рӯд хатари калоне таҳдид менамуд. Ҳамон сол якчанд гектар пахтазори колхози «50-солагии СССР»-и ноҳияи Қубодиён дар зери обу гил монд.

Раиси ҷавони хоҷагӣ Маъруф Ҳакимов, ки пас аз фавти сарвари машҳури колхоз, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Саидназар Худойқулов ба ин вазифаи масъул интихоб гардида буд, сахт ба таҳлука афтод. Агар дар камтарин фурсат корҳои соҳилбандиро анҷом дода, дами обхезиро нагиранду дар минтақаҳои офатзада тухмии пешпазаки пахта накоранд, иҷрои нақша номумкин хоҳад шуд. Он солҳо иҷро нагардидани нақшаҳои давлатӣ оқибатҳои ниҳоят ногуворе дошт.

Ҷаласаи раёсати хоҷагӣ, ки ба муҳокимаи ин масъалаи ҷиддӣ бахшида шуда буд, хеле пурҷӯшу хурӯш мегузашт.

– Бригадаи махсуси соҳилбандӣ ташкил намудан даркор, – ба аҳли раёсат муроҷиат кард раис, – ба сардории он Раҳматулло Абдуллоевро пешниҳод менамоям.

Ҳозирон ҷавонмарди болобаланду тануманд Раҳматуллоро нағз мешинохтанд, корҳои неки ӯро дидаву писандида буданд. Чанд соле, ки ӯ ронандаи хоҷагӣ буд, ба минтақаҳои дурдаст ва душворгузари Чордағал ҳам рафта буду тарафи паттазорону найистони Полвонтӯғай ҳам, ба ёрии даравгарон ба паҳндашту адирҳо мошин меронду лаҳзае оромӣ надошт. Ҳамон навъе ки мегӯянд, аз кор хаста намешуд.

Порсол, вақте ки дар хоҷагӣ бригадаи бинокорони насосҳои обӣ ташкил гардид, Раҳматуллоро сардори он таъин карда буданд. Аъзои ин бригада дар муддати кӯтоҳ шаш ҷуфт дастгоҳҳои насосҳои обиро насб намуданд. Ҳар дастгоҳ ду адад насос дошт ва бо навбат фаъолият менамуду ҳар яке бештар аз панҷоҳ гектар кӯҳдоманро обёрӣ мекард.

Ҳамон вақт доир ба масъалаи дунасосӣ кардани ҳар дастгоҳи обкашӣ дар маҷлиси раёсати хоҷагӣ хеле баҳсу талош ба амал омада буд.

Муҳосибон таъкид менамуданд, ки агар дар ҳар дастгоҳ ду насос насб намоянд, хароҷот хеле зиёд мешавад.

– Дар ин сурат, – ақидаи худро асоснок намуданӣ шуд сармуҳосиби хоҷагӣ, – сарфу хароҷот бисёр мешавад, ҳар донаи меваи зардолу, ки дар кӯҳдоман рӯёнида мешавад, қимат шуда, ба меваи тилоӣ табдил меёбад. Насосҳои овардаамон наванд, охир,мо кӯҳнаро насб намекунем-ку? Насосҳои нав дарҳол вайрон намешаванд, бинобар ин ман пешниҳод менамоям, ки дар ҳар дастгоҳ яктоӣ насос шинондан даркор асту бас, обмӯриро аз боғ калон кардан лозим нест.

– Дар гармои тобистон, вақте ки сангҳои кӯҳ танӯр барин таф-

сида, замину замонро ҷиззасзанон сӯзонанд, – ба сухан баромад Раҳматулло, – ба ҳамаатон маълум аст, ки шабонгоҳон ҳам аз кӯҳ гармӣ дамида, касро нафасгир мекунад, дар бораи салқинию серунӣ хаёл кардан ҳам маҳол аст, ана ҳамон вақт, агар ба растанӣ се рӯз об нарасад, аз решааш хушкида меҳнати яксола барбод меравад. Бародарон, ҳар яки шумо техникаро медонед, албатта, техникаи ватани мо бадошту мустаҳкам аст. Лекин техникаи нав аслан вайрон намешавад гуфта, ҳеч кас кафолат дода наметавонад. Баъзан аз магазин як чизи навро мехареду ҳафтае нагузашта он вайрон мешавад. Нуқси корхонаҷот гуфтанӣ гап ҳаст. Ақидаи ман якто, ман гапи худро тағйир намедиҳам, агар маро сардори бригадаи насосҳои кӯҳдоман таъин карданӣ бошед, дар ҳар дастгоҳ дутоӣ насос мемонему халос. Колхоз обро аз ман талаб мекунад. Боварӣ дорам, дар кӯҳдоман боғҳои меваҳои шаҳдбор бунёд мешаванд, харбузаю тарбуз ҳам мекорем, пахтаи абрешимии маҳиннах ҳам мерӯёнем ва хароҷоти сарфшуда сар ба сар гардида, ҳатман фоида ҳам мегирем!

Ҳамон вақт ҳайати раёсати колхоз пешниҳоди Раҳматуллоро маъқул ҳисобида, иҷозат дод, ки дар ҳар дастгоҳ дутоӣ насоси обӣ шинонида шавад. Ҳамин тавр, барои обёрӣ намудани минтақаи кӯҳдоман шаш дастгоҳи мукаммал насб намуданд, ки ҳар дастгоҳ дорои ду насос буд.

Ҳаёт дурандешию хирадмандӣ ва пешбинии Раҳматуллоро исбот намуд. Дар чиллаи тобистони Қубодиён, ки хусусан растаниҳо обталаб мешуданд, яке аз насосҳо аз кор баромад. Дар ин лаҳза насоси дуюмро фаъол намуданду киштзорро бе об намонданд. Ва аз пайи таъмири насоси вайрона шуданд, маълум гардид, ки клапани резиниаш сӯхта будааст. Таъмирро дар мӯҳлати кӯтоҳ гузаронида, насосро ба кор даровარданд ва барои эҳтиёт як миқдор резини клапанро захира ҳам намуданд. Зимнан Раҳматулло дар давраи кори худ ба сифати сардори бригадаи насосҳои об «ман сарвар» гӯён ором нанишаста, ҳамроҳи устоён дар пайи идора намудан ва таъмир кардани насосҳо шуда, нозукиҳои сохти ин навъи техникаро ҳам нағз омӯхт. Дар ҳақиқат ба одаме, ки як соҳаи техникаро дақиқан омӯзад, ёд гирифтани соҳаи дигар низ мушкилие надоштааст. Ақлу фаросати комил, майлу хоҳиши дил ва дасту панҷаи ба кор моил зарурат доштаасту бас.

Ба шарофати меҳнати содиқонаи аъзои бригадаи Раҳматулло ва оби ҷонбахши Наҳри Калон дар минтақаҳои Микоян,

Ҷарқӯрғон, Калинин, Тешуктош ва Болшевик колхоз соҳиби зиёда аз сесад гектар замини ҳосилхез шуд. Аъзои бригада дар заминҳои нав чорбоғи себу нок, зардолу, ангурзор, полези харбузаю тарбуз ва албатта, бештар майдонҳои пахта бунёд намуда буд.

Вақте ки фаъолияти дастгоҳҳои обёрӣ ба мизон даромад, онро идора намудан ва ҳангоми зарурат таъмир кардан чандон мушкилие надорад. Ин вазифаро ҳар каси босалиқа метавонад, ки ба ӯҳда бигирад.

Ба раёсати колхоз маърифату маҳорати кордонӣ, садоқату покниҳодӣ ва соҳибтадбирию одамшиносии Раҳматулло маълум буд. Имрӯз, ки дарёи Кофарниҳон наъракашон ҷорӣ гардида, ҳар лаҳза хавфи он вуҷуд дошт, ки обҳои пуркафк аз соҳилҳо дамида баромада, ба ҳаёти одамон таҳдид намояд, киштзорону боғистонҳоро хароб созад, яъне ба рӯзгори то ин вақт мӯътадилу осоиштаи колхоз хатари ҷиддӣ омадааст, раёсат боз ба Раҳматулло муроҷиат кард, то ба бригадаи соҳилбандӣ сарвар шавад ва дами обхезиро бигирад.

Замоне падари Раҳматулло амаки Абдулло-раис Мирзоев ҳаёту саломатии худро ба хатар гузошта, бо пайкар ва ҷисму ҷонаш дами селоби баҳоронро гирифта, сокинони деҳаи кӯҳистонро аз хавф наҷот дода буд. Акнун навбати корнамоии писари Абдулло-раис – Раҳматулло фаро расида буд, то бо қудрати ақлу заковат ва дастони тавонояш ҳаёти мардумро аз хатар эмин дорад. Яъне лаҳзае омадааст, ки писари қобил корнамоӣ, қаҳрамонӣ, фидокорӣ ва олиҳимматии падари бузургворро такрор намояд.

Раҳматулло дар ҳаёти худ барои манфиати халқу ҷамъият борҳо корнамоӣ, фидокорӣ ва олиҳимматии бузург намудааст, ки яке аз онҳо ҳоло оғоз меёфт.

Зиндагии инсон бо об, ки аз ҷумлаи муқаддасоти табиат мебошад, пайванди ногусастанӣ дорад. Баъзан обу дарё бо қатъияти ғайриоддие сарнавишти як сарзамин, тақдири бисёр одамон ва бидуни шак қисмати шахси алоҳидаро ҳам муайян менамояд. Вақте ки об дар дарёю ҷӯйҳо оромона ва ба як мизон ҷорӣ бошад, ба нерӯи бузурги созандагӣ табдил меёбад, ҳам обёрӣ мекунаду ҳам ободӣ меорад. Аммо агар оби рӯдхона дар маҷрои худ нағунҷаду доманшӯӣ кунад, ин ҳам, албатта нерӯи бузург аст, лекин ин нерӯ бештар ба нерӯи аҳриманӣ мушобеҳ мешавад ва ба сари одамон хатарҳо оварда, вайронкориҳо карда метавонад.

Соли шасту ҳаштум яке аз он солҳое ба ҳисоб мерафт, ки дар рӯдхонаи муқаддаси Кофарниҳон нерӯи аҳриманӣ афзун гардида буд. Одамон тасмим гирифтанд, ки ҳамин нерӯи аҳримании дарёро маҳор кунанд, корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ ва соҳилбандиро анҷом бидиҳанд. Раёсати колхоз Раҳматуллоро ба ин кори хеле муҳим сарвар интихоб намуд...

...Маълум аст, ки дар кишвари шӯроҳо бо роҳбарии Сталин ҳаракати ташкили колхозҳо асосан соли бисту нӯҳ оғоз ёфта буд. Агар колхози «50-солагии СССР»-и ноҳияи Қубодиён соли сиюм ташкил гардида бошад, то соли шасту ҳаштум сию ҳашт сол сипарӣ гаштаасту ягон раиси хоҷагӣ ба таври ҷиддӣ дар андешаи он нашудааст, ки соҳили дарёро ба таври шоиста мустаҳкам намояд ва ба ҳамин васила ҷону мол, манзилгоҳи одамон ва киштзорон дар амну амонӣ бошанд. Ҳатто раисони қаҳрамону ордендорон ҳам ин масъалаи хеле ҷиддӣ ва ҳаётан басо муҳимро ба гӯшаи хаёл наовардаанд. Ҳол он ки идораҳои боло кулли хоҳишҳои чунин роҳбарони нозпарвардаро бардошта, кӯмаку ёварӣ ҳам мекарданд ва соҳилҳо бо роҳи осон мустаҳкам мегардиданд. Не, ин масъаларо ягон роҳбари масъул ҷиддан андеша накардааст. Дар ҳоле ки он солҳо обхезиҳо зуд-зуд ба амал меомаданд ва мутаассифона, талафоти ҷонию хисороти молӣ ҳам ворид мешуданд.

Бар зиммаи сардори бригадаи соҳилмустаҳкамкунӣ ва соҳилбандии колхоз Раҳматулло Абдуллоев вазифаи азиме вогузор гардид, ки онро дар вақташ раисони машҳур низ анҷом надода буданд.

Раёсати колхоз қарор қабул намуд, ки интихоби аъзои бригада ҳам ба ихтиёри худи сардор Раҳматулло гузошта шавад. Ҳамчунин ба хотири зарурати анҷом додани вазифаю супоришҳои оҷил мошини тамғаи «ЗИЛ» низ ба ихтиёри бригада монда шуд. Дар давраи сардори бригадаи насосҳои кӯҳдоман будани Раҳматулло низ ин мошин дар ихтиёри бригадааш вогузор гардид.

Раҳматулло ба бригадаи худ бештар он ҷавонони ҳузарберо ҷалб намуд, ки дар корҳои сангтарконӣ, сангчинӣ, бетонрезӣ ва симтобӣ маҳорати хуб доштанд. Ба бригада якчанд адад мошинҳои кран ва самосвалҳоро, ки бо дархости хоҷагӣ аз ташкилоти бинокорӣ ва муассисаи автомобилии ноҳия оварда шуда буданд, вобаста намуданд. Ҳатто аз муассисаҳои автомобилии шаҳри Қӯрғонтеппа мошинҳои самосвал ва боркаш дархост карданд.

Сарвари бригада Раҳматулло ба зудӣ кори шабонарӯзии соҳилбандиро ташкил кард. Зеро дақиқаҳо мунтазир намешуданд, сатҳи оби дарё лаҳза ба лаҳза баланд мегардид.

Обхезӣ хусусан ба деҳаи Курорт (ҳоло деҳаи Фароғат) хавфи калоне дошт. Дар ин деҳаи колхоз зиёда аз дусад хонавода зиндагӣ менамуд. Оби хурӯшон ва гилолуди Кофарниҳон лаҳза ба лаҳза медамиду боло мехест ва ба сокинони деҳа хавфу хатари калоне таҳдид мекард. Одамон ба тарсу таҳлука афтода буданд ва намедонистанд, ки молу ҷон, мулку макон, боғу киштзоронро чӣ тавр ҳифз намоянд.

Раҳматулло пеш аз ҳама кори соҳилбандиро аз ҳамин деҳа оғоз кард. Азбаски бо қарори махсуси раёсати колхоз ба бригадаи соҳилбандии Раҳматулло иҷозат шуда буд, ки дар ҳудуди хоҷагӣ дарахтони чинор, бед, ақоқиё ва ғайраро бурида, барои ҷилавгирии хатари обхезӣ истифода намоянд, биноан дар ин ҷо дар як мӯҳлати кӯтоҳ масолеҳи фаровони оббандӣ ҷамъ оварданд. Набарди шадиди ҳамкорони Раҳматулло бо мавҷҳои пуртуғёни Кофарниҳон дар деҳаи Курорт ду шабу ду рӯз бе танаффус идома дошт. Хусусан соати сеюними шаби аввал сатҳи об ба нуқтаи баландтарин баромад.

Ҳар лаҳза хавфи он буд, ки маҷрои тезҷараёни Кофарниҳон аз соҳил берун ҷаҳида, деҳаи Курортро бо тамоми сокинон ва хонадони онҳо рӯфта мебарад ва несту нобуд мекунад. Шукри Худованд, ки одамон бо қудрати техника садди шадиди роҳи обхезӣ гардиданд. Инҳо аъзои бригадаи соҳилбандии колхоз буданд, ки таҳти роҳбарӣ ва ҳидояти оқилонаю ҷасуронаи Раҳматулло дами обро гирифта тавонистанд. Ҳамон шаб саркор ва аъзои бригадаи ӯ хоб накарданд, муборизаю бедорхобии онҳо рӯзи дигар низ идома ёфт. Дар фарҷом ин набарди шадид дар деҳаи Курорт бо пирӯзии одамон ба анҷом расид. Вале меҳнати қаҳрамононаи Раҳматулло ва ҳамкорони ӯ боз рӯзҳо ва шабҳои зиёде идома дошт. Онҳо дар ҳудуди хоҷагӣ соҳили дарёи Кофарниҳонро бетонпӯш намуданд ва рӯд ҳам маҳор гардид ва дигар орому мутеъ ҷорӣ мешуд...

– Сангҳои кӯҳи Хоҷа Ғозиёни бузургвор ба имдоди мо расиданд, – воқеаи обхезии ҳамонсоларо ба хотир меорад Раҳматулло,-як гурӯҳ ба таркондани сангҳои кӯҳ машғул мешуданду гурӯҳи дигар ба сохтмони банди соҳил. Сангҳоро бо самосвалҳо мекашондем. Дар бадали як ҳафта дами обро гирифта бошем ҳам, сохтмони банди об дар ҳудуди колхоз беш аз се моҳ тӯл кашид.

Раҳматулло бо аъзои бригадаи худ корҳои соҳилбандиро ба дараҷаи хеле баланд анҷом дода будааст, ки дар тӯли солҳои минбаъда дарё ягон бор киштзори хоҷагиро пахш ҳам накардаасту ба оилаи ҳеч як аз сокини колхоз осеб ҳам нарасидааст. Воқеан ҳам ин марди фидоии ҷамъият кори дар арзи сию ҳашт соли мавҷудияти сохти колхозӣ анҷомнаёфтаро бо ин садоқату чашмикордонӣ ба субут расондааст. Дар ин муддат рӯд борҳо дамида, ғалаён кард, вале соҳили чапи он, ки бо сангҳои кӯҳи Хоҷа Ғозиён ва дастони Раҳматуллою ҳамкорони ӯ мустаҳкам гардида буд, ба ҳамаи ин мадду саркашиҳои дарё тоб оварда тавонист.

Фаъолияти минбаъдаи Раҳматулло комилан ба роҳи ободонии деҳаҳои колхоз равона гардидааст. Солҳои 70-80-уми қарни гузашта сатҳи зиндагии мардум боло рафта, қариб ҳар як оила имкон дошт, ки барои худ ва фарзандон манзилҳои замонавӣ бисозанд. Хоҷагӣ фақат аз лиҳози чӯбу тахта ва сементу шифер танқисӣ мекашид. Ҳаллу фасли ин мушкилотро ҳам ба зиммаи Раҳматулло вогузор намуданд.

Дар деҳаи Курорт, ки аз чанголи обхезӣ наҷот ёфта буд, мағозаи масолеҳи сохтмон ташкил шуд, ки он ба ширкати давлатии «Тоҷиктара»-и идораи таъминоти ҷумҳурӣ вобаста буд ва Раҳматулло мудири мағоза таъин шуд.

Хушбахтона, дар ҳар давру замон шахсоне зуҳур мекунанд, ки пешбин ҳастанд, ояндаро дида метавонанд ва мувофиқи талаботу тақозо ва имконоти он амал менамоянд. Раҳматулло аз чунин шахсони варзида ва фаҳмидаи даврон аст. Мағозае, ки ӯ дар ихтиёр дошт, пурра аз тарафи давлат таъмин мешуд. Биноан, вай метавонист бо ҳамин маводи сохтмонии барояш тақсимшуда қаноат кунаду корро пеш барад. Агар ҳамин тавр фаъолият менамуд, нақшаҳоро иҷро мекарду ба кори ӯ касе эрод намегирифт. Вале дар ин сурат иддаи бештари одамон барои иморатсозӣ масолеҳи бинокорӣ намеёфтанд ва албатта, дар ҷустуҷӯи он бисёр азият ҳам мекашиданд. Раҳматулло инро ботинан эҳсос намуд ва дар назди худ ҳадафе гузошт, то мардум аз ин азобу азиятҳо раҳоӣ биёбанд.

Раҳматулло бори аввал кулба сохтани худро ҳеч фаромӯш намекард. Дар он даврони наврасӣ худаш танҳо хишт мерехт. Ҳар вақте ки аз хиштрезӣ хастаю лакот меомад, модари ғамхораш ба ӯ тухми таҳиаловӣ ва нони фатири қаймоқӣ медод, ки бихӯраду қуввати бадани худро барқарор намояд. Ҳашар карда, хишти хо-

наро чид, вале ҳамон вақт рави кулбааш якуним метр кӯтоҳӣ намуду аз боиси ин Раҳматулло хеле саргардон гашта, рави дарозтарро ҷӯё шуд, вале афсӯсу дареғо, ки онро наёфта, ба нӯги рав дастак васл кард. Ҳамон ҷойи якунимметрии бом чӯкид ва вақти зимистону дигар фаслҳои боришот аз он қисмати бом нам мегузашту Раҳматуллоро мушавваш менамуд. Ҳамон вақт ӯ дар дил аҳд карда буд, ки агар ягон вақт имкон фароҳам расад, дар деҳа ва ноҳия равҳоро фаровон хоҳад кард, на танҳо равҳои дарозу мустаҳкам, балки ҳамаи анвои маводи бинокорӣ – чӯб, шифер, тахта, семент, мех, ранг, хулоса, ҳар чизе, ки барои бино кардани хонаи замонавӣ ба инсон зарур аст. «Одамон аз танқисии масолеҳи сохтмонӣ мисли ман зинҳор азоб накашанду деҳаҳои ноҳияамон ва дигар ноҳияҳо ҳам ободу маъмур гарданд. Одамиён сарсону саргардон нагарданду пас аз меҳнат дар хонаҳои барҳавою равшан бо фароғат умр ба сар баранд, дар ин хонаҳо ҷашну сур ва тӯю тамошоҳо барпо шаванд, тифлон ба дунё оянд... Худо кунад, ки одамон батолеъ ва хушбахт бошанд», ҳамон вақт Раҳматулло чунин хаёлҳоро дар дил мепарварид. Ана, акнун ҳамон имконият фароҳам омад, минбаъд ӯ кӯшиш мекунад, ки мағозааш мушкилкушои ҳар як шахси иморатсоз гардад. Бо ҳамин мақсад Раҳматулло анбори мағозаро васеъ намуд.

Ӯ бо меъёри тақсимоти муқаррарӣ қонеъ нагардида, ба идораи таъминоти давлатӣ меомад ва ба афроди дахлдор муроҷиат ва муносибати хуш менамуд, дилёбӣ мекард, ки ба мағозаи ӯ маводи сохтмониро бештар фиристанд. Албатта, ба ин қабил даргоҳҳо бидуни дастовез намеомад, бисёр вақт меваҳои шаҳдбори чорбоғҳои Қубодиён қуфлкушои дарҳои баста мегардиданд.

Раҳматулло боз ба ҳар идораю муассисае, ки аз он ҷо масолеҳи бинокорӣ дарёфтан мумкин бошад, сар мекӯфту мушкилотро ҳал мекард. Ба ин даргоҳҳо аксаран моҳи декабр, яъне дар охири сол меомад, зеро намояндагони баъзе ноҳияҳо фаромӯш менамуданд ва ё беҳавсалагӣ зоҳир мекарданду амволи барои ноҳияашон ҷудошударо намегирифтанд. Ин идораҳо молҳоро ба соли дигар гузарондан намехостанд, зеро ин амал аз лиҳози иқтисодӣ манфиат надошт, он амволро Раҳматулло барин шахсони кордон соҳибӣ менамуданд, ки ба манфиату зарурати халқи заҳматкаш масраф мегардид. Бо ҳамин ҳадаф ӯ тадриҷан ба берун аз марзи ҷумҳурӣ низ раҳсипор мешуд. Ба ин роҳ ӯро истеъдод ва фитрати покаш ҳидоят менамуд, ин роҳи ростини ҷӯяндагӣ ва созандагӣ буд, ки Худованди мутаол дар ниҳодаш сириштааст.

Падари бузургвори Раҳматулло амаки Абдулло Мирзоев, тавре ки зикр намудем, солҳои пеш дар ноҳияи Ғарм раиси колхози «Санги маликӣ» буда, пас аз муҳоҷират ба ноҳияи Қубодиён ҳам яке аз фаъолони колхоз ҳисоб меёфт, мудири ферма, сардори бригадаи пахтакорӣ буд, таҷрибаи фаровони зиндагӣ дошт, ба Раҳматулло ҳамеша як панд медод: «Писарам, қамишро сахт нақапӣ, дастатро мебурад». Падар бо оилаи дигараш зиндагӣ мекард ва бо Раҳматулло ҳам зуд-зуд мулоқот намуда, роҳнамои ҳаёташ мешуд. Раҳматулло ин ҳикмати падарро дар овони наврасӣ шунида, тадриҷан ба мазмуни амиқи он сарфаҳм рафта буд. Падар таъкид мекард, ки писар дар кору зиндагӣ ҳамеша ҷиддӣ бошад ва масъулиятро эҳсос намуда, мувофиқи он амал бикунад.

Дар даврони Иттиҳоди Шӯравӣ дар вилояти Иркутски кишвари Русия комбинати мӯҳташами «Тоҷикҷангал» фаъолият мекард, ки тавассути ғамхории ҳукумат ҷумҳурии моро бо маводи сохтмонӣ таъмин менамуд. Он солҳо дар ин муассиса дастони корӣ кифоят намекарданд ва роҳбарони ҳамонвақтаи «Тоҷикҷангал» тавассути васоити ахбори оммаи сершумор гоҳ-гоҳ ба ҷавонони тоҷик муроҷиат менамуданд, ки ба Иркутск биёянду ба манфиати халқи худашон меҳнат кунанд. Ҳамон вақт ҷавонони тоҷик ба ин даъвати ватандӯстона ниҳоят кам ҳамовозӣ мекарданд ё умуман ин даъватро қабул наменамуданд.

Раҳматулло дар ин комбинат одами худӣ буд. Худо медонад, ки он вақт ҳамкасбони ӯ аз дигар ноҳияю шаҳрҳои ҷумҳуриамон аз мавҷудияти чунин муассиса огоҳӣ дошта буданд ё не.

Боре Раҳматулло ба идораи комбинати «Тоҷикҷангал» бистуми декабр, яъне дар чиллаи зимистон омад. Ҳавои сарзамини Сибир хеле сард, ба истилоҳ туф куну ях кун буд. Раҳматулло метавонист, ки мисли дигарон дар як гӯшаи гарми хонааш бо фарзандони худ нишинаду аз пайи ороиши арчаи солинавӣ ё ягон ташвиши дигари иди анъанавӣ шавад. Не, ӯ аз рӯйи панди падар амал намуда, қамишро маҳкам қапида, барои манфиати мардум ба сафар баромада буд. Ба коргарони комбинати «Тоҷикҷангал» меваҳои лаззатбори боғҳои Тоҷикистон – лимӯ, анор, ғӯлинг, чормағз, писта, мавиз ва албатта, як-ду қуттӣ майи ноб савғотӣ овард. Маълум аст, ки бо чунин савғотиҳо дар Сибирзамин масъаларо ба таври мусбат ҳал намудан осон аст. Раҳматулло ба ноҳия расидан замон аз пайи ӯ вагонҳои чӯб, тахта, шифер, фанер ва ғайра ба Қубодиён расиданд.

Роҳбари ҳамонвақтаи ноҳия (он солҳо навоҳии Қубодиён, Шаҳритус ва Носири Хусрав якҷоя буданд) шодравон Ҷалолиддин Муҳаммадов ин вагонҳои пур аз масолеҳи бинокориро дида, дар ҳайрат мемонад. «Роҳбари ноҳия ман ҳастаму хабар надорам, ки ин вагонҳои пур аз куҷо меоянд ва онҳоро кадом бачамарди шердил ташкил кардааст?» Пас аз пурсуҷӯ ва таҳқиқ ба котиби якуми кумитаи ҳизбии ноҳия номи ин «бачамарди шердил»-ро маълум менамоянд. Роҳбари аввали ноҳия Раҳматуллоро ба дафтари кораш даъват мекунад.

– Комёбию чирадастии шумо маро бисёр хурсанд намуд, – гуфт Ҷалолиддин Муҳаммадов пас аз шиносоӣ бо Раҳматулло Абдуллоев, – ташаккур, писарам, барои ободонии ноҳия хизмататон калон аст. Агар шумо барин боз ду-се нафар мардони майдон медоштем, ноҳияамон хеле обод мешуд. Шумо дуруст мекунед, ки худатон часпу талош менамоед, роҳи муомиларо кофта меёбед.

Сипас Муҳаммадов бо Раҳматулло дуру дароз сӯҳбат намуда, аз нақшаҳои кораш пурсон шуд.

– Ҳоло бо кадом корҳои таъҷилӣ машғул ҳастед? – роҳбари ноҳия ба чеҳраи Раҳматулло бо диққат нигарист.

– Пагоҳ барои супоридани имтиҳони давлатӣ ба Душанбе меравам, – ҷавоб дод Раҳматулло, – факултаи иқтисодии Донишгоҳро хатм карда истодаам.

– Офарин, ин коратон ниҳоят аъло ва дурандешона, – таҳният хонд Муҳаммадов. – Ба ман шумо барин кормандон лозиманд, шуморо ба вазифаи муовини раиси кумиҷроияи ноҳия оид ба сохтмон тавсия менамоям. Ҳамин корҳои ободонии худро дар сатҳи тамоми ноҳия давом додан мегиред. Коргарони бомаҳорат ва чолокро мо дастгирӣ менамоем. Канӣ, худатон дар бораи ин пешниҳоди ман чӣ мегӯед?

– Муаллими мӯҳтарам, барои ин боварии калонатон аз самими қалб ташаккур мегӯям. Лекин ман ҳоло як-ду сол мехоҳам, ки ҳамин корамро идома диҳам, зеро ин ҳам ба ободии ноҳияи азизамон нигаронида шудааст. Сонӣ ман бисёр ба сафарҳои хизматӣ меравам, агар худам наравам, ин масолеҳи бинокориро равон намекунанд. Дар ҳамон ҷо ҳам талабгорони ин мавод бисёранд.

– Дуруст мегӯед, лекин мо шуморо дар ин коратон дер намемонему ба вазифаҳои масъулияттари сатҳи ноҳия пешбарӣ менамоем. Умуман, ҳар вақт хоҳед, ба назди ман оед, бароям бо шумо барин шахси кордону зирак кор кардан фараҳбахш аст. Пешниҳоди маро фаромӯш накунед, ҳар вақт хоҳед, биёед.

– Ташаккур муаллим, мо ба хизмат тайёрем.

– Лекин як масъаларо бояд дар рӯзҳои наздик ҳал намоед,- исрор кард Муҳаммадов, – дурусттараш пас аз супурдани имтиҳони давлатӣ ва гирифтани дипломи мактаби олӣ анҷом диҳед ҳам, мешавад. Он вақт, албатта, хотиратон хеле ҷамъ хоҳад шуд. Масъала ҳамин, ки, – каме ба хаёл рафт котиби райком ва давом дод: – ба қарибӣ дар водии Бешканд сохтмони калон оғоз мегардад, канали обёрии ин минтақа бунёд хоҳад шуд. Албатта, сохтмон аз тарафи давлат таъмин карда мешавад, лекин дар наздикии ин водӣ мавҷуд будани як шӯъбаи мағозаи шумо ниҳоят зарур аст. Одамон истиқоматгоҳ месозанд, барои чорвояшон оғил зарур мешавад, бошишгоҳ даркор, хулоса, ҳазору як масъалаю муаммо пеш меоянд. Бинобар ин дар хизмати халқи водии Бешканд фаъол будани як шӯъбаи мағозаи шумо амри зарурист.

– Ин пешниҳоди хуб аст, шӯъбаи мағозаро дар мӯҳлати фармудаатон, албатта, ташкил мекунем, – даст пеши бар гирифт Раҳматулло ва хайрухушкунон аз идораи райком баромад.

Овозаи корҳои неки ободонӣ, ки Раҳматулло дар сатҳи ноҳия ба субут мерасонд, ба гӯши роҳбарияти собиқ вилояти Қӯрғонтеппа низ расида буд. Дар он ҷо гуфтанд, ки чунин шахсияти кордон, ҳушманд, фидоӣ ва сарсупурдаи кори халқу ҷамъият бояд дар сатҳи вилоят хизмат бикунад, то ки аз меҳнату хизматҳои фархундаю шоистаи вай одамон ҳар чи бештар истифода намоянд.

Ба ҳамин минвол бо пешниҳоди роҳбарияти собиқ вилояти Қӯрғонтеппа фаъолияти Раҳматулло густариш ёфта, ин кори ободонии ӯ дар миқёси вилоят ташкил гардид. Ба ихтиёри ӯ бинои калону мувофиқро ҷудо намуданд. Мағозаи калони маводи сохтмонӣ дар маркази вилоят – шаҳри Қӯрғонтеппа кушода шуда, дар ноҳияҳо (ба шумули минтақаи Бешканд) низ ҳашт шӯъбаи ин мағозаи калон яке пайи дигар ба кор шурӯъ кард. Баъд Раҳматулло ба нуқтаҳои зарурӣ соле се-чор маротиба сафар намуда, муносибатҳоро ба дараҷае хубу эътимодбахш кард, ки ҳар моҳ, фақат тахта ба вилоят зиёда аз се ҳазор метри мукааб меомад. Ӯ ғайр аз комбинати «Тоҷикҷангал»-и вилояти Иркутск бо мақсади ободию маъмурии диёр бо вилоятҳои Красноярск, Хабаровск, шаҳрҳои Тюмен, Благовешенск, Чита, Братск, Тайшет, Кемерово, Новокузнетск ва дигар гӯшаю канорҳои мамлакати нопайдоканори Шӯравӣ низ дӯстию ҳамкории хеле самимона дошт. Бинобар ин дар мағозаҳои Раҳматулло дигар навъҳои масолеҳи

бинокорӣ ҳам ба ҳамин тартиб фаровон ворид мегардиданд. «Ҳозир, ки имкон ҳаст, ба халқам хизмате бикунам» мегуфт Раҳматулло. Пиру барно аз дӯконҳои ӯ чӯбу тахта, сементу шифер, меху ранг, фанер ва дигар маводи сохтмонии мавриди зарурати худро мегирифтанду «барака ёбад, Раҳматулло» гӯён дуо медоданд.

Вазифаю мартабаи Раҳматулло боз баландтар гардид. Ӯро раиси шӯъбаи вилоятии трести «Тоҷиктара» таъин карданд. Теъдоди мағозаҳои зери итоати вай ба ҳаждаҳ расид, инчунин ӯ дар муассисаи худ коргоҳи борҷомасозӣ ташкил намуд. Таъмини ҳамаи комиҷроияҳои шаҳру навоҳии вилоят, ҳамчунин шахсони имтиёздору барҷомондагон, ёрӣ расондан дар вақтҳои офатҳои табиӣ куллан бо воситаи корхонаи ӯ амалӣ мегардиданд.

Дар маркази ҷумҳурӣ сарраёсати ин идора мавҷуд буда, он ба «Госснаб» итоат менамуд ва дар саросари кишвар ду шӯъба – яке дар вилояти Суғд ва дигаре дар вилояти Хатлон дошт, ки роҳбарии ин шӯъба ҳамин тавр ба зиммаи Раҳматулло вогузор шуда буд.

Табиист, ки обрӯю эътибори Раҳматуллои мушкилкушо ба ҳамин ранг пайваста афзун мегардид ва ӯ бехабар аз ҳилаю найрангҳои чархи каҷрафтор ва баъзе ашхоси дилсиёҳи ғаддор рӯзу шаб аз пайи кори хайр буд...

Боре ӯро ба як идораи баландмартабаи тафтишотӣ даъват намуда, аз кораш пурсуҷӯ карданд, вале аз ҷавобҳои боэътимоди Раҳматулло қанаоатманд гардида, дар амали вай нуқсу камбудие надиданд. Аммо бо ин пурсуҷӯю тафтишот басанда нашуда, муддате баъд боз шиддат гирифт. Ба коргоҳи Раҳматулло аз идораҳои кумитаи назорати халқӣ, рӯзномаи вилоятӣ ва боз аз кадом як дастгоҳи тафтишотию бозрасӣ пай дар пай намояндагон омадан гирифтанд. Ҳар яке аз ин тафтишгарон ҳуҷҷатҳои масолеҳи овардаи Раҳматуллоро дақиқона тафтиш мекарданд, саволҳои печ дар печ медоданд, вале айбею норасоие наёфта, мутаҳаиру ноумед мешуданд. Пас аз чанд рӯз ҳамин идораҳо боз тафтишро аз нав оғоз мекарданд. Тафтишу пурсуҷӯйҳои беасосу бебунёд Раҳматуллоро аз кори асосӣ мемононд, ӯ аз ин коғазбозиҳо сахт дилгир шуда буд.

Оқибат решаи ин иллат маълум гардид. Ҳасуде бо дили пуркинаи хеш ин ҳама дасисаҳо барангехта будааст. Дар ин хусус Раҳматулло чунин ҳикоят мекунад:

– Дӯсте доштам, ки ҷияни зани роҳбари аввалдараҷаи

ҳамонвақтаи вилоят буд. Сонӣ маълум шуд, ки ӯ дӯст набуда, балки ҳасуди хиёнатпеша дар либоси дӯст будааст. Номи вайро зикр кардан зарурате надорад, агар ин сатрҳоро тасодуфан бихонад, корҳои сиёҳи кардаашро ба хотир оварда, эҳтимол пушаймон шавад. Ӯ борҳо ба хонаам меҳмон шуда, ба қавле ҳаққи намак гардида буд. Ба ҳамин дӯсти тамаъкори хомпӯст мансаби ман писанд афтода будааст. Вай ба аммаи худ изҳор мекунад, ки почомуллои иқтидормандаш вазифаи маро бо як ишораи бурут кашида гирифта, ба ӯ бидиҳад.

Идораи тафтишгар ягон камбуди корамро наёфта бошанд ҳам, ман бо хоҳиши худ ариза навишта, аз вазифаам сабукдӯш гардидам. Дар дил гуфтам, ки мон, ин бача ҳам ҳавасашро бинад. Вале дар ин дунёи дурӯза Худованд ба ҳар кас рӯзию насибаашро ато кардааст, аз он болотар ҷаҳидан амрест беҷо ва корест хато. Кору кирдори ӯ афсонаеро ба ёдам меорад: асперо ба дӯкони оҳангар овардаанд, ки пеш аз оғози корзор наълаш бикунанд. Қурбоққа инро дида ба наъли суми асп ҳавасаш омадаасту ба дӯкони оҳангар рафта, арз кардааст, ки пойҳои ӯро ҳам наъл бизананд...

Алғараз, почомуллои шофбурути панҷадароз бо як занги телефони худ он вазифаро ба хусурбурдаи пастфитраташ арзонӣ доштааст. Вале он ҳариси заифбунёд ба мансаби ман чашм ало карда, дар асл ин фаъолияти сертараддудро ду моҳ низ саришта карда натавонист. Бо он равобиту ҳамкориҳои бисёрҷонибае, ки ман ташкил карда будам, ягон роҳу равиши муносибат наёфт ва ноилоҷ монда маҷбур шуд, ки ин даргоҳро тарк созад. Вай гумони ботиле доштааст, ки ин ҷо ба гови сершире монанд асту бемалол дӯшида ширу қаймоқ нӯши ҷон кардан мегирад. Ҳайҳот, ба ин хаёлоти ботил... Беҳуда нагуфтаанд, ки кори ҳар буз нест хирман кӯфтан. Баъдтар маро дубора ба ҳамон вазифа даъват намуда, бо хоҳишу исрор гуфтанд, ки дастгоҳи худро соҳибӣ бикунаму хизмати халқро идома диҳам. Вале ман ин пешниҳодро рад кардаму гуфтам:

– Шумо нагузоштед, ки ба ҷамъият хизмат бикунам. Акнун гӯё сурохии булӯринро аз дасти ман чанг зада гирифтеду шикастед, он шикастпораҳо дигар пайванд намешаванд. Чи тавре ки гуфтаанд:

*Дил, ки ранҷид аз касе хурсанд кардан мушкил аст,*
*Шишаи бишкастаро пайванд кардан мушкил аст.*

Барои ман кор бисёр аст, умуман халқ мегӯяд, ки шахси кор-

гар ҳамеша шуғли мувофиқи худро зуд меёбад ва ба кордон ҳам кор осон аст.

*На ба мансаб бувад баландии мард,*
*Балки мансаб шавад ба мард баланд...*

Котиби аввали райком Ҷалолиддин Муҳаммадов кайҳо фавтида буд. Аслан Раҳматулло мансаби баландро чандон дӯст намедошт, парастиш ҳам намекард. Дилаш мехост, ки соҳиби як қитъа замин бошад, дар замин кор кунад, файзу баракат аз замин биёбад ва фарзандони худро ҳам ба ин кори поку ҳалол ҳавасманд намояд. Насиҳати қиблагоҳаш низ ҳамин буд, ки дар замин меҳнат кунад, дарахт нишонад, боғ бунёд намояд. Таъкиди падарро дар ёд дошт: бачам, ганҷ дар замин аст, кӯшиш бикун, ки соҳиби як порча замин бишавӣ...

## Қиссаи кӯли Раҳматулло

Дар таърихи давлати Шӯравӣ давраи демократиасоси горбачёвӣ шурӯъ гардид. Ҳарчанд ки салтанати ин императори вопасини мамлакат кӯтоҳ буд, дар низоми давлатдории ӯ бисёр навгониҳои масарратбахш ба вуқӯъ омаданд.

Боре Раҳматулло яке аз рӯзномаҳои ҷумҳуриро ба даст овард ва дар он кадом як маърӯзаи котиби генералии ҳизби коммунисти Иттиҳоди Шӯравӣ ва Президенти иттиҳодро дид ва ба хона рафта, рӯйи кӯрпача паҳлӯ кашиду онро амиқан мутолиа намуд.

– Ҳамон рӯз маърӯзаи Горбачёро ду бор хондам, – ба хотир меорад ӯ, – баъзе ҷойҳои онро дар дафтарчаи ҷайбиам қайд кардаму гуфтам: иншоаллоҳ, акнун ман ба орзуи деринаи худ мерасам, акнун имкон меёбам, ки панду насиҳати қиблагоҳамро иҷро намоям, яъне як порча заминро обод кунам. Дар маърӯзаи роҳбари онвақтаи давлат ишораҳо буд, ки фақат акнун замин соҳиби ҳақиқии худро меёбад. Ва ба шахсе, ки дар замин имкони кор кардан дорад, ба таври қонунӣ озодиҳо дода мешавад.

Пас аз ин воқеа Раҳматулло ҳамвора рӯзнома мехонд. Ӯ дар хусуси усулҳои нави истифода ва коркарди замин маълумот пайдо намуд. Огоҳ гардид, ки шахси алоҳида метавонад заминро ба иҷора гирад, хоҷагии деҳқонӣ ташкил бикунад. Дар ин хусус баъзе қонунҳои ҷумҳуриро низ ҷиддан мутолиа намуд.

Раҳматулло ҳамеша дар дил мақсаде дошт, ки бо фарзандони худ ягон партовгоҳ ё ҷӯлу биёбонро ба ихтиёр гирифта, обод кунад, дарахту гул шинонад, боғ бунёд намояд.

– Ҳар гоҳ ки ба сафарҳои ҷумҳуриҳои Қафқозу Назди Балтика, Украину Белорус мерафтам, – ёдоварӣ менамояд Раҳматулло, – бисёр боғистону гулгаштҳои зебо, дилрабою дилпазир, истироҳатгоҳҳои фараҳфизоро дида, ба Қубодиён бармегаштам ва ба сарам фикру хаёлҳое меомаданд, ки барои чӣ дар водии мо чунин минтақаҳои хушманзара нестанд? Чаро гузаштагони мо дар хаёли ободу зебо кардани мулку макони аҷдодии хеш нашудаанд? Дар ҳудуди ноҳияи ҳозираи Носири Хусрав (собиқ Бешканд) ба номи Чашмаҷон (Чилу чор чашма) макони муқаддасе ҳаст, ки мутаассифона он ҳам ноobод мебошад...

Аз саҳифаҳои таърихи куҳан ба ёди Раҳматулло расид, ки умуман мулки Қубодиён саропо аз ёдгориҳои хеле боғановати фарҳангӣ ва таърихӣ иборат аст. Дар маркази ноҳия қалъаи мирнишин воқеъст, ки мувофиқи навиштаҳои бостоншиносон аҳамияти бузурги таърихӣ дошта, тақрибан ҳазор сол пеш аз ин бунёд гардидааст. Қалъаи аввалини асосгузори мулки Қубодиён Кайқубодшоҳ дар соҳили чапи Наҳри Калон, наздиктари доманаи кӯҳи Хоҷа Ғозиён бунёд ёфта буд, ки олимон синну соли онро беш аз панҷ ҳазор сол гуфтаанд. Деворҳои ғафси ин қалъаи хеле мустаҳками Кайқубодшоҳ то солҳои панҷоҳуми асри гузашта мавҷуд буданд. Баъд он минтақа ҳамвор гардида, ба киштзори пахта ва истиқоматгоҳи мардум табдил ёфт. Ҳоло дар ҷойи ин қалъаи қадима беморхонаи дуошёнаи ноҳиявӣ сохта шудааст, ки дар гирду атрофи он деҳаи Қиёт воқеъ аст ва номи аслии ин деҳа ҳам Қубод буда, ёдгоре аз шоҳаншоҳи як вақтҳо муқтадири ин сарзамин будааст.

Ин ҷо мо лозим медонистем, ки дар бораи як фоҷиае, ки дар буни девори қалъаи мирнишини Қубодиён рух додааст, ҳикояте бикунем.

Чи тавре ки аз як назари сатҳӣ ҳам возеҳу муайян мегардад ва аз рӯйи гуфтаҳои олимон низ маълум аст, ки ба тӯли беш аз панҷ ҳазор сол қалъаи Кайқубодшоҳ ва раияти он ҳамлаҳои сипоҳиёни истилогари юнонӣ, арабҳо, муғулон, туркҳо ва ғайраро аз сар гузаронида, барои озодӣ ва истиқлол муборизаҳои сахту шадид бурдаанд. Умуман водии дарёи Кофарниҳон ва мавзеъҳои гирду атрофи он аз замонҳои қадим бо зарбаҳои теғу табар ба ҳайати давлатҳои ҳахоманишиҳо, империяҳои юнону мақдунӣ, селевкиён, кӯшониён, эфталитҳо, сосониён, арабҳо, сомониён, ғазнавиён, муғулон, темуриён, шайбониён, аштархониён, манғитҳо тобеъ

гардида будааст. Гуфтан мумкин аст, ки ин мулк таърихи хунинеро аз сар гузаронидааст.

Инак, як воқеаи хунине, ки дар зери деворҳои қалъаи Қубодиён дар давраи ба рӯзҳои мо наздик рӯй додааст. Ин воқеа ба таври ваҳшиёна кушта шудани шоир ва арбоби давлатӣ Мирзо Ҳаити Саҳбои Вобкандӣ бо фармони вопасин амири манғитӣ мебошад.

Шоир Саҳбо яке аз намояндагони пешқадами адабиёти охирҳои асри XIX ва аввали асри XX тоҷик ба шумор меравад. Номи аслии шоир Мирзо Ҳаит буда, Саҳбо тахаллуси адабии ӯст. Саҳбо дар ноҳияи Вобканди шаҳри Бухоро ба дунё омадааст.

Ӯ дар зодгоҳи худ таҳсили ибтидоиро фаро гирифта, пас барои такмили маълумот ба яке аз мадрасаҳои Бухоро дохил мешавад ва ҳамчун шоир машҳур мегардад ва аз тарафи амир Абдулаҳад пеш аз хатми мадраса ба дарбор кашида шуда, мансабҳои гуногуни амoратро иҷро мекунад. Умуман ҳаёти Саҳбо дар давраҳои ҳукмронии ду амири охирини хонадони манғитӣ-Абдулаҳад ва Олимхон ҷараён ёфтааст.

Донишманди тоҷик Шарифҷон махдуми Садри Зиё дар китоби «Тазкор-ул-ашъор» (тазкираи манзум)-и худ дар хусуси Саҳбо маълумот додааст. Ба қавли Садри Зиё шоир Саҳбо шахси далер, нотарс ва ҳақгӯ будааст, ки ҳатто дар ҳузури амир ҳам аз ҳақгӯӣ ибо намекардааст. Ҳамаи ин боиси ранҷиши хотири амир мегардад.

Садри Зиё чунин менависад:

*Яке буд шоир ҳақиқатталаб,*
*Миёни адибон будӣ мунтахаб.*
*Фазилатшиоре ғаюру далер,*
*Ба гуфтору кирдор чун наррашер.*
*Ба изҳори ҳақ ошкору ниҳон,*
*Надорад ҳазар аз кеҳону меҳон.*
*Ба ҳадде, ки дар пеши шаҳ з-ин насақ,*
*Кунад доимо нашр эълони ҳақ.*

Барои ин хислати ҳақгӯиаш амир ба ҳар роҳ мехост, ки аз Саҳбо интиқоми маънавӣ гирад. Шоир аввалҳо дарбони ҳузури амир буд. Чун табъи амир ранҷид, Саҳборо аз дарбор дур карда, ба вазифаи миробии Шаҳрӯди Бухоро таъин кард. Миробони онвақта бо ришвату пораситонӣ машғул мегардиданд, вале Саҳбо бо ин роҳи разилона нарафта, ба деҳқонон холисона хизмат кард ва дар натиҷа обрӯи калон пайдо намуд.

Сонитар амир Саҳборо аз ин кор низ барканор намуда, ба ӯ мансаби миршабиро дод, ки аз вазифаи аввалааш ҳам бадтар буд. Зеро миршабони пешина бо дуздону кисабурон ва нашъафурӯшон алоқа намуда, маишати зиндагии худро таъмин мекарданд. Таъби нозуки шоир чунин омолро набардошт ва ин вазифаро ҳам ба хубӣ адо намуда, баҳри ободонии шаҳри Бухоро хеле заҳмат кашид.

Амир Олимхон дид, ки ба ҳеч роҳ аз Саҳбо қасос гирифта наметавонад, ӯро тамоман аз кор дур карда, бо таъини андак маош ба гӯшанишинӣ маҷбур месозад. Дар вақти аз дарбор дур будан, шоир ба муқобили амир ва атрофиёни ӯ боз ҳам тезу тундтар баромад мекунад. Давлатдорон аз ин хашмгинтар шуда, фурсати мувофиқ меҷустанд, то ки ба шоир ҷазо диҳанд.

Ниҳоят, соли 1915 барои рӯзномахониаш ба Саҳбо танбеҳи сахт медиҳанд. Дар айёми инқилоби февралӣ бошад, бинобар худро тарафдори инқилоб эълон намуданаш Саҳборо аз пойтахти кишвар дур ронданӣ мешаванд. Ба ҳамин мақсад амир шоир Саҳборо ба Қубодиён мири муваққатӣ таъин менамояд, ки ин маънии бадарғаро дошт. Пас аз чанде дар ҳамин ҷо ӯ ба таври фоҷеаангезе кушта мешавад.

Сокинони куҳансоли Қубодиён дар хусуси рӯзҳои охирини ҳаёти Саҳбо ҳикоят менамоянд. Аз рӯйи ҳикояти онҳо Саҳбо марди сӯҳбатоӣро ва хирадманде будааст. Дар бадарға ҳам ӯ аз ташвиқу тарғиби ақидаҳои пешқадами худ даст накашидааст, ҳамеша тарафдори ҳақиқату адолат ва мардуми камбизоату камбағал будааст. Чунон шахси хоксору фурӯтан будааст, ки бо вуҷуди доштани мансаби калон барои зарурати рӯзгораш пиёз кишта, онро худаш хишова менамудааст.

Амир аз адолатпарастию ҳақиқатхоҳии шоир дар ин ҷо ҳам огоҳӣ ёфта, яке аз гумоштагони худ – боҷааш Давронбекро ба ҷойи Саҳбо мири Қубодиён таъин мекунаду ба дасти ӯ фатвою фармоне ҳам медиҳад, ки Саҳборо ба қатл расонад. Давронбеки қотил ба Қубодиён омада, як гурӯҳи рӯҳониёни ҷоҳилро дар атрофи худ ҷамъ намуда, бо онҳо забон як мекунад. Сипас ин тӯдаи ҷаҳолатпараст Саҳборо ҷадид эълон карда, ба қатл маҳкум менамоянд. Ин гурӯҳи ҷоҳилон бо саркардагии Давронбек ба Саҳбо дармеафтанд ва Давронбеки қотил, аввалин шамшерро бар пайкари Саҳбо мезанад ва дигар золимони кӯрботин низ ба ӯ пайравӣ намуда, барои «ғозӣ» шудан Саҳбои «ҷадид»-ро ваҳшиёна сангсор мекунанд. Баъд ҷасади шоирро дар қабристони мӯътабарини

назди қалъаи мири Қубодиён, ки дар самти ғарбии он воқеъ буд, дафн мекунанд.

Пас аз ин воқеа дарҳол кадоме аз рӯҳониёни қалъа дар қабристони мӯътабарин дафн шудани Саҳборо нораво меҳисобад. Ва ҷасади шоири ҷабрдида ва азияткашидаро аз гӯр кашида бароварда,бо ресмоне ба зини асп мебанданд ва бо чунин таҳқири зиёд кашолакунон аз ҳудуди шаҳр берун мебаранду дар қабристони Муллоқара, ки дар самти шарқии Қубодиён, дар доманаи кӯҳи Хоҷа Ғозиён воқеъст, ба хок месупоранд. Ҳамин тариқ, шоири шӯҳратманд, закитабъ ва маорифпарвари машҳури тоҷик Мирзо Ҳаити Саҳбо дар пойи девори қалъаи ин шаҳри қадим хеле золимона кушта шуд.

Хуб мебуд, ки донишмандони ҷумҳуриамон эҷодиёти шоир Саҳборо омӯхта, таҳлил карда таълифоте ба чоп мерасонданд, то ки мо дар бораи ин адиб маълумоти мукаммал пайдо намоем. Дар мактабҳо омӯхта шудани ҳаёт ва эҷодиёти ин шоири маорифпарвар ва абадӣ гардонида шудани хотираи ӯ низ аз корҳои хайр маҳсуб мегарданд.

Шеърҳои Саҳбо равон ва дилчаспанд, аз ҷумла ғазали зерин, ки гурӯҳи ҳофизони ҷумҳуриамон як вақтҳо онро бо оҳанги «Шашмақом» хеле дилкашу форам месуруданд:

*Гуфтам: ҳама побанди ту шуд, гуфт: шумо чӣ?*
*Гуфтам: зи ғамат сӯхт дилам, гуфт: ба мо чӣ?*
*Гуфтам: чӣ шавад ҳосили ман, гуфт: надонам!*
*Гуфтам: ба сарам даст бинеҳ, гуфт: ба по чӣ?*
*Гуфтам: кӣ барад дил зи барам, гуфт: ки чашмам.*
*Гуфтам: ки ҳазар нест туро, гуфт: ибо чӣ?*
*Гуфтам: чӣ диҳам, бӯса диҳӣ, гуфт: ки ҷон деҳ!*
*Гуфтам: бикуш имрӯз маро, гуфт: паго чӣ?*
*Гуфтам: диҳамат ҷавҳари ҷон, гуфт: чӣ лозим?*
*Гуфтам: ки бало нест маро, гуфт: бало чӣ?*
*Гуфтам: кӣ шавад ошиқи ту, гуфт: ки Саҳбо,*
*Гуфтам: ки маро зулм кунӣ, гуфт: чаро чӣ?*

Шоире, ки чунин ғазали ширинро бо ин санъати баланди суханварӣ гуфтааст, шоистаи иззату эҳтиром ва мадҳу ситоиш буд, на ба ин сурати ваҳшиёна қатл намудан. Вале чӣ илоҷ, ки дар таърихи халқамон чунин саҳифаҳои сиёҳ бисёр будаанд...

Дар қалъаи Кайқубодшоҳ, дар бари деворҳо, бурҷҳо,

дарвозаҳои он чунин воқеаҳои фаромӯшнашудании таърих басе таҷассум ёфтаанд, ки пайдо намудан, хонда тавонистан ва аз он маънии дилхоҳ дарёфт кардан вазифаи ватандӯстонаи насли имрӯз аст! Шаҳристонҳо, талу теппаҳо, қасру кӯшкҳо, деворҳои ғафси бораҳо, сангарҳо, ки аз ниёгони шарафманди мо мерос монда, дар худ осори ҳамлаҳои урдуҳои бисёр душманони миллату Ватанамонро доранд, воқеаҳои зиёди ибратбахши таърихи гузаштаи халқро дидаанд, бароямон бояд макони муқаддаси таърихӣ ва фарҳангӣ ҳисоб меёфт.

Вале ин макони муқаддаси таърих ва фарҳанги Ватан дар охири солҳои чилум ва панҷоҳуму шастуму ҳафтодуми асри гузашта ба таври ваҳшиёна нобуд карда шуд. Дар ин солҳои орому фаровонӣ мубориза барои ба даст овардани ҳосили рекордии пахта авҷ гирифта буд. Барои ҳосили рекордӣ нишонҳо ва унвонҳои олӣ медоданд. Маҳз дар ҳамон давраҳо бисёр қалъаҳо, шаҳристону шаҳракҳои таърихии қадима, кӯшку қасрҳо ва талу теппаҳои дорои осори арзишманди фарҳангӣ тахту ҳамвор шуда, ба майдони кишти пахта ва дигар зироатҳо табдил ёфтанд. Ҳамаи инҳо натиҷаи кӯшишҳои амалӣ гардондани шиори «Ҳар порча заминро пурсамар истифода мебарем!» будааст. Албатта, кишвари мо аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ баромада, хеле қашшоқу бенаво буд, ба халқ нон, либос, пойафзол додан ва шароити маишии рӯзгорро беҳтар намудан зарур буд. Инҳо ҳама, албатта, маълуманд, лекин ба ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ эҳтиёткорона муносибат намудан ҳам муҳим буд, вагарна ин қадар ваҳшитабиату бефарҳанг ва парешонҳол намемондем...

Қалъаи дигари Кайқубодшоҳ дар минтақаи Бешканд ҷойгузин аст, ки он ҳам ба қалъаи маркази ноҳия монанд буда, нисбатан ободтар боқӣ мондааст. Замонҳои қадим дар ин вилояти серганҷ ҳафтае ду маротиба бозор баргузор мешуд – рӯзи ҷумъа дар Қубодиён ва рӯзи чоршанбе дар назди қалъаи Бешканди бостон.

Қалъаи дигари Кайқубодшоҳ бо номи Тахти Қубод машҳур аст, ки таърихи пайдоиши он басо аҷоибу ғароиб аст.

Ривоят мекунанд, ки боре духтари яккаю ягонаи подшоҳи бузурги мулки Қубодиён – Кайқубоди Аввали Каёнӣ – Рашкиқамар бемор мешавад. Бемории шаҳдухт ба ҳадде шиддат меёбад, ки табибони дарбор дар муолиҷаи он ноилоҷ ва оҷиз мемонанд. Сипас аз деҳаи дурдасти қаламрави кишвар табиби солхӯрдаеро барои табобати Рашкиқамар меоранд. Табиби куҳансол аз илми нуҷум низ воқиф будааст. Ӯ баъд аз муоинаи бемор ва

мушоҳидаи гардиши ахтарони гардуни даввор аз якчанд навъи гиёҳу шарбатҳо даво тайёр карда медиҳад.

– Вале илоҷи аслии табобат ба ҳавои соҳили дарё вобаста аст, – мегӯяд табиби куҳансол, – шаҳдухт бояд дар минтақае зиндагӣ кунад, ки ба он насими чор дарё вазон бошад...

Надимони подшоҳ пас аз ҷустуҷӯ ва маслиҳату машварат дар доманаи кӯҳи Хоҷа Ғозиён, дар ҳамон ҷой, ки мавҷҳои дарёҳои Панҷу Вахш мастона кафкандозӣ карда, омезиш меёбанду рӯди Омуро оғоз медиҳанд, чунин минтақаеро пайдо менамоянд. Дар ҳақиқат, ба ин маъво насими рӯҳбахши чор дарё мевазид, ғайр аз Панҷу Вахш, андаке поёнтар аз соҳили чап рӯди Куҳандиз ва аз соҳили рост рӯди Кофарниҳон ба дарёи Ому васл меёбанд. Ба ҳамин минвол, насими ҷонбахши чор дарё вазида, ин ҷоро ба боғи Ирам табдил медиҳад. Шаҳдухтро бо дугонаҳо ва хизматгоронаш ба ин минтақа меоранд. Дар ҳақиқат насими чор дарё ба ҷисму ҷони нозуки шаҳдухт даво мебахшад. Шаҳаншоҳи Қубодиён аз ин воқеа басе фараҳманд гардида, дар ҳамин мавзеъ қалъаи азиме бунёд менамояд. Ва он қалъа бо номи Тахти Қубод машҳур мегардад. Ба муносибати сохтмони ин қалъа аз тарафи пойтахт роҳ эъмор мешавад. Зимни сохтмони роҳ як санги калони кӯҳдоманро мешикофанд, ки он хати масири роҳро банд карда буд. Ва деҳе, ки тадриҷан дар паҳлӯи ин хорасанг пайдо мешавад, бо номи Санги Шикофта маълуми ҳамагон мегардад. Деҳаи Санги Шикофта дар доманаи ғарбии кӯҳи Хоҷа Ғозиён воқеъ ёфтаасту қалъаи Тахти Қубод дар доманаи шарқии ин кӯҳ доман густурдааст. Дар байни деҳаи Санги Шикофта ва қалъаи Тахти Қубод фақат як девораи кӯҳи Хоҷа Ғозиён хобидааст. Яъне аз он пораи таърихи боғановати қадимаи халқамон то ҳаёти имрӯзаи диёр гӯё як қадам роҳ аст.

Мо аз ҳаёти минбаъдаи афсонавии шаҳдухти парирухсор дар қалъаи зебо, хушҳаво ва мустаҳками Тахти Қубод чандон огоҳ нестем.

Ривоят, албатта, ривоят аст, аммо он ҳикмати бузурге дошта, хеле соҳибтадбир ва хирадманд будани шаҳаншоҳи Қубодиёнро возеҳ месозад. Қалъаи Тахти Қубод ғайр аз табобатгоҳу тафреҳгоҳи духтараш Рашкиқамар будан барои давлат боз ду вазифаи муҳимро адо менамудааст: аввалан ҳамчун нуқтаи муҳими сарҳадӣ вазифаи дидбонгоҳиро адо менамояд, зеро то он ҷо киштиҳои давлатҳои аҷнабӣ меомадаанд ва сониян – ба сифати боҷхона тоҷирони кишварҳои мухталифро пешвоз мегирифтааст.

Барои муҳорибаҳо муҳим будани мавқеъи қалъаи Тахти Қубод боз ба ҳамин ҷиҳат возеҳ мегардад, ки Искандари Мақдунӣ дар наздики он Тахти Сангинро бунёд менамояд. Дар ин шаҳр ибодатгоҳи юнониён сохта шуда буд, ки Искандари Мақдунӣ қабл аз лашкаркашию кишваркушоиҳои фотеҳонаи худ дар ин ҷо ба даргоҳи худоён ниёиш менамуд.

Ба Раҳматулло ин қиссаи афсонавӣ, ки бунёди ҳаётӣ доштанд, хеле писанд меомад. Зеро макони ин қиссаҳо дар ҳудуди колхози «50-солагии СССР» (ҳоло хоҷагии истеҳсолии «Авасто») воқеъ буда, ин ҳама афсонаҳо маҳз аз ҳамин сарзамини биҳиштосои бостонӣ ибтидо ёфтаанд. Раҳматулло боз ба қиссаи дигаре таваҷҷӯҳи хоса дорад, ки ба пайдоиши хизонаи Амударё вобаста аст ва маҳали пайдоиши он ҳам дар ҳудуди ҳамин хоҷагӣ воқеъ гардидааст.

...Рӯзе деҳқони қубодиёнӣ чорвои хусусии худро дар соҳили дарё мечаронд. Он минтақа ҷойи ба ҳам пайвастани рӯдҳои Вахшу Панҷ ва оғоз гардидани дарёи паҳною пуршӯри Ому буд, ки арабҳо онро Ҷайҳун, яъне азим номидаанд. Гӯсфандон дар доманаи теппае мечариданд ва деҳқон бехабар аз гапу кори олам аз пайи чорвояш оҳиста-оҳиста қадам мезад. Ӯ гумоне ҳам надошт, ки пас аз лаҳзае кашфиёти бузургу оламшумуле мекунад. Марди деҳқони қубодиёнӣ боз қадаме ниҳоду ногаҳон дар рӯйи хок чизе зардеро дид, ки борон хокро шустаасту ними он аз хок берун мондааст. Ӯ сӯйи ин ашёи зардранг хам шуд ва аз мағзи хок ҳайкалчаи заррини зебосохтеро пайдо намуд. Деҳқон дигар гӯсфандонро ба ҳоли худ гузошта, замини нарму фулхро бо дастонаш кофтан гирифт. Ҳар дафъае, ки даст ба хок мебурд, сиккае ва ё ҳайкалчае ба дасташ меомад. Ҳам сиккаҳо ва ҳам ҳайкалчаҳо сурату нақш ва ороишҳои гуногуни зебо доштанд. Деҳқон рӯймоли калони гулдӯзиашро, ки ба он як порча нони зағора печонида буд, аз миён кушода, ба замин густурд ва ашёи нодири пайдокардаашро дар он ҷо ҷамъ намуд. Ба зери нохунҳояш хоку сангрезаҳо даромада, баъзе ангуштонаш хунолуд шуданд, вале ӯ хокро ханҷол зада, тит менамуду ҳар дафъае, ки даст мезад, ҳатман ягон асбоби аҷиб меёфт. Ана, ҳайкалчаи мард, аробачаи зебое, ки асп бо шаст ба пеш мекашад, кӯзача, сурохӣ, ҷомчаҳо ва сиккаҳои бисёре. Деҳқон ҳамон рӯз то бегоҳ хоки теппаро тагурӯ карда, чизҳои ёфтаашро дар рӯймол басту дастонашро дар оби ҷӯйчаи соҳили дарё шуст ва нони зағораро тановул намуд. Ӯ қарор дод, ки субҳдам белу каланд оварда, ин ҷойро дурусттар кофтуков хоҳад кард. Деҳқон рӯймоли

тангбастаро ба ҷома печонида, чорвои ба чарогоҳ бурдаашро ба тарафи ҳавлиаш меронду аз бозёфташ хурсанд буд. Вай, албатта, дарк намуд, ки чизҳои пурқимате пайдо кардааст, аммо ҳеч тасаввур карда наметавонист, ки бозёфташ хазинаи беназири ҷаҳон аст ва аз ҷиҳати арзиши илмию фарҳангӣ берун аз ҳар ҳадду ҳудуд мебошад. Деҳқон ашёи пурқимат будани бозёфташро аз ҳамин сабаб медонист, ки дукондорони атиқафурӯши шаҳри Қубодиён гоҳ-гоҳе ба деҳаи онҳо омада, сиккаю зарф ва дигар олоти қадимаро пурсуҷӯ мекарданд ва ҳамин ки одамон ин қабил олотро пешниҳод намоянд, дарҳол пули ночизе дода мехариданд.

Деҳқон сапедадам бо белу каланд ба ҷойи хазина омада, тамоми рӯз кофтуковашро давом дод, вале нисбат ба дирӯза чизҳои камтаре пайдо кард. Ӯ ҳамаи асбоби ёфтаашро як ҷо ҷамъ намуда, ба касе ҳарфе ҳам нагуфту роҳи Қубодиёнро пеш гирифт.

Ҳамин тавр хазина бо нархи арзоне ба дасти дукондорони атиқафурӯш – Возеҳаддин, Шукуралӣ ва Ғуломмуҳаммад гузашт, ки онҳо аслан бухороӣ буданду дар Қубодиён бо тиҷорат шуғл меварзиданд. Зеро дар Қубодиён як зумра дукондорон аз Бухоро, Афғонистон, Бадахшон ва дигар шаҳрҳо тиҷорат доштанд.

– Ин чизҳоро аз куҷо ёфтӣ?-пурсид Возеҳаддин аз деҳқон.

– Аз теппаи Тахта Қувват, – ҷавоб дод деҳқон бо таъзим. (Мардуми оддии маҳаллӣ Тахти Қубодро то ҳол ҳамин тавр талаффуз менамоянд).

– Ин пулро бигиру он ҷойро ба ҳеч кас нагӯй, – таъкид намуд Возеҳаддин, – ман боз ба ту пул медиҳам.

– Хуб шудааст, ҷаноби дӯкондор, – боз таъзим кард деҳқон.

Возеҳаддин шахси босавод ва чолоке буда, дар куҷо фурӯхтани ин хазинаро нағз медонист. Бинобар ин аввал ӯ бозёфтро рӯйхат карда, баъд ба анбони чармин ҷой намуд ва бо мақсади рафтан ба шаҳри Равалпиндии Ҳиндустон (ҳоло Покистон) ҳамроҳи дигар тоҷирони шарикаш ба сафар баромад. Ба ҳамин тариқ, соли 1877 ганҷинаи беқиёс ва гаронбаҳои мулки Қубодиён бадар рафт. Дар роҳ тоҷирон ба дасти дуздони қабилаи гилзайи паштуи Афғонистон меафтанд ва як қисми хазина ба ғорат меравад. Ҳароина, тоҷирон ба Равалпиндӣ расида, боқимондаи ганҷинаро ба сиккашиноси англис А.Каннингем, нигаҳбони осори қадимаи осорхонаи Британия О.Френкс ва директори роҳи оҳани Ҳиндустон А.Грант фурӯхтанд. Дертар ҳиссаи бештари онро О.Френкс харида, соли 1896 бо хату васиқа ба осорхонаи Британия васият мекунад.

Олими машҳур, атиқадӯсту сиккашиноси англис А.Каннингем барои донистани тафсилоти ин бозёфти гаронбаҳо, ки иборат аз як ҳазору панҷсад сиккаи нодир ва яксаду ҳаштод маснуоти зарину симини аҳди ҳахоманишиҳову юнониҳо буд, кӯшиши бисёр кард. Аз ҳикояти тоҷирон ва капитани англис Ф.Бартон, ки шоҳиди воқеа буд, чунин бармеояд, ки дафина аз қисми шимолии соҳили рости дарёи Окс (Вахш), ки аз он ҷо то шаҳри Қундузи Афғонистон дурӯза роҳ будааст, дар қарибии убургоҳи роҳи Самарқанду Хулм ёфт шудааст. Тоҷирон ганҷинаро аз деҳқони таҳҷоӣ мехаранд ва ба анбонҳои чармӣ ҷой карда, ба сӯйи Ҳиндустон раҳсипор мешаванд. Дар рӯйхати Вазеҳаддин ишора шудааст, ки дар анбони сафарии онҳо чанд зарфи тилоӣ, пайкараҳои хурди зарину нуқрагини бут, ороишот, инчунин дастпонаи калону паргари зарин пинҳон будааст. Деҳқони таҳҷоӣ ба тоҷирон гуфтааст, ки ин дастпона ва пайкараҳои Искандари Мақдунӣ аст ва бо он асбоби зиннате, ки ба шоҳи Ҳинд тақдим шуда буд, дар як вақт пайдо гардидаанд.

Чи тавре ки Раҳматулло дар маҷаллае хонда буд, дар роҳи сафар бодиянишинони қабилаи гилзай бозаргононро тороҷ намуда, як қисми ашёву сиккаҳои заринро бо худ мебаранд. Тақдири минбаъдаи ганҷинаи Ому аз гуфтаҳои капитан Ф.Бартон маълум мешавад. Вай бо сарбозон шабона ба ғоре, ки нишемангоҳи тороҷгарон буд, меравад ва бақияи хазинаро мегирад. Зоҳиран Ф.Бартон ба дуздон таҳдид мекунад, ки занону фарзандонашонро қатл хоҳад кард, бинобар ин ғоратгарон аз тарс қисме аз моли ғораткардаашонро ба Ф.Бартон медиҳанд. Тоҷирон барои ин шуҷоату ҷавонмардӣ ба Ф.Бартон дастпонаи зарин тақдим мекунанд, ки капитан дертар он дастпонаро ба осорхона месупорад.

Аз шаҳодати мувассақи Вазеҳаддин бармеояд, ки сеяки бозёфт беному нишон гум шудааст. Ба гуфтаи А.Каннингем савдогарон ин ганҷинаро аз деҳқон ба қимати ночизе харида, сипас нархашро даҳчанд афзудаанд.

Кормандони Эрмитажи давлатӣ Е.В.Зеймал ва Т.И.Зеймал, ки бо муайян намудани ҷойи дарёфти хизонаи Ому машғул буданд, маълумоти хеле аҷиби генерал-майори рус Н.А.Маевро ёдовар шудаанд.

Дар рӯзномаи «Туркестанские ведомости» аз 18 марти соли 1880 Н.А.Маев навишта буд: «Дар ҷои ба ҳам омехтани Вахшу Панҷ харобаҳои Тахти Қубод воқеъ аст. Аз ин ҷо собиқан ашёи қадимӣ меёфтанд, ҳатто боре аз байни хоктӯда ҳайкалчаи зарини

паланг ва дигар ашёҳои тилоӣ ёфт шуданд. Тамоми ин бозёфтҳо дар Бадахшон ба савдогарони Ҳинд ба қимати гарон фурӯхта шудаанд».

Афсари дигари рус, аз ҷумла Н.И.Покотило соли 1889 дурустии маълумоти Н.А.Маевро тасдиқ карда менависад: «Сарфи назар аз он ки ин мавзеъ биёбон аст, даҳҳо нафар одамон дар ин ҷо ҳамеша дафина меҷӯянд».

Чунин таърихи аҷиб дорад ин бозёфти нодир, ки дар илм бо унвони «Хизонаи Амударё» машҳур аст. Ин хазина баъди ёфт шуданаш ба муддати бист сол даст ба даст гашта, соли 1896 дар осорхонаи Британия ҷой мегирад. Соли 1979, яъне пас аз ҳаштоду се сол ҷавобан ба намоиши «Тилои Сибир», ки Иттиҳоди Шӯравӣ дар кишвари Англия ташкил намуда буд, ин ганҷина бори аввал берун аз хоки мамлакат, дар Эрмитажи давлатӣ (Ленинград) ва сипас дар осорхонаи таърихи санъати ба номи А.С.Пушкин (Москва) ба намоиш гузошта шуд.

Раҳматулло боре дар рӯзномае «Хизонаи Амударё ба Ватан баргашт» ном мақолаеро мутолиа намуда, ин маълумоти барояш хеле муфид ва таъсирбахшеро дарёфт кард. Мақола ба муносибати намоиши ин хазина дар Эрмитражи давлатӣ дарҷ гардида буд. Раҳматулло бисёр афсӯс хӯрд, ки ин бозгашти ганҷина муваққатӣ буда, он боз дар сандуқҳои фӯлодини осорхонаи Британия ҷойгузин мешавад. Дардову надомато, ки мардуми мо ин хазинаро дида наметавонанд. Ҳол он ки соҳибони ҳақиқии ин хазина онҳоянд ва ватани аслии хазинаи Амударё ноҳияи Қубодиёни Ҷумҳурии Тоҷикистон аст ва боз агар мушаххасан бигӯем, ҷойи ёфт шудани он ҳудуди хоҷагии «Авасто»-и ҳозира мебошад. Бионан, хазинаи Амударё моли ҳаққу ҳалоли халқи тоҷик буда, он бояд ба ватани ҳақиқиаш баргардонда шуда, дар осорхонаи пойтахти мамлакат – шаҳри Душанбе ҷойгир гардад. Фақат дар ҳамин сурат ҳақиқату адолат ба пирӯзӣ мерасад!

– Ноҳияи мо сар то сар макони осори таърихи бостони Ватан аст, – мегӯяд Раҳматулло, – дар ин ҷо ҳар як сангу сафолпорае ҳазору як асрори ниҳон дорад. Таърихи Наҳри Калон ҳам хеле ҷолиб аст. Он аз шимол то ҷануби ноҳия, яъне то охирин нуқтаҳои пахтазорони хоҷагии моро обёрӣ мекунад ва зиёда аз се ҳазор сол пеш кофта шудааст. Ба донишу маҳорати миробони Кайқубодшоҳ ҳазорон бор қоил шудан даркор аст, ки ин ҷӯйбор, ин канали мӯҳташамро чунон сохтаанд, ки барои ҷорӣ шудани оби он ягон оббанде сохтан зарурат надорад. Об аз замонҳои

қадим бо маҷрои худ равон гашта, киштзорони тамоми водиро шодоб намуда, сокинони минтақа, чорвои онҳоро аз об сер карда, ҳавои гармро дар тобистон фараҳбахш менамояд ва даҳҳо адад осиёбҳоро гардон месохт. Ин Наҳри Калон ҳоло низ ба ҳамон мизони мувофиқ ба халқи тамоми водии Қубодиён хизмат мекунад. Дуруст аст, ки дар ноҳияи мо ҷойҳои таърихӣ ва ёдгориҳои фарҳангӣ бисёранд, вале онҳо ба тӯли солиёни дароз харобу валангор гардидаанд. Мутаассифона, ҳоло мо ягон боғи фарҳангӣ ё тафреҳгоҳе надорем, ки истироҳатгоҳи маърифатомӯзи сокинони ноҳия бошаду меҳмонони мӯҳтарамро ҳам дар он ҷо қабул намоем. Ана, ҳамин масъала солҳои дароз фикру хаёлам ва тамоми вуҷуди маро фаро гирифта буд...

...Боре дӯсти Раҳматулло – Аҳлиддин Афғонов, ки раиси колхози «50-солагии СССР» буд, дар яке аз рӯзҳои баҳор барои ҷӯраҳояш ҷашни наврӯзӣ ташкил намуд. Дастархони ин маҳфили ёру дӯстон дар регзори хоҷагӣ, ки онро саксавулзор ҳам мегуфтанд, густурда шуд. Дар баҳорон манзараи регзор низ хеле назаррабо мешавад, гулҳои зарди биёбон мешукуфанд, насими нарм мевазад, гунҷишкон чуғур-чуғур месароянд ва гоҳе ҳам абрпораи чун қарс сафеде пайдо мешавад ва гирду атрофро боронаки гарм шакарнам мекунад. Дар ҳамин наздикӣ чуқурии начандон калоне ба чашм мерасид, ки дар қаъри он оби борон ҷамъ шуда, ба ботлоқ табдил ёфта буд.

Аз рӯйи нақли мардум ин ботлокро Чорикӯл меномиданд. Замонҳои пеш дар ҳамин атрофу акноф Чорӣ ном чорводоре мезистааст ва ӯ молашро дар регзор чаро медодааст. Гӯё вай бо ҷӯпонони худ гирдогирди ин чуқуриро бо регу хок баста будааст, то дар он оби борон ҷамъ ояду чорвояшро об диҳад. Бо ҳамин ин ҷойи ҷамъшавии об, ки на ба ҳавзу толоб мемонду на ба кӯл шабоҳате дошт, аз тарафи халқ Чорикӯл ном гирифт, вале дар асл як ботлоқзоре беш набуд.

Раҳматулло, ки дар ҷашни наврӯзии ташкил намудаи Афғонов иштирок дошт, пиёлаи чой дар даст гирифта, ба ин ботлоқи миёни регзор хаёломез менигарист. Ду-се нафар ҷавонон аз чалаки мошин об кашида, ба зарурати меҳмондорӣ истифода менамуданд. Ҳамин лаҳза дар сари Раҳматулло як фикре пайдо шуд, ки аз ин чинҳои пешониаш зиёдтар гардиданд ва ӯ чойро нӯшида ба Афғонов гуфт:

– Раис, чӣ мешавад, ки ҳамин ботлокро тоза мекардию васеътар кофта, ба як кӯл табдил медодӣ. Колхоз қудратманд аст,

техникаи бисёр дорад, фақат як қарори раёсати хоҷагӣ зарур асту бас. Пас дидӣ, ки ин ҷо, дар миёни биёбон оинаи сабзи кӯл пайдо мешаваду манзараи ин минтақаро тамоман тағйир медиҳад. Одамон аз оби зулоли он ташнагӣ шикаста дуоят мекунанд, ки савоб мегирӣ. Ҷонварон менӯшанд, ки савоби ин аз ҳама калон аст. Об бошад, боз дигар корҳоро ҳам анҷом додан мумкин. Ба ин пешниҳодам чӣ гуфтӣ? – саволомез нигарист.

– Пешниҳоди хуб, – гуфт Афғонов, ки суханони Раҳматуллоро бо диққат гӯш мекард, – бо ҳамкорон маслиҳату муҳокима намудан лозим.

Бо ҳамин дар ин ҷашн доир ба Чорикӯл касе ягон ҳарф нагуфт ва ёру дӯстон пас аз зиёфат хона ба хона рафтанд.

Пас аз чанд рӯз Раҳматулло ба коргоҳи раис Афғонов омада, пурсон шуд, ки масъалаи ботлоқро ҳал намуд ё не?

– Худат хабар дорӣ, ки ҳашт гектар пахтазорро сафолак пахш кардааст, – ҷавоб дод раис, – то ба ҷойи он кишти дубора гузаронда хотирҷамъ нашавам, дар бораи ботлоқи Чорикӯл фурсати хаёл кардан ҳам надорам.

Аз ин гуфтугӯи кӯтоҳ чандин моҳ сипарӣ шуд ва Раҳматулло дар як вохӯрӣ масъалаи Чорикӯлро ба Афғонов боз хотиррасон намуд. Раис ин дафъа ҳам кори оҷил доштани худро иброз дошт.

Баъди ин Раҳматулло тасмим гирифт, ки ба дӯши раис ташвиши хоҷагии калоне бор аст, биноан ӯ имконе надорад, то ботлоқи Чорикӯлро тоза карда, онро ба ҳавз, толоб ва ё ба кӯли ҳақиқӣ, яъне ба манбаи оби пок табдил бидиҳад. Ин дам ӯ суханони қиблагоҳи худро ба ёд овард, ки доимо таъкид мекард: «Бачам, ганҷ дар замин аст, кӯшиш бикун, ки соҳиби як порча замин бишавӣ...». Падари Раҳматулло, ки умре деҳқони донапош буд, қадри заминро медонист.

Раҳматулло бо ҳамин андешаҳо барои обод намудани замини биёбон ҳуҷҷатҳои заруриро таҳия менамуду бо баъзе ҳамдиёриён маслиҳату машварат мекард.

Охир, анҷом додани кореро, ки ӯ пеш гирифтааст, хурду назарногир, ба истилоҳ,андак нест. Меҳнати ҷонкоҳи зиёд ва албатта, маблағи калонеро ҳам тақозо дорад. Баъзеҳо мегуфтанд, ки кори беҳудаеро пеш гирифтаӣ, ранҷ ройгон мекашӣ, дар куҷо дидаӣ, ки дар ин биёбони тафсон гули умед бирӯяд. Мувофиқи ривоятҳо дар замони худ Чорӣ шахси давлатманду тавоно будааст, Чорибой мегуфтаанд ӯро, рама-рама гӯсфандон, гала-гала аспон доштааст ва подаи говонаш ҳам беҳадду ҳисоб будааст,

вале регзорро ба гулзор табдил дода натавонистааст. Охир мебинӣ, ки Чорикӯл ба ном аст ва дар асл ботлоқи бадбӯест. Мегӯянд, ки регзор ҳеч аз об сер намешавад, оби Наҳри Калон ва ё дарёи Кофарниҳонро ҳам ба ҷониби он равон кунӣ, беҳуда хоҳад буд, регистони сӯзон ҳамаи обро то қатраи охирин ҷабида мегираду заҳмати вазнинат, ду-се тангаи доштагиат ба ҳадар меравaнд. Бар ивази ин нақшаи ботил, ки дар сар дорӣ ва он ба ибораи бузургон «ба ҳован об кӯбидан аст», хубтар мешавад, ки ҳавлии боҳашамате бисозӣ ва мошини нав бихарӣ ва бо кайфу сафо саворӣ бикунӣ, ба назари мо ин авлотар аст. Ва ё ҳар сол ба истироҳатгоҳҳои Қафқозу соҳили Баҳри Сиёҳ биравӣ, даҳрӯза умратро ба роҳат гузаронӣ, маишат бикунӣ, сонӣ дар айёми пириат роҳату маишати овони ҷавониpermanent бардамиатро ҳикоя карда мегардӣ ва сомеъонатро мафтун месозӣ...

Раҳматулло ин суханонро хомӯшона гӯш мекарду бо тааммуқ андар дил таҳаммулу тааммул менамуд. Ва мӯзаи соқбаландеро пӯшида андешаманд ҷониби он ботлоқи байни регзор рафт. Он минтақаеро, ки соҳиб шудан мехост бори дигар ваҷаб ба ваҷаб аз муоина гузаронд ва дуру дароз ҳисобу китоб намуду дар дафтарчаи ҷайбиаш қайдҳо кард. Дар нақшае, ки ӯ барои ободу сабзу хуррам ва гулзор намудани ин мавзеъ дар дил дошт, албатта, кори асосӣ бунёд кардани кӯл буд. Ӯ хаёлан арзу тӯл, умқу сатҳ ва гирду атрофи онро пеши назар овард. Раҳматулло бо тамоми вуҷуд ва қаъри дили худ тасаввур кард, ки ин вазифаи пешгирифтааш ҳақиқатан ҳам бузург аст, вале он номумкин нест, балки иҷрошаванда аст, зеро илман асоснок гардидааст, мувофиқи нақша ва ҳисобу китоби дақиқ оғоз шуда, ҷараён хоҳад ёфт. «Охир ман обро ба реги мурда равон намекунам, ки он то қатраи охирин ҷабида гирад. Аввал регро бо қувваи техника ба ҷои дур мекашонам, сонӣ тамоми минтақаи обод мекардаамро бо хоки зиндаи ғизодор таъмин менамояму баъд бо дуои бобои деҳқон обро равон хоҳам кард», – мегуфт дар дил ӯ.

Боре Раҳматулло дар порчаи китоби «Авасто», ки дар маҷаллае дарҷ гардида буд, ин ҷумлаҳои муқаддасро хондааст ва ҳоло онҳоро ба лавҳи хотирааш меоварад. Аҷдоди тоҷикон офарандаи замину кишварҳо – Аҳурамаздо ва фариштаи обҳо – Аноҳиторо мепарастиданд. Ва Зардушти Спитамон, ки обҳои неку маздоофаридаро ситоиш мекард, ба Аҳурамаздо гуфт: «Эй Аҳурамаздо, ба ман мадад расон, фариштаи обро аз осмон бифирист, то замин ҳамеша сабзу хуррам бошад, табиат поку тоза,

кишти гандум дубора файз диҳад». Бо амри ӯ олиҳаи об ва дарёҳо Аноҳито пероҳани ҷилодор дар тан аз тахти сангин фуруд омад. Пас Зардушт мурочиат намуд: «Эй Аноҳито, ту олиҳаи об ва дарёҳои рӯйи заминӣ, ту ба кишварҳо афзунӣ мебахшӣ. Ту нерӯманди бузурги замин, дорандаи ҳазор дарё ва ҳазор рӯд, ҳар як бо дарозии чиҳил рӯз роҳи марди чобуксавор. Маро комёб дор». Аноҳито, ки ҳамеша хостори бахшоянда буд, Зардушти ашавандаро комёбӣ бахшид...

...Замин модар аст, – мегуфт Зардушт ба насли башар,-об шири модар, аз он кулли махлуқот, ҷонварону чорво, наботот мемаканду меҷабанд ва рушду нумӯъ мекунанд. Биноан, заминро чун модар ва обро чун шири модар муқаддас доред...»

Ва Раҳматулло афсонаи модаркалонро низ ёд овард. Он афсонаро, ки об ҳамчун зебопарӣ, рамзи покӣ ва ризқу рӯзӣ тасвир мешуду момозамини ганҷрасон ҳамеша ташнаи як қатраи булӯрини об буд. «Ба ҳалқи ман қатраи об чаконед, пас аз бағалам ҳар чи хоҳед, ситонед, – мегуфт момозамин, – дастархони шуморо бо нозу неъмати ройгон – мекунам рангину пуралвон...»

...Об ва замин ба мисли он ду хоҳараконе буданд, ки байни худ доим ҷанҷолу арбада доштанд ва... об гурезон мешуду бар қаъри замин ниҳон... Ҷанҷолу арбадаи обу замин нишонаи паридани хайру баракат буд. Одамон талош меварзидаанд, то чоҳҳо ва ҷӯйҳо кофта, роҳи обро кушоянд ва онро бо замин оштӣ намоянд. Баракату гулшукуфии замин ҳам дар оштии он ба оби файзрасон будааст.

...Бибиаш ҳамин зайл ба такрор афсонаҳо мегуфту Раҳматулло хомӯшона гӯш мекард ва худро дар сафи чоҳканҳову ҷӯйкобон мепиндошт, ки онон обро ҷустуҷӯ доштаанд... Ва Раҳматулло он дам гумон мекард, ки роҳи обро хоҳад ёфт...

Раҳматулло бо ҳамин гуна хаёлҳо ва андешаҳои нек ба нуқтаи баландтарини хомаи рег баромад, ки ин ҷо тамоми гирду атроф баръало намоён мешуд. Тасаввур намуд, ки кӯл пуроб асту ин сатҳи фирӯзагун ба ранги нилии гардун монандӣ дорад. Дар соҳили кӯл шамшоду санавбарони зебо қадафрозӣ менамоянд. Одамон дар чойхонаи хуштарҳу мунаққаш, ки устоёни исфарагӣ бунёд намудаанд, чойи гуворо ва асалу қаймоқро бо нони ширмол нӯши ҷон мекунанду ба завраққо ва мурғони зебо, ки дар оби кӯл шино доранд, ишоракунон суханҳое мегӯянд ва табассум менамоянд. Маълум, ки табъи ҳама хуш ва болида аст. Дар паҳлӯи чойхона деги шӯрбо биқир-биқир меҷӯшад ва дар деги дигар зир-

баки палав ҳам тайёр шуда истодааст. Як қисми истироҳаткунандагон дар хонаи махсуси самти чапи чойхона шоҳмоту шашка ва билярд мебозанд. Дар самти шарқии кӯл боғҳои зардолую шафтолу, бодому хурмо ҷилва менамоянд, ки баъд ангурзор ва аз паси ангурзор гулгашти арчаю санавбаристон ҳуснфизоӣ доранд ва гулҳои садбарг, раъно ва савсан шукуфта, зебоии чаманистонро даҳчанд афзун сохтаанд. Ҳоло аз меваҳо фақат зардолуи ҷавпазаки лаззатбор пухтааст, ки боғбони нуронӣ бо ёрии духтарони малеҳчеҳра дар сабадҳо ҳосилғундорӣ дорад. Дар бари гулгашт ва тарафи шимолии кӯл зироатҳои полезӣ ба чашм намудоранд, ки он ҷо ду-се нафар деҳқонон қулфинай мечинанд. Хӯшаҳои пурмағзи гандумзор ҳам ба чашми кас хеле шинам ва ҷамил метобанд. Дар тарафи ҷанубии кӯл, ки он ҷо ҳавзи бачаҳо сохта шудааст, минтақаи хеле калони боғ мавҷуд буда, дорои тамоми меваҳои шаҳдогини минтақаҳои ҷумҳурӣ ва гӯшаҳои гуногуни олам мебошад. Дар он ҷо аз биҳию турунҷ сар карда, то олуи бухороӣ, гелоси самарқандӣ, шалели қубодиёнӣ, норинҷи ҷалолободӣ, анҷиру анори тошқӯрғонӣ, шаҳтути балхӣ ва ғайра рустаанд. Боз ҳам ба самти ҷанубтар, тақрибан панҷсад қадам дуртар аз боғ бинои фермаи говони ширдеҳро дидан мумкин аст, ки он ҳоло холӣ аст, зеро пода дар чарогоҳ асту гӯсолаҳо дар оғили қаноти рости ферма парвариш меёбанд. Дар қаноти чапи ферма тӯдаи баланди хок ранги сиёҳчатоб дорад. Бале, ин хоки серғизост, ки захира карда шудааст ва ба ҳар ҷое, ки зарур ояд, ба мизону тартиб истифода мегардад.

Дар самти ғарбӣ се-чор нафар бемор таҳти назорати духтур ваннаи регӣ қабул менамоянд, зеро ба гурдаҳои онҳо хунукӣ таъсир кардааст. Ба самти машриқ, ба дуродур назар андохта, силсилаҷиболи Хоҷа Ғозиёнро дид, ки аз шимол ба ҷануб ба дарозо хобидааст ва ба болои қуллаи баландтарини он уқоби оҳанинчанголе бо виқор нишастааст бо чашмони тезбини худ ба пушти кӯҳ, ба соҳили дарёи Ому, ба тарафи вайронаҳои Тахти Сангин ва хоктӯдаҳои ҳазорон бор белгардоншудаи қалъаи Тахти Қубод менигарад, то тӯъмаи имрӯзаи хештанро биёбад...

Ин манзараҳо, ки Раҳматулло дар оинаи хаёлоти худ тасаввур кард, ба тамоми ҷисму ҷонаш наздик, марғуб ва мақбулу ҷовидонӣ намуд. Ва дар дили хештан азми қавӣ кард, ки ба рағми баъзе маслиҳату машваратҳои номатлуб ҳамаи ҳастӣ ва буду набуди худро барои амалӣ намудани ҳамин орзуи азалиаш сарф хоҳад кард. «Мақсуди ман он аст, ки замини чӯлро обод кунам, –

аз дил гузаронд Раҳматулло, – дар ин ҷо боғистонҳо бисозам, ки тамоми меваю гулҳои диёрамон бирӯяд ва ҷойи тафреҳу тамошо, истироҳатгоҳу дармонгоҳи одамон бишавад. Ва ҷиҳати аз ҳама асосии обод кардани ин чӯлу биёбон иборат аз он аст, ки аз рӯйи панди падар амал намуда, фикру андешаи фарзандонам Иззатулло, Амриддин, Ибодулло, Нурмуҳаммад, Азиз ва Муродуллоро ба кори ободии замин ҷалб бисозам. Чунки ман ба онҳо пулу моли зиёдеро ба мерос гузошта наметавонам, умуман пулу мол бақое ҳам надорад. Падарам мегуфтанд, ки пулу моли падар ба фарзанди нағз ҳам ба кор несту ба фарзанди бад ҳам. Чунки фарзанди нағз худаш пулу мол ёфта метавонад, фарзанди бад бошад, пулу моли падарро зуд несту нобуд карда, ба роҳи боз бадтаре меравад. Бинобар ин мероси падар ба фарзанд танҳо ҳунар аст, яъне «мероси падар хоҳӣ, касби падар омӯз». Мероси ман ба онҳо заҳмату ҳунари деҳқонист, азбаски инро ман аз падари худ омӯхтаам...»

Ва боз ба лавҳаи хотираи Раҳматулло ин сатрҳо барқ заданд, ки ӯ аз «Китоби муқаддас» хонда буд:

*«Бар теппаҳои беоб наҳрҳо,*
*ва дар миёни водиҳо чашмаҳо хоҳам кушод:*
*биёбонро ба кӯли об,*
*ва замини хушкидаро ба чашмаҳои об*
*табдил хоҳам дод.*
*Дар биёбон арз, ақоқиё,*
*ос ва зайтуни ёбоӣ хоҳам шинонид;*
*дар саҳро сарв,*
*коҷ ва шамшодро якҷоя хоҳам рӯёнид...»*

Сипас Раҳматулло вузӯъ карда, локии худро дар сояи саксавул густурд ва намози пешин ва ду ракъат намози шукрона гузошт ва ду даст ба дуо бардошт: Поко, Парвардигоро, шукрона мегӯям ба даргоҳи муқаддасат, ки аз дили ман ҳирси молу чизро бардоштӣ ва бар мазраи замирам ҳаваси кору заҳмат ва меҳри обу замини покро коштӣ... Эй бор Худоё, карам фармою ба ин дастранҷи ман кушоише деҳ, ё амонатиатро бигир, ки ман ба худ номи Раҳматуллои ноӯҳдабароро бардошта гашта наметавонам, ё Худоё, Худовандо, кушоише ато фармо, ки он раҳоиши ман хоҳад буд, Худоё, кушоише!..

Ин омурзиш ва истиғфору ниёиши Раҳматулло буд ба даргоҳи Яздони пок қабл аз оғози кор баҳри кашфи замини шаҳднок... Дили ӯ лабрези нерӯи қавие буд, ки он аз эҳсосоти ваҳдату ягона-

гии қавлу амали ӯ сарчашма мегирифт. Дигар ягон қуввае набуд, ки ин марди покизасиришт ва ростинро аз роҳи сарнавишт ва бо амри дили хештан интихобнамудааш бозпас гардонад. Ва ин роҳ ҳам ифтитоҳи замини кишт буд аз чанголи биёбон, ки чунин роҳи нек аз замони ҳазрати Одам то ин дам барои насли башар роҳи фарзонаю баргузида ва созандаю ризқофарандагист... Ризқест барои инсону вуҳушу туюр...

Дар Вазорати хоҷагии ҷангал ин раъйю нияти Раҳматуллоро хуш пазируфтанд, зеро он солҳо минтақаи заминҳои партови кӯҳдоману биёбон дар итоати ҳамин вазорат буд. Пас аз тасдиқ шудани санадҳо ба таври расмӣ ба ӯ амри оғози кор содир гардид. Ва Раҳматулло бо ҳиммати олии ҷавонмардӣ ва камоли ғайратмандӣ бо дуои пирони рӯзгор ба кор шурӯъ намуд. Хешу табор ва ёру дӯстон дар паҳлӯяш буданд ва ба ҳар роҳе ёрию ёвариаш менамуданд.

Ҳар кӣ ба зиндагӣ назари нек дошт, ин иқдоми ободкунанда ва созандагию офарандагии Раҳматуллоро дастгирӣ менамуду тақвият мебахшид.

– Сардори мудирияти муассисаи «Бешкандобсохтмон» Надежда Михайловна Собирова ин меҳнати заминкушоии маро бисёр мададгорӣ намуд, – бо миннатдорӣ зикр мекунад Раҳматулло, – аз лиҳози васоити техникӣ ва масолеҳи бинокорӣ ҳамкории худро дареғ намедошт. Қубурҳо ва дастгоҳҳои обкашӣ бахшоиш намуд.

Муассисаи «Бешкандобсохтмон» дар он давра хеле иқтидори калон ва васоити бисёри техникӣ дошт. Ва ҷабҳаи кори он ба фарҷом расида, иддае аз васоити техникӣ бекор буданд. Раҳматулло бо ин муассиса тибқи таомул гуфтугӯ намуд, зеро бидуни ёрии белҳои муқтадири экскаватору булдозеру скрепер дар ин регзори сурхранги тафсон кореро анҷом додан муҳол буд.

Минтақаи биёбони атрофи ботлоқи Чорикӯл, ки Раҳматулло нияти ободгарии онро дошт, чиҳилу ду гектарро ташкил менамуд ва он саросар аз регзор иборат буд. Мушкилоти хеле сангини кор дар ин минтақа кандану тарошидани сатҳи болоии регзор, ба ҷойи дуртар интиқол додани ин мурдахок ва ба ивази он овардани хоки зиндаи ҳосилхез ҳисоб меёфт.

Механизаторони пуртаҷриба ва кордидаю корозмудаи муассисаи «Бешкандобсохтмон» Саидмуин Бобоев, Абдулҳамид Валиев, Музаффар Норматов, Лутфулло Мӯсоев, Ҳазратқул Саидов, Рифъат Мифтоҳиддинов ҳикоят мекунанд, ки кори минтақаи кӯли Раҳматулло аз обод намудани ҷӯлистони Бешканд мушкил-

тару вазнинтар буд. Зеро тақрибан ҳар рӯз дар ин ҷо пас аз пешин шамол мехесту регҳои чун сурб тафсону гаронро ба сару рӯ мезад ва чашм кушодану ҳаракате намудан ғайриимкон мешуд. Регҳои тафсон фаъолияти мӯътадили васоити техникиро низ халалпазир менамуд. Вале дар саросари чӯлистони Бешканд, ки ин механизаторон футӯҳот намудаанд, қисматҳои регдори замин хеле кам ба назар мерасиданд. Мушкилоти сахту сангини дигар он буд, ки шамоли тунд регтӯдаҳо, яъне хомаҳои регро дар бадали фосилае чанд аз як минтақа ба минтақаи наздику дуртари дигаре кӯч медод. Масалан, ронандаи скрепер имрӯз регтӯдаеро аз назди ботлоқ ба самти берун аз замини Раҳматулло дур андозад, баъди шабе ва ё рӯзе дар назди ботлоқ регтӯдаи аз дӯшина ҳам калонтару саҳмгинтаре пайдо мешуд. Тундбоди гармсели регзор чунин қудрати аҳриманиии коршиканӣ дошт.

Азму иродаи қавӣ, рӯҳи бешикасту хастагинопазир, матонату устувории Раҳматулло ба фаъолияти механизаторон илҳом мебахшид. Бо шиддат ёфтани кор ҷойи буду бош ва хобу хӯри Раҳматулло ҳамин регистон шуд.

Албатта, кашондани реги сурхи масоҳати чилу ду гектар ва ба ҳамон миқдор овардани хоки зинда чандон кори осоне набуд. Зиёда аз ду миллион метри мукааб регу хоки талу теппаҳоро ба ҷойҳои дур интиқол додан зарур буд, то ҷои кӯл ва гирду атрофи он васеъ гардад. Кӯле, ки Раҳматулло пас аз тоза намудан дар ҷои ин чуқурии ботлоқдор сохтанӣ буд, ба дарозӣ чорсаду даҳ метр, ба бар ду саду даҳ метр ва ба умқ сездаҳ метр гардида, бештар аз якуним миллион метри мукааб обро ғунҷоиш медод. Ҳар қатраи оби зулоле, ки ба воситаи Наҳри Калон аз рӯди Кофарниҳони муқаддас дар кӯли бунёднамудаи Раҳматулло ҷамъ мегардид, ба ҷисму ҷони чилу ду гектар замин рӯҳу дармон мешуд. Дар чӯлистоне, ки аз давраи бино шуданаш боз обеву ободиеро надидааст, сохтани чунин кӯл ва ободу корам намудани замини атрофи он ҳақиқатан ҳам кори мӯъҷизавӣ буд, дар тасаввури анҷом додани он ақли одамӣ оҷиз мемонд. Барои ба фарҷоми муваффақона расонидани чунин вазифаи ҳайратангез ҷасорату шуҷоати бузург ва дилу гурдаи комил доштан зарур буд. Раҳматулло соҳиби ин ҳама ҷасорату ғаюрӣ, ҳиммати баланди инсонӣ ва фаросату басорату дурандешӣ буд, ки ба чунин корнамоӣ иқдом намуд.

Овозаи користони Раҳматулло тадриҷан ба атрофу акноф паҳн шудан гирифт ва ононе, ки ба оғоз гардидани чунин сохтмони

мӯҳташам шакку шубҳа доштанд, оҳиста-оҳиста ба дидани ин ҷабҳаи заминкушоӣ меомаданд.

– Бели экскаваторе, ки ҳоло ботлоқро ба боло мепартояд, маркази кӯли Раҳматулло мешавад, – аз ояндаи ин ободӣ ҳикоя мекард Саидмуин, ба якчанд нафар одами дар назди скрепери ӯ ҷамъ омада. Худи Саидмуин ин дам барои шикастани ташнагӣ аз термоси Раҳматулло чойи кабуд нӯши ҷон мекард. – Танҳо масоҳати кӯл қариб даҳ гектар хоҳад шуд ва атрофаш зиёда аз сӣ гектар замини зироат ва боғистони дилкушою биҳиштосо мегардад. Ман шунидаам, ки обу ҳавои биёбон дар муолиҷаи бемориҳои гурда, безурётӣ, роҳҳои нафас, буғумдард, пой ва ғайра манфиатбахш аст. Дар атрофи кӯли Раҳматулло ҳуҷраҳои муолиҷавӣ, ҷойҳои истироҳату моҳидорӣ ва завраққо ба ихтиёри табобаткунандагон вогузор мешаванд.

Одамони дар он ҷо буда ҳикояти яке аз бинокорони ин чӯлистон Саидмуинро мешуниданду мутаҳайир мегардиданд. Ва ба ин суръату азамат ибтидо шудани кори ободониро бо чашмони худ дида, ба суханони ӯ эътимод менамуданд.

– Аз тарафи ҳукуматамон ободу корам шудани биёбонҳоро бисёр дидаем, – гуфт яке аз онҳое, ки ҳикояти Саидмуинро гӯш мекард, – лекин бори аввал мебинем, ки як нафар ба чунин сохтмони хеле калон азм намудааст. Раҳматулло воқеан ҳам марди пилтан будааст, ҳалолаш бод. Ин коре, ки ӯ дил карда, ба он даст задааст, кори хеле савоб аст. Худо хоҳад, Раҳматулло бо ин кори савоби хеш дуои ҷамъи халоиқро мегираду барака меёбад.

– Иншоалоҳ, бо ин амали хайр, – ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд шахси дигар, – Раҳматулло ва фарзандону хешовандони ӯ савобу саодати дуҷаҳонӣ меёбанд. Ба чӯлистон об овардану дар ин ҷо ниҳолеро сабз кардан ва ба одамон, ҷамеи ҷонварон об додан ниҳоят савоби калоне дорад...

Аммо ба ин савобу саодат сазовор шудан ниҳоят бо душворӣ муяссар мегардид. Ҳар як қадами заминкушоӣ бо ҳазору як мушкилот тавъам буд.

Рӯзе Раҳматуллоро ба яке аз идораҳои тафтишотии ноҳиявӣ даъват намуданд.

– Ба мо маълумот расидааст, ки шумо пули бедарди миёни бисёре ҷамъ овардаед ва бар иловаи ин техникаи хоҷагиро бо роҳи ошнобозӣ ба манфиати шахсӣ истифода бурда истодаед, – гуфт саркардаи он идора бидуни муқаддима,-заминдор шуданӣ ҳастед.

– Бале, мувофиқи қонун соҳиби як порча замин шуданиам, –

ҷавоб дод Раҳматулло, – биёбони тафсонро, ки иборат аз регтӯдаҳо, паттаю шӯразор ва хори мағелон аст, нияти обод кардан дорам. Дар он ҷо тобистон одам пой монад, пояш месӯзад, паранда парвоз кунад, қаноташ. Сонӣ ман бо роҳи ошнобозӣ техникаи хоҷагиро истифода набурдаам. Ин тӯҳмати маҳз аст. Дар чӯлистоне, ки бо дастгирии хешону дӯстон нияти обод кардан дорам, як ададӣ экскаватор, скрепер ва булдозер кор мекунанд, ки ин навъ васоити техникӣ дар хоҷагӣ аслан мавҷуд нест. Ман бо муассисаи «Бешкандобсохтмон» сару кор дорам, ки доир ба ин дар дастам ҳуҷҷатҳои раднопазир мавҷуданд, мана, тамошо кунед, – Раҳматулло бастаи коғазҳоро ба рӯйи миз ниҳод.

Маъмури идораи тафтишотӣ, ки симои ҷиддияш ҳеч тағйир намеёфт, бастаи ҳуҷҷатҳоро хомӯшона тагурӯ карда, баъзе рақамҳо ва нуктаҳоро дар дафтари ғафси болои миз сабт намуд.

– Мо, албатта, ин гуфтаҳои шуморо тафтиш мекунем, – гуфт саркардаи идора аз мутолиаи ҳуҷҷатҳо сар бардошта, – аммо мувофиқи ҳуҷҷатҳо коратон дуруст барин менамояд. Ҳоло фаъолияти заминкушоиатонро давом додан гиред, зарур ояд, боз шуморо ҷеғ мезанем.

Раҳматулло ба тӯли чанд соли дар мағоза кор карданаш борҳо ба чанголи дастгоҳҳои тафтишотию истинтоқии давр афтода, ҳар дафъа софу холис халос мегардид. Зеро тамоми кору амалаш пок буд. Медонист, ки ба найранги ҳасудону муғризон чандин дафъа ба чанги ин идораҳо гирифтор шуд. Дар вақташ Раҳматулло аз ин амалҳои тафтишот ба худ сабақ гирифта, санадҳои тамоми фаъолияти хешро мураттабу муназзам менамуд. Ва, хосатан, ҳуҷҷатҳоро нусхабардорӣ намуда, дар ҷузвдонҳо ба тартиб дӯхта мемонд. Дарси ҳаёт Раҳматуллоро ба ин корҳо талқин менамуд. Ӯ ҳеч фаромӯш намекунад, ки ҳангоми мудири мағозаи чӯбу тахтаи шаҳри Қӯрғонтеппа буданаш боре ду-се намояндаи идораи тафтишотӣ ба наздаш омаданду як санади муҳимро талаб намуда, пас онро бо худ бурданд. Баъд аз ду рӯз онҳо мункир шуданду изҳор доштанд, ки ҳамин санади муҳимро надидаанду нагирифтаанд. Раҳматулло барои барқарор намудани он санад хеле заҳмат кашид ва бо душворӣ онро барқарор кард. Ва сабақи ин воқеа як умр дар лавҳи хотираи вай нақш баст...

Бинобар ин Раҳматулло ҳоло идораи ин муфаттишро тарк намуда, аз тафтишоти минбаъда ҳам ҳеч парвое надошт, зеро тамоми кораш аз рӯи қонун, пок ва ҳуҷҷатҳояш мураттабу дақиқ буданд ва бо ин идораҳо бошад, фақат бо забони ҳуҷҷатҳо гап задан

мумкин буду халос. Лекин Раҳматулло ба як гӯшаи дили худ аз зиштиҳои тоифаи ҳасудон дар шигифт меомад. Бузургон беҳуда нагуфтаанд:

*Тавонам ин ки наёзорам андаруни касе,*
*Ҳасудро чӣ кунад, к-ӯ зи худ ба ранҷ дар аст,*
*Бимир, то бираҳӣ, эй ҳасуд, к-ин ранҷест,*
*Ки аз машаққати он ҷуз ба марг натвон раст.*

«Тоифаи ҳасудонро аҷоиб хилқатест, – аз дил мегузаронд Раҳматулло, – сер бошӣ дида наметавонанд, гурусна бошӣ, дода. Ба ҳеч васила намефаҳманд ва қоил ҳам нестанд, ки бо Худододагон ситеза макун, ки худододаро Худо додааст».

Раҳматулло дар ин хусус дигар андешаҳоро қатъ намуду ба сӯйи користони худ раҳ пеш гирифт. Ӯ ба регзор наздик омада, садои скрепери Саидмуинро нашунид. Фақат Лутфулло бо булдозери худ решаи паттаю юлғунҳоро мебурид. Скрепер дар паҳлӯи регтӯдаи назди кӯл хомӯш меистоду Саидмуин дар гирду атрофи он ҷунбуҷӯл дошт.

– Ба хайр аст? – пурсид Раҳматулло аз мошин фуромада.

– Симтаноби бел канда шуд, – ҷавоб дод Саидмуин, – ман ҳеч гумон надоштам, ки дар байни ин регзор харсанг ҳам будааст. Вақти пеш кардани рег дами бел ба санг банд шудааст, газро пахш намудам, ки ба симтаноб зӯр омаду он канда шуд.

– Дар ин регзор аҷоиботи гуногун пеш омаданаш мумкин аст, аз ин рӯ ба ҳар чизи ғайриоддӣ тайёр будан даркор, – гуфт Раҳматулло симтаноби скреперро аз назар гузаронда.

Раҳматулло дар он рӯзҳое, ки ҳуҷҷати ин заминро тартиб медод, доир ба хосияту табиати регзор аз рӯзномаю маҷалла ва китобҳо як силсила маводу мақолаҳоро мутолиа намуда буд. Зимни хондани яке аз ин мақолаҳо ӯ маълумоте дарёфт, ки миллионҳо сол муқаддам дар рӯйи замин давраҳои яхбандиҳо ҷараён дошт ва эҳтимол дорад, ки ин сангҳо ҳамон давраҳо пайдо гардидаанд. Раҳматулло ҳамин маълумотро ба хотир оварда, ба Саидмуин таъкид намуд, ки регзорро саҳл напиндорад ва доимо ҳушёр бошад.

Сипас Раҳматулло дасту остин барзада ба Саидмуин ёрӣ дод ва онҳо симтаноби гусастаро кушоданд. Ҳамон рӯзҳо мутаассифона симтаноби скрепер дар анборҳою устохонаҳои муассисаи «Бешкандобсохтмон» ва умуман дар ҳудуди ноҳия пайдо нашуд. Раҳматулло мошини кӯҳнаи худро савор шуда, ба шаҳри Душан-

бе рафт ва чандин шиносҳояшро пурсуҷӯ карда, оқибат ҷойи симтанобро ёфт ва барои эҳтиёт ду дона симтаноб харид.

Вақте ки Саидмуин дар бордони мошини Раҳматулло ду дона симтанобро дид, изҳори тааҷҷуб намуд:

– Ако, симтаноб аҳён-аҳён канда мешавад, як дона биёред ҳам, мешуд.

– Сад рӯз бор, як рӯз даркор, – ҷавоб дод Раҳматулло, – барои захира нигоҳ доред, бародар, ҳоло дар пеш корҳо бисёранд, эҳтимол дорад, ки аз даруни регзор харсангҳои аз ин калонтар ҳам бароянд.

– Ман бори аввал дар чунин регзори доманфарох кор мекунам, биноан сирру савдои онро чандон намедонам.

– Бале, асрори ҷаҳонро на ту дониву на ман!

Ҳангоми насб кардани симтаноб низ Раҳматулло ба Саидмуин ёрӣ расонд. Дар айёми ҷавонӣ ба омӯзиши васоити техникӣ шавқу ҳавас доштани Раҳматулло дар ҳар қадам ба кор меомад. Ҳоло ӯ аз қисмати худ мамнун буд, ки дар он даврон мисли баъзе ҷавонон коҳилӣ накарда, навъҳои гуногуни техникаро омӯхт ва акнун самараи онро мебинад. Агарчанде ҳоло дар соҳаи техника кори доимӣ накунад ҳам, вақти зарурат ба ягон кас рӯйи ниёз намеоварад.

Чун скрепери Саидмуин садо бароварда, бо бели пуриқтидораш синаи пурасрори регзорро чок-чок кард, тамоми вуҷуди Раҳматуллоро эҳсоси фараҳу шодмонӣ фаро гирифт. Ӯ ҳақиқатан ҳам хурсанд буд, зеро кори дӯстдоштаи ӯ иҷро мешуд. Замин аз чанголи рег ваҷаб-ваҷаб раҳоӣ меёфт, замине, ки дар оянда Раҳматулло бо фарзандони худ дар он гул ва донаи умед кишта, гуна-гуна дарахтҳо шинонданӣ буданд.

Зинаи асосии пешрафти кори ободонии регзор, албатта, кофтани кӯл буд. Раҳматулло ба ин аҳамияти калон медод ва ҳар як метри умқи кӯл ӯро бештар мамнун мекард. Воқеан ҳам сохта шудани чунин кӯли пахно, ки ғунҷоиши калоне дорад, ғалабаи бузург буд. Вақте ки миллионҳо мукааб метр хок канда шуда, кӯл бо ҳама тӯлу паҳноии худ арзи ҳастӣ намуд, дӯсти Раҳматулло – раиси хоҷагӣ Аҳлиддин Афғонов нахустин шахсе буд, ки барои дидани ин користон омад. Онҳо ба давродаври кӯл гардиш намуда, натиҷаи заҳмати чорсоларо муоина карданд.

– Бародари азиз, туро бо ин муваффақият ва барори бузурги кор самимона табрик менамоям, – гуфт Аҳлиддин даст ба дӯши Раҳматулло ниҳода, – коре ки ту анҷом додӣ, кори хурд нест, бал-

ки ин корест, ки на ҳар таҳамтан ба иҷрои он ҷуръат карда метавонад. Дар ёд дорам, ки ту маро ба кофтани ин кӯлу обод кардани ин чӯл талқин намуда будӣ. Вале ман, рости гап, ки бо ташвиши корҳои печ дар печи хоҷагӣ андармон шуда, ин суханони туро фаромӯш карда будаам. Маълум мешавад, ки анҷом додани ин кори савоб ба худи ту насиб карда будааст ва худат онро саришта намудӣ.

– Агар дастгирии шумо дӯстону бародарон намебуд, ман худам ба танҳоӣ аз ӯҳдаи иҷрои ин кор намебаромадам, – изҳори сипос намуд Раҳматулло.

Сипас онҳо дар самти шимолии кӯл истода, ба тарафи ҷанубии он нигаристанд.

Раҳматулло нарангушти дасти рости худро боло карда, ба девораи кӯл назар намуду сарашро ду-се бор ба аломати инкор ҷунбонд.

– Ту маро бо анҷомёбии сохтмони кӯл табрик кардию ҳоло анҷоми кори он ба табъи дилам нест, – ба рӯйи Аҳлиддин нигарист Раҳматулло, – камбудиҳояш бисёранд.

– Ҳа, боз чӣ камбудӣ ёфтӣ, охир чор тарафаш оличаноб, гул барин, – ҳайрон шуд Афғонов.

– Девораи тарафи ҷанубии кӯл андаке каҷ аст, ба дарун тоб партофтааст, инро ман бо ангуштам ҳам мушоҳида карда истодаам, – шарҳ дод Раҳматулло, – агар бо нивелир ё обтарозу бубинӣ, каҷии девораро боз ҳам равшантар муайян мекунӣ. Дер накарда, худи пагоҳ ба назди Надежда Михайловна меравам ва бо иҷозати ӯ муҳандиси «Бешкандобсохтмон»-ро ба ин ҷо оварда, ин каҷии девораи кӯлро рост менамоям.

– Девора андаке каҷ бошад, чӣ бокест? Охир ту дар ягон мусобиқа ё конкурси кӯлсозӣ иштирок карданӣ нестӣ-ку?- эътироз намуд Афғонов, – обро нигоҳ дорад, шуд-дия, дигар девораи рост чӣ лозим?

– Дуруст аст, ки ман дар ягон мусобиқа ё конкурси кӯлсозӣ иштирок карданӣ нестам, – посух гуфт Раҳматулло, – лекин ҳар кор бояд мувофиқи табъи дил анҷом биёбад. Мана, аз ҳамин ҷое, ки мо истодаем, дар тарафи дасти чапамон хиёбони гулзору санавбаристон ба тарафи ҷануб – қад-қади соҳили кӯл бояд тӯл бикашад. Меҳмони омада аз ҳамин ҷои мо истода ба поён нигарад, каҷии девораи кӯлро дарҳол мушоҳида мекунад. Дар тарафи дасти чап гулгашту санавбаристон мустақиман доман паҳн кунаду дар хати мувозии он девораи кӯл каҷ бошад, манзараи номатлубе

хоҳад дошт. Ҳол он ки качӣ хеле дағал аст, ба ангушт ҳам муайян карда мешавад. Ҳамин қадар корро анҷом додем, иншоаллоҳ, инашро низ иҷро хоҳем кард.

Афғонов дигар эрод нагирифт. Вай аз айёми бачагӣ бо Раҳматулло дар як ҷо калон шуда, хислату табиати дӯсташро нағз медонист. Оре, медонист, ки Раҳматулло чун ба роҳи ҳақ азм кунад, дигар ҳеч кас ёрои онро надорад, ки ӯро аз раъйаш баргардонад. Раҳматулло чунин инсони ростраву покдин, соҳибқавлу амал, қавиазму матинирода аст, ки ин хислатҳои ҳамидаи инсонӣ ба ӯ аз ниёгонаш мерос монда, дар шараёни дил ва мағзи ҷисму ҷонаш ҷараён гирифтаанд...

Ба девораи качи кӯл нуктагирӣ кардани Раҳматулло ба мавқеъ будааст. Пас аз он ки муҳандис ноҳамвориҳои девораро бартараф намуд, зебоии кӯл боз ҳам афзунтар шуд.

...Ба ҳамин минвол беш аз чор соли умри гаронмояи Раҳматулло дар ободонии регистон сарф гардид. Аз ҳама муҳимаш кӯли Раҳматулло бо ғунҷоиши як миллиону панҷсад ҳазор метри мукааб сохта шуд, регзорро низ ҳамвор карда, ба ҷойи он хоки зинда оварданд. Биноҳои фермаҳои чорводорӣ эъмор гардид, ки дар онҳо парвариши чил сар модагови бурокарпатӣ ва чорсаду даҳ сар гӯсфанди зоти ҳисорӣ ташкил гардиданд. Дар боғистонҳо, ки Раҳматулло мувофиқи диди зебоипарасти хеш бунёд кард, ҳафт ҳазор бех ниҳолони зардолу, бодом, себ, анор, санҷит, ангур, хурмо, норинҷ, турунҷ, биҳӣ ва амсоли инҳо шинонида шуданд. Раҳматулло барои овардани ниҳолон ба шаҳрҳои Хуҷанд, Конибодом, Панҷакент, Самарқанд, Бухоро ва ҳатто ба Ӯшу Бӯстонлиқ низ сафар намуд. Шонздаҳ адад дарахти шоҳтути пайвандиро аз парваришгоҳи боғбони машҳури қубодиёнӣ Миразиз Очилдӣ харидорӣ кард.

Раҳматулло барои парвариши ниҳолон се адад насоси андиҷонӣ овард, ки иқтидори ҳар яке аз онҳо ба обёрии дувоздаҳ гектар замини ташналаб кифоят менамуд. Инчунин бо ҳамин ният қубури обгузар ба тӯли дувоздаҳу ним километр ва ба қутри яксаду панҷоҳ ва сесад миллиметр, бисту як ҳазор метр сими урёни барқ, як адад трансформатор, ба миқдори зиёд лӯлаҳои сӯрохдор бо мақсади ташкил намудани усули обёрии қатрачакон дар парвариши зироат барои ободонии ҳамин замин муҳайё кард. Зимнан бояд зикр намуд, ки Раҳматулло дар парвариши зироат ҳам шахси дурандеш аст, чунки бо вуҷуди фаровонии оби ҷонбахш ба қадри ҳар як қатраи он мерасад ва ният дорад, ки об-

ро басо сарфакорона истифода намояд. Зеро об ҳам, ба ақидаи Раҳматулло мисли нон муқаддас аст, чи тавре ки нонреза аз зери по мегирӣ ва бӯсида ба пешонӣ мемолӣ, биноан ҳар қатраи обро низ эъзоз мебоист кард.

Акнун лаҳзаи таърихӣ ва фаромӯшнопазир фаро мерасид. Одамон анҷом ёфтани сохтмони кӯлро фаҳмида, ба минтақаи ободшуда зуд-зуд меомаданд ва пурсон мешуданд, ки об кай меояду ин кӯлро чӣ тавр пур мекунад? Раҳматулло ба оромию солорӣ, ки хоси ӯст, ҳар якеро ҷавоб мегуфт: «бародарон, заҳмати пурмашаққати тӯлонӣ пушти сар гардид, кӯл бунёд ёфт, ҷӯйи тарафи он аз Наҳри Калон то соҳили кӯл кофта, парчобу дарвозаҳо ва даҳанаю оббандҳо сохта шудаанд. Инак, қисмати осонтарини корамон боқӣ мондааст, иншоаллоҳ, дар соати нек ин ҳам бо амри Парвардигор ҷомаи амал хоҳад пӯшид».

Раҳматулло дар масъалаи бо об пур кардани кӯл ҳам хеле оқилона рафтор кард. Чи тавре ки маълум аст, тамоми киштзорони ноҳияи Қубодиён тавассути Наҳри Калон обёрӣ мешавад. Бинобар ин Раҳматулло махсус мунтазир шуд, ки кулли зироати хоҷагиҳои ноҳия пухта расад ва ҳатто яхобмонии заминҳо низ поён пазираду ба ибораи дигар, оби Наҳри Калон ба деҳқонон лозим нашавад, пас бо иҷозати хоҷагии оби ноҳия роҳи обро ба ҷониби лаби ташнаи кӯл раҳо хоҳад кард, то ҷигари сӯхтаи биёбон шифо биёбад. Бе ваҷҳ нест, ки хирадмандон фармудаанд: «кучо оқил кунад коре, ки боз орад пушаймонӣ»...

Ин соати фархундаи таърихӣ низ фаро расид. Соати 12-ю 25 дақиқаи рӯзи сиюми марти соли як ҳазору нӯҳсаду наваду як ба кӯли Раҳматулло об сар дода шуд! Вақте ки ба кӯл оби поки Наҳри Калон ҷорӣ мешуд, Раҳматулло афсонаи модаркалонро ба ёд овард. Ҳамон лаҳза ба хотирааш барқ зад, ки бибиаш ба такрор афсона мегуфту Раҳматулло хомӯшона гӯш мекард ва худро хаёлан дар сафи чоҳканҳову ҷӯйкобон мепиндошт, ки онон обро ҷустуҷӯ доштанд... Раҳматулло ба биёбон ҷорӣ гаштани оби зулолро дида, тасаввур мекард, ки афсонаҳои модаркалонаш ба ҳақиқат табдил ёфтанд. Оре, набера афсонаи бибиашро ба ҳақиқат бадал намуд.

Ӯ ба муносибати ин рӯзи муборак ба арвоҳи Бобои деҳқон гӯсфанди шишаки дастпарвари худро дар лаби кӯл сар зада, деги шӯрбо муҳайё намуд. Дар атрофи кӯл аз тамоми гӯшаю канорҳои ноҳия одамон ҷамъ омада буданд, ҳатто аз ноҳияи Рашт ва шаҳрҳои Қӯрғонтеппаю Душанбе меҳмонон дар ин воқеаи

фараҳбахш ширкат доштанд. Пирону ҷавонон, занону мардон ба оби софи Кофарниҳон, ки дили ҷӯлро шодоб менамуд, бо хурсандӣ дастурӯ мешустанд.

– Дӯстон,бародарон, – гуфт муаллими фанни таърихи мактаби миёнаи ба номи Рӯдакии ноҳия Насрулло Абдуллозода, – имрӯз дар доманаи кӯҳи Хоҷа Ғозиён, дар паҳлӯи вайронаҳои қалъаи Кайқубодшоҳ – Тахти Қубод воқеаи ниҳоят хурсандибахши таърихӣ ба вуқӯъ пайваст, ба ҷӯлистони асрҳои аср ташналаб оби ҷонбахш омад, ки он ба туфайли меҳнати пурмашаққат ва душвору тӯлонии Раҳматулло муяссар гардид. Раҳматулло ҳақиқатан ҳам меҳнати қаҳрамонона кард ва бесабаб нест, ки ҳамин корнамоӣ намояндагони тамоми халқу миллатҳои сокини ноҳияро дар соҳили ин кӯл ҷамъ овард ва муттаҳид кард. Ман дар байни меҳмонони дар ин ҷо ҳузурдошта: тоҷикон, ӯзбекон, туркманҳо, қирғизҳо, қазоқон, русҳо, украинҳо, яҳудиён, белорусҳо, тоторон, гурҷиён, арманҳо, осетинҳо, хулоса ҷамеи ҳамдиёриёнро мебинам. Садҳо аҳсану офарин ба Раҳматулло Абдуллоев, ки бо ин кори мӯъҷизаосои худ ҳамаи моро дар соҳили ин кӯл мафтуну мусаххар ва сарҷамъ кард. Дуруд ба рӯҳи пурфутӯҳи гузаштагони ин мард, ки чунин фарзанди олиҳимматро ба камол расонидаанд. Ва ӯ дар хизмати халқу Ватан чунин ҷонфишониҳо намудааст. Ба шарафи ин воқеаи таърихӣ, ки бо меҳнати қаҳрамонона ва корнамоии Раҳматулло амалӣ гардидааст, пешниҳод менамоям, ки минбаъд рӯзи сиюми марти ҳар сол дар ноҳия ҷашни обу ободонӣ таҷлил карда шавад. Шоир ба ин муносибат хеле нағз гуфтааст:

*Дашти лабташна шунав, оби равон меояд,*
*Об не, бар тани берӯҳи ту ҷон меояд!*

Ҳозирон ин пешниҳоди муаллим Абдуллозодаро бо кафкӯбиҳои пурмавҷ ҷонибдорӣ намуданд.

– Ҷамъомади имрӯза таҷлили нахустини Ҷашни обу ободонии ноҳия ҳисоб меёбад, – илова намуд муаллим дар охири сухан.

Иддае доир ба он изҳори ақида намуданд, ки ташаббуси бузурги Раҳматулло қобили дастгирист. Дар ноҳия ва берун аз он ҷавонмардони асили олиҳиммат ба ин корнамоӣ бояд пайравӣ бикунанд. Зеро дар чанголи ҷӯлу биёбон ҳоло заминҳои кашфнашуда ва нообод бисёранд. Ҳар кас дар ин кори ватандӯстона бояд аз худ ҷасорате ва ғайрате нишон диҳад...

...Обе, ки рӯзи сиюми март ба кӯл сар дода шуд, ба муддати бисту чор рӯз ҷорӣ гашта, кӯлро пур кард ва кӯли Раҳматулло ба

баҳри пуртуғёне табдил ёфта, дар миёни биёбон ба оинаи паҳною зебои нилгун мушобеҳ гардид. Сипас чор соҳили онро бо чим мустаҳкам карда, аз замини гирду атроф боқимондаҳои хору буттаҳо, хотинаку саксавулҳои решакангардида, сангҳои замонаҳои яхбандии саросар бо диққату ҳавсалаи том барчида шуданд. Раҳматулло бо фарзандон, хешу табор ва ёру дӯстон ҳашар ташкил карда, ин корҳоро анҷом дод.

Ин зинаи аввалини тавфиқи кор буд. Раҳматулло аз ин муваффақият хурсандии беҳадду каноре дошт. Вале ӯ аз зумраи он одамон нест, ки аз муваффақияти нахустин хотирҷамъ гардан-ду минбаъд пой ба саҳрои беғамию фориғболӣ биниҳад. Ҳол он ки барои комилан обод намудани замини кашфшуда ҳанӯз кори бисёреро анҷом додан ва маблағи зиёдеро сарф намудан зарур буд. Алғараз, муваффақияти нахустинро бо иҷрои корҳои мушах-хас мебоист таҳким бахшид.

Бо ҳамин ният Раҳматулло тасмим гирифт, ки ба як қисмати замини тахту ҳамвор пиёз кишта, маблағи аз он ба дастмеомадаро дар роҳи ободонии худи ҳамин минтақа сарф намояд. Ӯ тухмии аълодараҷаи пиёзро аз як хоҷагии тухмипарварии ноҳияи Ҳисор харида, дар ҳавлии худ онро бо аҳли оилааш тоза кард. Пас за-минро маҳин шудгор намуда, бо писаронаш кулӯххҳоро майда кард ва решаи алафу гиёҳҳоро бичид. Раҳматулло моҳи ноябри соли наваду як бо ёрии писарон ва хешу табори худ тақрибан масоҳати шаш-ҳафт гектарро ҷӯя кашида, пиёз кишт ва бо обдиҳию хишоваи киштзор машғул гардид. Дар замини асрҳои аср зироате кишта нашуда, ки хеле бақувввату серғизо буд, ҳосили хубе рӯид. Пиёз дар ҷӯяҳо хеле ғафс сабзида, инкишоф ва нашъу-намои оличанобе дошт. Писарони Раҳматулло як миқдор барра-пиёзи нирғаро чида, чун навгонии ҳосили замини ба тозагӣ кашфшуда ба ҳамқишлоқиҳо ҳадя намуданд ва дуои шукронаю хайр гирифтанд. Раҳматуллою писарони ӯ чандин моҳи ҳамон сол аз байни киштзор набаромада, аз сидқи дил меҳнат карданд. Дар замини нарм ва ғизодор, инчунин бо дастранҷи шерамардони Раҳматулло решабандии пиёз хеле калон шуд.

Раҳматулло азм кард, ки пиёзро ба тарафи Шарқи Дур биба-рад. Аз таҷрибаи хеш медонист, ки дар он минтақа ба пиёз тала-бот хеле зиёд аст. Вақтҳои дар мағозаи масолеҳи бинокории шаҳри Қӯрғонтеппа кор карданаш боре ба кишвари Хабаровск сафар намуда, бо мадади дӯстону шиносонаш масъалаи ба ватан интиқол додани миқдори зиёди чӯбу тахта, шиферу меху

рангҳоро ҳаллу фасл намуд ва аз ин барори сафари хидматиаш хеле мамнун гардид. Бо ин фараҳу шодмонӣ дар сӯҳбати дӯстони шарқидурӣ Раҳматулло ваъда дод, ки пагоҳ палави тоҷикӣ пухта, онҳоро зиёфат хоҳад кард. Вай аз субҳидам ба тараддуди харидкунию палавпазӣ афтода, гӯшту биринҷ ва равғанро зуд пайдо кард, аммо дар ҷустуҷӯи пиёзу сабзӣ басо сарсону саргардон шуд. Ба таксӣ савор шуда, тамоми бозорҳои шаҳрро аз назар гузаронд, ҳатто ба хонаҳои баъзе ҷӯраҳояш рафта, ин сабзавотро ҷӯё шуда бошад ҳам, ду аркони асосии палавро ҳеч ёфта наметавонист. Оқибат баъди ду соати таксисаворӣ аз як мағозаи сабзавотфурӯшӣ бо ёрии дӯсташ ду кило сабзӣ ёфт, вале аз пиёз ҳоло ҳам ному нишоне набуд. Чӣ бояд кард, дар соати муайяншуда дӯстон ҷамъ мешаванд ва ҳамаи онҳо, албатта, мехоҳанд, ки лаззати палави тоҷикиро бичашанд. Вале аз унсури асоситарини ин таоми миллии тоҷикӣ, ки Раҳматулло ваъда кардааст, ҳанӯз дарак нест, сонӣ Раҳматулло бо маслиҳати ронандаи таксӣ ба тарабхонаи марказӣ ва калонтарини шаҳр рафтагор гашт ва хайрият, ки дар он ҷо ба миқдори кам бошад ҳам, пиёз ёфт шуд ва Раҳматулло онро бо нархи даҳчанд ба даст овард. Дӯстони Раҳматулло ҳангоми палави лазизи тоҷикиро нӯши ҷон кардан, ҳикоят намуданд, ки дар Сибиру Шарқи Дур пиёз ва сир доруи асосии бемории исқорбут[1] аст. Одамизод, агар сиру пиёзро кам истеъмол кунад, ба ин бемории милку вора гирифтор мегардаду дар фарҷом беҳолу бемадор шуда, ворaҳояш мепӯсанд ва дандонҳояш батамом мерезанду дохии аҷалро лаббайк мегӯяд.

Раҳматулло ин воқеаро ба хотир оварда, аз дафтарчаи ҷайбиаш рақами телефони хонаи Антон Петрович Кравчук ном ҷӯраашро пайдо кард, ки ӯ дар шаҳри Хабаровск зиндагӣ дошт.

Вақте ки Раҳматулло ба Хабаровск занг зад, гӯшакро ҳамсари Антон гирифта, ҷавоб дод, ки шавҳараш пас аз як рӯз ба хона меояд ва албатта, занги вайро интизор хоҳад шуд. Раҳматулло дар рӯзу соати муайяншуда дӯсти раҳдурашро пайдо намуд.

– Бо фарзандон пиёз парвариш кардаам, – гуфт Раҳматулло, – пас аз салом ва ҳолу аҳволпурсӣ ба Антон, – бо лутфи ҳақ ҳосилаш фаровон аст, агар зарур бошад, то Хабаровск мебарам, он тарафашро ту медонӣ.

– Кори олиҷаноб кардаӣ, ки ту, дӯстам, ба деҳқонӣ машғул шуда, бо бачаҳоят пиёз парвариш намудаӣ. Лекин ман бо воситаи

1. Цинга.

телевизион гоҳ-гоҳ аз пойтахти ҷумҳуриатон ҳар хел хабарҳои ташвишангезро шунида зиқ мешавам. Ҳақиқатан ҳам ту боз исбот кардӣ, ки марди асил ҳастӣ ва бо равишу маҷрои зиндагӣ бел зада метавонӣ. Ман аз ин пайғомат бисёр хурсанд шудам. Пиёзро ба шаҳри Хабаровск биёрӣ шуд, он тарафаш дар дасти ман аст, зеро ҳоло роҳбари муассисаи тиҷоратӣ ҳастам. Ҳар қадаре ки биёрӣ, худам аз дасти ту мехараму пас бо воситаи муассисаи тиҷоратиам ба Сахалин, ҷазираҳои Курил ва ҳатто ба Ҷопон ҳам мебарам. Аз камбудии доруи исқорбут сокинони тарафҳои мо бе дандон мешаванд, – дар охир хандид Антон Петрович ва илова намуд:

– Пиёзро бо вагон фиристода, худат бо тайёра биё. Пеш аз парвоз як бор занг бизан, дар фурудгоҳ пешвоз мегирам.

Раҳматулло аз сӯҳбат бо Антон хеле хушҳол гардида, моҳҳои июлу августи соли наваду ду бо фарзандон ва хешу табор ба ҷамъоварии пиёз оғоз кард. Замини навобод воқеан ҳам ҳосили фаровон дода буд, ҳар донаи пиёз бо пӯстлохи зардчатобаш ба шаҳчиникосаи зарандуда шабоҳат дошт.

Ӯ дар нимаи моҳи сентябри ҳамон соли наваду ду як микдор анор ва сесад тонна пиёзро ба ҳашт вагон бор карда, ба унвони муассисаи тиҷоратии Антон Петрович фиристод ва худаш ҳамроҳи писари калониаш Иззатулло бо тайёра парвоз намуд.

Анори шириндонаи Қубодиён ва хусусан пиёзҳои зарандуда ба Антон Петрович хеле писанд омаданд. Аввал мувофиқи шартнома як килои пиёз 16-сӯмӣ қайду байъ гардида буд. Сифати хуби онро дида, бо пешниҳоди худ Антон Петрович шартномаро аз нав тартиб дода, нархи ҳар килои онро 22-сӯмӣ савдо карданд. Ба ин ваҷҳ тиҷорат хеле хуб ҷараён гирифта, вале ба иллати коғазбозии айёми гузашта сафари Раҳматуллою писараш то ибтидои моҳи декабри ҳамон сол тӯл кашид.

Ду-се рӯз пеш аз анҷоми сафар Раҳматулло шабе хоби даҳшатноке дид...

...Ӯ ҳамроҳи зану бачаҳояш ҷӯяҳои сабзавоти наврустаро хишова мекард. Ҳаво гарм буд, офтоб замину осмонро тафсонида мунаввар менамуд. Ногаҳон тундбоди шадиде вазид. «Боди афғон! Боди афғон!» Шунид Раҳматулло овози касеро, вале нафаҳмид, ки ин овози кӣ буд. Шамоли тунд ҳар лаҳза қувват мегирифт. Ана, он хоку регтӯдаҳои аз киштзор дурро ҳам боло бардошт. «О, ин регтӯдаҳоро мо хокпӯш карда будем-ку?» – ин чӣ тӯфони балост, ки ҳамаро ба осмон бардоштан дорад?» – мегуфт худ ба худ Раҳматулло. Ҳақиқатан ҳам тӯфон бархоста буд, ки

дар як дам рӯйи офтобро тира кард, осмон, замину замон, дору дарахтонро тамоман сип-сиёҳ намуд. Раҳматулло ба само нигарист, симҳои барқ канда шуда буданду аз онҳо шарора мепариданд.

«Во аҷабо, то ин дараҷа пуркудрат шудани боди афғонро бори аввал мебинам, бо нерӯи шамол ҳама чиз дар осмон мепарид. Булдозер, экскаватор, скрепер ва одамон, хурду калон, марду зан ва ба ҳадде, ки ҳеч касу ҳеч чизро дидаю ёфта намешуд. Ҳама ба шӯру ғирев омада, доду фарёд мебардоштанд, лекин овози касе фаҳмо набуд. Осмон акнун тамоман тира гардид, гӯё шаби тори ялдо бошад. Худоё, ин чӣ даҳшат аст, бачаҳоям куҷо рафтаанд, кӯл аз рег пур гардид, Худоё, ин чӣ даҳшат аст... Даҳшат!..»

Раҳматулло дар ҳамин вақт аз хоби вазнин бедор шуда, овози писараш Иззатуллоро шунид:

– Ота, отаҷон, бедор шавед, бедор шавед, чаро дар хобатон ин қадар баланд-баланд гап задед?

Раҳматулло бедор шуда, рӯйи кати меҳмонхона як тоб хӯрду қабл аз ҳама дар хусуси он андешид, ки хайрият, ин ҳама чизҳои пурдаҳшат хоб будаанд...

Сипас ӯ писарашро ором карда, аз чойники рӯйи миз як пиёла чой кашида нӯшид ва ба кӯрпа печида хост, то ба ғанабе равад. Вале то субҳ дигар Раҳматулло мижа таҳ карда натавонист, хобаш тамоман парида буд.

Саҳарӣ ӯ бидуни иштиҳо наҳорӣ карда, ба почта рафт, то ба Қубодиён занг зада, аз вазъият воқиф шавад. Вале бо ноҳия иртибот карда нашуд, гуфтанд, ки касе ҷавоб намедиҳад. Хост, ки ба шаҳри Душанбе занг зада, аҳволпурсӣ намояд. Аммо аз пойтахт низ чунин посухро шунид. Танҳо баъди ду рӯз бо яке аз дӯстони дар шаҳри Душанбе буда гуфтугӯ намуда, дар бораи даргириҳои бемаънӣ ва машъуми ҷумҳурӣ ва ба тарафи сарҳад гурехтани мардум маълумот пайдо карду чашмонаш сиёҳӣ заданд. «Аҳволи халқ чӣ шуда бошад, фарзандони ман ба чӣ ҳоле гирифтор бошанд ва оё он порчаи замине, ки бо чӣ азобе обод кардаам, вайрон нашуда бошад?» – чунин саволҳои беҷавоб тамоми вуҷуди ӯро фаро гирифта буданд.

Раҳматулло дӯсташ Антон Петровичро низ аз вазъияти диёри худ огоҳ намуда, дар маврид хоҳиш дошт, ки ба фарҷоми ҳар чи зудтари муомилаи доду ситад мусоидат бикунад.

Пас аз як рӯз Раҳматулло пули пиёзро ба миён баста, «ё Худо, мадад!» гӯён бо писараш Иззатулло ба тайёра нишаст...

...Нахустин кори хайре, ки Раҳматулло баъди ба Душанбе омадан нияти анҷоми онро дошт, расонидани ёрӣ ба гурезаҳои пушти симхори лаби дарё буд. Ӯ бо маблағи худ як чархболро пур аз нон намуду ба тарафи сарҳад парвоз кард. Вале ҳазор афсӯс, ки вақти мусоид сипарӣ гашта, одамон аз сарҳад гузашта, ба кишвари ҳамсоя паноҳанда гардида буданд. Ҳини бозгашт Раҳматулло аз сарнишинони чархбол хоҳиш намуд, ки аз самти замини навободаш парвоз бикунанд. Вай дар минтақаи ободкардааш аз боло осори ғоратгарию вайронкориҳоро мушоҳида намуд. Аз ин ваҳшонияти иддае дарду аламаш омад...

Рӯзномаҳои ҷумҳурӣ ҳамон вақт дар хусуси ин ҷавонмардию олиҳимматӣ иттилоъ интишор намуда буданд, лекин аз чӣ бошад, ки дар он хабарҳо номи муборaки Раҳматулло Абдуллоев зикр наёфта буд.

## Имтиҳон

Давраи душвортарини ҳаёти Раҳматулло фаро расид, гӯё тамоми умри то ин дам сипаригаштааш ӯро барои ҳамин айёми санҷиш обутоб дода буданду омодаи ҳамин давра намудаанд...

Мегӯянд, ки қаҳрамонони ҷанг ҳам корнамоӣ ва ҷонфидоии худро дар як лаҳза анҷом медиҳанду дигар тамоми умрашон то лаҳзаи ҳамин қаҳрамонӣ тайёрии маънавию ҷисмонии дақиқаҳои ҷовидон мебошад. Масалан, ҷавонмарди кишвари тоҷикон Тӯйчӣ Эрйигитов, ки дар майдони ҷанг корнамоии Александр Матросовро такрор намуда, бо синааш дами маргбори тири душмани хунхорро гирифту бо ин фидокории олӣ ҳамнабардони худро муҳофизат намуд, тамоми ҳаёти пешинааш гӯё дебочаи ҳамин лаҳзаи олитарини рӯзгораш буд. Ё худ деҳқонӣ оддӣ Ҳайдар Қосимов сардори гурӯҳи аскарон гардида, бо амри фармондеҳ ба убур аз дарёи Днепр сафарбар гардид. Ӯ то ин ҷанг борҳо корнамоиҳо нишон дода, ба гирифтани нишони «Ситораи сурх» ҳам сазовор шуда буд, ки ин зинае ба сӯйи қаҳрамонӣ мебошад. Лекин корнамоии олии ин марди ҷасур ҳангоми гузаштан аз дарёи Днепр зоҳир шуд. Ӯ ба дастаи худ бо маҳорату шуҷоат роҳбарӣ карда, аз дарёи хунбору оташфишон нотарсона гузашт ва мавқеи зарурро ишғол намуда, ба убур намудани сарбозони артиши Шӯравӣ шароити мусоид фароҳам овард. Оре, лаҳзаи олии ҳаёти ин марди қаҳрамон ҳамин убур аз дарёи Днепр аст!

Барои Раҳматулло ҳам чунин лаҳзаи санҷиш ва имтиҳони

зиндагӣ наздик омад. Мо бисёр шунидаем, хондаему мушоҳида кардаем, ки халқ дар давраҳои мураккабтарини гирудори зиндагӣ сарварашро худаш интихоб намуда, аз пайи ин раҳбари интихобкардааш сарбаланду синасипар меравад ва албатта, ба пирӯзӣ ва футӯҳоти ҳаёт ҳам муваффақ мегардад.

Вақте ки се сол пас аз даргириҳо зарурати интихоби раиси колхози «50-солагии СССР» ба миён омад, гурӯҳи деҳқонон, фаъолони хоҷагӣ, собиқадорони меҳнат, зиёиён ва равшанфикрони деҳот ба Раҳматулло Абдуллоев муроҷиат намуданд, ки ин вазифаи масъулро ба дӯши худ бигирад.

Колхози «50-солагии СССР»-и ноҳияи Қубодиён як вақтҳо аз хоҷагиҳои машҳуртарини ҷумҳурӣ маҳсуб мегардид. Ба он Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ, фидоии сохти колхозӣ Саидназар Худойқулов роҳбарӣ мекард. Мошинҳои қатор андар қатори ин колхоз кӯчаҳоро пур намуда, пахтаи аълосифати деҳқононро ба хирманҷойҳо мекашонд. Давраҳое буд, ки ин колхоз ҳамчун дорулфунуни кадрҳои роҳбарикунанда номвар гардид. Раиси ҳамин колхоз Маъруф Ҳакимов дар солҳои минбаъда ба вазифаи раиси кумитаи иҷроияи ноҳияи Шаҳритус ва муддате чанд дар вазифаи котиби якуми кумитаи ҳизбии ноҳияи Қубодиён ва сонитар раиси кумитаи иҷроияи ноҳияи Ҳисор хидмат намуд. Раиси дигари колхоз Зардакшо Сияров хеле баобрӯ гардида, вакили анҷумани ҳизби коммунисти умумииттифоқ интихоб шуд, ки он солҳо чунин мартабаю манзалат на ба ҳар раиси колхоз муяссар мегардид. Дар давраи роҳбарии ҳамин раис соли 1980 хоҷагӣ ба мукофоти олии Ватан – ордени Байрақи Сурхи Меҳнат сазовор гардида, шӯҳрату шарафи бузургеро соҳиб шуд. Баъдан Зардакшо Сияров котиби якуми кумитаи ҳизбии ноҳияи Куйбишев (ҳоло н. Абдураҳмони Ҷомӣ) интихоб гардид ва ӯ дар вазифаи вазирӣ ҳам масъулиятшиносии баланд дошт. Раиси минбаъдаи хоҷагӣ Аҳлиддин Афғонов низ ҳамчун роҳбари кордон, дурандеш ва машҳури ҷумҳурӣ дар Шӯрои Олӣ вакили халқ интихоб гардид, яъне узви парлумони мамлакат ҳисобида мешуд.

Аҳли сермиллати колхоз ҳамчун дӯстону бародарони содиқ зиндагӣ доштанд, хоҷагӣ obод буда, манзилҳои зебою барҳавои деҳқонон, биноҳои замонавии макотиби миёна, роҳҳои мумфарши байни ҳамаи минтақаҳо, кӯдакистонҳои доимоамалкунанда, хонаҳои фарҳангу бошишгоҳҳои саҳроӣ, фермаҳои чорводорӣ, коргоҳҳои дӯзандагӣ, устохонаҳо, осорхонаҳои колхозӣ ва ғайраю ва ҳоказо назаррабою дилфиреб менамуданд. Тамоми ин

ободонӣ сарвати ҳамаи сокинони ин ҷо буд, ки бар ивази меҳнати бунёдкоронаи садҳо ва ҳазорон фарзандони халқ бо ёрию имдоди давлат ва дар оилаи дӯстию бародарӣ муяссар гардид. Солҳои 1960-1980 сардорони бригадаҳои пахтакории хоҷагӣ Аҳмад Шамолов, Сомончӣ Давлатов, Ҳоким Ҳакимов, Чоршанбе Зиёев, Назар Олимов ва Эргаш Раҷабов ба олитарин мукофоти мамлакат – нишони Ленин мушарраф шуда буданд. Бисёр деҳқонон бо нишону медалҳои гуногуни давлат сазовор гаштанд.

Ба касофати даргириҳои ба сари халқи тоҷик таҳмилгардида аксари ободиҳо тороҷ гашта, ба яғмо рафтанд, вайрону валангор шуданд ва дар байни мардум эҳсоси нобоварӣ, бадхоҳӣ, кинаю адоват пайдо шуд.

Дар чунин лаҳзаи сарнавиштсоз ба Раҳматулло пешниҳод намуданд, ки сарвари халқ бошад, хоҷагиро роҳбар шавад, вайронаҳоро обод кунад, парешониҳоро сарҷамъ намояд, ба дили абгори сағираву ятимон, беваю бечораҳо, пирони барҷомонда марҳам бошад. Бале, ҳамин тавр ҳаёт бо амри тақдир ба дӯши ин родмарди асил бори хеле гароне гузошт.

– Ту таҷрибаи калон дорӣ, дар мактаби зиндагӣ сабақ омӯхтаӣ, – гуфт ба Раҳматулло собиқ муовини раиси колхоз, нафақахӯр Шаъша Сиёҳаков, – оламу одам дидаӣ, ҳама медонанд, ки як умр дар хизмати халқ ҳастӣ, акнун рӯзе фаро расидааст, ки ба ҳамин халқ сарвару сардор бошӣ, худро фидои мардум бисозӣ.

Сармуҳосиби хоҷагӣ, шодравон Ҳақназар Гадоев, собиқ мудири мактаб, устоди бисёр шогирдони номдор Ҳаннон Ҳусайнов, дӯсти давраи наврасии Раҳматулло – муҳосиби колхоз Даврон Бураков, сарагроном Аврод Пӯлодов, мутахассисони хоҷагӣ Абдулаҳад Абдусаломов ва дигарон низ ҷонибдори пешниҳоди боло буданд. Сарагрономи колхоз Аврод Пӯлодов, сармуҳандис Эмом Худойдодов, мутахассиси варзида Абдулаҳад Абдусаломов ақида доштанд, ки Раҳматулло бо ақлу заковати худ амал карда, регзори биёбонро обод намуд, ба он ҷо об овард. Ҳол он ки ин кори душворро дар ин тарафҳо ягон кас анҷом надодааст. Бинобар ин мо боварӣ дорем, ки дар марҳилаи ҳозира хоҷагиро фақат Раҳматулло обод карда метавонад.

Раҳматулло Абдуллоев вазифаи раисии колхози «50-солагии СССР»-ро ҳамин тавр бо камбудию вайрониҳои бисёр ва анбори тиҳӣ қабул намуд.

Дар колхоз сездаҳ ҳазор нафар гурезаҳои иҷбории бо талафоту хисорот ва азобу маҳрумиятҳои зиёд ба ватан баргашта, сесаду

ҳаштод нафар занони бевамондаи ҷанги шаҳрвандӣ (умуман бевазанони ҷавону калонсол ҳафтсаду даҳ нафар буданд), бачаҳои ятиммондаи бемодар ё бепадар – нӯҳсаду сӣ нафар, оилаҳои шаҳидон чунин буданд осори нангин ва хеле вазнини даргириҳои бемаънӣ ва беҳадаф дар хоҷагӣ.

Лекин Раҳматулло нағз медонист, ки чархи зиндагӣ бояд гардон бошад, бо умеди фардо, бароиояндаи халқу миллату Ватан бояд ҳаёт пеш равад ва барои ин ҳадафҳои воло зиндагӣ мебоист кард.

Дар рӯзи аввали раисиаш ба ноҳияи Шаҳритус рафта, дари дӯстони ҷониашро кӯфт ва барои хоҷагӣ чоруним тонна гандум дарёфт кард. «Анбори колхоз набояд холӣ бошад» гуфт дар дил Раҳматулло. Вақте ки ҳаждаҳуми май ҳосили гандуми нав пухт ва мошини ғалладарав ба кор шурӯъ намуд, бо супориши раис охирин донаҳои ғаллаи анборро ба эҳтиёҷмандон тақсим карданд. (Мо ба пеш муроҷиат намуда, ин ҷумларо нигоштем, дар асл барои расидан то рӯзи ғалладарав Раҳматулло азобу заҳматҳои зиёдеро дидаю таҳаммул кард.)

Раиси собиқи колхоз, ҳоло шодравон Маъруф Ҳакимов ӯро аввалин шуда табрик кард: «Вақти ронанда буданат ман дар симои ту осори бузургиро мушоҳида намуда, бовар доштам, ки ба халқ сарварӣ карда метавонӣ, зеро маҳорати ташкилотчигӣ дорӣ, соҳиби дили поку ғамхор ҳастӣ ва бо ҳамин ният туро аз вазифаи ронандагӣ ба сардории бригада тавсия намуда будам».

Дар рӯзи дуюми кораш Раҳматулло ба устохонаи хоҷагӣ омада, ҳамаи фаъолон ва кулли ононеро, ки ба техникаи колхоз вобаста буданд, дар ин ҷо ҷамъ овард. Раис аз сармуҳандиси колхоз Эмом Худойдодов хоҳиш намуд, ки дар хусуси ҳолати васоити техникии хоҷагӣ маълумот диҳад.

– Ҳоло ҳамагӣ чордаҳ адад мошину трактор дорем, – ҷавоб дод сармуҳандис, – аксарашон вайрону валангоранд, қисмҳои эҳтиётӣ, сӯзишворӣ, равғаниёт нест. Дирӯз хабардор шудем, ки як адад тракторамон дар деҳаи Бешканди ноҳияи ҳамсояи Носири Хусрав буда, ким-кадом шахс соҳибӣ кардааст. Трактори дигарамонро дар деҳаи Чорбоғи колхози «Пахтакор» дидаанд. Вале на инашро медиҳанду на онашро.

– Қонун ҳаст, идораҳои интизомӣ амал мекунанд, – гуфт Раҳматулло-раис, – шумо ҳуҷҷату адресҳои аниқро ба раёсат пешниҳод намоед, он тарафашро мо ба воситаи идораҳои маъмурии ноҳия, вилоят ва бо роҳи қонун ҳаллу фасл мекунем. Барода-

рон, ҳоло хуб аст, ки шумо тракторҳои комилро ёфтаед, корро аслан аз ҷустуҷӯи мӯҳраву печу мурват ва чарху покришка сар кардан даркор аст. Ҳозир кори ҷонии ҳар яке аз мо ёфтану ба кор андохтани воситаҳои техникии колхоз аст, зеро шудгор ба анҷом нарасидааст, баъд кишт шурӯъ мешавад, ба бачаҳо нон додан даркор аст, масъулияти онҳо дар гардани мост. Инро ҳам дониста монед, ки тамоми ин корҳоро худамон бояд иҷро кунем, ҳеч кас ба ҷойи мо омада анҷом намедиҳад. Хоҳиш мекунам, агар дар ягон ҷо оҳанпорае ёбед, ҳатман ба устохона биёред, албатта, рӯзе даркор мешавад. Замони Ҳукумати Шӯравиро фаромӯш кунед, дигар ҳеч кас техникаро ба хонаатон оварда намедиҳад. Зарур шавад, бар ивази маҳсулот қисмҳои эҳтиётӣ, сӯзишворию равғаниёт мегирем.

Пас аз ин суханони Раҳматулло-раис ду-се нафар фаъолон ва механизаторон ҷойҳои тахминии трактору мошинҳои колхозро изҳор намуданд. Раис ба онҳо низ супориш дод, ки адресҳоро саҳеҳу дақиқ намуда, ба идораи хоҷагӣ пешниҳод кунанд.

...Ин рӯзҳо давраи пешбарии номзадҳо ба вакилии маҷлиси вилоятӣ ҷараён дошт. Интихобкунандагони ҳавзаи интихоботии шастум Раҳматулло Абдуллоевро ҳамчун номзади арзандаи худ ба вакилии маҷлиси вилоятӣ пешбарӣ намуданд. Ва ӯ бо интихобкунандагони худ мулоқот кард. Зимни мулоқот яке аз интихобкунандагон ба номзад ба вакили маҷлиси вилоятӣ чунин савол дод:

– Худатон нағз медонед, ки колхози «50-солагии СССР» ба қарзи бисёр ғӯтидааст, пас шумо чӣ тавр ҷуръат намуда, роҳбарии чунин хоҷагиро ба зимма гирифтаед?

– Ба меҳнату ваҳдати халқ бовар карда, ин масъулиятро ба зиммаи худ гирифтам, – ҷавоб дод Раҳматулло-раис, – илҳомбахши асосии фаъолияту зиндагии ман иқдомҳои қаҳрамонона ва фидокориҳои Президенти кишварамон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошанд. Сардори давлатамон ҳанӯз дар иҷлосияи XVI Шӯрои Олӣ, ки он дар таърихи навини Ватанамон иҷлосияи сарнавиштсоз аст, изҳор намуданд, ки гурезаҳои иҷбориро ба ҷойҳои муқимиашон бармегардонанд, оташи ҷанги дохилиро хомӯш мекунанд. Ин вазифаҳои муҳими таърихӣ аз тарафи он кас комилан иҷро гардиданд. Дар ҷумҳурӣ фазои ваҳдату муттаҳидӣ фароҳам омадааст, акнун навбати меҳнати созанда расидааст. Суханони як шоир ба ёдам мерасанд, ки гуфтааст: «ҷон ба раҳи Ватан нисор ман накунам, кӣ мекунад?». Инак, даврае омадааст, ки ҳар яки мо, агар зарур шавад, барои ободии Ватан

ҷони худро дареғ надорем. Ман фарзанди ҳамин диёрам ва диёри худро ҳоло ба мисли давраи пеш аз ҷанг дӯст медорам ва ба ободии пешина мерасонам. Ба ин фақат як шарт аст, ки ҳамаамон бояд як тану як ҷон шуда кор кунем. Ман боварӣ дорам, ки колхози мо аз қарзҳои худ халос мешавад ва рӯзе мерасад, ки хоҷагии мо ба хоҷагиҳои дигар ёрӣ медиҳад.

«Агар ман дил кунам, дусад бома гил кунам», гуфта шудааст дар як зарбулмасали мардуми Қубодиёни бостон. Ман маҳз ба мазмуни ҳамин зарбулмасал амал намуда, чанд сол пеш ба ободонии чӯлу биёбон камар баста будам. Бисёриҳо ба кори ман шубҳа доштанд, «замини шӯра сунбул бар наёрад, дар ӯ тухми амал зоеъ магардон», мегуфтанд. Вале ман аз ин шакку шубҳаҳо дудила нашудам, шабу рӯз меҳнат кардам, оқибат меҳнатам самар овард.

Колхози мо одамони якдилу якрӯ, меҳнатдӯсту садоқатманд, сарбаланду баору номус дорад, мутахассисону ихтироъкороне дорад, ки мисли олимон кашфиёту ихтироъҳо кардаанд. Ана, ман ба чунин одамон такя менамоям...

Номзад ба вакили маҷлиси вилоятӣ Раҳматулло-раис Абдуллоев ба дигар саволҳои интихобкунандагон низ чунин ҷавобҳои қаноатбахш дод. Пас аз чанде интихобот барпо гардид ва ӯ бо афзалияти калон вакили маҷлиси вилоятӣ интихоб шуд...

Хоҷагӣ тадриҷан соҳиби васоити техникӣ мешуд. Механизаторон дар устохона бо таъмир машғул гардида, трактору мошинҳои вайронаю шикастаро оҳиста-оҳиста роҳгардон менамуданд. Аз деҳаҳои Бешканду Чорбоғ тракторҳоро кашола карда, ба устохонаи колхоз оварданд. баъдан воқиф шуданд, ки як мошини хоҷагиро ба деҳаи дурдасти Арабхона бурда будаанд. Исбот намудани он ки ин мошин марбути колхози «50-солагии СССР» аст, хеле душвор шуд. Лекин оқибат ҳақиқату адолат ба пирӯзӣ расид ва ин мошинро ҳам ба устохонаи хоҷагӣ оварданд.

Бо супориши раис таъмирчиёни устохона дар навбати аввал тракторҳои шудгоркунандаро таъмин намуданд, зеро ҳар чӣ зудтар шудгорро ба анҷом расонида, заминаи асосии киштро гузоштан зарур буд. Тамоми сӯзишворӣ ва дигар имконияти иқтисодии колхоз ба шудгор равона шуда буд. Дар баъзе минтақаҳо ҳатто ғӯзапоя ҷамъоварӣ нагардида, замин ҳанӯз тоза нашуда буд.

Раис дар ҷаласаи оҷили ҳаррӯза ин вазъиятро сахт танқид намуда, ҳашари якҳафтагӣ эълон кард, то ҳамаи қувваи кории хоҷагӣ ба ҷамъоварии ғӯзапоя сафарбар шавад.

– То фаро расидани соли нав рӯзҳои башумор мондаанд, – қайд намуд раис дар ҷаласаи оҷили ҳаррӯза, – бояд мо ғӯзапояро аз замин тоза кунему шудгорро низ ҳатман ба анҷом расонем!

Сармуҳандиси колхоз Эмом Худойдодов ва сарагроном Авроді Пӯлодов ба сифати шудгор назорати қатъӣ бурда, кори анҷомшудаи ҳар як қитъаро дар ҷаласаи оҷили ҳаррӯза иттилоъ медоданд.

Ташвишу тараддуд, ҷаҳду талош ва роҳбарии оқилонаи Раҳматулло-раис натиҷаҳои аввалини дилхоҳ ба бор оварданд: то таҷлили соли нав киштзор аз ғӯзапоя тоза карда шуда, дар саросари қитъаҳо шудгор бо сифати хуб анҷом ёфт, яъне баибораи дигар гӯем, вазифаҳои муайннамудаи сарвари хоҷагӣ иҷро гардиданд. Акнун замин бояд зери кӯрпаи барфи зимистон мешуд.

Лекин ба раис ташвиши нав пеш омад. Ӯ ният кард, то оғози киштукори баҳорӣ барои ҳамаи киштзори хоҷагӣ тухмии аълосифат муҳайё намояд.

Солҳои охир сифати тухмӣ коҳиш ёфта, боиси паст гардидани ҳосилнокии пахтазор шуда буд, иллат дар он ифода меёфт, ки тухмӣ як навъ не, балки омехта ва пастсифат буд, яъне аксаран дар як қитъа якчанд навъи тухмӣ кошта мешуду дар фарҷом ҳосили матлуб ба даст намеомад.

Раҳматулло-раис азм дошт, ки аз ибтидои роҳбарии худ ба ин хоҷагии номдор тухмии аълосифат ёфта, коркарду нигоҳубини пахтазорро мувофиқи илми ҳозиразамон ба роҳ монад ва обрӯю шӯҳрати пешини хоҷагиро барқарор намояд.

Таърифу тавсифи тухмии навъи «НС-60»-ро аз мутахассисон борҳо шунида буд. Ба ҷустуҷӯи ин навъи тухмӣ ба хоҷагии ба номи Даврон Нуриддинови ноҳияи Бохтар омад ва бо ихтироъкори он Неъмат Сулаймонов мулоқот намуд, зимнан унвони ин навъи пахта ҳам аз ҳарфҳои аввали ному насаби ихтироъкор гирифта шуда буд. Ихтироъкор Неъмат Сулаймонов доир ба парвариши пахтаи ихтироъкардааш дастуру маслиҳатҳои муфид дод.

Вале Раҳматулло-раис аз ин хоҷагӣ тухмии мавриди зарурати худро гирифта натавонист. Ба ӯ соли ояндаро ваъда намуданд. Аммо ба хислату тинати Раҳматулло дар нимароҳ гузоштани кори оғозкардааш бегона буд. Ҳарчанд дар он айём рафту омад ҳанӯз душвор ва хатарнок буд, ӯ гоҳ пинҳонию гоҳ ошкоро аз ҷустуҷӯи дӯстону қадрдонҳои пешин даст накашид. Бо мадади дӯстон тухмиро пайдо намуд. Маъмурини корхонаи пахта ба Раҳматулло-раис гуфтанд, ки ба пунбадона талабгорон хеле зиё-

данд ва аз ин рӯ, то Қубодиён интиқол додани он душвор, ҳатто ғайриимкон аст. Дар роҳҳо постгоҳҳои низомӣ бисёранд, барои молатон ҳуҷҷат дошта бошед ҳам, касе ба он эътибор намедиҳаду зӯран кашида мегирад ва тухмӣ ҳайф мегардад.

Раис панду андарзи хайрхоҳонро бо таҳаммул шунида, дар фарҷом гуфт:

– Шумо ба ман пунбадона диҳед, он тарафашро як илоҷ мекунем.

Корхонаи пахта бар ивази пули накд тухмӣ дод. Раис онро бо ҳамкорони худ шабонгоҳ пинҳонӣ аз чашмони ғайр берун оварда, дар ҳавлии яке аз дӯстони худ пинҳон кард. Баъди чанд рӯз бо сад азобу машаққат ва зорию тавалло ба анбори колхози худ овард. Раис хурсанд буд, ки ин масъала ҳам ба хубию хушӣ ҳал гардид. Вале ҳоло дар пеш масъалаҳои ҳалношуда бисёр буданд.

Чи тавре ки дар боло зикр намудем, бар асари бенизомиҳо ва даргириҳои солҳои охир дар ҳудуди хоҷагӣ нӯҳсаду сӣ нафар бачаҳои ятими синну соли гуногун зиндагӣ доштанд. Дар арафаи ҷашни Наврӯз Раҳматулло-раис тӯйи суннатии панҷоҳ нафари ин бачаҳои ятимро ба маблағи шахсии худ барпо намуд. Тӯйи суннатӣ рӯзи якшанбе дар идораи колхоз гузаронида шуд: аз субҳидам оҳангҳои шодиёна, ки ҳаваскорони санъат иҷро менамуданд, оғози тӯйро ба хурду калон маълум карданд. Раис ба ҳар як писарак тӯҳфаи дилчаспу марғуб супурд, суханрониҳои ҳозирон таъсирбахшу хотирмон ва мағзу чағз, қанду қурс ва албатта, палави рӯйи дастархон ширину гуворою лаззатбахши комҳо буданд...

Раҳматулло-раис собиқадори меҳнат Амонқул – муаллимро аз овони бачагӣ мешинохт. Ин марди ӯзбек пас аз хатми факултаи таърихи Донишгоҳи давлатӣ ба фарзандони қавми худ сабақ меомӯхт. Амонқул солҳои тӯлонӣ дар мактаби деҳа ба таълиму тарбияи насли наврас машғул гардида, бо обрӯю номи нек ба нафақа баромад. Солҳои охир ӯ аз хирагии чашм шикоят менамуд, ба ягон маъракаи ҳаққу ҳамсояҳо бидуни ҳамроҳии занаш ё ҳамроҳии ягон бачаи ҳамсоя рафта наметавонист, зеро Худованд хонадони ӯро аз садои тифл бенасиб гардонида буд.

Ба сари Амонқул-муаллим бадбахтӣ сояи сиёҳи худро густурд. Ягона муттакои зиндагиаш, ки ҳамсари бовафояш буд, ногаҳон олами ҳастиро тарк намуда, ӯро тамоман бекасу кӯй кард. Акнун ҳақиқатан ҳам замину замон ва тамоми ҷаҳон барояш тираю тор гардид. Вақтҳое ки ҳамсараш дар бари ӯ зинда буд, пеши чашмо-

наш торик бошад ҳам, қаъри дилаш рӯшноӣ дошт, кунун яздони пок ҳамин рӯшноиро низ аз ӯ бирабуд.

Халқ мегӯяд, ки бадбахтӣ болои ҳам меояд, ки рост будааст. Чанде қабл бобои Амонқул-муаллим ба ҳовани аз кундаи чинор тарошидаи рӯйи ҳавлиаш пешпо хӯрда афтодаасту дасташро шикастааст.

Раҳматулло-раис аз ин воқеа огоҳ гардида, дарҳол ба аёдати бемор омад ва ҳамроҳи худ гӯшту равған, чой ва орду шакар овард. Пештар ҳам раис ба ҷанозаи ҳамсари муаллим омада, кӯмаки моддӣ расонида буд.

– Ташаккур, писарам, ки маро дар ин ҳоли тангдастӣ фаромӯш накардӣ, дили ту дарёи накӯкорӣ аст,-изҳори миннатдорӣ намуд муаллими куҳансол.

– Амонқул-ако, ҳамаамон фарзанди як падару модарем, – дилбардорӣ намуд раис, – дар парешонҳолию дармондагӣ бояд аз ҳоли ҳамдигар хабар бигирем. Шунидам, ки ба дастатон осеб расидааст.

– Ҳа, дина шикастабанд бо тухм баста буд, вале варамаш нагаштааст.

– Муаллим-бобо, ман бо кори худ ба Душанбе рафтаниам, – гуфт раис, – агар хоҳед, ба беморхонаҳои шаҳр мебарам, шиносҳоям ҳастанд, якбора ҳам дастатонро муолиҷа мекунед, ҳам чашматонро.

– Илоҳӣ, ин некиҳоятон, агар аз ман нагардад, аз Худо гардад, – ба миннатдории бузург дуо кард Амонқул-муаллим, – ҳатман меравам, дунёи равшан пеши чашмам торик гардидааст.

Раҳматулло-раис Амонқул-муаллимро ба беморхонаи ҷумҳуриявии Қарияи Боло овард. Пас аз якчанд рӯз ӯро ба беморхонаи чашм интиқол дода, як чашмашро ҷарроҳӣ намуданд. Дар муддати начандон тӯлонӣ пирамард ҳам аз дарди даст халос шуду ҳам тирагии чашмаш бартараф гардид. Ӯ баъди аз беморхонаи пойтахт баргаштан як бегоҳӣ ба ҳавлии раис омада, айнаки сабзро аз чашмонаш гирифта гуфт:

– Раис-бобо, чеҳраи нуронии шуморо бе айнак ҳам дида истодаам, ҳазорон ташаккур ба шумо. Дар синну сол шумо хурд бошед ҳам, аслан падари маънавии мо ҳастед, падари маънавии ҳамаи қавму қабоиле, ки дар ҳудуди колхози «50-солагии СССР» ва ҷамоати ба номи Худойқулов зиндагӣ доранд. Бо аҳли оилаатон ҳазорсола шавед. Ман дар умри худ аз ҳеч кас ин қадар некӣ надида будам. Шумо, ки чӯлу биёбонро обод карда, ба боғу

бӯстон табдил додед, иншоаллоҳ, акнун ҳамаи минтақаҳои хоҷагӣ ҳам бо дастони гулфишони шумо ободу гулзор хоҳад шуд. Шумо чӯлистони дилҳоро ҳам гулзор мекунед. Тамоми қавми ӯзбек, ки дар ҳамсоягии шумо зиндагӣ доранд,барои ин накӯкориҳоятон миннатдоранд...

Иди Рамазони соли наваду шаш пеш аз ҷашни Наврӯз омад.

Раҳматулло-раис қабл аз фарорасии ид як гурӯҳ меҳтарон, ришсафедон, хулоса, шахсони мӯътабари қавму қабоили маскуни ҳудуди колхозро ба меҳмонхонаи худ даъват намуд. Ҳадафи раиси хоҷагӣ аз ин сӯҳбат боз ҳам таҳким бахшидани ваҳдату муттаҳидӣ ва дӯстию бародарӣ дар байни сокинони колхоз буд.

– Солҳои сол дар як мулку макон зиндагӣ дорем, – гуфт дар сари як пиёла чой Раҳматулло-раис, – бозорамон як, мазорамон як, акнун бояд саҷдагоҳамон ҳам як бошад. Ҳамаамон бародарони аҳли ислом ҳастем, биноан хуб мешавад, ки дар як масҷид ба намози ид ҷамъ биёем, агар дар як масҷид нағунҷем, дар ягон макони пок ба гузордани намози иди Рамазон гирду ғун шавем.

Шайх Саъдии Шерозӣ хеле хуб фармудааст:

*Бани одам аъзои якдигаранд,*
*Ки дар офариниш зи як гавҳаранд.*
*Чу узве ба дард оварад рӯзгор,*
*Дигар узвҳоро намонад қарор.*
*Ту к-аз меҳнати дигарон беғамӣ,*
*Нашояд, ки номат ниҳанд одамӣ.*

Дар як ҷо намоз гузордани бародарони ҳар қавму қабоил ҳамдигарфаҳмӣ, муттаҳидӣ ва дӯстию бародарии моро боз ҳам мустаҳкам менамояд.

– Шумо суханони пурқимат гуфтед, раис, – мақсади сарвари хоҷагиро тақвият бахшид ришсафеди минтақаи Калинин, – дирӯз набераам аз рӯзномае бароям як шеър хонд, ки хеле писандам омад, гӯё ки муроди дили ман бошад.

*Эй Худо, пайванд кун, бишкастаро,*
*Ҷамъ кун, ҷамъи парешонгаштаро.*

Қудрату тавоноии мо дар сарҷамъию ягонагист. Акнун ҳар яки мо бояд ба гузашта салавот гӯем, минбаъд риштаҳои ҳамдилию қадрдониро байни ҳам мустаҳкамтар бубандем.

– Ҳар як одам ҳам рӯзи хуш дорад, ҳам рӯзи бад, – ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд ришсафеди минтақаи Санги Шикофта, – бародари ҳақиқӣ бояд дар чунин рӯзҳо ҳамдаму ҳамнафасат бошад. Хусусан дар рӯзи мушкилӣ муттакои якдигар будан қарзи инсонии ҳар як шахс аст. Некии дар чунин рӯз дидаатон ҳеч фаромӯш намешавад. Чунин одамгарию ғамхориро мо бояд аз раисамон Раҳматулло омӯзем. Аз рӯзи мусибат Худо нигоҳ дорад. Лекин ин ҳаёт аст, агар чунин рӯз ба саратон ояд, Раҳматулло-раис аввалин шуда, ба хонаатон меояд. Ва аз ҳолу аҳволатон пурсон мешавад, дилдиҳӣ мекунад ва мувофиқи имкон мадад мерасонад.

– Амакӣ, мақсади ман шуморо ҷамъ карда, таърифу тавсифи худро аз забони шумо шунидан набуд,-эътироз намуд раис.

– Мо инро медонем, – гуфт ришсафеди Санги Шикофта, – лекин ман ин ҷо ҳақиқати ҳолро зикр намудам. Ман ҳам охир аз ҳафтод гузаштаам, бо ҳар тоифа роҳбарон кор кардаам, гармию сардии ҳаётро бисёр дидаю санҷидаам. Мо муроду мақсади шуморо фаҳмидем. Шумо ният доред, ки ҳамаи деҳқонон ва сокинони ҳудуди колхоз даст ба дасти ҳам бидиҳанд, як ҷо бошанд, бо ҳамин роҳ хоҷагиро обод кунем, рӯзгори худамонро пуру фаровон намоем.

– Ташаккур, амакӣ, ҳадафи ман ҳамин аст, – суханони мӯйсафедро тарафдорӣ намуд Раҳматулло – раис,-имрӯз, ки халқ маро сарвари ҳамин колхоз интихоб намудааст, орзу дорам, хоҷагиамон пешқадам шавад, хонаи ҳар якамон обод гардад. Ин вазифа фақат бо роҳи боварӣ ба якдигар, муттаҳидӣ ва ягонагию ваҳдат муяссар мешавад.

Аз таърих маълум аст, ки давлатҳои муқтадир ҳам дар натиҷаи набудани муттаҳидӣ пароканда шудаанд. Мутафаккири бузург Низомии Ганҷавӣ некӯ фармудааст:

*Пирӯзӣ аз иттифоқ хезад,*
*Паркандагӣ аз нифоқ хезад.*

Давлати хеле пурқудрат ва доманфарохи тоҷикон – Сомониён, ки дар асри X қисми зиёди хоки кишварҳои ҳозираи Эрон, Афғонистон ва Осиёи Миёнаро муттаҳид менамуд, бар асари дасисабозиҳо, ноаҳлӣ, ғадру хиёнати худи шоҳон ва шоҳзодагони ин хонадони бузург аз байн рафту ба мулк аҷнабиёну ғосибон соҳиб гардиданд.

Ё худ оқибатҳои пурфоҷиаи заминҷунбии даҳшатноки

Ашқободу Ҳоит ва Тошкандро ҳама медонанд. Дӯстию бародарӣ, якдигарфаҳмӣ ва аҳлию тифоқӣ буд, ки вайрониҳои ин заминлар-заро бартараф намуданд.

Биноан харобиҳои имрӯзаи диёрамонро ҳам бояд бо қувваи бешикасти дӯстӣ обод намоем. Мегӯянд, ки баракати кору зиндагӣ низ дар якҷоягӣ ва сарҷамъист. Фақат сулҳи доимӣ киш-варамонро ба шоҳроҳи пешрафту тараққиёт мебарад. Аз якрӯза ҷанг чилрӯза баракат мепарад, гуфтаанд, ки ин ҳикмати халқ беҳуда нест...

Он рӯзи иди Рамазон ҳаво ниҳоят софу беғубор буд, офтоби оламтоб замину замонро нурборон менамуд.

Бо таъсири ташвиқот ва суханони пурҳикмати Раҳматулло-раис намозгузорони колхозҳои «Оқ олтин», «50-солагии СССР» ва ба номи С.Худойқулов қарор доданд, ки намози иди Рамазонро дар якҷоягӣ адо намоянд. Азбаски намозгузорони ин хоҷагиҳо ҳазорон нафар буданд, минтақаи маркази ин хоҷагиҳо – колхози «Оқ олтин»-ро намозгоҳ муайян намуданд. Дар хирманҷо чодарҳои брезентӣ густурда, дар симчӯби паҳлӯи намозгоҳ шиорҳои зерин бо хатҳои ниёгон ва кириллӣ навишта насб гардида буданд:

*Иди Рамазон омаду моҳи рамазон рафт,*
*Сад шукр, ки ин омаду сад ҳайф, ки он рафт.*

*Бузургтарин ҳадя гузашт аст*

*Мӯъмин –бародари мӯъмин.*

*Ваҳдати миллат бақои давлат аст.*

Намозгузорон хабари ин намозгоҳро шунида, ҳатто аз деҳаҳои дурдасттарин пиёдаю савора омада буданд. Воқеан ҳам чунин намозгузории якҷояи се колхози ноҳия бори аввал барпо мегар-дид, ки гӯё худ оштии воқеии бародарони аҳли исломи ин водиро шабоҳат дошт.

Имом-хатибони масоҷиди ҳудуди ин хоҷагиҳо амри маъруф намуда, ҳозиринро ба афву гузашт, олиҳимматӣ, дӯстию бародарӣ даъват карданд ва доир ба ин мафҳумҳои ҷовидони зиндагӣ аз ҳаёти паёмбари ислом ҳазрати Муҳаммад алайҳиссалом, хулафои рошидин ва дигар шахсиятҳои таърихии олами ислом қиссаҳои таъсирбахш ва фаромӯшнашаванда ҳикоят карданд.

Як нафар имом-хатиб амри маъруф намуд, ки солҳои охир баъзе бародарони мо ягон кори хайре накарда, якчанд маротиба ба зиёрати амокини муқаддас, яъне ба ҳаҷ мераванд. Вале мақсади ин тоифа тиҷорат буда, бо ҳирсу кизбу риё пулу мол ҷамъ мекунанду ҳатто ба хоҳарону бародарони дар факру бенавоӣ будаи хеш ҳам саховат наменамоянд. Имом-хатиб дар охир ин байтҳоро қироат кард:

*Хари Исо гараш ба Макка баранд,*
*Чун биёяд, ҳанӯз хар бошад.*
*Саг ба дарёи ҳафтгона машӯй,*
*Чун шавад тар, палидтар бошад.*

Ҳозирини намозгоҳ суханони Раҳматулло-раисро бо диққати том гӯш карданд.

– Мӯъминон дар дӯстӣ ва тараҳҳум бар якдигар чун аъзои як пайкаранд. Вақте яке ранҷур шавад, дигарон ҳам дар бехобиву таби он ширкат мекунанд, – гуфтаанд ҳазрати пайғамбарамон Муҳаммад алайҳиссалом дар ҳадиси шариф. Ба назари ман, ин намозгоҳ намунаи олии муттаҳидию ваҳдати моро нишон медиҳад, – ба суханони худ давом намуд Раҳматулло. – Минбаъд мо бояд мисли ҳаминрӯза ҳам дар ид якҷоя бошему ҳам дар кору ҳам дар санҷишу душвориҳо. Осоиши умри фарзандони мо, бахту саодат, наҷоту растагорӣ ва файзу баракати рӯзгори мо дар ҳамин аст. Аз ҳамин рӯз эътиборан шиори мо дар зиндагӣ бояд чунин бошад:

*Аз файзи илоҳист, ки ҳастем баробар,*
*Ҳар миллату ҳар халқ ба ҳам ёру бародар.*

Вақте ки бародарон намози иди Рамазонро гузоранд ва чун муқтадо идро табрик гуфт, ҳозирин оғӯш кушода, ҳамдигарро бо иди саиди фитр муборакбод менамуданд. Ба тӯли се рӯзи ид сокинони ин се колхоз ба хонаҳои ҳамдигар рафта, чун бародарони меҳрубон якдигарро бо иди Рамазон табрик мекарданду ба арвоҳи гузаштагон тиловати каломи раббонӣ менамуданд. Шояд ин бори аввал буд, ки бародарони аҳли исломи ин тарафҳо фақат хешу ақрабо ва қавму қабоили худро тарҷеҳ наменамуданд ва афзал намешумурданд. Балки тоҷик ба хонаи туркману ӯзбек мерафту туркман ба гирди дастархони ӯзбек менишаст ва ӯзбек ба муборакбодии тоҷику туркман меомад. Хулоса, ҳамагон дар гирди хони идонаи ҳамдигар нишастанд. Ин ҳақиқатан ҳам пирӯзии

сиёсати хирадмандонаи Сарвари давлат дар роҳи таҳкими ваҳдату созандагӣ буд, ки Раҳматулло-раис ҳамчун фарзанди содиқу бовафои халқ онро дар ин маҳалҳо татбиқ менамуд.

* * *

Баҳори водии Қубодиён нисбат ба дигар минтақаҳо, масалан, нисбат ба водии Ҳисор як-якуним моҳ пештар меояд. Вақте ки бодом гул карду зардолу муғча баст, ба кишти пунбадона ҳам фурсат хеле кам монд. Ин кишти нахустин буд, ки Раҳматулло бояд дар вазифаи раис оғоз менамуд. Деҳқонони хоҷагӣ ба ҳамвор намудани киштзор, кандани ҷӯю заҳбурҳо сафарбар гардида буданд.

Раҳматулло-раис ҳангоми шудгор тамоми минтақаҳоро аз назар гузаронида бошад ҳам, ҳоло пеш аз оғози кишт салоҳ дид, ки бори дигар ҳамаи як ҳазору панҷсад гектар замини барои кишти пахта пешбинишудаи колхозро бо ҳамроҳи сарагроном Авроод Пӯлодов, сармуҳандис Эмом Худойдодов, мутахассисин Тоҷиддин Содиқов, Абдулаҳад Абдусаломов ва сармироб Аслиддин Воҳидов муоинаи дақиқ намуда, камбудиҳо ва нуқсонҳои охиринро бо маслиҳати ин кишоварзони пуртаҷриба ва доно бартараф созад. Колхоз пас аз воқеаҳои даргирӣ якчанд сол буд, ки нақшаи пахтасупориро иҷро карда наметавонист. Нақшаи давлатии пиллапарварӣ ва дигар соҳаҳо низ иҷро намешуданд. Имсол дар хоҷагӣ бояд гардиши ҷиддие ба амал меомад. Раҳматулло-раис бо нерӯи хирад ва амри дили худ ин гардишу дигаргунии ҷиддиро татбиқ намуданӣ буд ва деҳқонони хоҷагӣ онро интизорӣ доштанд.

Раис ва роҳбарони соҳаҳои асосии кори хоҷагӣ аз як қитъа ба қитъаи дигар пиёда мерафтанд, то ки нуқсонҳоро хубтар бубинанд ва бо ҳавсалаю тааннӣ чораҷӯӣ намоянд.

– Раис, мана, дар ин минтақа поёноб кӯл мешавад, – шарҳ медод Авроод Пӯлодов ба киштзори соҳили дарё бо даст ишора намуда, – чун об кӯл шуд, маълум, ки бо тафси нурҳои офтоб об гарм шуда, ниҳолони пахтаро камқувват мекунад ва ин қитъа дар инкишоф ва нашъунамо аз дигар минтақаҳо қафо мемонад. Ман дар хусуси ҳамвор намудани ин ҷо солҳои қаблӣ ҳам ба раёсат пешниҳод навишта будам, вале аз чӣ сабаб бошад, ки он вақт гуфтаҳои маро ба инобат нагирифтанд. Чунин киштзори ноҳамвор дар ду-се минтақа мавҷуданд. Ҳарчанд душвор бошад ҳам, пешниҳод мекунам, ки чунин минтақаҳо бояд ҳамвор карда шаванд.

– Акои Эмом, – ба сармуҳандис нигарист раис, – ман ин пешниҳоди сарагрономро қабул менамоям, шумо худи ҳамин рӯз ба механизаторон супориш диҳед, ки ҳамаи минтақаҳои пасту баландро ҳамвор бикунанду ба ин ҷоҳо хоки ғизодор биёранд.

Ба ҳамин минвол Раҳматулло-раис бо қомати баланд ва чустию чолокии хоси худ бо машварату маслиҳати мутахассисони хоҷагӣ ҳар як ваҷаби киштзорро қадам ба қадам гашта, камбудию нуқсонҳоро дақиқан ислоҳ намуд. Дар сари як қитъа супориш дод, ки решаҳои ғумайю аҷриқҳоро тозатар бичинанду аз паҳлӯи қитъаи дигар захбур бикананд, то оби зеризаминӣ растаниро пажмурдаю заҳир насозад. Ҳарчанд дар вақти шудгор ба замин пору рехта бошанд ҳам, раис фармуд, ки ба сари ҳар қитъа боз ба қадри зарурӣ пору ҷамъоварӣ кунанду ҳангоми кишт ба пахтазор бипошанд.

– Ин пору ба ҷойи нурии минералӣ хоҳад шуд, – таъкид намуд раис дар ҷаласаи ҳаррӯзаи раёсати хоҷагӣ, ки вақтҳои долу зарби кор ташкил гардида буд.

Кишти пунбадона дар колхози «50-солагии СССР» бо тайёрии пухта оғоз шуд ва дар мӯҳлати кӯтоҳ анҷом ёфт. Пунбадона аз зери хоки гарму нарм яксара неш зада баромад, ки он манзараи хурсандибахше дошт. Аммо воқеаи фавқулодда ҳангоми ягонакунии қитъаи шашгектараи минтақаи Санги Шикофта ба вуқӯъ омад.

Он рӯз ҳаво аз пагоҳӣ офтобӣ буду пора-пора абрҳои баҳорӣ дар осмон шино доштанд. Баъд аз нисфирӯзӣ ҳаво дам шуда, абрҳо рӯйи хуршедро пӯшониданд. Аз кадом гӯшаи осмон якчанд бор раъд гулдуррос заду барқ шарарфишонӣ намуда, якбора борон борид. Аввал оҳиста ва сонӣ хеле шиддат гирифта, само обро гӯё ба сари замин бо сатил мерехт.

Ин ҳодиса чунон бо суръат ба амал омад, ки ҳатто деҳқонон ба бошишгоҳи саҳроӣ ҳам рафта натавониста, шип-шилта тар шуданд. Киштзор ба ҳавзи бузурги лойоба табдил ёфта, пунбадонаҳои дубарга зери лойқа монданд, пахтазор ба кӯли зардранге мушобеҳ гардид.

Дар ин вақт Раҳматулло-раис дар дафтари корӣ буд ва аз тиреза ба раъду барқи осмони болои деҳаи Санги Шикофта бо хавотирию ташвиш менигарист.

Ин борони сел ҳамагӣ ним соат тӯл кашид. Вале ҳамин ним соат ҳам кофӣ буд, ки пахтазор пурра дар зери лой бимонад.

Пас аз қатъ гардидани борони сел сардори бригада ҷавонеро

фармуд, ки велосипедашро савор шаваду аз ин воқеаи ногаҳонӣ раисро огоҳ намояд. Дар роҳ ҷавон ба муқобили худ мошини кӯҳнаи «ЗИЛ»-ро дида, велосипедашро нигоҳ дошт. Раҳматулло-раис аз хавотирӣ дар идора дер нишаста натавонист.

– Чӣ гап шуд? – пурсид раис аз кабинаи мошин фаромада.

– Сел қитъаи шашгектараро вайрон кард, – ҷавоб дод ҷавон, ки пероҳану шалвораш тамоман тар шуда буд.

– Ба ту ҷавоб, – гуфт раис, – ба хонаатон рафта либосатро иваз бикун ва ҳатман ягон дами гарм бихӯр, ки касал нашавӣ.

Раис мушоҳида намуд, ки лабони ҷавон аз таъсири хунукӣ кабуд шуда буд.

Қитъаи шашгектара манзараи риққатоваре дошт, ки раис онро дида, хеле ба сутӯҳ омад.

Дар ҷаласаи оҷили раёсат, ки ба ин муносибат бегоҳӣ дар идораи колхоз барпо гардид, сарагроном Аврод Пӯлодов маълумот дод.

– Сели дар деҳаи Санги Шикофта борида, – гуфт сарагроном, – асосан қитъаи шашгектараи кӯҳдоманро хароб кард. Зарари сел ба дигар минтақаҳо кам каму беш расидааст, вале дар ин ҷоҳо киштро дастӣ гузаронидан мумкин аст. Дар қитъаи шашгектара зарур меояд, ки пурра кишти дубора гузаронем.

Пас аз паридани нами замин ва фароҳам омадани шароити мусоид трактор ба қитъаи шашгектара роҳ пеш гирифт.

– Раис, агар иҷозат диҳед, чархаи дандонадори дастгоҳи тухмипошакро, ки сохтаи дастони худам аст, истифода намоем, – муроҷиат кард сармуҳандис Эмом Худойдодов.

– Бисёр хуб мешавад, – ҷавоб дод Раҳматулло-раис, – лекин аввал онро санҷида оё ба дурустии кораш боварӣ ҳосил намудед? Ба масал, дар сари бузургон омӯхтани сартарошӣ нашавад, вақт кам аст, кишти дубора гузаронида истодаем.

– Бале, якчанд маротиба дар таҷрибагоҳ санҷидем, – ҷавоб дод сармуҳандис, – хеле дақиқ аст, ҳатто як дона чигити тухмиро ҳам зиёда аз меъёр ба замин намерезад. Комиссияи колхоз бо роҳбарии агроном Пӯлодов натиҷаҳои таҷрибагоҳро санҷид.

– Чархаи дандонадори дастгоҳи тухмипошак пурра аз имтиҳон гузашт, – ба сӯҳбат ҳамроҳ шуд акаи Аврод Пӯлодов, – барои ин ихтироъкорӣ ҳуҷҷатҳои Эмом Худойдодовро тартиб дода, ба ҳайати ҳакамони ҷумҳурӣ фиристодан мумкин аст, то ки ӯ патент бигирад. Ман кафил, ки вай барои ин ихтироъи пурманфиаташ сазовори ҳама гуна мукофот ва мадҳу ситоишҳо хоҳад шуд. Агар

ба истифодаи хоҷагиҳои пахтакори ҷумҳурӣ пазируфта шавад, имонам комил, ки он қабул мешавад, пас маблағи калони халқи кишвар сарфа мегардад.

Дар кишти дубораи минтақаи шашгектара, ки рӯзи якшанбе воқеъ шуд, худи Раҳматулло-раис аз аввал то охир иштирок намуд. Ҳарчанд ки дар идора як силсила корҳои оҷил дошт ва рӯзи истироҳатро ба ҳисоб гирифта, аз Душанбе дӯсташ Ғафурҷон ба меҳмонӣ омада буд, раис мехост, ки кори саҳеҳи чархаи дандонадори акои Эмомро ҳатман бо чашмони худаш бибинад. Корҳои оҷили идораро як сӯ гузошта, бо меҳмон ду пиёла чойи субҳро ҳамроҳ нӯшиду аз бародараш Ҳасан хоҳиш намуд, ки бо меҳмон ба тамошои кӯл биравад ва аз ину он бинои сӯҳбат ниҳода, вайро зиқ шудан намонад.

– Таоми чоштро бо меҳмон дар лаби кӯл ба ҳам бинед, – гуфт Раҳматулло ба бародараш,-эҳтимол ман омада натавонам, кор бисёр аст, чархаи дандонадори тухмипошакро дар амал месанҷем.

Зимнан, Раҳматулло баъди раиси колхоз интихоб шуданаш бар зарари худ «вайронкунандаи ашаддии» қонунияти меҳнат гардид. Рӯзи кории ӯ то бевақтии шаб ва ҳатто то нисфи шаб тӯл мекашаду дар рӯзҳои шанбею якшанбе ҳам барояш дар колхоз ҳазору як ташвишу тараддудҳо пайдо менамояд. Чи тавре ки мудири минтақаи Санги Шикофта Муҳаммад Кенҷаев мегӯяд, Раҳматулло дар давраи мушкилтарин вазифаи раисии колхозро ба зимма гирифтааст. Гӯё худаш танҳо бори панҷ раиси хоҷагиро ба дӯшаш бардоштаасту мисли роҳбари баобрӯтарини сохти колхозӣ, Қаҳрамони Меҳнати Сотсиалистӣ Саидназар Худойқулов бо тадбиру хушмуомила ва чашмикордон аст, одамонро оқилона кор фармуда метавонаду пеш аз ҳама худаш аз меҳнати шабонарӯзӣ ҳаргиз хастагиро намедонад. Меҳнатдӯстии ӯро дида, дигарон низ ба кори ҷамъият монанди вай дилгарм мешаванд.

Воқеан ҳам чархаи дандонадори дастгоҳи тухмипошак, ки саринженери колхоз Эмом Худойдодов ихтироъ намудааст, дар кишти дубора аз санҷиши амалӣ гузашт. Раҳматулло-раис, Тоҷиддин Содиқов, Аврод Пӯлодов, Абдулаҳад Абдусаломов, Аслиддин Воҳидов бо иштироки худи акои Эмом фаъолияти чархи дандонадорро ҳам дар оғоз, ҳам дар мобайн, ҳам дар анҷоми ҷӯякҳои минтақаи шашгектара санҷиданд. Кори чархаи дандонадор дақиқ буд, гӯё дастгоҳи оҳанин нею панҷаҳои инсон пунбадонаро аниқ ҳисоб карда, дар ҳар фосилаи муайян миқдори зару-

риро эҳтиёткорона мениҳод. Чархаи дандонадор тавре сохта шудааст, ки бо ҳаракати трактор тоб хӯрда, бо як дандонаш пунбадонаро аз нова гирифта, ба дандони нисбатан кӯтоҳтараш медиҳад ва ин дандони кӯтоҳ пунбадонаро гӯё баоғӯш гирифта, бе озор ба дили хоки гарму нарм мегузорад.

– Ташаккур, ба шумо, бародарам Эмом, ки дар давраи эҳтиёҷмандии хоҷагӣ чунин ихтироъе карда, кори моро осон намудед, – дасти Худойдодовро фишурд Раҳматулло-раис. – Ҳоло колхоз имконият надорад, вале ман дилпур ҳастам, ки мо, албатта, соҳиби имконияту шароити хуб мешавем ва шуморо бо мукофот сарфароз мегардонем. (Раис ин дам суханони ҳикматомези падарашро ба ёд овард, ки боре гуфта буд: Бачам, мабодо сари сағирая кафонӣ ҳам, лекин тоқиша надарон. Яъне ба ҳеч ваҷҳ ҳаққи коргарони худро кам накун).

– Ман ин чархаро барои мукофот насохтаам, – ҷавоб дод саринженер, – фақат хоҳиш доштам, ки кори ҳамаамон осон шавад, колхозамон мисли давраҳои пештара номдор гардад.

– Барои ин ният ҳам сидқан ташаккур мегӯям, лекин ман тарафдори он ҳастам, ки шахси эҷодкорона ва содиқона меҳнат кардагӣ бояд ҳатман ҳавасманд гардонида шавад. Шумо дар меҳнат эҷодкор ҳастед. Бо вуҷуди дасткӯтоҳии хоҷагӣ навигарии техникӣ офаридаед, ин боиси пешравии кори ҷамъият мешавад...

Ҳамин вақт дар канори киштзор мототсикле омада истод ва аз он хабарнигори рӯзномаи ноҳиявӣ фаромад. Хабарнигор бо ҳозирон вохӯрдӣ карда, акои Эмомро бо ихтироъи наваш табрик гуфт ва барои мусоҳиба ба ӯ муроҷиат намуд:

– Мӯҳтарам Худододов, лутфан бигӯед, ки андешаи ихтироъ намудани чархаи дандонадор чӣ тавр пайдо гардид?

– Ба пайдо шудани ин андеша душвориҳои ҳозираи ҳаёт такон бахшид. Ман дидам, ки раиси колхозамон Раҳматулло Абдуллоев ба саду як дар бо таваллою зорӣ сар зада, тухмии хушсифатро пайдо намуд ва онро бо чӣ азобҳое то ба анбори хоҷагӣ овард. Ана, ҳамин воқеа маро водор намуд, ки дар хусуси ҳамин чарха фикру хаёл кунам. Дастгоҳҳои пешинаи тухмипошакҳо тухмиро сарфакорона намекоранд, бисёр исроф мекунанд. Охир акнун замони исрофкориҳо гузашт, акнун бояд ҳар як дона чигитро эҳтиёт кунем, сарфаю саришта намоем. Хизмати ин чарха дар ҳамин аст, пунбадонаро беш аз меъёр сарф намекунад.

– Акнун шарҳ диҳед, ки чархаро чӣ тавр сохтед?

– Аввал бо ҳисобу китоби дақиқ нақшаашро дар коғаз каши-

дам ва баъд аз оҳанпораҳои дар устохонаи колхозбуда бо ёрию ҳамкории оҳангарони хоҷагиамон сохтем. Зимнан ман ба оҳангаронамон самимона ташаккур мегӯям, хизмати онҳо дар сохтани ин чарха хеле калон аст.

– Марҳамат карда бигӯед, ки шумо пештар чӣ гуна ихтироъҳо доштед?

– Ихтироъҳои ман аз даҳто зиёдтаранд. Кори ман як умр бо техникаи кишоварзӣ вобаста аст. Мехоҳам, ки кори механизаторон осон шавад. Трактор, булдозер ва дигар васоити техникиро ҳам одамон сохтаанд, агар фаъолияти онҳоро донию дурусттар фикр кунӣ, барои такмили ҳар як васила пешниҳоде ворид намуда метавонӣ, чи хеле ки мегӯянд, ақлҳоро ақлҳо ёрӣ диҳанд. Масалан, ситорачаи трактори Т-4, тухмипошаки дони ҷуворимаккаро ба манфиати кор такмил додаам. Аз тасмачархҳои кӯҳна теғи позаи шудгоркунанда, барои трактори С-100 позаҳои чорқатора сохтаам. Мақсадам беҳбудии кор аст. Аз чархаи дандонадор, ки имрӯз санҷидем, бист адад сохтаам, ба хоҷагиҳои дигар тӯҳфа мекунам, марҳамат ба манфиати кор истифода намоянд.

– Маълум аст, ки ҳоло аксари одамон ба иллати мушкилиҳои зиндагӣ аз пайи як луқма нон мешаванд ва мехоҳанд, ки рӯзгори оилаи худро обод кунанд. Шумо ҳам метавонистед, чунин амал намоед, вале ба корҳои ҷамъиятӣ ин қадар дилгарм буданатон аз куҷо сарчашма мегирад, яъне гуфтаниам, ки илҳомбахшатон кист?

– Рости гап, баъди даргириҳои бемаънӣ дилам аз кору зиндагӣ хеле сард шуда буд. Дар колхозамон ҳам чанд нафар пайи ҳам роҳбарӣ карда, корро ба ҷойи пеш бурдан, баракс ба қафо кашиданд, хоҷагиро боз ҳам талаю тороҷ намуданд. Ба кори умум боевариро гум карда будам. Лекин баъди раиси колхоз интихоб шудани Раҳматулло Абдуллоев дар ақидаам гардиши куллие ба амал омад. Ӯ метавонист, ки бо ҳамон замини ободкардааш машғул гардаду зиндагии худу фарзандон ва ҳатто хешовандонашро таъмин намояд. Ҷавонмардию олиҳимматии Раҳматулло пеш аз ҳама дар он аст, ки кори ҷамъиятро аз кори хусусии худ беҳтар ва муҳимтару афзалтар шумурду зарур ҳисобид. Сарварии хоҷагиро ба ӯҳда гирифт, роҳбари мо шуд, сари сағираҳоро падарвор навозиш намуд, ба беваю бечораҳо ва пирон ғамхорӣ кард, муттакои дилшикастаҳо гардид. Бо роҳбарӣ, ёрӣ, дастгирию имдоди ӯ мо хонаҳои вайронаамонро дубора таъмир намуда, барои худ сарпаноҳ ёфтем, мактабу масҷидамонро обод карда, қобили ис-

тифода намудем. Мошину тракторҳои колхозамонро аз гӯшаю канорҳои гуногун пайдо карда, ба устохонаи хоҷагии худамон овардем. Раҳматулло-раис дар дилҳои мо аз нав чароғи умеду боварӣ, меҳру муҳаббат ва дӯстию бародарӣ, чароғи сидқ ва кору растагорӣ афрӯхт, ҳамаи моро дар гирди ин чароғ сарҷамъу муттаҳид намуд. Раиси мо Абдуллоев супоришҳои оқилонаи Сардори давлатро дар колхозамон ба ҳаёт татбиқ менамояд, ҳамаи ин сарчашмаи илҳоми ман гардидааст.

– Шуморо барори кор ва ихтирооти аз ин ҳам хубтару бештаре орзу дорам!

* * *

Раҳматулло-раис пас аз анҷоми кишти дубора дар қитъаи шашгектара мувофиқи нақшаи кори имрӯзааш ба хонаи собиқадори меҳнат Аҳмад-бобо Шамолов рафт, то аз аҳволи ӯ хабар бигирад. Зеро дирӯз шунида буд, ки пирамард андак бемор шудааст.

– Амак ҳоло миёнро бақувват бандед, – гуфт Раҳматулло-раис дар назди бистари Аҳмад-бобо нишаста, – кори асосии пахтазор-обмониро ба зиммаи худатон мегиред. Ман ба таҷрибаи калони шумо, ба маҳорату устодиатон эҳтиёҷ дорам.

– Мо, пиронсолон дуои ҷони шуморо мекунем, раис, – изҳори миннатдорӣ намуд Шамолов, – аз дастамон ҳар чӣ ояд, ба ободонию пешрафти колхози азизамон мебахшем. Ташаккур ба шумо, ки мо, солхӯрдагонро фаромӯш намекунед ва аз ҳоламон хабар мегиред.

– Бе пир марав, ки дар бимонӣ,

Ҳарчанд Сикандари замонӣ,

– гуфт Раҳматулло вақти хайрухуш ва илова намуд:

– Каланди оброниатонро тайёр карда монед, амак, ба қарибӣ коратон сар мешавад.

– Ҷони амак, белу каланди оброниам ҳамеша тайёр аст, – ҳангоми хайрухуш аз ҷойгаҳ нимхез шуд Аҳмад-бобо Шамолов.

Сипас Раҳматулло-раис ду оилаи бе саробонмондаро хабар гирифта, онҳоро огоҳ намуд, ки фардо ба идораи колхоз биёянду аз шӯъбаи муҳосиба ёрии моддӣ бигиранд.

Вақте ки ӯ ба хона омад, ҳаво торик шуда буд, бародараш Ҳасан бо Ғафурҷон дар меҳмонхона сӯҳбат доштанд.

Ин ҳамон Ғафурҷон аст, ки раиси колхоз интихоб гардидани Раҳматуллоро шунида, чунин номаи табрикӣ ирсол намуда буд:

«Ман ба ту роҳи осонгузар орзу намекунам, чунки он ба ода-

мони сустирода даркор аст. Ҳар қуллаеро, ки бо душворӣ фатҳ намоӣ, лаззати ин ғалаба то дергоҳ аз комат намеравад. Дӯстам, давраи раисии ту худ давраи санҷишу имтиҳонҳост. Маслиҳати ман ба ту он аст, ки мисли Антейи афсонавӣ ҳамеша ба замин такя бикун, аз ақлу хиради бузургонамон бархурдор бишав».

Сӯҳбати оншабаи раис бо дӯсташ Ғафурҷон дар атрофи кишти анҷомёфтаи пунбадона ва ояндаи кӯл гарм шуда, то як поси шаб давом намуд...

...Деҳқонон бо умеду эътимод Раҳматулло Абдуллоевро сарвари худ интихоб намуда, бо партаву шӯълаҳои ҳамин умед дилгарм гашта, ба парвариши пахта шурӯъ карданд. Раҳматулло-раис умеду боварии онҳоро мустаҳкам намуда, дилашонро бо нури эътиқод ҳарорат бахшид.

– Аз нав зинда кардани боварии гумшуда кори осон набуд, – гуфт раиси минтақаи «Болшевик» Саидамиршо Дилшодов, – солҳои охир якчанд раис пай дар ҳам ҷой иваз намуда, бо ваъдабозии хушку холӣ машғул мешуданд, одамонро фиреб медоданд, моликияти колхоз ба ғорат мерафт. Раҳматулло-раис соҳиби қавлу сухани худ аст. Ваъда диҳад, ба ваъдааш вафо мекунад, азм кунад, мувофиқи азмаш амал менамояд. Ӯ ваъда кард, ки ба колхоз ғалла, сӯзишворӣ, нуриҳои минералӣ, шифер меорад. Дар айни замон мо медонистем, ки дар суратҳисоби колхоз як пули зардак ҳам набуд, балки хоҷагӣ қарзи зиёд дошт, лекин ӯ ҳамаи чизҳои гуфтаашро овард. Ана, ҳамин як будани қавлу амали Раҳматулло-раис дар дили деҳқонон эҳсосоти бовариро бедор кард, деҳқонон ба Раҳматулло-раис, ба кори умум, ба колхоз, ба фардо аз нав эътиқодманд шуданд, ба истилоҳи дигар Раҳматулло боварии шикастаро дубора пайванд намуд.

Аслан воқеа ин тавр буд. Дар ибтидо одамон ба кори колхоз чандон дилгармӣ надоштанд. Ба кори саҳро занону пиронсолон мебаромаданд. Охир ин сабаб ҳам дошт. Колхоз маоши ночиз медод, бинобар ин бисёр ҷавонон ба Русия ва дигар кишварҳо барои дарёфти маоши рӯзгор рафта буданд. Иддае ҷавонони ҳузарб дар қитъазамини назди ҳавлиҳояшон кабудӣ парвариш намуда, ба бозор мебурданд ва ё умуман дар як гӯшаи бозор ҷойи доимӣ ишғол карда, ба тиҷорат машғул мешуданд. Мақсади Раҳматулло-раис ба кори колхоз ҷалб намудани ҳамин тоифа ҷавонон ва бедор кардани рӯҳияи дилгармии умум буд.

Ӯ ангуштариву гӯшвораҳои ҳамсар ва келинҳояшро дар як рӯймолча баста, савори мошини наппа-нави шахсиаш, ки онро

писаронаш дар Ҷумҳурии Қазоқистон кор карда, барояш тӯҳфа намуда буданд, ба назди раиси бонк омад.

– Ба колхоз як миқдор пули қарз зарур аст, – муроҷиат намуд Раҳматулло-раис ба раиси бонк.

– Ҳарчанд шуморо нағз шиносам ҳам, ба колхозатон пул қарз дода наметавонам, зеро бе ин ҳам хоҷагиатон қарздор аст, – ҷавоб дод раиси бонк ва илова намуд:

– Ҳоло раисони колхозҳо тез-тез иваз мешаанд, ба яке медиҳӣ, ба ҷойи вай шахси дигар меояду қарзи пешинаи хоҷагиро ба гардан гирифтан намехоҳад.

– Ман ҳамин чизҳоро ба ҳисоб гирифтаам, – гуфт Раҳматулло-раис, – аз бонки шумо қарзро ба гарав гирифтанӣ ҳастам.

– Чӣ хел гарав? – ҳайрон шуд раиси бонк.

– Аз тиреза нигаред, мошини наппа-нави истеҳсоли хориҷӣ истодааст, ана, ҳамин барои қарзгирӣ гарав аст ва дар бормонаки он ороишоти ҳамсару келинҳоямро низ овардаам. Мошину ороишотро ба ҳисоб гирифта, қарз медиҳед, мошин дар гаражи бонк меистад, агар пас аз ҷамъоварии ҳосил қарзро баргардонида натавонам, мошинро барои адои қарз ба савдои музояда мегузорем, – Раҳматулло ҳуҷҷати мошинро дар рӯйи мизи раиси бонк ниҳод.

Раиси бонк аз ҷояш хеста, ба назди тиреза омад ва мошини Раҳматуллоро диду ҳуҷҷатро аз пеши чашм гузаронд.

– Ман бо бисёр раисони колхозҳо ҳамкорӣ кардаам, – мутаҳаййир шуд раиси бонк, – вале шумо барин раиси фидокори колхозро бори аввал мебинам.

– Бародар, деҳқонон бовар карда, маро раис интихоб намудаанд, – ҷавоб дод Раҳматулло, – ҳамин боварӣ гум нашавад, мегӯям.

Раҳматулло бар иловаи чоруним тонна ғаллаи дар рӯзи аввали раисиаш гирифта, сонитар бо ҳамин роҳ боз ғалла ва сӯзишворию рӯғанҳои техникӣ, нуриҳои минералӣ ва шифер оварду халқро ба кори колхоз дилгарм намуд. Вале дар колхоз касе огоҳ набуд, ки Раҳматулло-раис ин молҳои ҳамон вақт барои колхоз зарурро чӣ тавр овардааст. Бале, аз ин қисса ҳатто аъзои раёсат ҳам хабардор набуданд. Лекин баъди ин иқдоми ҷасурона ва олиҳимматию родмардии Раҳматулло-раис дар саҳро, ба қатори занону пиросолон, он ҷавонмардони таҳамтане, ки ба истилоҳ кӯҳро зада талқон карда метавонистанду аммо дар бозорҳо аз ночорӣ кабудӣ мефурӯхтанд, тадриҷан илова шудан мегирифтанд. Нерӯи боварӣ, эътимод ва эътиқоде, ки Раҳматулло-раис дар дили халқ оҳиста-

оҳиста бедор карда тавонист, бо ҳамин фарҷоми нек ифода мегардид.

Раҳматулло-раис дар он ақида сахт мӯътақид аст, ки роҳбари ҳамин гуна дараҷаю мартаба ва умуман инсон бояд ба қавли худ устувор бошаду ваъдаашро вафо намояд. Дурӯғу фиреби хусусан роҳбар боварии тобеинро осонакак мешиканад, ки баъдан барқарор намудани он хеле душвор аст...

Дилҳои деҳқонон ба умеду боварӣ саршор гардида, бо роҳбарии Раҳматулло-раис зироати пахтаро бо меҳр парвариш намуданд. Тухмии хушсифати «НС-60», ки Раҳматулло-раис бо душворӣ пайдо карда буд, ниҳолони бақуввати хуберо ба бор овард. Ҳангоми ҳар як коркард нурии минералиро истифода намуданд, сипас деҳқонон бо супориши сарвари хоҷагӣ поруи маҳаллӣ ва хоки кӯҳнаи серғизоро ба кор бурданд.

Бо назорати махсуси раис дар бошишгоҳҳои саҳроӣ дами гарм, чой, нон, ширинӣ ва сабзавот ташкил карда шуд. Дар хоҷагӣ кӯдакистонҳои доимоамалкунанда ба фаъолият шурӯъ намуданд, мактабҳои деҳот бо қувваи колхоз ва мусоидати молиявии муассисаҳои байналхалқӣ таъмир гардида, толибилмонро ба оғӯш гирифтанд. Хонаҳои деҳқонон, механизаторон, муаллимон, духтурон шиферпӯш гардиданд, роҳҳои рафтуомади байни минтақаҳои хоҷагӣ ва шоҳроҳи пайванди маркази ноҳия таъмир шуданд. Хулоса, симои деҳот комилан тағйир ёфт, зебою дилрабо гардид.

Аввалин ғалаба дилҳоро пурсурур намуд, пиллапарварони колхоз дар вилояти Хатлон пеш аз ҳама нақшаи давлатиашро барзиёд иҷро карда, ашёи гаронбаҳои саноатӣ муҳайё сохтанд.

Деҳқонон аз ин фатҳу нусрати нахустин бо роҳбарии Раҳматулло-раис фараҳманд гардида, нигоҳубини пахтазорро боз ҳам беҳтар намуданд. Дар аксари қитъаҳо пахтакорон бо ёрии механизаторон чор маротиба коркарду ғизодиҳӣ гузарониданд, дар баъзе минтақаҳо бошад, ин тадбиру чорабинии хуби агротехникӣ шаш маротиба ба анҷом расонида шуд. Сабзиши якмароми ниҳолон аз ҳосили фаровон гувоҳӣ медод.

Деҳқонони солхӯрда ва корозмуда бо шукрона мегуфтанд, ки Раҳматулло-раис пою қадами бафайз доштааст, гулкунию шонабандии ниҳолони пахта давраҳои раисии Зардакшо Сияров ва Аҳлиддин Афғоновро ба ёд меорад, ки он солҳо иқтидору имконият калон буду колхоз дар ҳар мавсим аз дувоздаҳ то чордаҳ ҳазор тонна «тиллои сафед»-и маҳиннахи баландсифат ва гаронқимат парвариш мекард.

Вале дар моҳҳои июлу август ба ҳосили пахтаи хоҷагӣ як хатари калоне таҳдид намуд, ки ин танқисии об буд. Мушкилӣ дар он аст, ки киштзорони колхози «50-солагии СССР» дар мавзеи поёноби Наҳри Калон ҷойгир буда, дар натиҷаи беназмиҳои хоҷагиҳои ҷамъиятию шахсии дар болооб воқеъбуда миқдори ками обро мегиранд. Дар давраи шӯравӣ кормандони хоҷагии оби ноҳия шахсони соҳибихтисос буданд ва давлат ҳам ба фаъолияти ин муассиса аҳамияти калон медод ва назорат қатъӣ буд. Солҳои охир бошад, дар хоҷагии оби ноҳия шахсони ноогоҳ ва тасодуфӣ ба кор омада, аз ин соҳа вуқуфе надоштанд ва ба тахрибгариҳо роҳ доданд. Хусусан роҳбарони хоҷагии об ҳар сол иваз шуда, ба кор мушкилоту саргумиҳои зиёде ворид менамуданд.

Бинобар ин Раҳматулло-раис маҷбур шуд, ки дар давраи гармои тобистон бо роҳбарии сармироби колхоз Аслиддин Воҳидов гурӯҳи навбатдорон ташкил намояд. Гурӯҳи навбатдорон тақрибан ҳаштод-навад нафар буда, хусусан шабонгаҳон фонусҳо дар даст сарбанду ҷӯйҳои саросари Наҳри Калонро назорат менамоянд, то мизони маҷрои об мӯътадил бошаду ба пахтазорони колхозашон миқдори зарурии об бирасад. Табиати одамӣ аҷиб аст: мутасаддиёни об, яъне миробони хоҷагиҳои ҷамъиятии болооб барои зарурати хеш сарбандҳоро калонтар мекушоянду «худам шавам шуд, ба дигарон чӣ кор дорам» мегӯянд ва дигар бастани онҳоро фаромӯш мекунанд. Айнан ҳамин корро соҳибони хоҷагиҳои шахсӣ ҳам такрор менамоянд ва обро фаровон истифода мекунанд ва дар фарҷоми ҳамаи ин ба колхози «50-солагии СССР» аз миқдори зарурӣ хеле кам об меояд. Гурӯҳи навбатдорони колхоз бо роҳбарии Аслиддин Воҳидов маҷбур мешаванд, ки рӯзу шаб ин даҳанаҳоро зери назорат бигиранд. Наҳри Калон тақрибан шасту панҷ километр тӯл дорад, ки аз дасти беинсофон назорат намудани ҳамаи даҳанаҳо дар ин масофаи тӯлонӣ меҳнати басо сангину пурмашаққат аст. Назорат намудани даҳанаҳо вазифаи асосии хоҷагии оби ноҳия аст. Азбаски ин идора аз ӯҳдаи иҷрои вазифаи худ намебарояд, навбатдорони хоҷагӣ маҷбуранд, ки чунин заҳмати пурмашаққатро анҷом диҳанд. Бо вуҷуди давутозҳо, бедорхобиҳо ва дигар азиятҳои Раҳматулло-раис ва ҳаммаслакони ӯ ба шашсад гектар замин об кифоят накард ва дар натиҷаи ин ниҳолони пурбори пахта шона партофтанд. Сонитар, Раҳматулло-раис ҳамчун иқтисодшинос ҳисоб кард, ки бар асари ин шонапартой колхоз бештар аз ҳазор тонна дурри гаронбаҳоро аз даст дод. Ин зарарест, ки миробони

хоҷагиҳои болооб сарбандҳои Наҳри Калонро фақат бар манфиати хеш мекушоянду баъди аз об қонеъ шудан ҳам бастани онҳоро бо хотирҷамъию холабеғамӣ фаромӯш менамоянд. Чунин аст зиштиҳои тангчашмӣ ва нотавонбинии одамизод.

Соли аввали раисии Раҳматулло, тирамоҳи соли наваду шаш намояндаи ҳукумати вилоят бо кору бори колхоз ошно гардида, дар охири сӯҳбат мепурсад, ки имрӯзҳо дар хоҷагӣ чӣ камбудиҳо мавҷуданд, ки оҷилан ислоҳ шаванд?

– Мо дар саҳро ҳосили бисёр дорем, – мегӯяд Раҳматулло, – вале пули накдамон нест, ки колхозчиёнро ҳавасманд бикунем.

– Ин масъаларо ҳал намудан мумкин, – ҷавоб медиҳад намоянда, – худи пагоҳ барои колхозатон пул ҷудо мекунем.

Дар ҳақиқат мувофиқи ваъдаи намояндаи вилоят рӯзи дигар барои колхоз пули калон ҷудо мекунанд. Раис ҳамроҳи хазинадори хоҷагӣ ба бонки ноҳия рафта, чор миллион (ба пули ҳамонсола) мегиранд.

Бӯи ин пул ба машоми яке аз фармондеҳони ҳамонвақтаи ноҳия мерасад ва ҳазору як рагу пайванди ҳарисиаш ба ҷунбиш меояду худи ҳамон рӯз аз корхонаи пахтатозакунии ноҳия ба раис занг зада, ӯро меёбад. Раҳматулло-раис, ки дар дафтари кораш машғули ҳаллу фасли чандин масъала буд, ҳамаи корашро партофта ба корхона меояд.

– Шунидем, ки пули калон гирифтаӣ, – ғазаболуд гуфт ҳамон фармондеҳ, ки дар иҳотаи чор нафар муҳофизонаш рост меистод. – Ҳаққи моро намондаӣ, ин корат нағз не.

– Он пул ҳаққи чинакчиён аст, – оромона ҷавоб дод раис, – ҳар касе, ки пахта чинад, дур нарафта, дар сари тарозу ҳаққашро мегирад.

– Мана, ба ту тарозу, – дод зад фармондеҳ ва ба сари ӯ муште фуровард. Ва муҳофизони вай ҳамчун гургони даррандаи хунхор ба раис дарафтода, ӯро ба зери мушту лагад гирифтанд.

Хайрият, ки касе ин воқеаро ба раиси ноҳия ва шӯъбаи милиса хабар медиҳад. Ва Раҳматулло ба ҷисму ҷони абгор ва бо якчанд қабурғаи шикаста ба колхоз бармегардад. Он вақт, ки давр даври силоҳдорон буд, ин воқеаро касе тафтиш ҳам накарду бозхосте нанамуд. Раис бошад, дуним моҳ бистарӣ гардид.

Баъди чанде яке аз ҳамкорон аз қазия воқиф гардида, ба Раҳматулло чунин маслиҳат дод: «Раис, ин корро парто, бало ба пасаш, буз каму чаҳ-чаҳаш ҳам кам, боз ягон кор накунанд».

– Барои нангу номуси халқ ман ин корро то охир давом медиҳам, – ҷавоб дод Раҳматулло-раис.

(Баъди чанд сол қабурғаҳои бар асари зарбу латҳои муштзӯрон осебдида зардоб гирифтанд ва ба Раҳматулло-раис зарур шуд, ки дар яке аз беморхонаҳои шаҳри Душанбе ҷарроҳии ҷиддиеро аз сар гузаронад...)

Раҳматулло бо рӯҳи қавӣ ва иродаи матин хизмати халқу ҷамъиятро покдилона иҷро карда, ҳамон сол дар мавсими ғунучини ҳосил ба чинакчиёни хоҷагӣ як саду ҳафтод миллион сӯм пул дод.

Азобу маҳрумиятҳо ва меҳнати ҳалолу пурмашаққати тамоми аҳли колхоз бо роҳбарии Раҳматулло-раис ба ҳадар нарафтанд. Худованди бахшоянда ҳосили соли аввали роҳбарии Раҳматуллоро пурфайзу бобаракат намуд. Колхозчиён дар баробари гирифтани маҳсулот маоши худро низ ҳар моҳ мунтазам дастрас менамуданд. Ҳосили фаровони пахта ҳам бо мошин, ҳам ба таври дастӣ ҷамъоварӣ карда шуд. Раҳматулло-раис дар ҷараёни маъракаи ғунучини ҳосил ба ҳавасмандии моддӣ аҳамияти махсус дода, ба муҳосибон фармуд, ки ҳаққи чинакчиёни «тилои сафед»-ро ҳар бегоҳӣ дар сари тарозу ҳисобӣ намоянд. Ин усули кор ба ҷамъоварии ҳосил такони кирой ва калоне бахшид. Колхоз нақшаи пахтасупориро барзиёд иҷро намуд, ба давлат зиёда аз чор ҳазор тонна ганҷи пурқимат супурда шуд. Бояд зикр кард, ки ин пахтаи аълосифатро, ки деҳқонони хоҷагӣ бо роҳбарии Раҳматулло-раис дар давраи душвортарин бо меҳру муҳаббати хоса парвариш намуда буданд, ба ҷисму ҷони бар асари даргириҳо пурзахм гардидаи Ватани азиз ҳамчун дорую дармон ҳисобида мешуд. Хоҷагӣ аз қарзҳо халос шуд ва ба савдои музояданаи мошини Раҳматулло-раис ва фурӯхтани ангуштариву гӯшвораҳои аҳли оилаи ӯ низ зарурат намонд. Вале олиҳимматӣ, соҳибтадбирӣ ва кордонию ҷавонмардии ӯ дар роҳи хизмати халқ раиси бонкро як умр мафтуну мутаҳаййир намуд.

– Ин воқеаро ба одамон ҳикоя кунам, асло бовар намекунанд, – гуфт раиси бонк ба Раҳматулло, вақте ки ӯ мошинашро аз гаражи бонк мегирифт.

– Бародар, беҳтараш он аст, ки ин воқеаро ба ҳеч кас нагӯед, зеро ин ягон қаҳрамонӣ нест, ки вирди забонҳо шавад. Ман дар он лаҳза ноилоҷ, ки будам чунин иқдом намудам. Чунки халқ маро бо умед сарвари худ интихоб намуда буд. Ба фикри ман, мард он аст, ки умеди умедворонро зинда дорад. Лекин онро ба кадом

роҳ анҷом медиҳад, инро Худо медонаду худаш. Ин амали ман поку холисона буд, зеро пеш аз ҳама ба манфиати сағираҳо, беваю бечораҳо, пиронсолон ва барҷомондагон равона гашта буд, бинобар ин аз даргоҳи Парвардигор кушоишро умедвор будам, бесабаб нест, ки гуфтаанд: Худованд аҷри музди некӯкоронро зоеъ нахоҳад кард!.. Ба шумо ташаккур, ки он пешниҳоди ғайриоддии маро қабул намудеду ба кори мо ёрӣ расондед, ин ҳам аз тарафи шумо некӯкорӣ аст, саломат бошед, – Раҳматулло-раис дастфишорӣ намуд.

Пас аз ҷамъоварии ҳосил дар колхоз аввалин хурсандиҳо барпо шуданд, зеро ҳаёти лоязолӣ бояд идома дошта бошад. Ҷавонон ба рӯзгори мустақилона қадам ниҳоданд. Ҳаваскорони санъати хоҷагӣ дар хонаи фарҳанг ба муносибати саодату хушбахтии наврӯзгорон суруду таронаҳои махсус тақдим доштанд.

Раҳматулло-раис бошад, аз душворию печидагиҳои соли аввали сарварии худ сабақҳои муҳим гирифта, дар андешаи он шуд, ки ин мушкилотро бо кадом роҳҳо бартараф намояд, то дар оянда низ боиси талафоти ҳосил нагардад ва ризқу рӯзии мардум ба даст ояд.

Ӯ ҳамчун сарвар ва иқтисодшиноси давраи иқтисоди бозаргонӣ пас аз мушоҳидаю мутолеот ва ҳисобу китоби дақиқ ба хулосаи саҳеҳ омад, ки Наҳри Калонро ҳамчун як ҷузъи минтақаи кор бояд ба ҳисоби хоҷагии худ бигирад. Раҳматулло-раис пеш аз ҳама ба он ваҷҳ ба ин ақида омад, ки муассисаи оби ноҳия аз ӯҳдаи саришта кардан ва бо меъёру мизони зарурӣ ба истифодаи хоҷагиҳо гузоштани Наҳри Калон намебарояд. Роҳбарони хоҷагии оби ноҳия ҳар сол иваз мешаванд ва ноӯҳдабарою ноогоҳ буда, аз ҳар ҷо меоянд ва бо усулҳои тасодуфӣ ба ин кор машғул мегарданд. Ҳаллу фасли ин масъала комилан ба манфиати тамоми хоҷагиҳои ноҳия хоҳад буд. Наҳри Калон аз замонҳои бунёд гардиданаш ҳар сол ба тӯли ду моҳ хушк мешавад. Дар ин муддат деҳқонони ноҳия ба ҳашари умумӣ баромада, рӯди дӯстдоштаашонро, ки ризқу рӯзирасонашон аст, бо белу каланд тоза мекунанд. Аз давраҳои пешин расму оини халқи мо буд, ки падару модарон фарзандони худро дар рӯҳияи муқаддас нигоҳ доштани об тарбия менамуданд. Ба об туф андохтан ва партофтани ахлоту дигар нопокиҳо қатъиян мамнӯъ буд, обро муқаддас меҳисобиданд. Ҳолиё, ба иллати коста гардидани маънавиёт наҳри муқаддас ҷойи ахлотпартоӣ шудааст. Занон хасрӯбаҳои пеши ҷорӯбро ба оби Наҳри Калон мепартоянд. Баъзеҳо ҳатто

чорвои ҳароммурдаро ба ин об меафкананду гӯё бо ҳамин ҷонро халос мекунанд. Ба мушоҳида расидааст, ки иддае ҳатто ташнобро дар лаби Наҳри Калон месозанд, ки ин гуноҳи нобахшиданӣ аст. Ва аз ҳамин об одамон менӯшанд, ба чорво медиҳанду дар парвариши зироат истифода менамоянд. Вақтҳои хушкшавӣ аз наҳр чархҳои кӯҳнаи мошину тракторҳо ва ҳар навъ оҳанпораҳо низ ёфт мешаванд. Магар ин ҳама ба пайдоиши ҳар гуна бемориҳои хавфнок ва сирояткунанда сабаб намешавад? Албатта, мешавад! Дар фарҷоми он ҷону моли одамони бисёре талаф мегардаду ба хасорат дучор хоҳад шуд.

Дар сурати дар сатҳи ноҳия ва вилоят ба таври расмӣ мусбат ҳал гардидани ин масъала Раҳматулло-раис ният дорад, ки қабл аз ҳама дар боби таъмини об хоҷагиҳо шартнома баста, мутобиқи он об тақсим шавад. Дар шартнома миқдори зарури об қайд мегардад ва хоҷагӣ мувофиқи он об мегирад. Албатта, қабл аз ҳама сарбандҳои Наҳри Калон ба тартиб оварда шуда, дар онҳо дарвозаҳои оҳанин насб карда мешаванд ва ин рӯди ҳаётбахш аз боло то поён таҳти нигоҳубини доимӣ ва назорати қатъӣ гирифта хоҳад шуд.

Аслан Раҳматулло-раис ташнаи он нест, ки Наҳри Калонро ба ҳисоби хоҷагии худ бигираду зери итоат дошта бошад, не, бе ин ҳам ташвишҳои ӯ хеле зиёданд. Агар роҳбари ягон хоҷагии дигар хоҳиш дошта бошаду ӯҳда карда тавонад, бигузор ба ҳисоби хоҷагиаш бигирад, ӯ ба ҳеч ваҷҳ муқобил нест. Муҳим он аст, ки манбаи асосии ҳаёт ва ҳосили киштзорони ноҳия – Наҳри Калон бо мақсади пок будан таҳти назорати қатъӣ гирифта шавад ва ба ҳамаи хоҷагиҳо аз боло то ба поён ба як мизону тартиб қатраҳои софу ҷонбахши худро ҳадя намояд.

Азбаски то ҳол роҳбари ягон хоҷагӣ дар ин хусус андеша накардаасту ба ташвиш ҳам наомадааст, Раҳматулло-раис, ки аз об танқисии калон дидаю азияти зиёд кашида, хоҷагии ӯ дар як сол аз нарасидани об ҳазор тонна «тилои сафед»-ро талаф додааст, чунин ибтикорро матраҳ кардааст. Ва дар бораи ин муаммои пургиреҳ пешниҳоди муфассал ва ҳисобу китоби худро ба идораҳои салоҳиятдор тақдим доштааст. Ҳаллу фасли оқилонаи ин масъала ва ба танзим даровардани фаъолияти обрасонии Наҳри Калон ба манфиати тамоми хоҷагиҳои ҷамъиятию шахсии ноҳия ва ҳифзи саломатии сокинон, чорвою ҷонварони воқеъ дар ҳавзаи ин рӯд хоҳад буд...

Раҳматулло-раис ҳақиқатан ҳам роҳбари ҳозиразамони хоҷагӣ

буда, аз ҳар қадами зиндагӣ ва гардишу муомилаи истеҳсолот панду андарзи муфид касб менамояд. Барои тоза кардани чор ҳазор тонна пахтаи соли аввали роҳбариаш, ки дар корхонаи пахтатозакунии ноҳияи Шаҳритус анҷом ёфт, ду саду панҷоҳу як ҳазор доллари америкоӣ масраф гардид. Ин маблағи калонест барои хоҷагӣ. Аз ҳамин муомила андарз омӯхта, дар сараш фикри сохтани корхонаи пахтаи худи хоҷагӣ пайдо гардид. Ӯ табиатан инсонест, ки ба омӯзиш ва ҷустуҷӯи ҷабҳаҳои нав ба нави кор мепардозад ва бозёфтҳои тоза ҳам ба даст меоварад.

– Дар ҳудуди хоҷагии мо имконияти сохтани корхонаи пахтатозакунӣ мавҷуд аст, – изҳор менамояд Раҳматулло-раис, – зеро пеш аз ҳама дувоздаҳ гектар майдон омода аст, ки панҷ гектари он аллакай асфалтпӯш карда шудааст. Аз дигар чизҳои барои завод заруртарин тарозуи бисту панҷтоннагӣ ва ёздаҳ дар бинои анборҳо мавҷуданд. Агар фарз кардем, ки ба пули ду мавсими ба корхона пардохтшаванда ҳам корхонаи хоҷагиамонро бисозем, масрафи дигар солҳо мекардаамон ба фоидаи колхоз мемонад, ки аз он рӯзгори деҳқонон боз ободтар мешавад.

Ман иқтисодшинос ҳастам, бинобар ин ба рақамҳо аҳамият медиҳам. Агар хоҷагӣ корхонаи худӣ дошта бошад, аз чор ҳазор тонна пахта ду ҳазор тонна пунбадона, зиёда аз дусад тонна равғани пахта ва бештар аз як ҳазору шашсад тонна кунҷора ба фоидаи хоҷагӣ мемонад. Ғайр аз ин дар корхонаи худӣ барои чандин кас ҷойи кор пайдо мешавад. Ва албатта, корхонаи хурди равғанкашӣ бунёд мегардад, ки ин ҳам бар нафъи деҳқонон хоҳад буд.

Ба ноҳияи Шаҳритус бурдани чор ҳазор тонна пахтаро ба ҳисоб гирем, бо рафтуомадаш гӯё ҳашт тонна мешавад, бар заммми ин рӯзи корӣ сарф мегардад, васоити техникӣ мавриди истифода қарор мегиранд, роҳи ду тараф бисту шаш километр аст. Агар ба корхонаи маркази ноҳияи худамон – Қубодиён бубарем, роҳ боз дуртар аст, як тараф чилу панҷ километр буда, бо рафтуомад навад километр хоҳад шуд.

Ин рақамҳо далолат мекунанд, ки бунёд намудани корхонаи худи хоҷагӣ сирф ба манфиати деҳқонон анҷом меёбад. Дилгармии деҳқонон зиёд мешавад ва нахи бадастовардаро бо ихтиёри худ мефурӯшанд...

Аз муҳокимаронииҳои Раҳматулло-раис аён мегардад, ки ӯ роҳбари ғамхор буда, диди нозуки иқтисодшиносӣ дорад ва доим дар андешаи он аст, ки сарвати халқ афзун шавад. Ин ғаму таш-

виши сарвари хоҷагӣ бесабаб нест, зеро ӯ меҳнати хеле вазнини деҳқонро дар гармои мағзҷӯш нағз медонад. Устухони худи раис низ аз кӯдакӣ бо ҳамин гармои мағзҷӯш шах шудаасту коми ӯро ҳам бо ангушти меҳнат бардоштаанд.

Раис эътиқодманд аст, ки агар хоҷагӣ корхонаи худро бунёд намояд, деҳқон аз маҳсулоти иловагии пахтаи дастранҷи хеш бештар манфиат дида, аз паст рафтани нархи пахта дар бозори ҷаҳон чандон дилсард намешавад.

Солҳои пеш Ҷумҳурии Халқии Хитой пахтаи истеҳсоли худро коркард намуда, ба бозори ҷаҳон ба фурӯш намебаровард. Ҳоло ин кишвар нисбат ба пахтаи худ сиёсаташро тағйир дода, зиёда аз се миллион тонна нахро ба бозори ҷаҳонӣ баровард. Бо ин ваҷҳ нархи пахта дар бозори ҷаҳонӣ хеле паст фуромад. Азбаски Иёлоти Муттаҳидаи Амрико давлати хеле сарватманд аст, ғами фермерон-деҳқонони худро хӯрда, ба пахтаи онҳо нархи шартномавиро месупорад. Вале давлати мо ҳоло иқтидори зиёди иқтисодӣ надорад, биноан ин корро анҷом дода наметавонад.

Ба ақидаи Раҳматулло-раис усули фючерӣ бар зарари деҳқон аст ва хоҷагиро гирифтори қарз намуда, заиф месозад. Дар замони ҳозира гузаштан ба иқтисоди бозаргонӣ ягона роҳи манфиатбахш аст. Зимнан ин шакли муносибати иқтисодӣ низ дар давраи гузариш гаронӣ меорад. Бадбахтона дар давраи ин гузариш дар диёри мо ҷанги шаҳрвандӣ ба амал омада, душвориҳои давраи гузаришро дучанд намуд.

Аз нуқтаи назари Раҳматулло-раис ҷиҳати хубии иқтисоди бозаргонӣ дар он аст, ки тамоми маҳсулот дар хоҷагӣ монда, ба ин ваҷҳ гармиаш ҳам ба деҳқон мерасад. Иқтисоди бозаргонӣ барои ривоҷи кори деҳқонӣ роҳи васеъ мекушояд.

Халқи моро рӯҳи бузургон ва ҷаҳони боғановати маънавиамон дастгир шуд ва мо душвориҳои дучандони давраи гузаришро муваффақона сипарӣ намуда истодаем.

Дар соли дуюми роҳбарии Раҳматулло колхози «50-солагии СССР» дар вилоят аввалин шуда, нақшаи пахтасупориро анҷом дод. Дар соли сеюм ҳам хоҷагӣ дар вилоят дар сафи аввал буда, ҳаҷми умумии пахтаро ба панҷ ҳазор тонна расонид. Ғайр аз ин деҳқонон нақшаҳои пиллапарварӣ, меваю ангур, сабзавот, ғалларо барзиёд иҷро карданд. Ин ҳама пирӯзиҳо ба шарофати ҷонбозиҳо ва часпу талошҳои Раҳматулло-раис ва камолоти кордонию маҳорати ӯ ва ҳаммаслаконаш муяссар гардиданд. Дар хоҷагӣ майдони боғ ва кишти шолӣ боз ҳам васеъ карда шуда,

соҳаи чорводорӣ, ки дар давраи беназмиҳо ба тороҷ расида буд, аз нав ташкил гардид.

Ҳамчунин дар ин давра дар хоҷагӣ навгоние ба амал омад.

Чи тавре ки дар боло зикр намуда будем, солҳои пешин хоҷагии «50-солагии СССР» дар ҷумҳурӣ аз ҷумлаи хоҷагиҳои хеле калон ҳисоб меёфт. Дар давраи беназмиҳо иддае мансабхоҳони ҳарис зуҳур карда, бо роҳи аризабозӣ ва мағалсозӣ ба ифротгароӣ даст заданд ва аз ҳайати колхози «50-солагии СССР» баъзе минтақаҳоро ҷудо карда, колхозҳои «Дӯстӣ», ба номи Давлат Валиев ва ба номи Саидназар Худойқуловро ташкил намуданд. Ҳолдонон ҳикоят мекунанд, ки дар ҷаласаи ташкилии раёсати хоҷагии ба номи Давлат Валиев раиси нави он нидо дардодааст, ки «колхози мо дар ҷумҳурӣ баландовоза ва шӯҳратманду номвар мешавад». Кошкӣ, ин колхозҳо мувофиқи шиори бебунёду бемасъулият эроднамудаи раиси навҷома ғанӣ, тавоно ва дар саросари кишвар машҳур мегардиданд. Не, ин тавр нашуд, балки ягон сол ҳам нақшаи ҳеч кадом навъи истеҳсолоти кишоварзиро иҷро карда натавониста, ба қарзҳои гарони зиллатовар ғӯтавар гардиданд. Ононе ки дар ин хоҷагиҳо бо ҳадафҳои ботили худ курсиҳои раёсат ва гирду атрофи онро банд карда буданд, молу мулки халқро бераҳмона талаю тороҷ намуданд. Чорворо куштаю фурӯхта, ба ҷиғилдони бетаҳи худ фурӯ бурданд, биноҳои идораю анборҳо, бошишгоҳҳои саҳроӣ, фермаҳо, кӯдакистону ясliҳоро вайрону валангор намуда, чӯбу тахта, дару тиреза, шиферу фанер... ҳамаро ба яғмо бурданд. Деҳқонон, ки ин ҳама бо меҳнати онҳо ободшуда буд, бе маош, қарздор ва дар фақру бенавоӣ ҳайрону парешон монданд.

Рӯзе аъзои раёсати яке аз ин колхозҳо бо ариза ба назди Раҳматулло-раис омада, чунин изҳор намуданд:

– Раиси хоҷагии мо ҳамаро ғорат карда, ба ким-куҷое ғайб задаст. Аз шумо илтимос дорем, ба мо ёрӣ расонед, масъалаи муттаҳид кардани колхози моро ба ҳайати колхозатон муҳокима намоед. Аҳволи халқ вазнин, дар анбори хоҷагӣ як кило ҳам ғалла нест.

– Шумо ҳамсоя, дӯсту бародари мо ҳастед, – ҷавоб дод Раҳматулло-раис, – ман аз аҳволи шумо хабардорам, лекин роҳбаратон дар вақташ барои бо мо маслиҳат кардан гарданаш ёрӣ надод. Ҳол он ки мо роҳи дуруст нишон медодем. Замину об як асту офтоби болои сарамон як хел гармӣ дорад, одамони ҳар ду колхоз ҳам дар кори деҳқонӣ ба якдигар монанд ҳастанд,

содиқона кор мекунанд, фақат дили онҳоро ба меҳнат гарм наму-дан даркор аст.

Шахсан ман тарафдори онам, ки хоҷагиҳои мо муттаҳид ша-ванд, қудрату тавоноӣ ҳам дар ваҳдату ягонагист. Албатта, ин масъала дар маҷлиси умумии колхозчиён муҳокима карда меша-вад. Ман ҳозирам, ки ҳамчун дӯст ва бародар ба шумо ёрӣ расо-нам. Чунончӣ, Шайх Саъдии бузургвор фармудааст:

*Дӯст он бошад, ки гирад дасти дӯст,*
*Дар парешонҳолию дармондагӣ.*

Лекин дар кори шумо як мушкилӣ ҳаст, ки ин масъалаи қарздории колхози шумост. Ва онро пеш аз ҳама ба ҳукумати ноҳия маълум кардан зарур аст. Ҳайати ҳукумати ноҳия сабабҳои қарздории хоҷагиатонро муайян намояд, баъд аризаи шуморо дар ҷаласаи умумии колхозчиён баррасӣ мекунем...

Аъзои раёсат мувофиқи маслиҳати Раҳматулло-раис ба ҳукумати ноҳия муроҷиат намуданд. Пас аз таҳқиқи ҳайати таф-тишоти ҳукумати ноҳия ва муайян гардидани иллатҳою миқдори қарздории хоҷагии мазкур масъалаи муттаҳид намудани он бо колхози «50-солагии СССР» муҳокима карда шуд. Ҳаммаслакони Раҳматулло-раис бо ҳиссиёти баланди бародарӣ, инсонпарварӣ ва одамият хоҷагиҳои ҳамсояро яке пайи дигар ба колхози худ ҳамроҳ намуданд. Раис хуб медонад, ки меҳнати оқилона, содиқона ва холисона ҳам шахси алоҳида, ҳам ҷамоатро ба мақсад мерасонад. Воқеан, пас аз ду сол қарзҳои собиқ хоҷагиҳои «Дӯстӣ», ба номи С.Худойқулов ва ба номи Д.Валиев бо ҳамдастию мадади деҳқонони шарофатманди колхози «50-солагии СССР» адо шуданд. Беҳуда нагуфтаанд, ки:

*Як гули мақсуд дар ин бӯстон,*
*Чида нашуд бе мадади дӯстон.*

Раҳматулло-раис солҳои охир ду воқеаро дар ҳаёти худ хеле муҳим меҳисобад. Аввалан, ташрифи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро ба колхози «50-солагии СССР».

– Ба хоҷагии мо омадани Сардори давлатамонро ба мо ҳеч кас хабар надода буд. Бинобар ин ҳеч тайёрӣ ҳам надоштем. Он кас баъди ба ноҳия омадан хостаанд, ки хоҷагии моро дида, аз ҳолу аҳволи гурезаҳо хабардор шаванд. Чоштгоҳ буд, ман сифати кор-карди пахтазорро аз назар мегузарондам. Ногаҳ мошинҳои бисёре

ба тарафи мо тоб хӯрданд. Ба пешвоз баромадам ва Эмомалӣ Раҳмони азизу мӯҳтарамро дида, моту мабҳут гардидам. Он кас бо ман оғӯш кушода, вохӯрдӣ намуданд. Рости гап, аз ин лутфу марҳамати шахсияти бузургу вологуҳар сарам ба осмонҳо расид. Дарҳол аз ҳоли гурезаҳо пурсон шуданд ва ба роҳбарони вилояту ноҳия супориш доданд, ки вақти зарурат ба гурезаҳо ёрӣ расонанд. Баъд ба вазъияти ҳосили пахта мароқ зоҳир намуданд. Ман гуфтам, ки дар ҷумҳурӣ намедонам, лекин иншоаллоҳ, дар вилоят аввалин шуда нақшаро иҷро хоҳем кард. Бо мамнуният дастамро фишурданд. Ман роҳбари давлатамон ва ҳамроҳонашонро ба бошишгоҳ таклиф намудам. Дар дастархонамон нони гирдача, якчанд коса ҷурғот ва мева доштем. Ҷаноби Олӣ меҳрубонӣ карда, гуфтанд, ки гирдача болаззат будааст, нони модарамро ба хотир овард.

Баъд мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз ҳолу аҳволи сокинони деҳаҳои Ҷарқӯрғон, Болшевик, Калинин дидан карда, бо фаъолияти корхонаи хайрияи «Каритас» ошноӣ пайдо намуданд. Зеро ин корхона маҳз бо ташаббус ва ҳидояти Ҷаноби Олӣ дар ин ҷо сохта шуда, барои сохтмони биноҳои бошандагони деҳоти ноҳияи Қубодиён ёрӣ мерасонад.

Ин мулоқот бо мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳеч гоҳ аз ёдам фаромӯш намешавад.

Толеъи халқи тоҷик баландӣ карду Худои бузургвор ба Сарварии ҷумҳурии азизамон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро лоиқ донист. Чунин шахсияти бузург ва вологуҳар дар арзи ҳазорсолаҳо як бор зуҳур менамояд. Иншоаллоҳ, Тоҷикистони маҳбуби мо таҳти роҳбарии мудаббиронаи мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гул-гул шукуфта, ба авҷи аълои тараққиёти худ хоҳад расид. Мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон падари маънавии миллат аст, ӯ халқу Ватани моро аз ҳалокат наҷот дод. Ман бо чунин роҳбари давлатамон ифтихор дорам...

Раҳматулло-раис бо мукофоти ҳукуматӣ сарфароз гардидани худро низ чунин воқеаи фаромӯшнашаванда меҳисобад.

– Сардори давлатамон меҳнати хоксоронаи маро қадршиносӣ намуданд, – ҳикоя мекунад ӯ, – мукофоти олӣ – медали «Барои меҳнати шоиста»-ро бо дастони муборaки худашон супурданд. Ин мукофоти аввалинест, ки аз дасти роҳбари давлат гирифтаам. Инро қадршиносии бузург меҳисобам, мукофоти давлат маро як умр дар назди халқу ҷамъият қарздор менамояд.

## Дар сӯҳбати марди наҷиб

Боре аз Раҳматулло-раис пурсидаанд, ки шумо бо собиқ Раиси Президиуми Совети Олии РСС Тоҷикистон ва ҷонишини Раиси Президиуми Совети Олии СССР равоншод Маҳмадулло Холов чӣ тавр муносибати дӯстона пайдо намудаед?

– Ошноии ман бо ин шахси бузургу наҷиб – – Маҳмадулло Холов, – ҳикоят мекунад Раҳматулло-раис, – тавассути хусурам Неъмат Раҳматов ба вуқӯъ пайваст. Гап дар сари он ки хусурам бо Холов дар як деҳа ба дунё омада, ҳамсоя ва дӯсту бародари ҷонӣ будаанд ва даврони ҷавониро якҷоя сипарӣ намудаанд. Пас аз он ки ман соли 1964 издивоҷ кардам ва азбаски он вақтҳо касби ронандагӣ доштам, хусурамро гоҳ-гоҳе ба хонаи Холов ба меҳмонӣ мебурдам. Онҳо муносибати наздики дӯстию бародариро то охир давом дода, бо ҳамдигар хешу табор ҳам шуданд, додарарӯсам Фахриддин Неъматов ба духтари Холов – Кибриё хонадор гардида, риштаи қисматро ба ҳам пайвастанд.

Ҳар дафъа чун хусурамро ба мулоқоти Холов меовардам, худам ба хонаи ин шахси бузург ҷуръати даромадан надоштам. Боре Холов ба гусели дӯсташ баромада, дар беруни ҳавлӣ бо ман вохӯрдӣ намуд ва самимона пурсупос кард. Баъди он ки аз хусурам дар бораи ман маълумот гирифт, чеҳраи нуронӣ ва зебояш боз ҳам кушода гардида, ба ман таъкид намуд: «Минбаъд бо ҳамин меҳмони овардаат ба хона биё. Ту, ки домоди дӯсти ман бошӣ, барои ман ҳам мисли фарзанд ҳастӣ». Дар ин мулоқоти нахустинам бо Холов дарёфтам, ки ин шахс бо вуҷуди соҳиби мартабаи олии давлатӣ будан ва дар байни халқи ҷумҳурӣ обрӯю эътибори баланд доштанаш ниҳоят хоксор ва самимию заминӣ будааст. Ин суханон бароям мисли мифтоҳе гардиданд ва ҳар дафъа чун хусурамро ба Душанбе бубарам, ҳамроҳи ӯ вориди хонадони ин марди накӯном ва наҷиб мешудам. Хусусан баъди хонадор шудани Фахриддин ба духтари Холов ман гӯё сафири ин ду хонадон, пайвандгару маслиҳатгари онон шудам. Муносибатам бо ин марди покниҳод чунон наздик ва самимӣ шуд, ки ман доимо дар хонаи вай болонишин будам. Ӯ маро даъват менамуд ва мо рӯзҳои шанбею якшанбе барои истироҳат ба бӯстонсаро мерафтем, сӯҳбатҳои тӯлонӣ мекардем, мусиқӣ мешунидем.

М. Холов ҳамчун ҷонишини Раиси Президиуми Совети Олии СССР дар даврaҳои муайян ба Маскав даъват шуда, вазифаи худро дар он ҷо низ иҷро менамуд. Ҳангоми иҷрои ин вазифа дар

вақтҳои гуногун ман ду маротиба ба Кремл, ба хабаргирии ӯ рафта будам ва тавассути Холов бо роҳбарони олирутбаи Ҳукумати Шӯравӣ – Косигин ва Кириленко шинос шудам. Муносибати наздик ва самимии мо солҳои тӯлонӣ, то фавти ин инсони шариф идома ёфт. Зимнан ман бо фарзандони Холов низ то ҳол ҳамин муносибатро нигоҳ медорам.

Дар давраи дуру дарози дӯстию бародариамон ман Холовро ҳамчун шахси ниҳоят поксиришт, некӯкор, дурандеш донистам. Боре ҳам назари ғаразу тамаъи ӯро ба ягон чизею шахсе мушоҳида накардаам. Бинобар ин вайро чун авлиё пок медонам ва қадр менамоям.

Холов хеле марди хирадманд буда, воқеаҳои дар оянда ба вуқӯъпайвастаро пешакӣ бехато муайян карда метавонист. Масалан, вақте ки Брежнев вафот намуд, Холов бисёр зиқ шуда гуфт: «Дар давраи Брежнев мамлакат тинҷ буд, баъди ӯ бисёр нотинҷӣ мешавад. Акнун давлати Советӣ вайрониҳоро мебинад».

Холов бо К.У.Черненко ва А.И.Лукянов ҷӯраи ҷонӣ буд. Черненко хоҳиш доштааст, ки пас аз марги Расулов ба вазифаи котиби якуми кумитаи марказии ҳизби коммунисти ҷумҳурӣ Холовро пешбарӣ намояд. Холов бо сабаби пиронсолӣ инро рад намуда, таъкид кардааст, ки «Расулов ва ман ба ин вазифа Р.Набиевро тарбия намудаем». «Ака, чаро ин пешниҳодро рад кардӣ, охир худи Черненко бо асо рост меистоду лекин вазифаро ишғол намуд», гуфтам сонитар ба ӯ.

Вақте ки Р.Набиев барои сӯҳбат ба Маскав меравад, Черненко ба ӯ гуфтааст: «Худи Холов метавонист, ки ба ин вазифа довталаб бошад, лекин вай шуморо тавсия намуд».

Ҳамин тавр, Холов бо маоши раисиаш ва имтиёзҳои узви бюрои КМ ба нафақа баромад.

Ӯ баъди ба нафақа баромадан ҳам доимо бо халқ ва дар ғами халқ буда, то дами вопасинаш дар ҷӯшу хурӯши ҳаёт қадам мезад.

Хушбахтам, ки бо ӯ дӯст будам, лаззати ҳаётро бо вай чашидаам. Дар зиёфатҳои бисёре бо ӯ иштирок намудаам. Холов дар тантанаҳои олитарин ҳам аз сад грамм зиёдтар шароб нанӯшидааст, биноан вайро ягон вақт сархуш надидаам. Ба ман низ фақат нӯшидани пиворо иҷозат додаст, ки ман ҳам инро доим риоя менамоям.

Холов дар кору зиндагӣ ҳамеша ба заковати халқ такя менамуд ва бо намояндагони халқ маслиҳату машварат мекард, зеро ки ӯ фарзанди содиқи халқ ва тарбиятдидаи мактаби ҳаёт буд. Ин

хислатҳои фарзонаи Холов дар фаъолияти ҳаррӯзаи ман ба кор меоянд. Ман ҳар як кору сухани худро хаёлан бо омолу рафтору гуфтори ин марди хирад муқоиса менамоям.

## Зиндагӣ арсаи набард аст

Инак, Раҳматулло Абдуллоев ҳамчун раиси хоҷагии иҷоравии «50-солагии СССР», ҳоло «Авасто»-и ноҳияи Қубодиён рисолати худро анҷом медиҳад ва тӯли фаъолияташ ман бо раис борҳо вохӯрдааму сӯҳбатҳо кардаам. Ин мулоқотҳои мо дар дафтари кори ӯ, дар минтақаҳои гуногуни киштзори хоҷагӣ, дар ҷаласаю тӯйҳо, маҳфилҳои фарҳангӣ, дар масҷидҳо ҳангоми ҷанозаҳои хешу таборон, дӯстону шиносон ва дигар ҷойҳо ба вуқӯъ омадаанд. Ҳамчунин ман чандин вақт дар минтақаҳои хоҷагӣ сафар намуда, дар пахтазорону боғистонҳо, бошишгоҳҳои саҳроӣ, дар хонаҳои деҳқонон, механизаторон, зиёиён, собиқадорони меҳнату ҷанг меҳмон шудаам ва бо одамон танҳо ба танҳо сӯҳбатҳо кардаам.

Аз сӯҳбатҳо дарёфтам, ки аксари одамон дар кор ҷиддияту қатъияти Раҳматулло-раисро қайд менамоянду ин суханонро бо як меҳру муҳаббати самимие ба забон меоранд, ҳамчунон ки фарзандон дар хусуси падари оилаи калоне ҳарф мезада бошанд. Албатта, бештар дар бораи ғамхорию меҳрубониҳои раис бисёр мисолҳо меоваранд, тавре ки дар ёди ҳар як фарзанд ин фазилатҳои фарзонаи падари бузургвор абадӣ нақш мебанданд.

Одамон ҳикоят мекунанду ман тасаввур доштам, ки Раҳматулло-раиси қоматбаланд ва лоғарандом хастагинопазир буда, дар чашмони андешамандаш оташи қатъият барқ мезанаду ҳамеша дар такопӯю тараддуд аст, ки душвориҳои бисёрро бахри расидан ба ҳадафи воло бартараф намояд. Ҳадафи волои Раҳматулло-раис аз нав баргардонидани шӯҳрату номи неки собиқи хоҷагӣ ва эҳё намудани он, тақвият бахшидани эҳсосоти умеду боварӣ ва эътиқоду эътимоди деҳқонон ба кору зиндагӣ мебошад.

Вақте ки Раҳматулло-раис дар рӯзҳои аввали роҳбарияш тамоми деҳаҳои зебою ранҷдида ва киштзорони ангораи колхозро муоина мекард, ба хонаҳои сӯхтаю вайрона, бошишгоҳҳои шикаста, фермаҳои ғоратшуда, кӯпруку маъбарҳои валангор бо дард менигарист ва ин нигоҳаш бо меҳру муҳаббат омезиш дошт. Зеро раис дар роҳу пайроҳаҳои ҳаёт обутоб ёфта буд ва бо мушкилиҳо

муборизa бурдану бартараф намудани онҳоро медонист. Аз ҳама муҳимаш сарвари хоҷагӣ ба одамон боварию эътимод дошт. «Одамон метавонанд, ки хоҷагӣ ва раисро ба арши аъло бардоранд ва худи онҳо ба фарш ҳам мефароранд», гуфт зимни як сӯҳбат. Раис ин фикри пурқиматро рӯҳан ва қалбан мадрак карда, доимо ба ҳамин одамон такя намуд.

Сарвароне, ки дар давраҳои беназмӣ бо яғмогарию ишкамчаронӣ машғул гардида, боварию эътиқоди халқро рахнадору халалпазир карда буданд, барояш мероси наҳсе гузоштанд. Раҳматулло-раис дар вақташ санади қабул намудани колхозро имзо намуд, ки дар он чизи казоӣ зикр наёфта буд: идораи ба тороҷ расида, чанд адад трактори беҳаракати «таракагашта» ва анборҳи холӣ, ки дар онҳо ба истилоҳ калламушҳо сайр мекарданд. Лекин раис дар паси санади қабули колхоз одамони қавиирода, меҳнатдӯст, сарбаланд, баору номус, некхоҳ, саховатманд, меҳмондӯст, ғамхорро тасаввур менамуд, ки мутаассифона он вақт умуман ба сарвари хоҷагӣ боވариро гум карда буданд. Ва ин, албатта, сабаб дошт ва сабабаш ҳам маълум буд. Дар чунин вазъият Раҳматулло-раис шикастарӯҳ нашуд. Ҳамон рӯз, ки чанд адад васоити техникии нимкорaро таъмир намудан лозим буд, ӯ ба халқ муроҷиат кард. Раҳматулло-раис ба чашмони одамон рост нигоҳ карда, бо қатъият гуфт: «Имрӯз шумо ба колхоз ёрӣ расонед, фардо колхоз ҳатман ба шумо бармегардонад». Одамон ба ин суханони Раҳматулло бовар карданд ва молу чизи охирини худро, ки доштанд, барои пешбурди кори колхоз дар миёна гузоштанд.

Мушкилот ба осонӣ бартараф намешуд, аммо одамон мушоҳида намуданд, ки Раҳматулло-раис аз кори шахсии худ дида, ба кори колхоз бештар дилсӯзӣ дорад. Агар ҳадаферо интихоб кунад, то ба даст овардани он ором намешавад ва қабл аз ҳама дар ғами одамон аст. Бинобар ин ба вай бовар карданд. Пас аз сипарӣ гардидани соли аввали роҳбарии Раҳматулло-раис, ки он соли хеле душвор буд, ба хоҷагӣ муваффақияти чандон зиёде наомада бошад ҳам, мисли собиқ колхозчиёнро ба созмони воҳиду муттаҳид ҷамъ овард ва онон ба хоҷагии дастҷамъонаю раиси худ эътимоду эътиқод намуданд. Чунин ваҳдату муттаҳидии деҳқонон ба анҷоми кору вазифаҳои бузург ҳидоят карда метавонистанд. Ҳадафи Раҳматулло-раис низ ҳамин буд.

Барои кори ҷамъият Раҳматулло-раис борҳо бо марг рӯ ба рӯ шуда бошад ҳам, мисли ҳамқавми худ Аҳмадшоҳи Масъуд натарсиду роҳи шуҷоату мардонагии худро далерона давом дод. Соли

наваду панҷум, ки давраи ибтидои роҳбарии ӯ буд, механизаторони хоҷагӣ хабар оварданд, ки се адад васоити техникии колхоз дар маркази ноҳияи Шаҳритус воқеъ аст. Инҳоро гӯё фармондеҳи ҳамонвақтаи яке аз қисмҳои низомӣ соҳибӣ кардааст. Скрепери К-700, булдозер ва трактори ҷуфткунандаи хоҷагӣ дар дасти он фармондеҳ буд. Раҳматулло ба идораҳои қудратии ноҳия муроҷиат намуд, вале ҳамон вақт аз он идораҳо сару садое набаромад. Ин тракторҳо барои пешбурди корҳои хоҷагӣ ниҳоят зарур буданд. Пас раис бо ду-се нафар ҳамкорони худ тасмим гирифт, ки тракторҳоро кашола карда, ба устохонаи хоҷагӣ биёрад. Вақте ки раис бо ҳуҷҷатҳои тракторҳо ба ҳудуди қисми низомӣ омад, хушбахтона ҳамон рӯз фармондеҳ набудааст. Раис ҳам бо шарикон тракторҳоро ба сӯйи хоҷагии худ кашола намуд...

Баъди ду рӯз фармондеҳ омада, огаҳ мешавад, ки тракторҳоро бурдаанд. Вай аз ин дар ғазаб шуда, бонг мезанад: «Дар ҳар ҷо ки Раҳматуллоро бубинам, фавран мепарронам!»

Хушбахтона, раис ба ин мири ғазаб дигар вонахӯрд...

Бале, чунин беназмию қонуншиканиҳо хеле зиёд буданд...

Боре ду-се нафар силоҳдорон ба коргоҳи раис бе иҷозат ворид шуданд. Яке аз онҳо силоҳашро намоишкорона дар рӯйи миз гузошт ва ду нафари дигар калашниковҳои худро дар даст омода нигоҳ медоштанд. Оне, ки силоҳашро болои миз гузошта буд, бидуни муқаддима ва чуноне ки аз бом тарошае афтода бошад, ба раис беибо гуфт:

– Ба мо пул ва маҳсулот бидеҳ!

– Бародарон, ман ҳоло аз колхоз ягон чиз нагирифтаам, – ҷавоб дод раис, – дуним сол мешавад, ки зиндагиро аз ҳисоби фарзандонам пеш бурда истодаам. Ғалла ва дигар маҳсулоти хоҷагиамон ба сағираҳо ва беваю бечораҳо базӯр мерасад. Бинобар ин ҳоло имкон надорем, ҳар вақте ки имкон шуд, ёрӣ мерасонем.

Силоҳдорон дандон гиз карда, берун мебароянду дарун медароянд... Пас раис аз паи иҷрои коре ба тарафи гараж меравад. Силоҳдорон аз ақиби ӯ тир мепарронанд, толеъи раис баландӣ мекунаду тирҳои ғосибон хато мехӯранд...

Ин воқеа бошад, аввалҳои соли наваду шаш ба вуқӯъ омадааст. Соат қариби дувоздаҳи шаб буд, ки дарвозаи раисро сахт кӯфтанд.

Вақте ки Раҳматулло садо дод, силоҳдорон амр намуданд, то зудтар либос пӯшад, ки фармондеҳ талаб дорад. Раис ба мошини

онҳо савор шуд ва мошин ба ҳаракат даромад. Роҳи дуру дарозеро паймуданд, гӯё саросари ноҳияро тай карданд.

Раис аз миш-миши онҳо хавф бурда гуфт:

– Додаро, маро ба куҷо мебаред? Аз авзоятон мебинам, ки ягон супориш доред.

– Хомӯш бош, мо туро ба назди фармондеҳ мебарем.

– Агар супориши парондани маро дошта бошед, шумо ҳам мусулмонед, коратонро дар ҳамин ҷо иҷро кунеду ба ҷасади ман таҳқир нанамоед.

Онҳо хомӯш буданду байни худ пичирос мезаданд. Оқибат дар як каноре таваққуф намуданд.

– Раис, гап ҳамин, – гуфт яке аз силоҳдорон, – ба ту се соат мӯҳлат, дар ҳамин вақт ба мо се ҳазор доллар ёфта медиҳӣ, агане корат чатоқ мешад, маълумоти аниқ дорем, ту фалонӣ ва фалониро аз қафояш дашном додаӣ! Онҳо одамони калонанд.

– Ин тӯҳмати маҳз аст, ман касеро дашном надодаам, – ҷавоб дод раис.

– Мо маълумот дорем, форад, нафорад – ҳамин, се ҳазор!

Раис чун дид, ки ба инҳо гап фаҳмонидан кори беҳуда аст, ба қавли Саъдии бузургвор амал намуд, ки фармудааст: «Носазоеро чу бинӣ бахтёр, оқилон таслим карданд ихтиёр»...

– Додаро, мӯҳлати бисёртар диҳед, охир ин пули калон аст, ёфтанаш душвор, – гуфт.

Онҳо миш-миши бисёр карданд, пас сардорашон фармуд:

– Як ҳафта!

Ба ҳамин васила раис аз панҷаи хунини ин ғосибон халосӣ ёфт...

Қиссаи бозёфт ва ба гаражи хоҷагӣ овардани мошини боркаши ЗИЛ ҳаргиз аз ёдҳо фаромӯш намешавад. Ин мошини колхозро duздон ба деҳаи Хокаки ноҳияи Шаҳритус оварда будаанд. Вақте ки Раҳматулло-раис гирду атрофи мошинро аз назар мегузаронд, нохосту ногаҳон яке аз дуздон аз қафо ба дасти раис бо чӯб зарбаи сахте мезанад.

– Ноасл, – ба тарафи ӯ баргашт раис, вале дузд ба нигоҳи Раҳматулло тоб наоварда рӯ ба гурез ниҳод. – Ҳой, номард, ҷанги ту ҳам дуздона аст, палид...

Ғосибон қасдан ин амалро ба ҷо оварда, гумон доштанд, ки раисро метарсонанду мошинро тамоман соҳиб мешаванд. Вале онҳо тушбераро хом шумурда буданд. Раҳматулло бо дасти шикастаю хунчакон ҳам мошини хоҷагиро наҷот дода тавонист.

Солҳои аввали раисии Раҳматулло чунин воқеаҳои даҳшатбор бо ӯ даҳ маротиба рӯй додааст, ӯ даҳ бор бо марг рӯ ба рӯ гардида, ҳамаи ин хавфу хатарҳоро бо нангу номуси баланд пушти сар намудааст.

Раҳматулло-раис ба рағми даҳшату ваҳшоният ва ғаддории иддае лаҷомгусехта фақат даст ба кор дошт, ки ин қонуншиканию ғосибиҳо муваққатианд.

Ӯ ҳамчун роҳбари иқтисодшинос ҳар қитъаи замин ва ҳар килои маҳсулотро ба ҳисоб мегирифту аз тобеъин қатъиян талаб менамуд, то дастранҷи халқ мувофиқи мақсад истифода шавад. «Ҳар қитъа замин барои кишт аст!» чунин буду ҳаст шиори Раҳматулло-раис. Барои иҷрои ин ҳадафи олӣ ғайр аз васоити техникии мавҷуда ӯ супориш дод, ки дар хоҷагӣ барои шудгор якчанд адад испор таҳия намоянд ва барзаговҳоро ба кор баранд. Бо ҳидояти раис ҳар як ваҷаб замине, ки дар лаби Наҳри Калон, соҳили дарёи Кофарниҳон, зери дарахтони боғот, нишебиҳои кӯҳдоман бекор буд, моҳирона шудгор карда шуда, дар он ҷо шолӣ, мош, нахӯд, наск, ҷуворимакка коштанд. Фақат бо ҳамин роҳ анборро пур кардан мумкин буд, фарзанди деҳқон инро некӯ медонист.

Сардори бригадаи бинокорони собиқ колхози ба номи С.Худойқулов Ҷабборалӣ Бекҷонов ҳикоят менамояд:

– Колхози мо бо колхози «50-солагии СССР» ҳамсоя буд. Раиси хоҷагиамон аҷоиб хислате дошт: сухани бисёр мегуфту аз амалаш дарак набуд, чи тавре ки мегӯянд, ваъда бошад, қоб-қоб, кор бошад – аз Андиҷон ёб. Рости гап, мо ҳамон вақт ба кору амал ва гуфтору рафтори раиси хоҷагии ҳамсоя Раҳматулло ҳавас мекардем. Ӯ кам гап мезад, асосан хомӯш буд, вале корро бисёр иҷро мекард. Дар ҳар минтақаи хоҷагӣ, ҳамин ки ӯ пайдо шавад, кори ҷамъият худ аз худ аз меъёр зиёд пеш мерафт. Мо ҳамсояи наздик будем, инро мушоҳида менамудему албатта, орзу мекардем ва мегуфтем: «Кошкӣ, мо ҳам чунин раис медоштем. Раҳматулло-раис масъулиятро бештар ба худ мегирифт ва дар ҳаққи деҳқонон бисёр ғамхорӣ менамуд. Дар хоҷагии мо бошад, деҳқон аз раис фақат фармон ва дӯғу пӯписаро мешуниду натиҷаи меҳнатро барои манфиати ҳаёти шахсии худ заррае ҳам намедид.

Боре айёми баҳорон селоб оббанди қитъаи пахтазори хоҷагии моро хароб кард. Айнан чунин осеб ба оббанди хоҷагии ҳамсоя низ расид. Ин ду қитъа киштзор паҳлӯ ба паҳлӯ воқеъ гашта буд. Ба бригадаи бинокории мо супориш доданд, ки оббандро таъмир

намоем. Ба назди оббанди вайроншуда санг кашондем, вале дар анбори хоҷагиамон семент набудааст, ки корро оғоз намоем. Дар оббанди киштзори хоҷагии ҳамсоя кори таъмир бо суръат давом менамуд. Мо ба тартиби кори ҳамсояҳо ҳасад мебурдем. Оқибат ба мо ҳам семент доданд, вале хеле кам, ним рӯз кор кардем, ки семент тамом шуд ва кор таққӣ истода монд. Ман асабӣ гаштам ва пас чӣ шуду чӣ монд, ки ба сарам фикре омад: биё гуфтам, як халта сементи ҳамсояҳоро гирифта, саҳарӣ барвақт корро сар кунем, баъди ба мо овардани семент молашонро бармегардонем. Ман аслан бегоҳӣ сементи онҳоро пурсида гирифтанӣ будам, вале устоҳояшон барвақттар рафта будаанд. Бинобар ин шомгоҳон, ҳангоми говгум буд ва як халта сементи ҳамсояҳоро пуштора карда, ба тарафи оббанди худамон меомадам, ки аз пешам якбора мошини Раҳматулло-раис баромад. Халтаи семент дар сари китфам буду дар ҷоям карахту шах шудам.

– Халтаро ба замин гузор, ки ба миёнат зӯр меояд, – гуфт Раҳматулло-раис.

Бо шунидани ин суханон ба худ омадаму халтаро ба замин гузоштам. Раҳматулло-раис ба чеҳраам дуру дароз нигарист, вале чизе нагуфт. Ин нигоҳ ҳақиқатан ҳам як ҷаҳон маъно дошт. Ӯ чун огоҳ гашт, ки ман халтаи сементро ба кори шахсии худ не, балки ба кори умум мебарам, танбеҳам накард. Фақат гуфт, ки «хабар медодӣ, кӯмак мекардем, охир мо ҳамсояем, солҳои дуру дароз дар як хоҷагӣ будем ва аз як дастархон нон хӯрдаем».

Рӯзи дигар Раҳматулло-раис ба мо ҳам семент ёфта дод ва ман халтаи онҳоро баргардондам. Хуб шуд, ки пас аз чанд муддат хоҷагиҳои мо муттаҳид гаштанд ва ҳоло таҳти роҳбарии чунин раиси ғамхору кордон меҳнат кардан бароям ҳаловате дорад...

Дар нафъи ҷамъият барои Раҳматулло-раис кори хурду ҷузъӣ вуҷуд надорад. Масалан, фермаи чорводории хоҷагӣ дар даврони нобасомониҳо ба тороҷ рафта буд. Сарвари хоҷагӣ бо мушкилоти зиёд онро аз нав барқарор кард ва дар ин соҳа навгонӣ ҷорӣ намуд: киштзор ба ферма хӯрокворӣ медиҳад ва ферма ба киштзор пору! Бо дастури раис дар байни ин ду нуқтаи кор як навъ иртиботи тарафайн ташкил гардид, ки вобастагию фоидаи дутарафа дорад.

Раҳматулло-раис табиатан барои вазифаи роҳбарикунанда офарида шудааст, ҳарчанд ки мутаассифона ба кори роҳбарикунанда хеле дер интихоб гардидааст. Лекин ӯ воқеан ҳам роҳбари даврони ҳозира, яъне айёми иқтисоди бозаргонӣ мебошад. Қарорҳое, ки ӯ

барои манфиати кори ҷамъият қабул менамояд, ҳамеша саҳеҳ ва аксаран ҷасурона буда, дар фарҷоми андешаҳои тӯлонӣ ба миён меоянд. Одамон дар ҳар лаҳзаю соати зарурӣ ба назди ӯ меоянд. Муроҷеин Раҳматулло-раисро дар баромадгоҳ боздошта метавонанд ва ҳангоми дар мошин нишастанаш ҳам хоҳиш менамоянд, ки доир ба ин ё он кори заруру оҷил хатчае навишта бидиҳад. Ҳамчунин бо кор ба хонааш меоянд. Ӯ ҳеч вақт не намегӯяд. Вайро меҳру муҳаббати самимонааш ба одамон ба ин водор месозад, зеро ӯ хуб медонад, ки муаммоҳои деҳқононро ҳар чи зудтар ҳал бикунад, рӯҳияи онҳо ҳамон қадар хубтар мегардаду ба кори умум бо дасту дили гарм муносибат менамоянд.

Раҳматулло-раис ба кори худ содиқ буда, қудрате дорад, ки тамоми рӯз ва зарур ояд, то дамидани субҳ аз меҳнат кардан хаста намешавад. Одамоне, ки дар атрофи ӯянд, ба мисли роҳбарашон дилсӯзони кори халқу ҷамъиятанд.

Раис доимо дар фикру хаёли он аст, ки даҳ дирами хоҷагӣ ба як сомонӣ бадал гардаду як сомонӣ ба даҳ сомонӣ афзоиш биёбад. Бо ҳамин мақсад ӯ бригадаҳои алоҳидаи сабзаводкорию боғдорӣ ташкил намуда, дар минтақаҳои кӯҳдоман ва гирду атрофи дарё заминҳои нав кушод. Супориш дод, ки боғпарварон ба боғоти хоҷагӣ, ки қисман нобуд гардида буд, якчанд ҳазор бех ниҳоли меваҳои гуногун шинонанд.

– Иқлими Қубодиён барои сабзавоткорию боғдорӣ ҳам хеле мусоид аст, – изҳори ақида менамояд Раҳматулло-раис, – имконияти пурра фароҳам меоварад, ки дар як сол ду ва се ҳосили сабзавот рӯёнида шавад. Мо аз меваю ангур, харбузаю тарбуз ҳам фоидаи калон гирифта метавонем. Сабзавоти барвақтие, ки дар заминҳои обчакории мо мерасанд, кони ҳама гуна витаминҳои пурманфиат мебошанд. Хоҷагии мо метавонад, ки як қисми ин сабзавотро ба сокинони шаҳрҳо пешниҳод намояду ҳиссаи дигарро консерв созад...

Бо ҳамин мақсад хоҷагӣ дар рӯзҳои наздик соҳиби коргоҳи консерв мегардад. Ин коргоҳи нав ҳам ба шарофати дурандешию кордонии Раҳматулло-раис ба фаъолият шурӯъ карда, имконият фароҳам меоварад, ки дар баробари маҳсулоти хоҷагии ҷамъиятӣ ҳосили дастранҷи хоҷагиҳои шахсиро низ коркард намояд. Дар фарҷом рӯзгори деҳқон боз ҳам ободтар мегардад.

Баъзе роҳбарони хоҷагиҳо чунин ақида доранд, ки баъд аз ғундоштани ҳосили пахта ё дигар зироатҳо заминро шудгор кар-

да, онро дам додан даркор асту дар ин вақт деҳқон ҳам бояд фароғат намояд.

Раҳматулло-раис дар ин бобат тамоман ақидаи дигар дорад.

– Замин ҷисми зиндаро мемонад, – мегӯяд ӯ, – инро ба ман падарам таълим додаст. Чор фасли сол бояд аз замин дур набошӣ, сирру табиати онро омӯзӣ, дар он сурат дари ганҷи замин кушода мешавад. Ганҷи замин бе ранҷ дастрас намегардад, барои ин меҳнати босуботи оқилона лозим аст...

Охирҳои зимистон, ҳангоме ки ғӯзапоя ҷамъоварӣ гашта, замин шудгор карда шавад, раис корҳои ободонии киштзорро шурӯъ менамояд. Деҳқонони солхӯрдаю пуртаҷриба ба ӯ ҳамроҳӣ мекунанду ҳар як қитъаро аз назар гузаронида, дақиқона мулоҳиза менамоянд. Бо маслиҳати ҳамдигар муайян мекунанд, ки дар кадом минтақа ҷӯй кофтан зарур асту дар кадом минтақа баръакс бояд оббанди хурдакаке бисозанд, то обёрии он беҳтар шавад. Ва ё дар куҷо поруро бештар бирезанд... Оре, ҳақиқатан ҳам замин ҷисми хеле мураккаби зинда аст. Раис мувофиқи панди падар кӯшиш мекунад, ки заминро хубтар бидонад. Ин амали ӯ то оғози кишт идома меёбад. Дар чунин давраи мураккаб, ки нуриҳои минералӣ камёбу дарёфти васоити техникӣ, қисмҳои эҳтиётӣ ва рӯғаниёту сӯзишвории он душвор аст, вале бо вуҷуди ин хоҷагии «Авасто» ҳар сол нақшаҳои тамоми маҳсулоти кишоварзиро дар вилоят ва ҷумҳурӣ ҳам аввалин шуда иҷро менамояд. Магар омили пешравии хоҷагӣ ба ҳамин такопӯҳо, кӯшишу ғайрат, худфарсоию ҷустуҷӯҳо ва бозёфтҳои Раҳматулло-раис вобаста нестанд?

Чанде пеш ӯро ба маҳфили хатмкунандагони мактаби таҳсили ҳамагонии деҳа даъват намуданд. Бинои мактаб, ки бо имдоди созмонҳои байналхалқӣ таъмир гардидааст, ба назари вай зебою дилрабо менамуд. Як вақтҳо раис ҳамин мактабро хатм намуда, бар арсаи ҳаёт қадами мустақилона ниҳода буд.

– Зиндагӣ мубориза буда, мубориза низ зиндагӣ аст, – гуфт Раҳматулло-раис дар маҳфили хатмкунандагон, – ҳамон шахс хушбахт аст, ки зиндагӣ ва муборизаи ӯ барои саодату некии одамон равона гардидааст.

# ОЧЕРКҲО

## ЧАШМАҶОН
### *(Чилучорчашма, санаи 136-и ҳиҷрӣ)*

Ривоят мекунанд, ки дар замонҳои хеле қадим вақте амиралмӯъминин, ҳазрати Алӣ ибни Абӯтолиб бар зидди тоифаи кофирон меҷангиданд, шахсияти барояшон басо азизу мукаррам, яъне саисашон Бобо Қамбари соҳибқирон захмин мешавад. Амиралмӯъминин аз ин воқеаи нохуш ниҳоят ғамгин мегарданд, зеро захми Бобо Қамбар вазнину ҳалокатовар буда, ҳаво низ чун танӯр метафсид. «Дар сурати фавтидани Бобо Қамбар наъши муборакашро ба Маккаи Муаззама чӣ тавр интиқол медиҳем? – меандешанд ҳазрати бузургвор. Тифоқо ҳамон шаб амиралмӯъминин хоб мебинанд, ки дар як маъвою макони зебою дилрабое якбора чиҳилу чаҳор чашма фаввора мезанад ва дар гирду атрофи он мулк мисли фирдавси барин бӯстону гулистони фараҳфизой воқест. Дар оби софу зулоли он чашмасор сангҳои рангоранги зебо ҷилванамоӣ намуда, миёни обсабзҳою гуна-гуна гулҳо моҳиёни зиёде оромона ва бе ҳеч тарсу ҳарос шиноварӣ доранд. Дар шохсори дарахтони шамшоду сарв ва беду шаҳтут қумрию булбул, тovусу сулсул озодона гашту гузор ва парвозу нағмасарой менамоянд. Селаи оҳувону ғизолон ҳам аз дашту ҳомун ва ёнаҳои кӯҳу адир чарида ба лаби чашмасор меоянд ва аз оби соф нӯши ҷон мекунанду боз ба чаро мераванд. Ва аз ҳама аҷибтар он аст, ки дар байни фаввораҳои чашмасорон чароғи бузурге фурӯзон асту нурафшон ва тамоми паррандагону ҷонварон ба пояи он чароғи бузург ҳамвора сар ба саҷдаю суҷуд пеш меоранд...

Рӯзи дигар Бобо Қамбар бар маснади олӣ расида, ҷоми шаҳодат нӯш мекунад. Ҳазрати Алӣ аз ин хабар огоҳӣ ёфта, ниҳоят ба сутӯҳ меоянд ва аз хоби дидаашон рамуз мегиранду дарҳол амр мефармоянд, ки ба зудтарин фурсат он ҷаннатулмаъво пайдо карда шаваду ҷасади мутаҳҳари Бобо Қамбарро дар ҳамон ҷо ба хок супоранд, то рӯҳи пурфутӯҳи эшон ба мисли он машъалаи дар хоб дидаашон ба таври ҳамешагӣ нурфишонӣ намояд.

Лашкариёни ҳазрати Алӣ ҳамон рӯз он макони фирдавсоинро пайдо намуда, ҷасади марди таҳамтанро ба хокдони охират мениҳанд. Ин воқеа дар рӯзи чаҳоршанбеи муродбахш ба вуқӯъ омада будааст ва рӯзи ҷумъаи ҷамоатироз, яъне дар бегоҳи сеи

шаҳодати Бобо Қамбар амиралмӯъминин ба зиёрати оромгоҳи ҳамсангари шикастнопазир ва қавирӯҳи худ меоянд. Бо ҳамин он макони ирамнамо ба қадамгоҳи поки ҳазрати Алӣ ва мазори муқаддасу мутаборикаи мушкилкушо табдил меёбад. Ин макон ҳамин Чилучорчашмаест, ки дар самти ҷанубии ҷумҳуриамон, дар доманаи ҷӯлистони Бешканду паҳлугаҳи кӯҳи Хароба воқеъ гардидааст. Ҳоло дашти Бешканд, ки солҳои охир хеле обод шудааст, ба ҳудуди ноҳияи навбунёди Носири Хусрави ин ҷӯл дохил мешавад. Ва ин Чилучорчашмаи ҷаннатмисол низ ба ҳудуди ҳамин ноҳия шомил мебошад.

Ҳоло дар оромгоҳи Бобо Қамбар мақбарае бунёд ёфтааст, ки акси он дар пули миллии панҷоҳдирама дарҷ гардидааст.

Сокинони ноҳияҳои гирду атроф ва мардумони ноҳияю вилоят ва кишварҳои дуртар ҳам ба ин Чилучорчашмаи муқаддас ниёзу эътиқоди ниҳоят самимӣ доранд. Сокинони ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён ва Носири Хусрав ба нишони эътиқоди фавқулоддаашон Чилучорчашмаро бо навозиш ва муҳаббату самимияти пок «Чашмаҷон» мегӯянд ва ба ин номи муборак қасам ёд мекунанд. Мисли ин ки ба Худои бузургвор, ба нони муқаддас савганд мехӯранд, «Чашмаҷон занад» гӯён ба номи ин макони муборaку муқаддас низ савганд ёд мекунанд.

Доир ба Чилучорчашма аз соли 129-и ҳиҷрӣ дар сашчашмаҳои таърихӣ маълумот пайдо мешаванд. Дар китоби «Сафар ба Қубодиён»-и сайёҳ ва олим Абулқосими Балхӣ дар асри II-и ҳиҷрӣ номи мулки Қубодиён ва табиати он зикр ёфтааст. Аз ин асар возеҳ мегардад, ки мусаннифи китоби фавқ ба мулки Қубодиён сафар доштааст. Муаллиф менигорад, ки «ман аз шаҳри Қубодиён дидан кардам ва ин мадинаро хеле ободон ва пурғулғулаю бошаҳомат ёфтам». Ҳамчунин ӯ зикр намудааст, ки дар ин ҷо масоҷиду мадорис, ҳавзу саройҳои зиёд эъмор гардидаанд. Хосатан дар Қубодиён шахсони олим ва китобдӯст бисёранд. Абулқосими Балхӣ боз сабт намудааст, ки дар қаламрави Қубодиён Чилучорчашма ном мавзее ҳаст, ки обаш шаффофу шифобахш мебошад, дар шохаҳои дарахтонаш паррандагони гуногун ошён гузошта, нағмасароӣ доранд ва дар кӯҳҳои атрофаш оҳую говазн бисёранд.

Муаррих Ибни Ҳавқал дар асри IV-и ҳиҷрӣ ин суханонро тасдиқ намудааст. Олим Ибни Завқӣ низ дар асари худ «Қубодиён» ин гуфтаҳои Абулқосими Балхиро тасдиқ намуда, қайд кардааст, ки ман дар Қубодиён будам ва суханони Абулқосими Балхиро дар амал дидам.

Тибқи маълумоти саёҳатномаи Марко Поло ин сайёҳ ва нависандаи машҳур тақрибан дар охири асри XIII ва аввали асри XIV-и

мелодӣ бо шоҳроҳи абрешим сафар намуда, то ба мулки Қубодиён омада будааст. Ва дар мавзеи Чилучорчашма дар бораи маҷнунбедҳои қариб 500-солаи бо чашмони худ дидааш маълумот додааст. Чи тавре шайхи Чилучорчашма ҳоҷӣ Исмоил ҳикоят мекунад, аз ҳамон маҷнунбедҳои Марко Поло тасвир намуда ду дарахти маҷнунбед то рӯзҳои мо боқӣ мондаанд. Аввали солҳои ҳаштодуми қарни гузашта олимон дар Чилучорчашма тадқиқот бурда, муайян кардаанд, ки синну соли ин ду маҷнунбеди куҳанбунёд аз 1000 сол бештар аст. Мутаассифона, яке аз ин маҷнунбедҳо бо кадом сабабе сӯхтааст ва танаи нимсӯхтаи ин маҷнунбед ҳанӯз побарҷост.

Ҳар касе ки ба Чилучорчашма рафта бошад, албатта, моҳиёни зебои онро дидааст, ки дар оби поку зулол миёни обсабзаҳо ва бе ҳеҷ тарсу бим аз одамон озодона шиноварӣ менамоянд. Дар ин ҷо морҳои бисёр ҳам миёни моҳиён шино мекунанд, аммо ба касе зараре намерасонанд. Солҳои пешин одамон дар Чилучорчашма ду мори калонро ҳам дида будаанд, ки дар вақти муайян аз ғор берун мешудаанд. Шахсоне, ки ин морҳои калонро мушоҳида кардаанд, ҳоло дар қайди ҳаётанд. Аҷибаш он аст, ки морҳо ҳар сол рӯзи 28 апрел аз ғорҳо мебаромадаанд. Гӯё ин рӯзи ҷуфтшавии онҳо будааст. Агар ин морҳо мабодо дигар вақт аз ғорҳои худ берун бароянд, дар деҳоти гирду атроф ҳатманягон воқеаи нохуше рух медодааст. Масалан, бемории вабо меомадааст, ё заминларза ва ё ягон тундбоде ба амал омада, дар фарҷоми ҳар яки ин ҳодисаҳои нохуш талафоти ҷонию хисороти молӣ рӯй медодааст. Ин аҳёнан ба амал меомадааст.

Аслан ин ду мори калон дар ҳамон рӯзи муайяншуда, яъне 28 апрел аз ғорҳо баромада, ба хонаҳои одамони деҳоти атроф мерафтаанд ва дар ягон гӯшаю канори боғоти ҳавлӣ чанд рӯзе буду бош мекардаанд. Албатта, морҳо ба касею чизе зарар намерасондаанд ва одамон ба онҳо асосан ширу ҷуғрот медодаанд. Дар ҳар ҳавлие, ки морҳо қарор гиранд, ҳамон сол дар он ҳавлӣ хайру баракат фаровон гардида, воқеаҳои хурсандибахши зиёде рух медодаанд.

Мардум ҳикоят мекунанд, ки охирин бор соли 1933 ин морҳо аз ғорҳои худ берун баромадаанд, вале дар рӯзи муқаррарӣ не, балки дар вақти дигар берун шуда, гӯё сокинони ин маҳалро аз воқеаи нохуше огоҳ кардаанд. Одамон аз ин беруншавии бановақти морон фоли нек намегиранд ва дар хавф мешаванд. Ва дар ҳақиқат ба деҳоти атроф воқеаи нохуше меояду дар як шаб 113 нафар мардон бо моддаи 58, қисми III, яъне ҳамчун душманони халқ ба ҳабс гирифта мешаванд ва дигар дараки онҳоро ҳеҷ касе намеёбад.

Баъди ин воқеаи шум морҳо дигар аз ғорҳои худ берун набаро-

мададанд ва ягон шайхи мазори Чилучорчашма нишонаи онҳоро надидааст.

Пайдоиши Чилучорчашма мӯъҷизавӣ намояд ҳам, албатта он асоси илмӣ дорад. Барои он ки хонанда маълумоте пайдо бикунад, як сайри мухтасаре менамоем.

Ҳақиқатан ҳам пайдоиши Чилучорчашма хеле аҷиб аст, яке аз мӯъҷизаҳои табиат ҳисоб мешавад. Дар байни мутахассисон доир ба пайдоиши ин нигини нодиракории табиат борҳо баҳсу муҳокимаронӣ ба амал омадааст. Олимону мутахассисон дар водии Бешканд бисёр тадқиқоти геологӣ гузаронида, вале ин мавзеъ ягон бор ҳам дар собиқ аз тариқи гидрогеологӣ хаматарафа санҷида нашудааст. Баъзе геологҳо аз ҷиҳати минералӣ ҳамтаркиб будани оби дарёи Кофарниҳон ва Чилучорчашмаро ишора кардаанд. Олим З.В. Белская ҳанӯз дар солҳои пеш аз Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба воситаи ранг алоқаю пайвандии гидравликии дарёи Кофарниҳон ва Чилучорчашмаро муайян намудааст.

Тадқиқоти Белскаяро аввалин шуда геофизикҳо тасдиқ кардаанд. Сипас чоҳҳои тадқиқотӣ комилан возеҳ сохтаанд, ки дар самти ғарбии кӯҳи Хароба маҷрои калони зеризаминӣ ҷорӣ мешавад.

Табиат дар ин ҷо мӯъҷизае ангехтааст: дар минтақаи ҷудошавии кӯҳи Хароба ковокии зеризаминие пайдо гардидааст, ки деворҳои он аз гаҷу оҳаксанг иборатанд. Маҷрои зеризаминӣ, ки аз рӯди Кофарниҳон ҷорӣ мегардад, ба ҳамин ковокӣ дохил шуда, пас аз чанд фарсахи ҷорӣ шудан як қисми он бисёр маводу маъданҳоро шуста, дар шакли Чилучорчашма ба берун фаввора задааст. Воқеан ҳам дар дили чӯлистони тафсон фаввора задани чунин чашмаҳо мӯъҷизаи ҳақиқии табиат мебошад.

Мувофиқи тадқиқоти геологӣ ва ҳафриёти бостоншиносон водии Бешканд, чи тавре ки мо онро якчанд сол қабл медидем, ҳамеша дар шакли биёбон намондааст.

Дар замонҳои пешин дараҷаи обҳои зеризаминӣ хеле баланд будааст. Бинобар ин дар водӣ кӯлҳои зиёде вуҷуд доштаанд ва он диёри хурраме будааст. Сипас қудрати дарёи зеризаминӣ суст мешавад ва кӯлҳо яке пайи дигар хушк мегарданд. Ба ҳамин васила макони боғу киштзор ба чӯлистони тафсон мубаддал мешавад...

Як замонҳо ободу серодам будани водии Бешканд аз ҳамин низ маълум мегардад, ки вақти ҳамвор кардани замин аз дами бели механизмҳо ҳар гуна сафолпораҳо, зарфҳо, асбобҳои сангӣ мебароянд. Вайронаҳои манзилгоҳҳои қадима, қабристонҳои кӯҳна падид меоянд. Асосан ин бозёфтҳо дар самти ғарбии водӣ, дар доманаи Туюнтоғ ба назар мерасанд.

Бостоншиносон муайян намудаанд, ки дар водии Бешканд

шаҳраку деҳаҳои мардумнишин дар асрҳои аввали давраи мо сохта шудаанд. Дар онҳо одамоне мезистанд, ки аз гӯшаҳои гуногуни давлати Кӯшониён омада будаанд. Дар ин давра давлати Кӯшониён ба авҷи олии тараққиёти худ расидааст. Онҳо асосан бо кишоварзӣ машғул мешудаанд. Дар назди деҳаҳои қадимӣ киштзорон ба назар мерасиданд. Одамони бостонӣ зироати гуногун, хусусан гандуму нахуд мекиштанд.

Барои обёрӣ аз оби софу зулоли Чилучорчашма истифода мешудааст. Оби Чилучорчашма бо ду канал – шимолӣ ва ҷанубӣ ба киштзорон ҷорӣ мегардид. Дар он мавзее, ки канал ба ду шохоб ҷудо мешуд, қалъаи хурд, вале мустаҳкаме воқеъ будааст. Дар ин қалъа сарбозон ҷой гирифта, ба каналҳо бо як мизон ҷорӣ шудани обро назорат менамудаанд.

Вале об ба водӣ кифоят намекард. Сохтмони корези бошандагони бостонии Бешканд ҳам, чи тавре ки маълум аст, ба муваффақият ноил нагардидааст.

Сокинони Бешканд бо ҳунари кулолӣ ва тиҷорат низ машғул шудаанд.

Тақрибан дар асри панҷум ҳаёт дар ин деҳоту шаҳракҳо якбора қатъ гардидааст. Мувофиқи мушоҳидаҳои мутахассисон дар водӣ сӯхтори калоне ба амал омадааст, ки он бар асари ҷанги шадид рӯй додааст. Зеро асбобу анҷоми қобили истифодаи рӯзгор дар ҷойҳои худ партофта шудаанд. Шояд ин дар замоне рух додааст, ки давлати бузурги Кӯшониён завол ёфта буд, шоҳаншоҳие, ки панҷсад сол вуҷуд дошт...

Дашти Бешканд дар замони мо бо қудрати дӯстии халқҳо ба баҳори ҳақиқии худ расид. Ин баҳори он ҷовидонист...

Аз давраҳои мозӣ дар Чилучорчашма шайхон, ба ибораи мардуми маҳал «шехон» мезистаанд, ки ба гирифтани назру ниёзи мазори муқаддаси ин макон мувофиқи шаҷара ҳақдор будаанд. Тавре ки маълум аст, ин назру ниёзҳои мазор аз тарафи зиёраткунандагон оварда мешуданд.

Қиссаи пайдоиши шаҷара ё насабномаи шайхони Чилучорчашма ҳам хеле дуру дароз ва басо аҷоибу ибратбахш аст...

Дар замони ҳукмронии яке аз халифаҳо, ки он вақт дини мубини ислом дар Осиёи Миёна мустаҳкам гардида буд, танзими хироҷсупорӣ аз тарафи Бухорои Шариф як муддат гӯё халалпазир мегардад. Халифа барои таҳқиқи ин масъала қарор мекунад, ки чор нафар намояндаи олирутбаи худро ба тарафи қаламрави Бухоро бифиристад. Ҳамроҳи онҳо чор оилаи қавми муборак бо мақсади таблиғу ташреҳи ҳадиси шариф ва дигар аркони дини мубини ислом низ ба ҷониби мамлакати Бухоро роҳӣ мешаванд. Фиристода-

гони халифа бо роҳи Балху Тирмиз омада, вориди воҳаи Қубодиён мешаванду мазори Чилучорчашмаро зиёрат намуда, сипас ба Бухоро меравэнд. Дар Бухоро онҳо бо таҳқиқ муайян мекунанд, ки боҷу хироҷи ҷамъ гардида, бо роҳи Хонободу Кобул ба сӯи минтақаи Лоҳур роҳӣ гардидааст. Яъне аз он ҷо бояд ба хазинаи халифа фиристода шавад.

Намояндагони халифа пас аз анҷоми амру фармонҳо дар роҳи бозгашт боз ба Чилучорчашмаи ҷаннатмакон меоянд ва расми зиёрату ниёзро анҷом медиҳанд. Онҳо ба ҳамин тартиб якчанд рӯз дар соҳили Чашмаҷон истироҳат менамоянд.

Сипас яке аз маъмурини олирутбаи халифа ба ҳамон чор оилаи зоти пок муроҷиат мекунад:

– Шумо дар роҳи мустаҳкам намудани дини мубини ислом хизматҳои арзанда кардаед. Биноан бо мувофиқа ва ҳидояти халифаи бузургвор назру ниёзи қадамҷои муборак ва мазори мутаҳҳари Чилучорчашмаро ба ихтиёри шумо месупорам. Аъзои он чор оилаи солеҳ бе ҳеч чуну чаро ангушти қабул бар дида мегузоранд.

Бо амри фиристодагони халифа дар чарми аз пӯсти барзагов таҳияшуда шаҷараи он чор поя, яъне чор оилаи шайхони Чилучорчашма сабт гашта, бо мӯҳру имзоҳо ба дасти онҳо супорида мешавад ва ин воқеа дар вақти гузордани намози ҷумъа маълуми тамоми бародарони аҳли ислом мегардад.

Бояд шарҳ диҳем, ки «шаҷара калимаи арабӣ буда, маънояш «дарахт» аст, яъне дарахти умри одамист ва решаи онро муайян мекунад, ки аз кадом зот баромадааст. Шаҷараро насабнома ҳам мегӯянд.

Он шаҷара, ки ба мизони имрӯза тақрибан чил кило вазн дошта, варақҳои зиёдаш аз пӯсти барзагов даббоғӣ шуда, дигараш аз коғази холиси абрешимии самарқандӣ шерозабандӣ гардида, бараш се ваҷаб ва баландиаш аз як ваҷаб бештар меомад, таҳия мешавад.

Шахси давлатманди маҳаллӣ бо иҷозати шайхон ба маблағи худ дар Чилучорчашма масҷиде сохтанӣ мешавад. Тибқи ривоят ин мард ба кишварҳои дур сафар намуда, ҳафт ҳазор сар гӯсфанд мехарад ва ба ҳар гӯсфанд ду дона хишти пухтаи чоркунҷа баста, ба ҳамин васила ба ватанаш чордаҳ ҳазор дона хишт меорад. Аз ин миқдор хишт дар рӯи пойдевори сангин ба масоҳати бисту панҷ газ бар понздаҳ газ масҷиде бино мегардад. Устоҳои моҳири наҷҷор масҷиди мустаҳкаме сохта, дар сутуни асосиаш, ки аз чӯби чинор тарошида шуда буд, «санаи 136»-ро ба ҳуруфи зебои хеш нақш мебандад. Ин рақам, албатта, ҳиҷрӣ буда, агар онро ба мелодӣ гардонем, соли ҳафтсаду панҷоҳу се ё ҳафтсаду панҷоҳу

чор ҳосил мешавад, ки хеле қадимисохт будани масҷидро далолат медиҳад.

Дар ҳамин сутун даруни саночи махсус шаҷараи шайхони аслзода солҳои дароз овезон меистод. Шайхон рӯзе панҷ бор ба хонаи Худо ворид гашта, намоз мегузориданду саночи овезонро дида, назру ниёзро дилпурона ҷамъоварӣ менамуданд.

Масҷиди Чилучорчашма то солҳои шастуми қарни гузашта ободу зебо буда, бародарони аҳли ислом вақти намоз ба маблағгузору бинокорони он салавоту дуои хайр мефиристоданд.

Вале афсӯс, ки ин масҷиди таърихӣ ва хеле куҳансохт пас аз дарҷ гардидани як мақолаи атеистӣ дар рӯзномаи марказии «Известия» ба хоку туроб табдил дода шуд.

Дар шаҷара ё насабномаи он чор оилаи шайхони Чилучорчашма зикр гардида буд, ки ҷадди онҳо ба зоти пок пайванд аст. Бо ҳамин собит мегардад, ки шайхони Чилучорчашма ба хонадони асил пайвандӣ доранд, яъне – онҳо эшон ҳастанд. Ин шайхон, эшонҳоро мутавалӣ ҳам меноманд, яъне мутавалии Чашмаҷони шариф.

Ҳамон вақт қарор дода шуда буд, ки шайхони асилзода дар соҳили рости Чашмаҷон хонаҳои худро бисозанд. Дар соҳили чап бошад, ҷою макони тоифаи хизматгорон ва ҷорӯбкашони ин даргоҳи муборак воқеъ гардида буд.

Ҳар он шайх ё мутавалии Чашмаҷон агар ҳам аз тарафи падар ва ҳам аз тарафи модар ба яке аз ин пояҳо пайванди хешӣ дошта бошад, шайхи ҳақиқӣ ё асилзодаи ин макони муқаддас, яъне зодаи ду поя ҳисоб мешавад.

Шайхи ҳозираи Чилучорчашма мулло ҳоҷӣ Абдураҳими Асомиддинзода мегӯяд, ки модараш ба яке аз ин поя ва модари падараш ба пояи дигари ин шайхон – мутавалиён мансуб будаанд.

– Шаҷараи хонадони мо ба ҳамин силсила тартиб ёфтааст, – ҳикоя мекунад шайхи Чашмаҷон ҳоҷӣ Абдураҳим. – Мулло Асомиддин, мулло Юлдош, мулло Бобобек, Абдураҳим – тӯқсабо, Мирҷаъфарбек, Олимназарбек, мулло Сафар, Мирзокарим-тӯқсабо...

Дар замони зиндагии бобокалонам Олимназарбек, – ба нақли худ идома медиҳад шайх ҳоҷӣ Абдураҳим, – тақрибан ду саду шаст – ду саду ҳаштод сол муқаддам дар Чилучорчашма воқеаи ғароибе рӯй дода будааст. Инро солҳои панҷоҳум ба ман бобои модариам Ёрназар эшон, ки он вақт як саду шонздаҳсола буданд, ҳикоя кардаанд, (ҳоло писари он кас бобоям Бекназари ҳаштоду панҷсола дар қайди ҳаётанд).

Ҳамон вақт бобоям Ёрназар эшон ба ман гуфта буданд, ки ин қиссаро аз бобои дигари падариам Мирҷаъфарбек шунидаанд.

Мирҷаъфарбек як саду сию шаш сол умр дида будаанд.

Бобоям Ёрназар-эшон зимни ҳикояти худ ба даҳони ман туф карданду таъкид намуданд: бачам, нақли маро ягон сад сол бо худ гирифта гарду ба одамон ҳикоя бикун. Зеро аксари намояндагони аҷдоди мо аз сад сол камтар умр надидаанд.

Бале, дар ин диёри куҳан чунин расму таомули қадимӣ ҳаст: бобоҳои дарозумр одатан ба даҳони набераҳои худ туф мекунанду мегӯянд: Худо ба ту умри маро диҳад, яъне умрат дароз бодо!

Инак, он қисса:

Яке аз сармоядорони бузурги Қубодиён Муҳаммадсолеҳ бо сарварии Муҳаммадюсуфи корвонбошӣ моли фаровони худро, ки иборат аз пахта, пӯст, абрешим ва асал будааст, ба тиҷорат фиристоданӣ мешавад. Корвони ӯ хеле калон будааст, бо хизматгорон ҳафтоду ҳафт нафарро ташкил медодааст. Мулло Сафар ном шахс ёвари корвонбошӣ ва Тоҳир ном марди ҷасур ба бисту як нафар сипоҳиён саркарда будааст.

Корвони тиҷоратии Муҳаммадсолеҳ ба мулки Чин меравад, пас аз тиҷорати бомуваффақият ба кишвари афсонавии Ҳинд меояд, аз он ҷо ба давлати ҳамсояи Афғонистон расида, дар шаҳрҳои Ҷалолобод, Қандаҳор, Ҳирот, Балх, Мазори Шариф, Самангон, Тошқӯрғон тиҷоратро ривоҷ медиҳад. Сонӣ барои бозгашт ба Ватан тайёрӣ дида, корҳои заруриро ба анҷом мерасонад. Молҳои боқимондаро тиҷорат менамояд, ба зарурати ҳамдиёрон амволи фаровоне харидорӣ мекунад. Ва бо роҳи шаҳраки Калдор ба тарафи Каҷгузар ҳаракат менамояд, то аз дарёи Аму ба хоки Қубодиён убур созад. Бадбахтона дар наздикии шаҳраки Калдор, ки корвониён бо хотири ҷамъ фароғат доштанд, тӯдаи дуздону ҳаромиён ҳамлавар шуда, ду нафар сарбозони муҳофизро мекушанду дигар ҳамаи аҳли корвонро асир мегиранд ва тамоми молу маноли тоҷиронро мусодира менамоянд.

Лекин дар ин миён саркардаи сарбозони муҳофизи қубодиёнӣ Тоҳир, ки ҷавонмарди хеле чолоку зӯрманде буд, сар аз ҳалқаи дуздон раҳо дода, бо роҳҳои душворгузар худро ба лаби дарёи Аму мерасонад ва бо сад азоб ба соҳили ватан меояд. Ва аз қазия соҳиби мол Муҳаммадсолеҳро огоҳ месозад...

Вақте ки дуздон аҳли корвонро асир карда, ба тарафи нишемангоҳи худ меронанд, то моли ғанимат гирифтаро байни худ тақсим намоянду одамонро дар бозори ғуломон бифурӯшанд, Муҳаммадюсуфи корвонбошӣ ва ёвари ӯ мулло Сафар ба Худои мутаол илтиҷо менамоянд: поко, парвардигоро, агар моро аз чанголи хунолудаи ин дуздон халос кунӣ, чоряки молу мулки ин

қофиларо ба шайхони порсоманиши ҳазрати Чилучорчашма садақа мекунем, ё кирдигоро...

Ва яздони пок оҳи дили дардманди корвониёнро мешунавад...

Иттифоқан аз ин миён нерӯи аскарияи ҳукумати Афғонистон мегузарад ва duздонро ба куллӣ бандӣ карда, корвониёни кишвари ҳамсояро озод намуда, молу мулк ва пулу пайсаашонро ба дасташон медиҳад. Як қисми аскари ҳукумати Афғонистон тоҷирони қубодиёниро то ба лаби дарё гусел ҳам мекунад.

Муҳаммадюсуфи корвонбошӣ ҳамсафарони худро ба мавзеи Чорбоғи назди Чилучорчашма оварда, дар ҳамин ҷо барои истироҳат хайма мезанад...

Дар ин вақт Тоҳири саркардаи муҳофизони корвон аз ҷумлаи сарбозони Қубодиён дусад нафар лашкари ҷаррори тарроро ҷудо намуда, ба аспони бидави ҷавмаст савор мекунад ва бо озуқаю олуфа ва лавозимоти ҷангӣ ба тарафи Афғонистон ба роҳ мебарояд.

Азбаски соҳиби молу корвон Муҳаммадсолеҳ низ ба Тоҳир ҳамроҳӣ мекард, ӯ маслиҳат медиҳад, ки аввал Чашмаҷонро зиёрат намоянд ва бар ҷисму ҷон қудрату тавоноӣ биёбанду пас ба ҳаракат бароянд. Баъд аз зиёрат онҳо сафарро давом дода, ба мавзеи Чорбоғ мерасанду аксари ёрони худро дар канори офият дида, фараҳу шодмонии зиёде меёбанд.

Пас аз ҳолу аҳволҷӯӣ ва пурсупос Муҳаммадюсуфи корвонбошӣ ба хоҷаи худ Муҳаммадсолеҳи молик арз менамояд:

– Мо бо мулло Сафар аҳд кардем, ки агар худоҷон моро аз панҷаи зулми дуздон наҷот диҳад, чоряки моли корвонро садақаи шайхони Чашмаҷон менамоем.

– Аҳди шумо, аҳди ман аст, – ҷавоб медиҳад Муҳаммадсолеҳ корвонбоширо ба оғӯш кашида, – сиҳату саломат мондани шумо ҳамин худаш бароям давлати калон аст.

Муҳаммадсолеҳ ба муҳосибони худ мефармояд, ки чоряки моли корвонро ҳисоб карда, ба пул гардонанд.

Ҳамон вақт дар Чилучорчашма як саду ҳафтоду чор нафар шайхон зиндагонӣ доштаанд. Чоряки моли ҳадяшуда бар ҳар яке аз шайхони Чашмаҷон ба миқдори даҳ тангаи тилою ду пулӣ мерасад, ки дар он замон ба як тило ҳашт сар гови дӯшоӣ харида мешудааст.

Баъди чанд муддати тақсим карда шудани ин садақа дар байни шайхон ғиреви сахте барангехта мешавад.

Шумораи шайхони Чилучорчашма умуман зиёд набудаанд. Зеро онҳо худро аз авлоди саъидон ё содот ва зоти устухонсафед, яъне эшон ҳисобида, ба касе духтар намедодаанд ва ба ягон қавми

дигар ҳам хонадор намешудаанд. Биноан инкишоф наёфта, ба тӯли асрҳо камшумор мондаанд. Лекин дар байни онҳо ғайришайхон ва ҳатто нимшайху чалашайхон ҳам дохил шуда будаанд. Хизматгороне, ки дар соҳили чапи чашмасор менишастанд, ба тоифаи ғайришайхон шомил буданд. Ононе чалашайхон ҳисоб меёфтанд, ки бо шайхони ҳақиқӣ аз ягон тараф пайванди хешовандии дуре доштанд.

Иллати сар задани ғиреви носозӣ аз он буд, ки пули садақа ба ҳар сари шайху нимшайх, чалашайх ва ҳатто ғайришайх баробар тақсим шуда буд.

Шайхоне, ки ҷанҷол бардоштанд, далел меоварданд, ки шайхони асил соҳиби ду-се ё чор-панҷ фарзанд ҳастанд, зеро шер ҳам, ки шоҳи ҷонварон аст, насли каме дорад. Дар ин атроф нимшайхон, чалашайхон ва ғайришайхон буду бош доранд, ки мӯру малах барин соҳиби ҳашт-даҳ ва ҳатто ёздаҳ-дувоздаҳ ва аз ин ҳам зиёдтар фарзанд мебошанд. Ҳам ба мо, ки аслзодаем, даҳ тилою ду пулӣ расиду ҳам ба онҳо, ки асолаташон маълум нест, то сағиру кабирашон шарики ин пул гардиданд. Ин ҷо куҷо адолату ку ҳақиқат? Азбаски он вақт мири Қубодиён ба беки Ҳисори Шодмон тобеъ буд, шайхон ба ин даргоҳи олӣ шикоят мебаранд.

Дар ин байн тӯдаи ғайришайхони Чилучорчашма бо мақсаде, ки пулро аз даст надиҳанд, шаҷараи шайхонро, ки дар сутуни масҷид овезон буд, медузданд. Шаҷараро ба мавзеи Ёрмирони наздикии деҳаи Сайёд бурда, ба дасти Эшонҷон ном шахс месупоранд, то нигаҳдорӣ кунад. Эшонҷон пири равшанзамири як қисми шайхони Чашмаҷон будааст. Ӯ шахси покниҳод будаасту дасти ҳалоле доштааст, чун дарк менамояд, ки дар ин дуздии шаҷара ягон найранге пинҳон аст, аз нигоҳ доштани ин шаҷара даст мекашаду мегӯяд: «Ман инро саришта карда наметавонам».

Баъдан шаҷара ба ихтиёри як одами пулдӯст мегузарад, то онро пинҳон кунад. Он пулпараст қасд доштааст, ки бар ивази шаҷара аз соҳибону мансубини ин ҳуҷҷати асил пули зиёде биситонад. Ин марди пулдӯст ҳам аз мавзеи Ёрмирон будааст, вале номи вайро ҳеч кас ба забон намебарад. Зеро ӯ сабабгори гум шудани ин санади муҳим, яъне шаҷараи муборак гардидааст. Агар номашро зикр менамуданд, пас касофати вай ба фарзандонаш мерасид ва фарзандон ҷабри падари баднафсро беҳуда мекашиданд ва ин доғи пурнаҳсро асрҳо бардошта мегаштанд.

(Ҳоло ривояте ҳам вуҷуд дорад, ки ин шаҷара аз даст бар даст гузашта, ба кишвари Афғонистон бурда шудааст. Аз рӯи ин ривоят ҳатто тақрибан дар кадом минтақаи он диёр маҳфуз будани он ҳам маълум аст).

...Бо кадом сабабе аз Ҳисори Шодмон намояндаҳо намеоянд, ки ҳаққи шайхони асилро муайян намоянд. Пас аз муддате шайхони Чилучорчашма ба ҳокими Шаҳрисабз ариза мефиристанд. Зеро салоҳияти ҳокими Шаҳрисабз аз салоҳияти беки Ҳисор бештар будааст.

Аз Шаҳрисабз ду нафар вакили ҳоким омада, воқеаро таҳлил менамоянд. Ва дар ҷараёни пурсуҷӯ маълум мегардад, ки шайхон шаҷара ҳам надоштаанд. Пас вакилони ҳокими Шаҳрисабз дар бораи шайхони Чилучорчашма фармон мебароранд, ки онҳо шаҷара надоранд ва умуман шайх ҳам нестанд. Вакилони ҳоким дар поёни мурофиаю муҳокима шайхони аризанависро дар ҳаҷми чил ҳазор тангаи сиккаи сараи зарби Бухорои Шариф ҷарима мебанданд, то ин миқдор пулро дар бадали се сол ҷамъ оварда, ба хазинаи дорус-салтана супоранд.

Шайхони аризабози бандаҳои нафс барои пайдо кардани чил ҳазор танга дар мулку макони Шероботу Бойсун, Чиғатойю Урганҷ, Қошғару Ёрканд, Ҷиззаху Балосоғун ва ғайра мардикорию хизматгорӣ менамоянд. Онҳо ҷаримаро мекананд, вале дар он кишварҳо боз солҳои тӯлонӣ монда, бо ҳар тоифа мардум омезиш меёбанд.

Баъд аз он ки шайхон чил ҳазор тангаи ҷаримаро ба ҳукумати Бухорои Шариф месупоранд, фармони амир содир мегардад, ки Чилучорчашма бо тамоми мансубини сафеду сиёҳ ба ихтиёри Муҳаммадсолеҳ дода шавад, зеро кафили амнияту тартиботу танзимот дар ихтиёри ӯ хоҳад шуд.

Солҳо мегузаранд, ҷудо кардани шайхони аслзода, яъне эшон аз шайхони хасакӣ хеле вазнин мегардад...

То солҳои сиюми қарни гузашта дар соҳили рости Чилучорчашма тақрибан чил оилаи шайхони ҳақиқӣ зиндагӣ меарданд, дар самти чап, чи тавре ки қайд намудем, нимшайхон буду бош доштаанд.

Бояд зикр намоем, ки то ҳамон давра агар ба Чашмаҷон як гӯсфандро ба назру ниёз биёранд, шайхони асосӣ як ҳисса мегирифтанд, барои нимшайх чоряк ҳисса мерасид, чоряк шайхон бошанд аз сиву ду қисм як ҳисса ҳақ мегирифтанд ва бо ҳамин мӯҳри қаноат бар лаб мегузоштанд...

* * *

Аз замонҳои қадим хосияти шифобахшии обҳои Чилучорчашма ба одамон маълум буд. Ба тӯли солиён ба кадом дард даво будани ҳар як силсилаи чашмаҳоро санҷида буданд. Масалан, силсилаи чашмаҳое, ки дар назди зинапояи масҷиди куҳансохт воқеъ шудаанд, бо номи Чашмаи Муин ёд мешавад. Зимнан, солҳои 60-ум

масҷиди куҳанро бо санаи 136-и ҳиҷрии дар сутуни марказиаш сабтёфта вайрон карданду дар ҷои он чойхона-ошхона сохтанд. Ҳоло ин чойхона-ошхона хизмати масҷиди ҷомеъро низ адо менамояд. Сутуни таърихии гаронқимат, ки дар он санаи 136-и ҳиҷрӣ сабт ёфтааст, дар сохтмони чавкандии болои оташдон истифода шуда, як қисми он аз дуд сиёҳ гардидааст. Ҳол он ки ҷойи он бояд осорхона бошад.

Чашмаи Муин аз се чашмаи хурд иборат аст.

Бо ният мӯи кӯдаконро дар назди ҳамин чашма мегиранд ва ё бо ягон ният сари кӯдаконро ба ҳазрати Чашмаҷон ниёз карда, кокул мемонанд. Баъди ба воя расидани ин кӯдаки сараш ба мазор ниёзшуда кокулашро метарошанд. Албатта, дар ин вақт мувофиқи тавоноӣ ягон гӯсфанд, буз ё мурғеро мекушанд. Одатан оилаҳое, ки кӯдакашон ба таври тӯлонӣ бемор мешаванд, чунин расму таомулро ба ҷо меоранд.

Кӯдаконе, ки ба сарашон мӯй намебарояд, пас аз ду-се маротиба ба ин об шустан бар сарашон мӯй мерӯяд.

Дар лаби ин чашмаҳо маҷнунбеде рустааст, ки тақрибан ҳазорсола мебошад. Сайёҳу адиби машҳур Марко Поло маҳз ҳамин маҷнунбедро дидааст. Мутахассисони соҳаҳои ихтиология ва табиатшиносӣ соли як ҳазору нӯҳсаду ҳаштоду ду тадқиқот гузаронда, тақрибан ҳазорсола будани ин бедро муайян намудаанд. Давродаври бед аз ҳафт метр зиёдтар мебарояд, он ҳанӯз ҳам сарсабз буда, ба одамон соя мебахшад, ҳавои атрофро сарду серун мегардонад ва бо решаҳои рангини худ микробҳои обро пок месозад.

...Зимнан бояд қайд намоем, ки сайёҳони қадими Чин ба кишварҳои Осиёи Миёна омада, дар атрофи рӯду наҳрҳо, каналу ҷӯйҳо, толобу ҳавзҳо дарахтони бедро мебинанд ва мегӯянд, ки решаҳои бедҳо ҳамеша обҳоро аз микробҳо тоза менамоянд, биноан мардуми ин сарзамин аз бемориҳои вазнини сирояткунанда эминанд...

...Силсилачашмаи Муин тақрибан сӣ метр ҷорӣ гардида, ба сарҷӯи асосӣ ҳамроҳ мешавад.

Се чашмаи минбаъдаро Чашмаи Хунибинӣ мегӯянд. Тавре ки маълум аст, хунибинӣ яке аз бемориҳои вазнин буда, бар асари он аз бинии кас якбора хун ҷорӣ мешавад ва агар пешгирӣ карда нашавад, хун қатъ нагардида, беморро ба ҳалокат мерасонад. Оби ин чашмаҳо ба ҳамин бемориӣ давобахшанда аст. Бинӣ ва сари беморро ба ин об мешӯянд ва обашро менӯшонанд. Инчунин оби ин чашмаҳоро гарм карда, сару баданро мешӯянд.

Чашмаи Хунибинӣ панҷ метр ҷорӣ гашта, ба Чашмаи Морон ё Чашмаи Хунукзадагон ҳамроҳ мешавад.

Сабаби Чашмаи Морон ном гирифтани ин чашмаҳо (се чашма) ба он ваҷҳ аст, ки гӯё яке аз морҳои калонтарини ин мавзеъ хазида ба ҳамин чашма дохил шуда, нопадид гардидааст. Ҳоло ҳам морҳои Чилучорчашма хобҳои зимистонро дар ҳамин чашмаҳо мегузаронанд. Зеро нисбат ба дигар чашмаҳо пештару бештар гарм мешаванд.

Солҳои сиюм Мирзои Расул ном шахс, ки истиқоматкунандаи ҳамин минтақаҳо будааст, ба Чашмаи Морон дохил мешавад. Ӯ тақрибан ба масофаи бист-сӣ метр дохил гардида, мағораи калонеро мебинад. Мувофиқи ҳикояти вай дар он ғор морҳо ва моҳиёни калон будаанд, баъзе морҳо ва моҳиён мурда бошанд ҳам, аммо вайрон нашудаанд. Ягон хел садое намебаромадааст, ҳама ҷо ором будааст, моҳиёни зинда мурдаҳояшонро мехӯрдаанд...

Чашмаи Морон тақрибан бист метр ҷорӣ шуда, ба Чашмаи Шифо ҳамроҳ мешавад, ки он яке аз чашмаҳои асосӣ ҳисоб меёбад. Зеро оби ин чашмасор хеле бисёр буда, баъди Чашмаи Таъбири Хоб ё Қулфуаллоҳи Аҳад дар ҷои дуюм меистад.

Дар байни ин ду силсилаи чашмаҳо боз ду чашмаи дугона мавҷуд аст, ин дугонаи аввалро Чашмаи Дарди Устохон ва дугонаи дуюмро Чашмаи Табларза ном ниҳодаанд. Аз номҳои муборакӣ ин чашмаҳои поку зулол маълум мешавад, ки ба кадом бемориҳо даво мебахшидаанд...

Акнун руҷӯъ менамоем ба Чашмаи Шифо, ки онро Оби Шифо ё ҳатто баъзеҳо Чашмаи Мурод мегӯянд, аммо инро Чашмаи Мурод гуфтан саҳеҳ нест, зеро Чашмаи Мурод дигар аст.

Дар зери девори қалъаи Бешканд, ки аз Чилучорчашма қариб ним фарсанг ба самти ғарб воқеъст, Чиллачашмае /дар назди қабри Ҳафтдодарон/ мавҷуд аст. Гӯё Чиллачашмаи Бешканд ва Чашмаи Шифои Чилучорчашма бо ғору ковокии зеризаминӣ ба ҳам пайванданд. Мувофиқи ривоят агар шахси бефарзанд аз ғори Чиллачашма дарояд, бо роҳи зеризаминӣ ҳаракат намуда, аз ғори Чашмаи Шифо ба берун мебаромадааст. Пас Худованд ба ӯ фарзанд ато мефармудааст.

Як шахси панҷоҳу чорсола, ки занаш чилу шашсола будааст, ба даст чиҳил дона шамъ гирифта, аз ғори Чиллачашма даромада, ба тарафи Чашмаи Шифо ҳаракат менамояд. Таомул ҳамин тавр будааст, ки зани ӯ ҳам бояд ба пояш кишан баста, бо риёзати зиёд бо роҳи рӯизаминӣ ба сӯи мазори муқаддаси Чашмаҷон раҳсипарӣ мекардааст. Он мард аз субҳидам ба роҳи пуразоб оғоз намуда, бо амри Парвардигор гашти пешин аз ғори Чашмаи Шифо берун мебарояд. Занаш бо пойҳои кишандор роҳ танида, ба наздикии

қабристони Чилучорчашма мерасад ва кишан ҳам худ аз худ кушода мешавад.

Баъди сипарӣ гаштани муддате чанд бо лутфи яздони пок дар қади зан умедворие пайдо гардида, дар мӯҳлати мувофиқ писаре таваллуд мегардад. Сипас онҳо духтардор ҳам мешаванд. Ҳоло набераю чабераҳои он зану шавҳари риёзаткаш дар қайди ҳаёт будаанд.

Шояд мувофиқи ҳамин қабил ривоятҳо Чашмаи Шифоро баъзан Чашмаи Мурод ҳам гӯянд.

Унвони чашмаи дигар бо номи Рутубат ё Сардард ва Дафъи Фишори Баланд ёд мешавад. Ба беморони тарбод, фишори баланд даво мебахшад. Бемор сари худро як-ду бор дар он чашма бишӯяд, дарҳол беҳбудие ҳис мекунад.

Чашмаи Нийят. Аз ин чашма духтарон ва занони муродталаб барои кушоиши бахташон санги шикофта ҷустуҷӯ намуда, пас аз ёфтани чунин санг онро ҳамчун тӯмору таъвиз овехта мегарданд.

Чашмаи давои бемории барас. Ин чашма хусусияти аҷибе дорад: ҳар сол аз 11 январ то 29 январ оби он 49 дараҷа гарм мешавад. Баъд аз 8-10 феврал обаш хушк гардида, рӯзҳои 25-28 май боз фаввора мезанад, вале ҳарораташ аз 14,2 дараҷа болотар намешавад. Аз рӯи ривоят обҳои шифобахши ин чашма бемории бараси дар байни мардум ривоҷёфтаро муолиҷа мекардааст. Вале аз чӣ бошад, ки ин чашма солҳои пеш ба ҳокимони давр маъқул наомадааст ва онро маҳкам намудаанд. Мегӯянд, ки боре яке аз роҳбарони баландмартабаи ноҳияи Шаҳритус дар сари он чашма рост истода, «мудаббирона» роҳбарӣ намудаасту коргарон бо фармони олимақомонаи вай ин чашмаи ҷӯшони давобахшро бо сементу сангу сихҳои оҳанин пӯшидаанд. Ҳоло ин чашма кушода шудааст ва дар хизмати мардум аст.

Чашмаи Захм. Ин чашмаи хеле шифобахш дар миёни чашмаҳо воқеъ буда, аз байни онҳо ҷӯшидаю фаввора зада мебарояд. Занони солхӯрдаи маҳаллаҳои атроф Ҳоҷархолаю Раҷаббибӣ, ки синну солашон қариб ба навад расидааст, дар куҷо воқеъ будани ин чашмаро ба хубӣ медонистаанд. Чашмаи Захм ҷароҳату захмҳои давомноку кӯҳна ва носури бадани инсонро ба куллӣ даво мебахшад. Ин ҳолат борҳо аз таҷриба гузаштааст.

Чашмаи Дилдард иборат аз се чашма буда, ба бемориҳои гуногуни дил таскин мебахшад. Ҳамчунин дар байни ин чашмаи хеле ҷӯшоне воқест, ки бо унвони Чашмаи Мурод ёд мешавад ва обаш аз ҷиҳати фаровонӣ дар ҷои сеюм меистад. Ҳар кӣ аз ин чашма муроде талабад ва ба ҳар муроде, ки дошта бошад, албатта, мерасидааст. Воқеаеро ёдовар мешаванд, ки падари яке аз шахсони

хеле мӯътабари ноҳия пас аз хонадор шудан ёздаҳ сол рӯи фарзандро надида будааст. Дар як соати нек ӯ ба мурод сари зону бар канори ин чашма мениҳад ва ним рӯз бо дастони кушоишталаб менишинад. Бо инояти илоҳӣ ангуштарини сангине ба кафи ҳоҷатхоҳи вай меояд ва дар роҳ кишани пои занаш худ аз худ кушода мешавад. Худованд шахси ба нохуни фарзанд зорбударо фарзанд ато мекунад...

Чашмаи Нийяти фарзанд – ин чашма танҳо барои занон аст.

Сипас Чашмаи Нилуфар меояд, ки онро Чашмаи Ҷигардарду Зардпарвин низ мегӯянд. Пеш аз ҳама аҷоиботи ин чашма дар он аст, ки дар он ягон навъи сабзаю алаф намерӯяд. Дар тамоми дигар чашмаҳо, яъне дар даруни об алафҳои гуногун мерӯянд, аммо андаруни Чашмаи Нилуфар гиёҳе ба назар намерасад, ҳарчанд ки номи зеботарини гулҳоро дорад.

Борҳо ба мушоҳида расидааст, ки ҷигардардон оби ин чашмаро нӯши ҷон карда, фавран таскин ёфтани дарди ҷигарро иқрор шудаанд. Ва ҳам як воқеа вобаста ба хосияти шифобахшии ин чашма: боре ду нафар зан бо шавҳарони худ ба Чашмаҷон омадаанд, ки ба дардашон даво ёбанд. Мувофиқи фармудаи табиб ҳар ду зан ҳам дар ҷигар иллат дошта, дар талхаҳояшон санг мавҷуд будааст. Занон ба муддате даҳ-дувоздаҳ рӯз аз оби чашма гарм карда нӯшидаанд. Дар ин зимн онҳо дар ҷисму ҷони худ сабукие эҳсос менамоянд. Табиб узвҳои дар собиқа бемори ин занонро тавассути рентген мушоҳида намуда, собит месозад, ки аз сангҳои талхаашон заррае ҳам боқӣ намондааст. Сонӣ ҳар яке аз занон гӯсфандеро сар зада, хайру саховат кардаанд.

Чашмаи Камхунӣ, ки баъдан воқеъ гардидааст, хусусан барои занони ҳомила басо шифобахшанда аст.

Дар Чашмаи Касалиҳои Рӯҳӣ шахсони ба бемориҳои рӯҳӣ гирифторшударо табобат менамудаанд. То солҳои шастум ин таҷриба ривоҷ доштааст, ки ин қабил беморонро дар даруни оби чашма ду-се шабонарӯз баста мемондаанд ва бо ҳамин онҳо шифо меёфтаанд.

Чашмаи Қулфуаллоҳи Аҳад, ки бо номи Таъбири Хоб ё Сураи Ихлос низ ёд мешавад, одамонеро, ки шаб дар хобашон метарсанд, ба мудати кӯтоҳ «ту дидию ман надидам» карда илоҷ мебахшад. Ин тоифа беморон дар чашма оббозӣ мекунанд ва аз оби он менӯшанд.

Баъдан Чашмаи Дардигӯш ва Чашмаи Чилла (кӯдакони ба бемории чиллагӣ гирифторро даво мекунад) ҷорӣ мегардад.

Чашмаи Хориш, ки дар вақташ бо амри ҳокимони давр сарпӯш гардида буд, чанде пеш бо ёрии як идда роҳбарони хайриятпеша

кушода шуд, ки ин чашмаи муборак дар паҳлӯи зинаи самти шимолии Чашмаҷон воқеъ гардидааст.

Ҳар пораи санги ин макони муқаддас, хишт ё сутуни чинорини «санаи 136»-и ҳиҷридор, ки баъди вайрон карда шудани масҷиди аз чордаҳ ҳазор хишти пухта бунёдёфта боқӣ мондааст, ҳамин навъ ривояте, қиссае, таърихе доранд. Ба ҳамин ранг дар хусуси ҳар як дарахти беди куҳан, тут, кундаҳои тобхӯрдаи токи ангур ва ғайра ҳикоятею нақлеро овардан мумкин аст. Ин бедҳо, тутҳо, токҳои печида ба рӯи шохаҳо ва танаҳои худ борҳо ва гарду ғуборҳои асрҳои гузашта, рӯзгори одамони гуногунтоифаро аз он замон то ба даврони мо овардаанд. Онҳо шоҳидони воқеаю ҳодисаҳои мухталиф ҳам ҳастанд, ки тасвираш басо ибратбахш мебошад.

Албатта, ҳамаи зиёраткунандагоне, ки ба Чилучорчашма меоянд, беди хушкидаи мавзеи Гумсалоҳро (ҷои ҷамъшавии об ва назди кӯпруки оҳанин) дидаанд. Ҳолиё ин бед тамоман хушкида ва фарсуда гардидааст. Понздаҳ-бист сол муқаддам аз болои шохаҳои сарсабзи ин беди куҳан ҷавонон вақти оббозӣ худро ба оби шаффофи шифобахш сарозер мепартофтанд. Обҳои Чилучорчашма дар як рӯд ҷамъ гашта, мавҷзанон ҷорӣ шуда, маҳз дар мавзеи Гумсалоҳ ба як паҳноие мерасад. Вақтҳои пешин зиёраткунандагон аспҳо ва шутурони савории худро низ дар ҳамин ҷо оббозӣ мекунондаанд, то ки на танҳо худашон, балки сутурҳояшон ҳам аз ин обҳои дармонбахш саломатии комиле биёбанду солҳои тӯлонӣ хизмати беминнаташонро ба ҷо оваранд... Хусусан дар фасли гармои тобистон ва ҳангоми чорсайрҳои айёми идҳои шарифи рамазону қурбон ин мавзеъ хеле серодам мешавад.

Тақрибан сесаду панҷоҳ сол пеш аз ин домулло Азиз ном шайхи Чилучорчашма маҳз дар ҳамин мавзеи серодам ба шонаи худ сангу хок кашонда, ҷазирачаи маснӯъӣ бунёд кардааст. Аз авлод ба авлод, аз насл ба насл нақл намудаанд, ки домулло Азиз тамоми ин корҳоро танҳо ба дастону панҷаҳои худаш сурати амал бахшидааст, то ки тамоми савобу самараи нишонидану сабзонидани бед ба худаш тааллуқ дошта бошад. Домулло Азизи шайх бо умеде агар ягон кас дар сояи ин бед таҳорати хешро ба ҷо орад ва ё истироҳат намояд, «иншоаллоҳ савобаш ба ман мерасад», гӯён то сабзидану ба камол расидани ниҳоли дастнишондаи хеш атрофи онро шиғ баста, аз ҳар балою қазо эмин доштааст. Он бед ҳам дар хоки серғизои ҷазирачаи маснӯъии шайх нағз сабзида, ба чор тараф танаю шохаҳои худро ёзонида, солҳои дуру дароз ба одамон сояи серуне бахшидааст. Ёдаш ба хайр, домулло Азизи шайхи аслзодаро, ки чунин кори савоберо анҷом додааст. Ҳазорон бор ёдашон ба хайр бод, он одамони наҷиби покниҳодеро, ки дар зиндагӣ даста-

шон сабз асту доимо аз пайи фарҷом бахшидани амали хайр ҳастанд ва дар сафҳаи офоқ аз худ номи нек боқӣ мегузоранд.

Солҳо сипарӣ гардиданд, аз чор тарафи чӯлистони Бешканд дар тобистон тафбоди ҷонкоҳ вазон мешуду дар зимистон тундбоди барфолуди сард. «Биноҳои обод гардад хароб, зи борону аз тобиши офтоб» гуфтааст Фирдавсии бузург. Беди домулло Азиз ҳам ба ин фишорҳои табиӣ ва ғайритабиӣ тоб наоварда, ба мурури айём судаю пуда гардида, оқибат шоха пайи шоха, ваҷаб пайи ваҷаб хушкидааст. Ҳоло он ба як кундае мубаддал гардидааст, ки гӯё танаю шохаҳояшро бо табар бераҳмона бурида бошанд. Хушбахтона шайхон ва мутавалиёни Чилучорчашма маслиҳат кардаанд, ки дар мағзи беди пуда ниҳоли нави бедеро мешинонанду барои осоишу фароғати мардум онро сабзонида ба камол мерасонанд.

Ба ҳамин васила ин кори нек аз насл ба насл, силсила ба силсила давом мекунад. Амали хайр бувад хайри амал, мегӯянд хирадмандони пешинзамон. Воқеан ҳам басо кори оқилонаю хайрандеше хоҳад буд сабзонидани беди домулло Азиз. Бо ҳамин тадбир беди ин шайхи накӯкор ҷовидонӣ сарсабз мегардаду дасти замонаи тақдирсоз дигар ба он бе таъсир мемонад. Илоҳо, ҷовидонӣ сарсабз бод беди кабудбаргу решасурхи домулло Азиз.

Ҳоло аз авлоди домулло Азиз холаи Марзия ва амаки Мустафо дар қайди ҳаётанд, ки онҳо охирин шайхони покнажоди аз ду поя рӯида мебошанд. Ба ин маънӣ шаҷараи умри домулло Азиз ҳам мисли беди дар ҷазираи мавзеи Гумсалоҳ шинонидааш бардавом хоҳад буд.

Дар лаби Чашмаи Нийят кундатоки пире тоб хӯрдаю панҷа зада бар шонаи пуштакӯҳ дароз кашидааст. Ин кундаток рӯзгори бисёреро ба сар бурда гӯё мехоҳад, ки бар мазори поки Бобо Қамбари соҳибқирон сари суҷуд пеш оварад. Яке аз мутавалиёни Чилучорчашма бобои Қодир шайх ин токи ангури тоифиро бо умеде шинонида будааст, ки зиёраткунандагон дар лаби чашма нишинанду аз хӯшаҳои шаҳдогини ангур бичашанд ва пас ба хотираи абадии боғбони шодравон дуое бикунанд. Бобои Қодир шайх кайҳо бо ин дунёи фонӣ хайрбод кардааст. Мувофиқи ҳикояти шайх бобо дар айёми бачагӣ падараш талқин намудааст, ки дар лаби Чашмаи Нийят токи ангур ниҳол кунад, то аз вай нишоне монад. Бобои Қодир шайх навад сол умр дида будааст. Пас тахмин кардан мумкин аст, ки умри ин токи ангури тоифӣ аз сад сол зиёдтар аст. Солҳои пеш ин ток бе нигоҳубин монда, қариб ба хушкидан расида буд. Кормандони имрӯзаи ин макони муқаддас дору дарахтони мевадору бемеваро зери назорату нигоҳубини махсус гирифта истодаанд. Ҳоло токи пири ангури тоифие, ки худораҳматӣ Қодир

шайх ибни Бобокалон шайх ибни Муҳаммадсиддиқхони мутавалӣ шинонида буд, боз аз нав нашъунамо карда, коми зиёраткунандагонро бо меваҳои худ ширин хоҳад намуд.

Тути дастниҳоли мулло Набӣ шайх ҳам хеле пир буда, беш аз сад сол умр дидааст. Бошандагони солхӯрда мегӯянд, ки солҳои сиюм ҳам ин тут хеле бузургу пир будааст. Одамон ҳоло низ меваҳои шакарини онро мечашанд. Мувофиқи қайду забти санадҳо падари мулло Набӣ шайх мирзои хеле хушнависи Чилучорчашма будааст, ки дар назди хаттотони моҳир ҳунар омӯхта, дар нигориши ҳафт навъи хати настаълиқ ба дараҷаи устодӣ расидааст.

## НУРИ ҶОВИДОНИ ЗӮЗАНАБ

Аскарон дар як хати рост саф кашидаанд. Дар муоинаи шомгоҳӣ старшинаи рота номи Мироненкоро ба забон меорад. Аскари навхате, ки дар пешраддаи самти рост истодааст, ба ҷои вай ҷавоб медиҳад: Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ Александр Мироненко ҳангоми иҷрои вазифаи башардӯстӣ дар кишвари Афғонистон ҷасорату мардонагӣ нишон дода ҳалок гардидааст...

...Ӯ ҳамагӣ бист сол умр дидааст: аниқтараш бист солу чор моҳ ва даҳ рӯз...Одамизод дар ин умри кӯтоҳ чӣ кореро анҷом дода метавонад: ҳам кори бисёр, ҳам кори андак. Аммо вай дар ҳамин умри кӯтоҳ вазифаи худро ба таври олӣ ба субут расонд!..

Қисми ҳарбие, ки дар он Александр Мироненко хизмат мекард, дар яке аз вилоятҳои Афғонистон вазифаи муҳимеро иҷро менамуд. Ин қисм дар ҳайати қитъаоти маҳдуди артиши шӯравӣ қарзи башардӯстии худро ба ҷо меовард. Дар ин ҷо душманони озодии мардуми афғон бештар ҳамла менамуданд: одамони бегуноҳро мекуштанд, мактабу масҷидҳоро тӯъмаи оташ мекарданд.

Саша ва рафиқони ҳамсангари ӯ ҷабру зулми зархаридони ғосибро ба чашмони худ дидаанд. Боре душманони ҷону моли мардумони осоишта ба деҳа субҳгоҳон тохт оварданд. Ин зумраи хунхор якчанд маротиба ҳамин деҳаро тороҷ карда буд. Баъдтар маълум гардид, ки ин дафъа онҳо қасд доштаанд мактабро оташ зада, ягона муаллимаи ин музофотро қатл намоянд. Барои ҳамин ҳам махсусан вақти дарсхонии саҳарӣ ваҳшиёна ҳамла кардаанд. Душманон бо усулҳои фашистон деҳаро муҳосира карда, касеро аз ҳудуди он берун баромадан намемонанд. Ба мактаб омада муаллимаро, ки ба шогирдони худ савод меомӯхт, дар ин деҳаи дур аз марказҳои фарҳангу маърифат машъалаи рӯшноӣ меафрӯхт, ба саҳни мактаб ҳай мекунанд. Сонӣ ӯро дар пеши назари шогирдон,

ки мисли гунҷишкони аз ҳамлаи шағолон хӯсида буданд, ба сурати ваҳшиёна бо шамшер қалам-қалам мекунанд. Пас аз чанд лаҳза бинои мактаб бо асбобу анҷоми хониш аз дасти душманон дармегирад ва дар болои деҳа сутунҳои дуди сиёҳ печида ба осмон мебароянд.

Аскарони қисми Саша дар назди деҳаи ҳамсоя мавқеъ доштанд. Аз ин дуди сиёҳ торочгарию сиёҳкориҳои душманон маълум гардид ва аскарони шӯравӣ ба имдоди мардуми бечора шитофтанд. Вале дер шуда буд, душманон ба сӯи мағораҳои худ хазида, ин дафъа аз назарҳо ғайб задаанд.

Саша ва ҳамсолони ӯ то ҳол чунин манзараҳои мудҳишро фақат дар кинофилмҳои воқеоти Ҷанги Бузурги Ватанӣ дида буданд. Акнун сурати ҳақиқии ин манзараҳои даҳшатангезро бо чашмони худ медиданд.

Баъди се рӯзи сӯхтори мактаб хабар расид, ки ғоратгарони хунмасти хориҷӣ боз ҳамла мекунанд. Аскарон фармон гирифтанд: пеши роҳи душман баста шавад, то деҳқонон бар замин тухми амал кишт кунанд, тифлакон оромона хондану навиштан биёмӯзанд, яъне ҳаёти муқаррарии мардум давом биёбад.

Як даста аскарон дар ақибгоҳи душман амал мекард. Душман, ки миқдоран зиёд буд, роҳро бурида, ба онҳо имкон намедод, бо қувваи асосӣ ҳамроҳ шаванд. Вақте ки муҳориба ба вуқӯъ омад, дар дақиқаи аввалин аскари часур Александр Мироненко қариб даҳ нафар душманро бар хок яксон намуд.

Бо супориши фармондеҳ гурӯҳи сенафараи аскарон мавқеъ гирифта, барои ба қувваи асосӣ ҳамроҳ шудани онҳо ақибгоҳро дифоъ мекарданд. Роҳбари ин гурӯҳ сержанти калон Александр Мироненко буд.

Ду рафиқи ҳампаҳлӯи Александр Мироненко – Николай Задворный ва Николай Сергеев низ моҳирона меҷангиданд. Тӯдаи ҳамлавари хасмро бо оташ пешвоз мегирифтанд. Душман дам фурӯ баста, ба пушти харсангҳо мехазиду боз аз нав чун мӯру малах дармеафтод. Мироненко ба лаҳзае вазъиятро саҳеҳ таҳлил намуда, ба ҳамсилоҳони худ фармуд, ки хатти мудофиаи давродаврӣ кашанд. Ва ҳамин тавр онҳо ба душман муқовимат нишон медоданд.

Душманон бори дигар ба ҳамла гузаштанд. Вале сангари сенафараи аскарон қалъаи мустаҳкаме буду онҳо як қадам наздиктар омадан ҳам наметавонистанд.

Ҷанг ба ҳамин шиддат давом мекард.

Онҳо ҳамагӣ се нафар буданд, вале қувваи душман даҳҳо маротиба афзунтар меомад. Аскарони шуҷоъ исбот карданд, ки бо маҳорати ҳарбӣ ва шуҷоату далерӣ ҷангида, ба қувваи зиёди душ-

ман ҳам талафоти сахт овардан мумкин аст. Душман аз ин девонавор хашмгин шуда, пай дар пай ҳамлавар мегардид, ки сарбозони шӯравиро асир бигирад. Аммо Мироненко ва рафиқони ӯ пайваста маҳорати ҳарбиро ба кор мебурданд.

– Тирҳоро эҳтиёт кунед, – амр дод сержанти калон, – кӣ медонад, эҳтимол задухӯрд кашол биёбад.

Бинобар ин аскарон тирҳоро сарфакорона мепаронданд. Ҳамин ки аз паҳлӯи санге сари хасм намудор гардад, садои тири онҳо шунида мешуд. Баъд аз ҳар навбати тирандозӣ оҳу воҳи душман баланд мегардид. Маълум буд, ки тирҳои сарбозон хато намераванд.

Душманон боз девонатар мешуданд ва кадом як иборахои номафҳумро такрор меарданд. Мироненко ғазаби адӯро аз бетартибона тирандозии он ҳис мекард. Душманон чунон тир меборианд, ки гӯё шӯравиён дар ҳалқаи оташ монда бошанд.

– Ба гапам гӯш кунед, – гуфт Мироненко ба рафиқони ҳамсангари худ. – Бо навбат ба қафо меравем, мавқеи он минтақа беҳтар аст. Якдигарро ба оташи худ аз тири душман ҳимоя менамоем. Аввал шумо равед. Ба пеш!

Задворный ва Сергеев аз пушти сангҳо хазида баромаданду ба ҷониби мавзеи муайяншуда гаваккашон ҳаракат намуданд. Мироненко бошад, дар ин дам сангтӯдаҳои пешро оташборон намуда, душманони манҳусро сар бардоштан намемонд.

Пас аз ду-се дақиқа Мироненко аз ақиб садои автоматҳои дӯстонашро шунида, хурсанд гардид: яъне онҳо мавқеи навро ба саломат ишғол намудаанд. Ва ҳоло онон ба фармондеҳашон роҳ мекушоянд. Саша ҳам ба мавқеи нав расид, аз ин ҷо бори дуюм бо ракетка ба ҳамсилоҳони рота сигнал дод. «Агар сигнали якумро бо тасодуфе надида бошанд, сигнали дуюмро ҳатман мебинанд» аз дил гузаронд Мироненко.

Тирандозии тарафайн боз аз нав шиддат гирифт. Мироненко ва ҳамсангарони ӯ чандин тирдонро холӣ карда буданд.

Десантчиён акнун вазифаи дигари ҷангиро анҷом медоданд. Онон қатъиян бовар доштанд, ки дар рота сигналашонро фаҳмидаанд. Пас аз чанде ҳамсилоҳони онҳо ба кӯмак меоянд. Мироненко бо рафиқони ҳампаҳлӯи худ салоҳ дид, ки диққати душманро бо оташкушоӣ ҷалб намоянд. Ва бо ҳамин душман андармон шаваду дар ин вақт рота имкон ёфта, ба дастаи ғоратгарон аз қафо ва паҳлӯ зарбаи марговар занад. Гурӯҳи сенафараи десантчиён алҳол ба иҷрои ин амалиёти ҳарбӣ муваффақ мешуд.

Фармондеҳон ба аскарони навхонда дар машқгоҳ таълим медоданд, ки дар илми ҳарб аз ҷанги мавзеи кӯҳсор дида чизи мураккабтаре нест. Мураккабӣ дар он аст, ки санг аз дур комилан ба

одам монанд шуданаш мумкин аст ва баръакс одами мавқеи хуб ишғол карда ҳам ба санг табдил ёфта метавонад.

Саша инро дар муҳориба амалан санҷид. Ва ҳар гоҳ ки душман аз пушти санг мехазид, аз силоҳи худ оташ мекушод. Ҳамсангарони ӯ низ мерган буданд, ҳоло мувофиқи амри фармондеҳ ҳар як донаи тирро эҳтиёткорона истифода мекарданд, сарфа менамуданд.

Саша кӯлбори аскариашро аз тир пур карда буд. Гӯё дилаш аз чунин муҳориба гувоҳӣ медод. Ва ҳамсангарон гоҳ – гоҳ хам шуда тирдони автоматашонро пур мекарданду боз ба душман оташ мефишонданд.

Вале қувва нобаробар буд. Тири зархаридони хориҷӣ ногаҳон яке аз сарбозонро ҳалок кард. Ин Коля Задворный буд. Ҳалокати рафиқи ҷонӣ қаҳру ғазаби шуҷоатмандонро нисбат ба душман боз пурзӯртар намуд. Онҳо барои рафиқи ҳалокгардидаи худ интиқом мегирифтанд. Дар ҳамин лаҳза сарбози дигар низ кушта шуд. Сержанти калони гвардия Александр Мироненко дар сангар танҳо монд. Ӯ сахт захмӣ шуда бошад ҳам, автоматро аз даст раҳо намедод, меҷангид, ба қувваи зиёди душман муқобилат мекард. Вай дам ба дам аз автоматҳои рафиқонаш ҳам тир андохта, ба ин васила мудофиаи давродавриро давом медод. Тири душман боз ӯро захмӣ кард. Саша бо пайкари хунфишон тамоми қувваашро ҷамъ карда, ҳамлаи душманро мегардонд. Вале тиру гранатаҳо ба охир мерасиданд...

Сипас Мироненко охирин гранатаи Ф 1-ро ба даст гирифта, ҳалқаашро биканду болои дилаш пахш намуд ва бо тахтапушт рӯи замин хобид. Душманони хуношом Сашаро чун ҳалқа муҳосира намуданд. Ин ҳалқа оҳиста – оҳиста тангтар мешуд. Вақте ки онҳо тамоман наздик омаданд, Александр Мироненко дасташро андак боло бардошта, панҷаҳояшро кушод. Граната дар кафи қаҳрамон, болои сандуқи синааш садои баланд бароварда таркид. Дили ҷасури Саша аз задан бозмонду дар гирди вай тӯдаи бисёри беҷони душман афтода, лош гардид. Ҳамин тавр қаҳрамон дар лаҳзаи охирини ҳаёташ ҳам аз ғосибон интиқом ситонд... Қаҳрамони Ватан ҳалок гардид, вале аз ҳамин дам умри дубораи ҷовидони вай шурӯъ шуд...

Дар тавсиянома ба Президиуми Совети Олии СССР барои ба сержанти калони гвардия Мироненко Александр Григоревич додани унвони олии Қаҳрамони Иттифоқи Советӣ /пас аз маргаш/ дақиқаҳои охирини ҳаёти ӯ чунин тасвир ёфтаанд:

«...Мироненко бори дуюм сахт захмӣ шуда, хуни бисёр рехта бошад ҳам, бо оташи автомат ва гранатаҳо душманро нобуд ме-

кард. Вақте ки тирҳояш тамом шуданд, ҷанговари далер гранатаи охирин – Ф1-ро ба даст гирифт ва ҳалқаашро кушод. Душманон бо қасди зинда дастгир намудани сарбози далер ба сӯи ӯ дарафтоданд. Сержанти калон Мироненко баъди наздиктар омадани душманон онҳоро ҳамроҳи худ тарконда, 12 нафар ғосибонро нест кард».

Таркиши охирини дара бо садои автоматҳои аскарони рота даромехт. Десантчиёни шуҷоъ, ҳамон навъе ки Мироненко бо рафиқони ҳамсангараш тахмин карда буд, аз ақибгоҳи душман зарбаи дандоншикан заданд. Александр Мироненко ва рафиқони ӯ вазифаи ҷангии худро то охир ба таври аъло иҷро намуданд. Дастаи ғоратгарон комилан маҳв гардида, парчами озодӣ бар сари деҳаи ҷабрдида парафшон шуд...

* * *

Аскари шуҷоъ Саша Мироненко дар ротаи кашшофӣ ба хизмати аскарӣ оғоз намуда буд. Ин танҳо ротаи кашшофии оддӣ набуда, балки қисми урдуи десанти ҳавоӣ ҳисоб мешуд, ки дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ шӯҳратманд гардидааст. Чунин шараф боиси ифтихор буд ва рӯҳу боли романтикии махсусе мебахшид.

Зимни иҷрои вазифаи башардӯстона аскари ҷавон таҷрибаю малакаи бештаре меандӯхт. Бо ёрии фармондеҳон ва рафиқон мошини зиреҳпӯши десантиро омӯхт, аз аслиҳаи гуногун боз ҳам моҳирона тир андохтанро ёд гирифт. Бисёр ҳамхизматон ба маҳорати ҳарбию варзишии ӯ ҳасад мебурданд. Матонат ва устувории десантчӣ аз тарафи фармондеҳон ба таври шоиста баҳо гирифта, дере нагузашта дар пагонҳои Саша аввал ду рах, сонӣ се рах ва ниҳоят як рахи ғафси сафед пайдо гардид, ки гувоҳи рутбаи сержанти калон гирифтани ӯ буд. Дар сари синааш бошад, нишонҳои шуҷоати аскарӣ – Аълочии Армияи Советӣ, мутахассиси дараҷаи I, «Ҷанговар – спортсмен» дурахшиданд. Ба шаҳри Душанбеи азизаш ҳам чунин ташаккурнома роҳӣ гардид:

«Валентина Гавриловна ва Григорий Степановичи мӯҳтарам!

Фармондеҳони қисм барои тарбияи хуби писаратон, сержанти калони гвардия Мироненко Александр Григоревич ба шумо ташаккур баён менамояд. Дар давраи хизмат ӯ худро ҳамчун ҷанговари меҳнатдӯст ва боинтизом нишон дод... Бовар дорем, ки минбаъд ҳам вай давомдиҳандаи содиқ ва сазовори анъанаҳои қаҳрамононаи ҷангии Қувваҳои Мусаллаҳи Шӯравӣ хоҳад буд. Ба шумо саломатии бардавом ва дар меҳнат ба манфиати Ватани бузурги мо муваффақиятҳои беназир хоҳонем!»

Ӯ дар ин ҷо, дур аз Ватан вазифаи башардӯстии худро адо менамуд. Дар ин диёр ба ҷонишини командири взводи кашф, котиби

созмони ҷавонони рота Александр Мироненко зарур меомад, ки бисёр масъалаҳои мураккаб ва хавфнокро анҷом диҳад.

Саша дар сафи қувваҳои десантӣ хизмат карда, вақти зарурат дандон ба дандон монда фурӯ нишондани дард, дар рӯи барф паймудани фарсаххоро омӯхт. Агар дигар имкон набошад, зери сар кӯлбори аскарӣ мениҳоду ба ғанаб мерафт ва бо ҳамин дам гирифта, иҷрои вазифаашро идома медод. Ӯ ба қадри як ҷуръа обу пораи нон ва ба қадру қимати дӯстию бародарӣ, ёрии ҳамдигарӣ расиданро омӯхт. Вақти хизмат дар шароити душвори кӯҳистон, ки вазъият зуд-зуд тағйир меёфту баъзан таъмини лавозимоти ҳарбӣ ва хӯрокворӣ мушкил мегардид, ӯ дарк намуд, ки имтиҳони асосӣ дар назди кас мутобиқи алифбои муносибати одамӣ пеш меояд. Ҳар як қадам шахсиятро ошкор намуда, рӯҳу дили одамро ҳамчун оина нишон медиҳад. Ин ҳамаро ӯ хуб меомӯхт ва ба тобеон низ ёд медод.

Хизмат дар урдуи десантӣ Сашаро ҳамвора обутоб медод, дарси садоқату вафодорӣ ёд мегирифт. Ӯ ҳамеша ба иҷрои вазифаҳои мушкил ва хатарнок омода буд, бидуни калавиш ва безардагие ба ҳамла мехест... Мироненко ҳамчун роҳбари созмони ҷавонон дар ниҳоди аскарон ба илму маърифат эҳсоси ташнагӣ бедор кардан метавонист. Ҳамзамони мо, аскари солҳои ҳаштодум дар дили ҳамсилоҳони худ он шуҷоату қаҳрамонӣ ва далерию матонату ҷоннисории бобоёну падарони шӯҳратмандамонро, ки бар фашизм ғолиб омадаанд, илқо менамуд.

Ҳоло ба симои Александр Мироненко менигарему андеша менамоем, ки мардонагию шуҷоати ӯ бидуни шак ба корнамоии қаҳрамонони Ҷанги Бузурги Ватанӣ комилан ҳамсангу ҳамвазн аст.

* * *

Ин родмарди Ватан дар рӯи замин ҳамагӣ бист сол умр дидааст. Дар бисту якумин сол риштаи ҳаёти ӯ гусаста шудааст. Пас аз эҳсоси дарду алам худ ба худ савол медиҳем: Александр Григоревич Мироненко пас аз худ дар ин синну сол чӣ меросе боқӣ гузоштааст? Оре, ӯ ба мисли дигар қаҳрамонони шаҳиди Ватан чизи бисёреро боқӣ гузоштааст. Ҳаёти Мироненко чун зӯзанаб – ситораи парон кӯтоҳ бошад ҳам, дар осмони бекарони Ватан ҷовидонӣ нур мефишонад.

Вай ҳаёти худро дар иҷрои қарзи башардӯстона фидо кардааст, ки ин зуҳуроти баландтарини эҳсосҳои инсонпарварӣ ва олиҳимматист. Ӯ бо нархи дилу қимати ҷон ҳаёти дигаронро ҳифз кардааст, ки ин имконияти олии одамизод аст. Симои шуҷоатманд ва баҳодуронаи Саша минбаъд дар хотираи тамоми онҳое, ки вай-

ро медонистанд, ҷовидонӣ нақш мебандад. Номи ӯ, симои ӯро акнун ҳамвора одамони бештаре хоҳанд донист.

Шарҳи ҳоли ӯ ба мисли шарҳи ҳоли садҳо ва ҳазорон ҳамсолонаш мухтасар аст: пас аз хатми синфи ҳаштуми мактаби миёнаи рақами 37-и шаҳри Душанбе дар техникуми сохтмони пойтахт таҳсил кардааст. Чи тавре ки модараш ҳикоят менамояд, рисолаи дипломии худро бо баҳои аъло дифоъ мекунад. Ӯ бо дипломи техникум дар яке аз муассисаҳои сохтмони шаҳр ба кор оғоз карда буд, ки навбати аскариаш фаро расид. Бо аризаи худ десантчӣ шуд.

Зимнан ҳикояти модар басе таъсирбахш ва дуру дароз аст. Зинаҳои роҳи паймудаи қаҳрамонфарзандро модар ҳикоят мекунад. Дили модар гӯё китоби зиндаест, ки дар варақҳои он тамоми ҷузъиёти ҳаёти писараш сабт ёфтаанд. Ҳам рӯзе, ки ӯ дар рӯи замин нахустин қадами мустақилона гузошт, ҳам рӯзе ки аввалин бор «модар» гуфтан омӯхт. Оре, модар ҳамаро дар ёд дорад: субҳи якуми сентябр ба мактаб раҳсипор шудану ба даст гитара гирифта тарона хонданашро... Лаҳзаҳое низ пеш омаданду модар дарёфт, ки дар бораи фарзанди худ на ҳама чизро медонистааст. Дар ҳақиқат ҳаёти фарзанд ҳамчун чашмаяки хурди софу зулол аз дили модар оғоз ёфта, ба ҷӯе табдил меёбад, мехурӯшад ва ба баҳри бузургу беканори одамӣ васл мегардад. Баъд аз ин модар низ дар бораи фарзанди худ на ҳама чизро дониста метавонад, на аз ҳамаи дарду алам, шодию хурсандиаш огоҳ мешавад. Ҳол он ки роздону розгӯи ягонаи ҳар як фард модар аст...

Мо дар хонаи хоксоронаи Мироненко, ки дар кӯчаи Маяковскийи пойтахт воқест, хомӯш нишастаем. Душвор аст ба модар ва падар дар бораи фарзанди ҳалокгардидаашон сухан гуфтан. Мо оҳиста-оҳиста сӯҳбат мекунем. Ва албатта, сӯҳбати мо аз хусуси Саша меравад, Сашаи қаҳрамон, ки бо шуҷоату далериаш дар силки фарзандони ҷовидони Ватан пайвастааст.

– Саша чӣ гуна бачае буд? Хоҳиш дорам аз овони хурдсолии вай ягон чиз нақл намоед, – менигарам ба Валентина Гавриловна, – дар куҷо таваллуд шуда, ба воя расидааст.

– Падари Саша – Григорий Степанович аз Украина, – мегӯяд Валентина Гавриловна.

Дар солҳои ҷанг вай барвақт ятим мондааст. Гришаро аз Украина ба хонаи бачаҳои Душанбе фиристодаанд. Ва ӯ дар ҳамин ҷо ба камол мерасад, касби экскаваторрониро меомӯзад. Ҳоло чандин сол боз дар муассисаи сохтмонии сайёри рақами 9 кор кардан дорад. Бо бели калони мошини пуриқтидораш канал мековад, ба заминҳои ташналаб об медиҳад. Чанде пеш барои кори

хубаш бо медали «Барои меҳнати шуҷоатнок» мукофотонида шудааст.

Валентина Гавриловна дар яке аз беморхонаҳои шаҳр хоҳари шафқат буд. Дар ҳамин ҷо ӯ бо Григорий Степанович шиносо шудааст. Гриша ҷавони хушахлоқ, накӯкор, нармдил буд. Ин марди хоксор ва камгап дар хонаи бачаҳо ба воя расида бошад ҳам, ба папироскашию шаробнӯшӣ одат надоштааст. Бинобар ин дарҳол ба Валентина Гавриловна маъқул шуд. Бо ҳамин экскаваторрону хоҳари шафқат риштаи тақдири ҳамдигарро пайвастанд. Бистуми октябри соли панҷоҳу нӯҳ Саша таваллуд шуд, сонӣ Вадим ба дунё омад. Сашаю Вадим аз падар хислатҳои неки ӯро омӯхтанд...

– Саша аз хурдсолӣ ба варзиш машғул мешуд, – нақл мекунад модар, – шояд ба шарофати варзиш бошад, ки ӯ хушқаду қомат шуда камол ёфт. Дар арафаи ба хизмати аскарӣ рафтан қадаш як метру ҳаштоду се сантиметр буду вазнаш ҳаштоду як кило. Боре дар синфи чор ё панҷ мехонд, ки зери чашмаш доғи кабудеро дидем. «Бо кӣ ҷанг кардӣ, бачам, пеш ба ҳеҷ кас намеҷангидӣ-ку?» хавотир шуда пурсидам. –Очаҷон, хавотир нашав, – ҷавоб дод Саша, ман бо ҳеҷ кас ҷанг накардаам. Фақат дар гурӯҳи боксчиён каме машғулият гузарондам.

Охир чӣ тавр хавотир нашавам, дар зери ҳар ду чашмаш доғҳои кабуд нақш баста буданд.

– Ҳеч боке не, – маро тасаллӣ дод падари Саша, – саломатии писарамон хуб аст, агар маъқул бошад, бигузор бо бокс машғул шавад. Ман бовар дорам, ки вай авбошу ҷангара намешавад, зеро дилаш ҳалиму накӯкор аст, касеро озор намедиҳад.

Дар ҳақиқат Саша ба касе озор намерасонд. Ҳангоми хизмати аскарӣ фармондеҳи отделения буд, сонӣ ҷонишини фармондеҳи взвод таъин шуд. Ӯ ба тобеони худ ҳамчун мураббии ғамхор муносибат мекард, ба онҳо малакаю дониш ва маҳорати ҳарбиашро бо ҳавсалаи том таълим медод.

Саша ҳангоми таҳсил дар мактабу техникум дӯстони зиёд пайдо кард. Бачаҳо ӯро дӯст медоштанд, барои маслиҳат наздаш меомаданд. Баъзан ба утоқи танги Саша ҳамсолони бисёри вай ҷамъ мешуданд. Онҳо сӯҳбат мекарданд, чой менӯшиданд. Сонӣ Саша гитара менавохту сурудеро замзама менамуд, дӯстонаш ба вай ҷӯр мешуданд. Ин сурудҳо бештар дар ситоиши ҷавонӣ, дар васфи Магнитка, кошифони заминҳои навкорам, Шоҳроҳи Байкалу Амур буданд. Рафиқони ӯ Сережа, Лена, Лариса ҳам дар таронахонӣ маҳорати хуб доштанд. Саша баъзан таронаҳои худашро низ тараннум менамуд.

– Вақте ки Саша дар курсҳои як ва дуи техникуми сохтмон ме-

хонд, бо бокс ҷиддан машғул шуд. Ғайр аз машғулияти махсус ҳар субҳгоҳ ӯ барвақт аз хоб хеста, дар варзишгоҳи Фрунзе медавид, оббозӣ ва наҳорӣ карда, сӯмкаи ғафсеро мебардошту пиёда роҳи техникумро пеш мегирифт. Як рӯз шавқам афзуду сӯмкаи ӯро бардоштанӣ шудам, ки хеле вазнин намуд. Дар дохили сӯмка ғайр аз китобу дафтарҳо ду санги варзишгарии ҳашткилоӣ ва ду санги дукилоӣ мавҷуд буданд. Саша ҳайрати маро мушоҳида карда хандон шуд ва гуфт:

– Очаҷон, ин сӯмка барои ту не.

Саша роҳи техникумро ҳам барои машқу варзиш истифода мекардааст. Ин машқу варзиши баданро ҳам барои ғолиб омадан дар бокс, ҳам барои тайёрии хизмат дар урдуи десантӣ анҷом медодаast. Ман инро фаҳмида, ба Саша талқин намудам, ки аз райъаш баргардад. Зеро як вақт ҳамроҳ бо самолёт парвоз намудем, Саша дар роҳ дилбеҳузур шуда, қай карда буд. Десантчиён бошанд, аксаран бо парашют аз осмон ба замин фуруд меоянд. Пас чӣ тавр мешавад?

Не, Саша аз райъаш барнагашт, балки бо варзиш бештар машғул шудан гирифт. Мисли падар папиросу сигарет намекашид, шаробро бошад, ҳаргиз ба даҳан намегирифт, ҳатто пиво наменӯшид. Дар боби шароб як дафъа байни мо гуфтугӯе ба миён омад, ки он ҳеч гоҳ аз ёдам намеравад. Саша дар курсҳои охирини техникум бо духтаре шинос шуд. Ӯро ду-се бор ба хона даъват намуда, барояш суруд мехонд. Ҳамроҳ ба кино мерафтанд. Ман ҳис менамудам, ки Саша ҳамин духтараки малеҳчеҳраро дӯст медорад. Дар дил орзу менамудем, ки тӯйи арӯсии писарамро бубинам, набераҳоямро алла гӯям.

– Очаҷон, агар бибиям, ту ва падарам розӣ бошетон, тӯй мекунем. Лекин мо қатъиян қарор кардем, ки дар тӯямон як қатра ҳам шароб намеорем.

– Пас меҳмонон чӣ менӯшанд?

– Шир, очаҷон, шир!

Чун мушоҳида кардам, ки суханони Саша ҷиддист, «ихтиёрат» гуфтаму мондам. Маълум мешавад, ки рӯҳи солими зиндагии мо дар дили Саша ва маҳбубаи ӯ хеле пеш пайдо шуда будааст. Вале дардову надомато, ки тӯйи арӯсии писаракам барпо нашуд... Сад дареғ, ки ормонам дар дил монд...

Дар курси охирини техникум Саша дар мусобиқаҳои боксчиёни ҷумҳурӣ ғолиб омад. Сипас ӯ дар мусобиқае, ки дар шаҳри Ленинград баргузор шуд, ширкат варзида, аз он ҷо ба хона бо ифтихорнома баргашт. Аз тамошои шаҳри соҳили Нева хусусан таассуроти ғанӣ дарёфта буд. Аз дидани ҷойҳои таърихӣ, киштии «Аврора»,

Қасри Зимистона, Смолный дар дил хотироти нек дошт. Дар Эрмитаж аз маданияту фарҳанги Тоҷикистон як силсила намояҳоро дида, сахт ба ҳаяҷон омада буд. Маълум мешавад, ки вақтҳои фориғ аз мусобиқа дар Ленинград пиёдаю савора гашта, бисёр тамошо кардааст, бисёр чизро донистааст.

Саша дар хизмати аскарӣ ҳам чунин ҷӯянда буд, илму маърифати ҳарбиро устуворона азхуд мекард, дар машқҳо доимо ба баҳои аъло соҳиб мегардид. Тобистон бо ҳамхизматҳои худ дар мавсими ғалладарави киштзорони беканори Қазоқистон иштирок кард. Гувоҳи меҳнати зарбдори ӯст, ки созмони ҷавонони ноҳияи Морозови кишвари Қазоқистон Александр Мироненкоро бо ифтихорнома мукофотонидааст.

* * *

Вақт ҳамчун мурғи тезпарвоз даргузар аст. Воқеоти муқаррарӣ сипарӣ мегардад, воқеоти бузург дар саҳафоти рӯзгор нақши абадӣ мебандад. Хотираи ҷавонписари оддӣ, ки дар пойтахти гулпӯши Тоҷикистони офтобрӯи мо ба камол расидааст, ҷовидонӣ мемонад. Таркиши гранатае, ки дар доманаи кӯҳҳои Афғонистон харсангҳоро ба ларза андохта буд, дар дили мо низ акси садо дод.

Ному корнамоии Александр Мироненкоро ҳазорон – ҳазор нафар медонанд. Дар мактаби миёнаи рақами сиву ҳафт хотираи ӯ ҷовид аст. Ҳоло мактаб бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон номи қаҳрамонро дорад. Дар ин ҷо музеи шарафи ҷангӣ ташкил гардидааст, ки намояи марказии он ба ҳаёт ва шуҷоати ҷангии ҳамшаҳрии далери мо бахшида шудааст. Пайшиносони мактаб бахшида ба ифтитоҳ гардидани ёдгории Қаҳрамон филм таҳия намудаанд. Бисёр гурӯҳҳои мактабиён ба номи поки ӯ гузошта шудаанд. Дар музей маҷлисҳо баргузор мешаванд, дар ин ҷо наврасонро ба сафи созмони ҷавонон қабул менамоянд. Хонандагони синфи якум дарси аввалро бо тамошои музей оғоз менамоянд ва хатмкунандаҳо низ бо мактаб дар ин ҷо хайрбод мегӯянд.

Ёди Саша дар техникум ва дар шаҳр ҳам барқарор аст. Дар Душанбе мусобиқаи бокс ва гӯштии тарзи дзю-до барои гирифтани мукофоти Қаҳрамон гузаронида мешавад. Дар ин мусобиқаҳо одатан ҳамсангарони Саша ширкат намуда, ба ғолибон мукофот месупоранд.

Инчунин яке аз кӯчаҳои навбунёди пойтахт ба номи Александр Мироненко гузошта шуда, дар хиёбони Ҷавонон муҷассамаи биринҷии Қаҳрамони Ватан бунёд гардидааст.

Кинорежиссёри машҳур Евгений Кузин дар студияи «Тоҷикфилм» доир ба корнамоии Мироненко филми мустанади «Лаҳза»-ро эҷод намудааст. Дар ин филм суханони дастпарвари

мактаби рақами 37-и Душанбе Сергей Слободнюк ҳамчун ноқуси ёдгор садо медиҳанд: «Ман баҳори ҳабдаҳумро пешвоз мегирам... Инак, аз вазиши насими атрогин, аз тобиши офтоби тобон ҳаловат мебарам.

...Ман зиндагӣ карда истодаам. Вале ӯ ҳалок гардид. Марг чӣ калимаи даҳшатнокест... Агар марг ояд, кас дигар риштаҳои печони барф, оҳанги пуриқтидори мадду ҷазри об, мавҷи сабзаю гиёҳҳои рангорангро ҳаргиз намебинад. Пас марг нобудию гумномист... Не! Дурӯғ! Қабул намекунам! Инро фаҳмидан наметавонам ва намехоҳам! Медонам, марг ҳаст, аммо ҳаёти ҷовидонӣ низ вуҷуд дорад. Саша Мироненко, ту суханони маро тасдиқ менамоӣ... Ту ба сӯи ман аз пушти буттаҳои гулзор назар менамоӣ... Ту ба ман аз он қуллаи баландтарине менигарӣ, ки номи он абадият аст...»

Дар ротаи маҳбуби Александр, ки он ҷо вай хизмат кардаасту ба рӯйхати абадӣ дохил шудааст, хотираи Қаҳрамон ҷовидонист. Бар болои кати нағз ба тартиб оварда, сурати Қаҳрамон ва дар рӯи болин кулоҳи сабзи вай гузошта шудаанд.

Дар қисми ҳарбие, ки Мироненко пеш аз сафараш ба Афғонистон хизмат менамуд, муҷассамаи мӯҳташами биринҷии ӯ қомат афрохтааст. Дар назди ин муҷассамаи Қаҳрамон десантчиён соле ду дафъа барои садоқат ба Ватани маҳбуб савганди муқаддаси аскарӣ ёд менамоянд.

Дар музеи Марказии Қувваҳои Мусаллаҳи кишвари Русия, дар музеи қувваҳои десантӣ ашёю сомони хосаи Қаҳрамон, ҳуҷҷатҳо, хотироти хешу ақрабо, дӯстон, ҳамсилоҳон маҳфузанд. Дар хонаи маърифати рота сурати аскари ҷасур ва навиштаҷоти корнамоии ӯ мавҷуданд.

Номи Сашаро ҳар аскаре, ки кулоҳи сабз ва пироҳани рах-рахи десантӣ мепӯшад, медонаду муқаддас мешуморад. Автомати ӯро ба беҳтарин аскар месупоранд, ба экипажи аълотарини БМД (мошини муҳорибавии десантӣ) номи вай дода мешавад.

Дар хонае, ки волидайни Александр зиндагӣ доранд, писараке ҷангбозӣ мекунад. Аз сурати зебои бари девор сержанти калон дар либоси муназзами десантӣ нигоҳи ҷиддӣ меафканад.

Бачае, ки ҷангбозӣ мекунад, бародарзодаи Қаҳрамон аст. Ба ӯ номи амаки далерашро додаанд. Чеҳраи Сашаи хурдсол ба чеҳраи шуҷоатмандонаи амакаш монанд аст. Ҳоло ӯ дар бораи воқеоти Афғонистон вуқуфи каме дорад. Вале солҳо мегузаранду хотираи поки амакаш – Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ Александр Мироненко дар дили ӯ низ ҷой мегирад. Макони родмарди Ватан дили

миллионҳо одами поксиришт аст. Зеро корнамоии Қаҳрамон фаромӯшнашуданист, ӯ ба олами ҷовид қадам ниҳодааст.

Бори дигар қайд намуданиям, ки махсусан музеи мактаби Саша Мироненко, ки ҳазорон-ҳазор наврасон дар ин ҷо дарси садоқат ба Ватан, дарси мардонагию ҷасорат меомӯзанд, ба кас таассуроти амиқ мегузорад. Ба музей кас бо ҳисси ҳаяҷони бузург қадам мениҳад. Дар ин ҷо либоси аскарии Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ Мироненко – пироҳани рах-рахи десантӣ, дигар анҷомҳои ӯ маҳфузанд. Зери шиша дафтарчаи ёддоштҳояш ниҳода шудааст, ки сатрҳои бо дастони худи қаҳрамон нигоштаро бидуни ҳаяҷони дил хондан имконнопазир аст.

Дар дафтарчаи ёддоштҳояш ӯ нақши ояндаи зиндагиашро пас аз хизмати ҳарбӣ қайд намудааст. Навиштааст, ки моҳи май аз хизмат ҷавоб мешаваду пас ба шӯъбаи шабонаи Институти политехникӣ дохил мегардад. Касби бинокоронро амиқтар меомӯзад, барои одамон хонаҳо месозад, яъне бо осоиштатарин касб машғул мешавад. Саша ният доштааст, ки шаб таҳсил намояд, рӯз кор кунад ва дар вақтҳои холӣ бо варзишу мусиқӣ машғул шавад. Ҳар гоҳ имкон биёбад, ба кӯҳ биравад. «Ман ҳоло кӯҳи Помирро надидаам» навиштааст Қаҳрамон бо дастони худ.

Бо ташаббуси омӯзгорони мактаб дар музей ин қадар маводи рангин ва ғанӣ ғундошта шудааст. Ҳиссаи пайшиносони мактаб ва албатта, падару модари Сашаи Қаҳрамон дар ин кори шариф бузург аст. Дар музей ҳар як вароқи коғаз, ҳар як ашё дар ҷои худ гузошта шудааст, ки ҳама аз ҳаёту корнамоии ҷовидони қаҳрамон ҳикоёти таъсирбахше мекунанд...

...Албомро варақ мезанем. Дар он суратҳои қаҳрамон часпонда шудаанд, аз рӯзгори пурмазмуни писари содиқи халқу Ватан нақл мекунанд...

Албоми дигар баёзи шеър аст, баёзи шеър дар ситоиши Қаҳрамони диёр. Ин шеърҳоро муаллимони мактаб, падару модарон, хонандагон – духтарон, писарон навиштаанд. Шеърҳо, ки шуҷоати беназири Қаҳрамонро ифода кардаанд, ба забонҳои тоҷикӣ, русӣ, ӯзбекӣ иншо шудаанд. Дар ҳар сатри ин навиштаҳо самимият, эҳсоси пок дарк мешаванд... Дар ин мактаб омӯзгори аввалини қаҳрамон Антонина Ивановна Гилокова ба Саша хондану навиштанро омӯхтааст. Муаллими тайёрии ҳарбӣ, подполковники мустаъфӣ Михаил Петрович Колупаев ба Мироненко ва ҳамсолони ӯ аввалин дарси ҳарбӣ, дарси шуҷоатро сабақ додааст.

Ғайр аз ин дар бисёр мактабҳои шаҳр ва ҷумҳурӣ гӯшаҳои Қаҳрамон тартиб дода шудаанд. Ҳаждаҳ созмони ҷавонони ноҳияи Синои шаҳри Душанбе барои гирифтани номи муборaки Қаҳрамон

ҳуқуқ пайдо кардаанд. Ҷавонони ҷумҳурӣ саъй доранд, ки дар кору зиндагӣ, садоқату вафодорӣ ба халқу Ватан мисли Саша Мироненко бошанд.

Дар шаҳри Витебски кишвари Белорус, ки қаҳрамон хизмати аскариашро дар он ҷо оғоз кардааст, Саша Мироненко узви бригадаи пешқадами заводи телевизион аст. Маблағе, ки аз тарафи аҳли коргоҳи Қаҳрамон ба даст оварда мешавад, ба ҳисоби хазинаи сулҳ гузаронида хоҳад шуд. Чанде пеш падару модари Саша Мироненко ба ин шаҳр сафар намуданд. Ҳоло дар хонаашон акси якҷояи онҳо бо аъзои бригадаи заводи телевизион, яъне ҳамкорони Саша мавҷуд аст.

Пайдост, ки аскари башардӯст пас аз ҳалокат ҳам ба манфиатҳои олии инсоният – сулҳ, озодӣ, саодат хизмати худро давом медиҳад. Ӯ дар сафи мост, фаъолият дорад. Дар корхонаҳо, дар донишкадаю муассисаҳои гуногун ҳамроҳи мо қадам мезанад, дар иҷрои кору вазифаамон ҳиссагузор аст. Ба ин маънӣ хотираи ӯ абадист! Ин фақат хотираи рамзӣ ва ҷои ифтихорӣ нест, ки ҳаёти маънавии мо ба қаҳрамон вогузоштааст. Балки ин ёдбуд ва хотираи амалкунанда ва фаъол аст. Хотираи насли ҷавон дар бораи ҳамзамони худ – ҳамзамони қаҳрамонест, ки номи ӯро Ватани маҳбуб бо эҳтирому эъзози хос баробари беҳтарин писарон ва духтаронаш, қаҳрамонони набардҳо ва арсаҳои меҳнат гузоштааст.

Ин ҳам як ҷавобест, ба саволе, ки аз одами бист сол дар рӯи замин ҳаёт ба сар бурда чӣ меросе боқӣ мемонад?

... Дар байни хонадони Қахрамон ва қисми ҳарбие, ки ӯ хизмат мекард, мукотибаю иртиботи қавие ба амал омадааст.

Валентина Гавриловна бо миннатдории зиёд нақл мекунад, ки як гурӯҳ ҳамхизматони писараш – аскарбачаҳо баъди адои хизмат ҳамагон ба хонаи Саша Мироненко омада, бо падару модар ва хешовандони Қаҳрамон шиносо шудаанд, дар бораи рӯзгору корнамоии рафиқи ҳамсилоҳашон бо забони худ ҳикояҳо кардаанд, поси хотираи рафиқи ҳамсилоҳи худро нигоҳ доштаанд. Ҳар яке аз ин аскарбачаҳо узви ногусастании ин хонадон гардида, сипас ба зодгоҳҳои хеш раҳсипор шудаанд.

Масъули созмони ҷавонони қисми ҳарбӣ, прапоршик Михаил Горюнов ба модари қаҳрамон навиштааст, ки чанде қабл дар ҷои хизмати Саша ҷаласаи созмон баргузор шуд. Ӯ дар бораи ҳаёту фаъолияти ҳамхизматон ба модару падари Қаҳрамон хабар додааст.

Дар рӯзи ҷаласаи созмон рӯзномаи қисм мактуби модар, падар ва дигар хешовандони Қаҳрамонро таҳти унвони «Писари Ватан, ки ба ҷовидонӣ қадам ниҳодааст» ва дигар маводро роҷеъ ба ҳаёти

фарзанди вафодори халқ дарҷ намудааст. Ҷавонони қисми ҳарбӣ қабл аз оғози ҷаласа ин мактубро мутолиа кардаанд. Ҷаласа бо рӯҳияи қаҳрамонӣ ва садоқату фидокорӣ ба ғояҳои олии меҳанпарастӣ ва башардӯстӣ ҷараён ёфта, иштироккунандагон савганд ёд кардаанд, ки ҳаёти Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ Александр Мироненко мизони рӯзгори онҳо хоҳад шуд!

* * *

Аскарон дар як хати рост саф кашидаанд. Дар муоинаи шомгоҳӣ старшинаи рота номи Мироненкоро ба забон меорад. Ҳамон аскари навхате, ки дар пешраддаи самти рост истодааст, ба ҷои вай ҷавоб медиҳад: Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ Александр Мироненко ҳангоми иҷрои вазифаи башардӯстона дар кишвари Афғонистон ҷасорату мардонагӣ нишон дода ҳалок гардидааст!

Ин суханон ҳар рӯз такрор мешаванд.

## ДАР ОН БОҒЕ, КИ МУРҒОНАШ НАХӮСАНД

Тасаввур мекунед тазарви заринпарро? Чунон пару пати сурху гулобӣ, қирмизию зарди рӯшан дорад, ки гӯё машъали афрӯхтае бошад. Чун аз бехи гулбуне ба ҷониби гулбуни дигаре хиромон шавад, гумон мекунед, ки ҳамин лаҳза як даста оташ ба ин гулбун дармеафтад. Ва якбора ин гулбуни хушк тӯъмаи оташ мешавад. Бале, ин дастаи оташ ба гулбун дармеафтад, аммо ин оташи сӯзанда нест, балки фараҳфизоянда аст. Хоса, агар тазарви заринпарро дар кафи одам бубинед, турфатар аз ин манзара дар куҷо бошад, машъали афрӯхта дар кафи одам.

Бо ин марди машъалаи тазарвӣ бар даст дар лаби кӯле вохӯрдем. Тазарв ҷомаи зарандудаи худро афшонда аз кафи ӯ ба замин фуромад ва дар гирди соҳибаш як тоб хӯрда, зери гулбуне ғайб зад. Гӯё дасти соҳиби худро раҳо кард, ки бо ӯ мулоқот намоем. Шинос мешавем, марде, ки чанд лаҳза қабл машъала бар даст дошт, дастони моро мефишурад.

– Кутерма Дмитрий Тимофеевич, – мегӯяд ӯ, – корманди шӯъбаи илмӣ.

Бо вуҷуди ришу фаши дароз нерӯи бозувони вай қавист, дастони ҷавони сисоларо мемонад.

–Шикордузде модари ин тазарви зеборо бераҳмона ҳадафи тир сохта буд. Чӯҷаяки навпараш чинг-чингкунон монд. Дилам ба ҳоли он сӯхт, ба хона оварда парвариш кардам. Ҳеч умедвор набудам, ки ҳамон чӯҷаяки навпар ба чунин як тазарви зебое бадал мегар-

дад. Майли саҳро кай кунад мурғе, ки дастомӯз шуд, гуфтагӣ барин ин тазарв аз кулбаи ман нарафт. Баъди пару пат баровардa калон шуданаш ба ҷангали анбӯҳ раҳо кардам, то бо ҳамнавъони худ зиндагӣ кунад. Пас аз чанд рӯз сапедадаме шишаи тиреза «тиқ-тиқ» кӯфта шуд. Дарҳол дарвозаро кушодаму дар ҳайрат мондам. Тазарви заринпар гирди ман тоб мехӯрад, басо хушҳол шудам, ки чанд муддат гузашта бошад ҳам, тазарв роҳи кулбаи вайронаи маро фаромӯш накардааст. Чӣ сон дар ҳайрат намемонӣ, охир баъзе одамон солҳо нону намакатро мехӯранду дар паси гардиши нахустини зиндагӣ фаромӯшат месозанд...

Дмитрий Тимофеевич синни ҳафтсолагӣ ҳамроҳи модар аз Кавкази Шимолӣ ба водии Вахш омадааст. Аз овони дувоздаҳсолагӣ мамнӯъгоҳи Бешаи палангонро медонад. Дар қаҳтию гуруснагии айёми ҷанг ҷангалистони соҳили Вахшрӯд Митя барин даҳҳо сағираҳои бепаноҳро бо ҳар гуна меваю гиёҳҳо сер кардааст.

– Ёд дорам, он солҳо санҷидзори мамнӯъгоҳ ҳадду канор надошт, – мегӯяд Кутерма, – меваи санҷид мисли ақиқ буд, ки аз боло нигарӣ, саропо алвон барин суп-сурх менамуд. Мамнӯъгоҳ Балабанов ном ҷангалбоне дошт. Чун мо, бачаҳо болои санҷид бароем, ҳамон лаҳза зери дарахт Балабанов пайдро мешуду бо милтиқи худ таҳдид мекард. Ночор мефуромадему бо тӯбраи холӣ мерафтем. Боре аз ин ҷабру таҳдидҳои Балабанов бо ёрии калонсолон ба роҳбари ноҳия Елесин шикоят намудем. Сонӣ фаҳмидем, ки Елесин бо Балабанов сӯҳбат кардааст. «Мамнӯъгоҳро бо эҳтиёт посбонӣ карданат хуб аст, аммо ба бачаҳо ин қадар ҷабр манамо, худат медонӣ, ҳоло замони ҷанг аст, онҳо азоби гуруснагӣ мекашанд. Падарону бародарони аксари онҳо шаҳид шудаанд, аз ин рӯ, бо маслиҳат иҷозат деҳ, то аз меваю гиёҳҳои ҷангал ба зарурати худ бигиранд, вале таъкид бикун, ки шохаҳои дарахтонро нашикананд. «Баъд аз ин гуфтугӯ Балабанов ҳар гоҳ моро бубинад, мегуфт, ки ба дарахтон осеб нарасонему меваҳоро бичинем. Мо ҳам «бисёр хуб, амакҷон» мегуфтему шадда-шадда санҷидҳои сурхи ақиқинро як навбат ба даҳон ва навбати дигар ба тӯбра меандохтем.

Пас аз сипарӣ гаштани солҳо воқиф гаштам, ки дар он айёми вазнин Балабанов ҳақиқатан ҳам хизмати фаромӯшнашуданӣ кардааст, ба шарофати ҷонсупориҳои ӯ олами набототу ҳайвоноти мамнӯъгоҳ аз тороҷу талафот эмин мондааст. Ба арзи сипоси заҳмати поки ин мард ҳоло дар ҳудуди мамнӯъгоҳ кӯле номи ӯро дорад...

Дмитрий Тимофеевич таърихи зиндаи мамнӯъгоҳи Бешаи палангон аст. Солҳои зиёде пайваста дар мамнӯъгоҳ ифои вазифа кардааст.

Кулбааш байни ҷангалистон воқест. «Аз ин ҷо бо набототу ҳайвонот хубтар тамос мегирам», – мегӯяд ӯ.

Вазифаи Кутерма мушоҳида кардани мамнӯъгоҳ, ҷонварону рустаниҳои ин ҷост. Ва дар хусуси мушоҳидаҳои худ маълумоти моҳвор таҳия карда, ба шӯъбаи илмии мамнӯъгоҳ пешниҳод менамояд. Дар хонааш радио ва телевизор надорад, шабу рӯз садои ҷонварон барояш мусиқии дилнавозу рӯҳпарвар аст ва аниси доимиаш тазарви заринпар... Тамоми воқеоти ҳамин давра ва солҳои пешин, ки ба ин гӯшаи зиндаи табиат марбут аст, дар хотираи ӯ сабт мебошад. Вай нағз ёд дорад, ки чоруми ноябри соли сиву ҳашт бо қарори ҳукумати ҷумҳурӣ Бешаи палангон мақоми мамнӯъгоҳро гирифтааст. Ва бо дарду аламу таассуф мегӯяд, ки аз ин ҷонвари зебои ҷомарахдор фақат дар унвони ин маъво нишона боқӣ мондааст. Воқеан ҳам ҳикояти ӯ аз рӯзгори палангон пурсӯз аст. Дмитрий Тимофеевич мӯътақид аст, ки маҳз одамон бо муносибати дағалонаи ғайриилмӣ палангро аз ин гӯшаи бостонии онҳо рондаанд...

...Боре Кутерма дар саҳифаи рӯзномаи ноҳия дар хусуси бо «шуҷоати беназир» паронда шудани паланг хабаре хондааст. Он солҳо вай узви яке аз хоҷагиҳои ноҳияи Қумсангир бошад ҳам, ба ҳар хабару воқеаи Бешаи палангон таваҷҷӯҳ доштааст. Тибқи маълумоти ҳамон хабар гӯё паланге ба корманди мамнӯъгоҳ дарафтидааст. Ва он шахс «қаҳрамонӣ» нишон дода, дарҳол палангро ҳадафи тир сохтааст. Дмитрий Тимофеевич он вақт дар мамнӯъгоҳ кор накунад ҳам, аз табиати вуҳушу ҷонварон ва рустаниҳо каме воқиф будааст. Бинобар ин ба саҳеҳияти ин хабар шубҳа намуда, аз мудири ҳамонвақтаи Бешаи палангон Иннокентий Трофимович Малаев савол мекунад:

– Оё ҳақиқатан ҳам даставвал паланг ба одам дарафтодааст?

– Не, баръакс, аввал одам ба паланг ҳамлавар шудааст.

...Ду нафар соҳибмансаб бидуни иҷозат барои шикору дилхушӣ ба ҳудуди мамнӯъгоҳ ворид мешаванд. Яке аз онҳо ногаҳон палангро дида, сӯи он тир меандозад. Паланги захмин ба тарафи душманаш оҳанинчанги худро ҳавола мекунад. Дар ҳамин дам шарики вай ба ёрӣ омада, палангро ба тири туфангчааш мекушад. Гӯё шахси дар чанги паланг афтода зинда мондааст, аммо баъди ин воқеа аз тарс дар мағзаш халал афтодааст. Ҳамон рӯз паланги дигар ба подаи говон чанг зада, ҳафт сар гови фермаи хоҷагиро кафондааст. Он солҳо дар мамнӯъгоҳ чорвои ҷамъиятӣ чаро дода мешудааст. Мутобиқи тахмини Дмитрий Тимофеевич паланги хашмолуд интиқоми ҷӯраи худро ҳамин навъситондааст..

Боре аз соҳили муқобили дарёи Панҷ як ҷуфт паланг ба тарафи

мамнӯъгоҳ шиновар мешавад. Сарбози сарҳадбон вазифаи хидматии худро ба хубӣ анҷом дода, он ҷуфти палангро тирборон мекунад. Ба ҳамин васила ину он воқеа сабабгор гашту пас аз соли панҷоҳу ҳафт дар мамнӯъгоҳ касе нақши пои палангро надидааст...

– Марвориди камназири табиат, – мегӯяд Дмитрий Тимофеевич дар хусуси мамнӯъгоҳ. – Ҳавои он дармонбахш аст, агар дармонбахш намешуд, Тарзан пеш аз аҷал мемурд...

...Ҷангалбон Григорий Иннокентевич Новиков солҳои зиёд дар заводҳои истеҳсоли рӯҳ кор карда, шушаш нуқсдор мешавад. Табибон рӯзҳои башумори ҳаёти ӯро пешгӯӣ мекунанд. Аммо табибе ба Новиков маслиҳат додааст, ки ҳавои гарму хушки ҷангал ба дардаш шифо бахшида метавонад. Солҳои охири ҷанг Новиков аз манотиқи шимол пурсону ҷӯён роҳи ин мамнӯъгоҳро меёбад ва дар ин ҷо ба ҳайси ҷангалбон шомили кор мегардад.

– Новиков дар байни ҷангалистон кулбачае дошт, – ҳикоя мекунад Дмитрий Тимофеевич, – бо саги худ дар ҳамин кулба зиндагӣ мекард. Азбаски дар деҳкадаи мамнӯъгоҳ миёни одамон намезисту рӯзгори байни ҷангалистонро ихтиёр карда буд, ҳамкорон ӯро ба номи қаҳрамони филми машҳури хориҷӣ «Тарзан» зикр менамуданд. Дар ҳақиқат, тибқи фармудаи табиб иқлими мамнӯъгоҳ ба Тарзан форид ва сиҳатиаш комилан хуб гашта, мисли марди ҷангалӣ пилтан шуд ва умри тӯлонӣ дид. Тарзан чанд сол муқаддам бо сагаш дар як рӯз фавтид ва мувофиқи васияташ ӯро дар байни ҷангали анбӯҳ ба хок супурдаанд...

Дмитрий Тимофеевич итминон дорад, ки ҳавои ноҳияҳои ҷанубии ҷумҳурият ба шарофати насими дору дарахтон ва кӯлҳои мамнӯъгоҳ то дараҷае тоза мешавад. Хотирнишон бояд кард, ки дар ин ҷо бисту шаш кӯли хурду калон мавҷуд аст. Вагарна ин миқдор маводи заҳрогине, ки дар зироати минтақа истифода мешавад, мавҷудот ва махлуқоти атрофу акнофро кайҳо ба асфаласофилин раҳнамоӣ мекард. Обҳои захролуд, ки ба поёноби пахта ва дигар зироат ба толобу истахр ва кӯлҳои мамнӯъгоҳ ҷорӣ мешаванд, гулу гиёҳҳо ва дарахтонро хушк карда истодаанд. Аллакай он санҷидзори ақиқин, ки баҳорон бӯи атромези гулҳояш атрофиёнро маст мекарду меваҳои шифобахшаш чор фасли сол ғизои ҷонварон мешуд, тамоман нобуд гардидааст. Барои тазарви заринпар хӯроки беҳтарин меваи санҷид аст. Эҳтимол ба иллати нобудии санҷидистон бошад, ки вақтҳои охир теъдоди ин мурғони зеботарини боғистони ҷаҳон рӯ ба камӣ ниҳодааст. Зимнан, бо таассуф бояд тазаккур намуд, ки тазарви заринпари тоҷик дар Китоби сурхи мурғони нодир сабт шудааст.

Иллати дигари хушкидани дарахтон шӯра бастани замини

мамнӯъгоҳ аст. Дар собиқ, ки Вахшрӯд сероб буд, гоҳ-гоҳ аз соҳили худ берун медамиду ба ҳамин васила шӯрабум пок мешуд. Кутерма шарҳ медиҳад, ки пас аз чунин обхезиҳои пурмафод тамоми рустаниҳо ва дарахтон нағз ривоҷ мекарданду барои ҷонварон ҳам ғизо фаровон мегардид. Бинобар ин, ба ақидаи ӯ,бо тахтабетонҳо соҳилбандии Вахшрӯд хусусан дар минтақаи мамнӯъгоҳ бояд қатъиян манъ шавад. Ҳолиё, албатта обхезиҳои рӯд, мадду доманшӯиҳои он бо сабаби тунукобӣ хаёлоти ботил аст. Аммо ҳамон маҷрои табиии рӯдхона ҳам, ки сари чанд вақт роҳу равиши худро тағйиру табдил медиҳад, бо маводи ғизобахши обовард ба инкишофу ривоҷи наботот ва ҳайвоноти мамнӯъгоҳ мусоидат менамояд.

Ба ин минвол сохтмони обанборҳо ва истгоҳҳои барқи обӣ низ ба ҳаёти мамнӯъгоҳу мансубини он бидуни таъсир намондааст. Як вақтҳо моҳиёни лаққаи Вахшрӯд аз кӯлу истахрҳои Бешаи палангон то баҳри Арал шино карда метавонистанд. Дар яке аз рӯзномаҳо бо далелҳои қотеъ навиштаанд, ки дар ҳудуди ҷумҳуриятҳои Осиёи Миёна ва Қазоқистон дусад чоҳ кофта, бо обҳои зеризаминӣ баҳри Аралро наҷот бахшидан имконпазир аст. Барои амалӣ гардидани ин нийят ба дараҷаи кофӣ захираи оби зеризаминӣ мавҷуд мебошад. Кутерма ба ҳар як мусоҳиби худ аз ин бобат нақл карда, маътали он аст, ки ин амали нек ҳарчи зудтар ба анҷом расад. Зеро ба мамнӯъгоҳи Бешаи палангон низ манфиатбахш аст.

Ин амали некфарҷомро тамоми кормандони мамнӯъгоҳ – ҳам раиси он, ҳам ҷамеи ҷангалбонону кормандони дигар интизор ҳастанд.

Аммо барои ҷилавгирӣ аз нобудии ин марвориди камназири табиат дар сатҳи ҳукумат бояд чораҳои таъҷилӣ дида шаванд. Дар барномаи ҳифзи мамнӯъгоҳ ин тадбир аз тарафи олимон ва мутахассисони АУ қотеъона собит шудаанд. Аз ҷумла, сохтмони банди об дар Вахшрӯд, ки тавассути он қисмати дарёбоди мамнӯъгоҳ сари чанд вақт шодоб карда хоҳад шуд, эъмори канали заҳбур барои обҳои заҳрогини пахтазорони хоҷагиҳо ба барнома шомиланд. Кам кардани истифодаи маводи заҳролуди кимиёвӣ дар киштзори атроф, назорати санитарӣ, ташкили ниҳолшинонӣ, ҷудо намудани минтақаи ҳифозат дар атрофи мамнӯъгоҳ низ аз ҷумлаи ин тадбир мебошанд.

Ҷиҳати муҳимтарини ҳифзи мамнӯъгоҳ ба сатҳи комилан илмӣ ташкил намудани фаъолияти кормандони он аст. Рустаниҳою дарахтон, ҳайвонот, парандаҳо бояд таҳти таҳқиқоти қатъии фарҳангӣ қарор бигиранд. Хубтар мебуд, ки кормандони илмӣ аз

ҷумлаи сокинони маҳаллӣ ба камол мерасиданд. Зеро бисёр ба мушоҳида расидааст, ки намояндагони дигар ноҳияҳо рисолаҳояшонро ҳимоя карда, соҳиби унвонҳои илмӣ мешаванду ба мулку макони худ мераванд. Дар фарҷом вазъи ин гӯшаи ҳассоси табиат аз нигоҳи илмӣ боз ҳам торик мемонад.

Мутахассисон ҳисоб кардаанд, ки барои ҳифзу ободонии мамнӯъгоҳ маблағи чандон бисёр лозим нест. Лекин агар дар кори ободонӣ таъхир шавад, пас маблағи хеле зиёд зарур хоҳад шуд.

Солҳои охир баъзе хоҷагиҳо ва ашхоси алоҳида замини мансуби атрофи мамнӯъгоҳро бо чанголи худ ғасб карда истодаанд. Ҳол он ки тибқи муқаррарот дар атрофи мамнӯъгоҳ бояд як миқдори замин ҳамчун минтақаи ҳифозат вогузошта шавад.

Табибон ба лисони лотинӣ ибораи муқаддасе доранд, ки роҷеъ ба сиҳатии инсон буда, мазмунаш «осеб нарасон» аст. Басо бамаврид аст, ки инро мо ба табиати атрофи худ, яъне ба мамнӯъгоҳ низ истифода намоем. Фақат дар сухан не, балки дар амал истифода бикунему ба муҳити атрофи худ осеб нарасонем, онро сиҳат гардонем, то пасиниён низ аз ҷилваҳои мӯъҷизаангези тазарви заринпар ва оташгун лаззат бубаранд.

## СУХАНГУСТАРИ ДАРЁДИЛ

– Пагоҳ ба идора биё, – гуфт як бегоҳӣ мудири шӯъбаи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон») Саттор Мухторов ба хобгоҳи донишҷӯён омада, – муҳаррирамон гап доштаанд.

Вақте ки ман ба чеҳрааш саволомуз нигаристам, вай илова намуд:

– Ба фикрам, туро ба кор гирифтанӣ.

Рости гап, аз ин хабари хуш хеле хурсанд гардидам ва мехостам, ки шаб ҳарчи зудтар гузараду ман ба идораи рӯзнома биравам.

Азбаски дар курси панҷуми донишгоҳ таҳсил доштам ва дарсхониам дар нимаи дуюми рӯз буд, ман соати нӯҳи субҳ ба идораи рӯзнома омадам, вале муҳаррирро ба кумитаи марказии комсомол даъват карда будаанд, биноан ҳамон соат мулоқоти мо ба амал наомад. Ман ҳам ба дафтари кори мудири шӯъбаи мактабҳо Нур Табаров ворид шуда, дар паси миз нишастам ва мақолаамро, ки бо худ оварда будам, таҳрир кардан гирифтам.

...Вақтҳои охир бо идораи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ҳамкорӣ доштам; бо супориши шӯъбаҳои он хабару мақолаҳо менавиштам, мақолаҳои Агентии матбуоти «Навигариҳо»-ро тарҷума

мекардам. Чанде пеш дар бораи як ронандаи душанбегӣ, номзад ба депутати Шӯрои Олӣ «Кӯш, то халқро ба кор ой...» – ном мақолаам ва очерки «АПН» бо унвони «Фарзанди осмон» дар тарҷумаи ман чоп шуда буд, ки он аз рӯзгори қаҳрамононаи ҳавопаймо – озмоишгари фидокор Владимир Коккинаки ҳикоя мекард. Дар ин ҷо рафиқону шиносони даврони таҳсилоти ман дар Донишгоҳ шоир Сарвар Амирҷонов, Нур Табаров,Ғанӣ Ҷӯразода, Саттор Мухторов, Мазҳабшо Муҳаббатшоев хизмат менамуданд, ки бештар тавассути онҳо супориш мегирифтам...

Ман таҳрири мақолаамро ба анҷом расонида будам, ки муҳаррири рӯзнома Мутеъулло Наҷмиддинов тез-тез қадам монда, ба коргоҳ дохил шуд ва:

– Ҳа-а, омадед, – гӯён сӯи ман даст дароз намуд.

Ман ҳам зуд аз он ҷо бархостам ва салом кардам. Мо то ҳол ба ҳам аз наздик шинос набудем, вале ман ҳикояҳо, очерку мақолаҳои рӯзноманигор ва нависанда Мутеъулло Наҷмиддиновро дар саҳифаҳои матбуот ҳамвора мутолиа менамудам, яъне бо ин ном нағз шиносо будам.

– Дар паси ҳамин миз нишаста кор кардан гиред, – гуфт сонӣ муҳаррир ва гӯё бо ман дер боз шинос бошад, ки ошкоро изҳор намуд: – мақолаю тарҷумаатонро хондам, мешавад, лекин тарҷумаатон беҳтар. Агар меҳнат кунед, омӯзед,баъди панҷ – шаш сол очеркнависиро ёд гирифтанатон мумкин.

Ман он лаҳза суханони муҳаррирро хомӯшона гӯш мекардаму аз дил мегузарондам, ки агар барои рӯзноманигор шудан боз панҷ-шаш сол, яъне як давраи комили донишгоҳи дигар зарур бошад, пас омӯхтани ин касб хеле душвор будааст. Ҳол он ки ман ду-се хабару мақолаамро дар рӯзномаи «Ба қуллаҳои дониш»-и донишгоҳ ва дар саҳифаҳои «Комсомоли Тоҷикистон» чоп кардаю тавассути радиои ҷумҳурӣ интишор дода, хаёл доштам, ки журналист шудаам.

Ман ин фикру хаёлҳоро дар мағзи сар радду бадал менамудам, ки аз назди дар боз суханони муҳаррирро шунида, ба худ омадам:

– Нурмуҳаммад, – ба мудири шӯъба Табаров муроҷиат намуд, – ба котиба гӯед, барои ин кас фармон чоп кунад.

Ҳамин тавр банда моҳи марти соли 1963 ходими рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» таъин гардидам.

Ман ба фаъолияти муҳаррирони пештар дар ин даргоҳ кор карда эрод гирифтанӣ нестам. Аммо дар давраи кори Мутеъулло Наҷмиддинов дар идораи рӯзнома як гурӯҳи аҳлу тифоқи эҷодие гирд омада буд, ки аз гӯшаю канори гуногуни ҷумҳурӣ ва берун аз он намояндагӣ доштанд. Шахсоне, ки дар боло номашонро зикр

намудам, аз Дарвоз, Кофарниҳон, Панҷакент, Бадахшон буданд. Ғайр аз инҳо Бобо Расулзодаю Назрӣ Ашӯров аз Исфара, Додоҷон Раҷабӣ, Абдулҳамид Юсуфӣ ва Файзулло Ёдгор аз Хуҷанд, Ғанӣ Ҷӯразода аз Конибодом, Турдиалӣ Бойбобоев ва Ашт, Баҳор Шакарови яҳудӣ ва Шамсиддин Самиев ҳар ду аз Самарқанд, Обид Умаров аз Бухоро, Гоша Ярвелян аз Арманистон, Сафарбек Фозилов аз Душанбе, Нарзулло Раҷабов аз Варзоб, Норбой Мирзоев аз Ғончӣ буданд, ки инҳо ҳама кормандони эҷодӣ ҳисоб меёфтанд. Идораи рӯзнома дар вилоятҳои Суғду Бадахшон, дар Кӯлобу Ғарм ва водии Вахш хабарнигорони махсус дошт, ки аз воқеоту навигариҳои маҳал ба идораи рӯзнома хабару мақолаҳо, репортажу очеркҳо менавиштанд. Рӯзнома ҳафтае се маротиба – рӯзҳои чоршанбе, ҷумъа, якшанбе бо теъдоди зиёд чоп мегардид. Одатан шумораи рӯзи истироҳат саҳифаи адабии «Илҳом» дошт, ки онро ҷавонони ҷумҳурӣ ҳамеша интизор мешуданд ва бо шавқу завқ мутолиа менамуданд. Бисёр шоирону нависандагоне, ки дертар номдор гардиданд, аввалин таровишҳои қаламашонро ҳамон вақт дар саҳифаҳои «Комсомоли Тоҷикистон» дарҷ менамуданд. Муҳаррири рӯзномаамон Мутеъулло Наҷмиддинов дар интихоби асарҳои бадеӣ барои чоп завқи баланд доштанд ва пораҳои ҷолибу дилчаспи назму насрро интихоб менамуданд. Барои эътибор пайдо намудани рӯзнома ба он устодон Мирзо Турсунзода, Фотеҳ Ниёзӣ, Сотим Улуғзода, Раҳим Ҷалил, Аминҷон Шукӯҳӣ мақолаҳо менавиштанд.

Муҳокимаи се шумора рӯзи душанбеи ҳар ҳафта бо роҳбарии М. Наҷмиддинов хеле гарму ҷӯшон мегузашт, ба тамоми бурду бохтҳои рӯзнома баҳои ҳаққонӣ дода мешуд. Ин ҷаласаю муҳокимаҳо хусусан барои мо, рӯзноманигорони ҷавон, ки дар ин ҷода қадамҳои аввалин мегузоштем, худ як мактаби нотакрори рӯзноманигорию адабӣ буд.

Боре дар яке аз ҷаласаҳо мақолаи хеле пурмӯҳтаво ва короии мудири шӯъбаи таблиғ ва тарвиҷи рӯзнома Норбой Мирзоев муҳокима гардид, ки он «Шумо дар куҷоед, эй мардум?» ном дошт. Дар мақола сухан аз ҷабру зулми сахт нисбати занону духтарони тарафҳои Истаравшан, Ғончӣ ва Шаҳристон мерафт, ки занону духтарони ин минтақаҳо ҳамон вақтҳо ба азобу кулфати ҷонгудоз тоб наоварда, ҳатто даст ба худкушӣ мезаданд. Рафиқи ҳамкори мо, ки худ аз ҳамон тарафҳо буд, ин муамморо хуб медонист, бинобар мақолааш далелу ҳуҷҷатҳои раднопазир дошт. Муҳаррир зимни муҳокима ҳамаи инро зикр намуда, ба муаллифи мақола нигарист.

– Норбой, мақолаи шумо бешак яке аз бозёфтҳои хуби рӯзнома

аст. Ҳалли мавзӯе, ки мавриди муҳокима қарор додаед, хеле душвор аст. Лекин шумо онро ба гӯшаи фаромӯшӣ напартофта, боз ва боз дар ин мавзӯъ навиштанро давом бидиҳед, решаи иҷтимоии ин иллати ҷомеаро биёбед. Умуман рӯзнома муаммои муҳокимакардаи худро ҳаргиз нимкора намонда, бояд пурра ба охир расонад, фақат дар ҳамин сурат обрӯю эътибор ёфта метавонад, вагарна беҳуда, ба ҳован об кӯфтан мешаваду бас...

Воқеан ҳам рӯзноманигор Норбой Мирзоев ба умқи ин мавзӯъ даррасида, як силсила мақолаҳои ҷолиби диққат пешниҳод кард, ба хулосаи рӯзноманигор яке аз иллатҳои асосӣ бекорӣ буд, касбу кори дилхоҳ надоштан, ба меҳнати пурсамар банд набудани занону духтарони ин минтақа ҳисоб меёфт. Муҳаррир таҳлилу муҳокимаронихои ҳамкори худро ба ҳисоб гирифта, ба Ҳукумати ҷумҳурӣ номаи муфассале ирсол намуд. Дар фарҷоми ин, чи тавре ки маълум аст, дар Истаравшан корхонаҷоти мукаммали кешбофӣ бунёд гардид ва ҳамаи хоҳишмандон, занону духтаронро ба кор фаро гирифт, ба ҳамин васила хоҳарони истаравшании мо ҳам аз он фоҷиаи даҳшатноки худсӯзӣ наҷот ёфтанд, даст ба меҳнати поку ҳалол заданд, ба рӯзгори босаодат, ба мақоми аслии худ – ҷаҳонафрӯзӣ расиданд. Камина ҳаргиз даъвои онро надорам, ки маҳз бо дахолати рӯзномаи мо дар вақташ он муаммо ҳалли худро ёфта бошад, не, ин тавр гуфтанӣ нестам. Аммо итминони комил дорам, ки дар бунёди ин корхонаҷот ва ҳалли муаммо саҳми рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ва рӯзноманигорону муҳаррири ин ҷарида Мутеъулло Наҷмиддинов бешубҳа калон аст.

Ба ҳамин минвол дар идораи рӯзнома муҳити пурҷӯшу хурӯш ва шавқангези эҷодӣ созмон ёфта буд. Муҳаррир Мутеъулло Наҷмиддинов бо вуҷуди пуркорӣ худ мақолаю очерк, ҳикояю қиссаҳо менавишт, бо тарҷума машғул мешуд. Аммо асарҳои худро бештар дар нашрияҳои дигар дарҷ менамуд, чи хеле ки мегӯянд, майдони рӯзнома ва ҳаққи қаламро ба ихтиёри кормандони худ мегузошт. Дар ин мавридҳо одатан мегуфт: имконияти ман калон аст, ман навиштаҳоямро дар дигар ҷо чоп карда метавонам. Дар ҳолате ки ҳаққи қалам ҳисобу китоби қатъӣ дошт, ин ба кормандони идораи рӯзнома ёрии калон мерасонд.

Муҳаррир сайъ мекард, ки тамоми кормандони рӯзнома ба сафарҳои хидматӣ раванд ва ҳатман бо қалами худ, аз рӯи маҳорати худ барои рӯзнома хабар, репортаж, мақола, очерк нависанд. Баъзе коркунони рӯзнома, аз қабили тарҷумон, котиби масъулу ҷонишини ӯ мутобиқи тарзу усули фаъолияташон ба сафарҳои хидматӣ камтар мерафтанд. Дар чунин ҳолатҳо Мутеъулло Наҷмиддинов чунин кормандонро бо навбат ба сафарҳои хидматӣ

роҳӣ менамуд ва баъд аз сафар навиштаҳои ононро талаб карда, бар асари таҳриру тасҳеҳ ба чоп мефиристод, то ки рӯи чопро бубинанд ва муаллифонашон ба кори эҷодӣ дилгарм шаванд, ба қадри аҳли қалам бештару хубтар бирасанд...

М. Наҷмиддинов ба мо ҳангоми сӯҳбату мулоқотҳо маслиҳат медод, ки дар мақолаю очеркҳоямон ҳамеша ягон муаммои ҳаёти ҷумҳуриро мавриди баррасӣ қарор диҳем.

– Сухани рӯзноманигор бояд ҳарорат ва эҳсос дошта бошад. Хусусан очерк бояд ба ҳаллу фасли ягон муаммо бахшида шавад, – гаштаю баргашта таъкид менамуд муҳаррир.

Ҳамчунин ба мо ёдрас мекард, ки асарҳои очеркнависони рус Анатолий Аграновский, Юрий Черниченко, Анатолий Стреляний, Василий Песковро амиқан мутолиа намоему маҳорати ин журналистону адибонро омӯзем...

...Дар ибтидои солҳои шастум, обрӯю эътибори адиби қирғиз Чингиз Айтматов ба авҷи аъло расида буд. Ҳар як асари ӯ дарҳол ба истиқболи гарми хонандагон сазовор гардида, ба забонҳои гуногун тарҷума ва нашр мешуд. Рӯзе ба идораи рӯзнома тарҷумон, нависанда ва олими қирғиз Тойтӯра Ботирқулов омада, дар рӯи мизам нашрияи Иттифоқи нависандагони Қирғизистон – маҷаллаи «Алатов»-ро гузошт.

– Повести нави Чингиз Айтматов чоп шудааст, – гуфт ӯ хушҳолона, – ба забони қирғизӣ, – маънидорона илова намуд Тойтӯра.

Ин ишораи ӯ бесабаб набуд, зеро адиби бузурги қирғиз қариб ҳамаи асарҳои худро ба забони русӣ менигошт.

Маҷаллаи муқовакабуди зеборо ба даст гирифта, саҳифаи даркориро кушодам ва ба номи адиби шинос дида дӯхтам.

– Ба забони тоҷикӣ ҳам номи ин повест хеле рехта ва оҳангдор мешавад, – гуфтам ба чеҳраи Тойтӯра назар намуда, – «Роҳи Каҳкашон».

– Мақсади маро фаҳмидӣ,-дастамро фишурд Тойтӯра ва гоҳи табассум чашмони танги ӯ боз ҳам тангтар шуданд.

– Асари бадеиро аз забони асл тарҷума кунӣ, рехта ва ба асолаташ наздиктар мешавад.

Ба ҳамин васила маслиҳат шуд, ки ин асарро аз қирғизӣ ба тоҷикӣ тарҷума кунем...

Бо Тойтӯра Ботирқулов дар рӯзҳои аввали ба кори рӯзнома омаданам шинос шуда будам. Ӯ мафтуни забон ва адабиёти тоҷикӣ гардида, чанд сол пеш бо мақсади омӯхтани забону адабиёти халқамон ба Тоҷикистон омада будааст. Дар Душанбе бо Раиси Иттифоқи нависандагони ҷумҳурӣ устод Мирзо Турсунзода

мулоқот мекунад ва бо маслиҳати устод ба ноҳияи Ғарм рафта, муаллими мактаб мешавад. Ҳоло дар давраи ҳамкории мо Тойтура дар шаҳри Душанбе зиндагӣ дошт ва бо тарҷумаю эҷоди асарҳо шуғл меварзид, ба рӯзномаю маҷаллаҳо аз боби табиат ва ҳаёти ҷонварон очеркҳо ва мақолаҳои шавқовар менавишт.

Дар диёри ман – ноҳияи Қубодиён намояндагони қавми қунғироти халқи ӯзбек солҳо боз зиндагӣ карда, асосан бо касби чӯпонӣ машғул ҳастанд. Аз байни онҳо дӯстони зиёде дорам, ки аз овони хурдсолӣ дар як маҳалла калон шудаем, биноан аз даврони бачагӣ ман гӯйиши қунғиротии забони ӯзбекиро омӯхтааму дӯстонам – шеваи қубодиёнии забони тоҷикиро. Сонитар фаҳмидам, ки шеваи қунғиротӣ ба забони қирғизӣ хеле наздик будааст. Ва ба туфайли ҳамин ду-се адад ҳикояи Тойтура Ботирқуловро аз қирғизӣ ба тоҷикӣ баргардонида, дар рӯзномаҳои «Комсомоли Тоҷикистон»-у «Маориф ва маданият» дарҷ намудаму инак, барои тарҷумаи повести адиби оламшумул омода гардидаам...

Вақти ба чоп таҳия шудани порчаи аввали ин тарҷума муҳаррир Мутеъулло Наҷмиддинов дар сафари хидматӣ буда, дар рӯзи ба табъ расидани он ба кори идора омад.

Чун дар роҳрави идора вохӯрдем, муҳаррир дарҳол бо ҷиддият гуфт:

– Чаро бе пешгуфтор чоп кардед? Охир ҳар як кор қоидаю тартибе дорад. Муаллифи асар нависандаи машҳур аст, сурати ӯро низ ҷой додан зарур буд, дар пешгуфтор зикр кардан даркор буд, ки ин асар ҳоло ба ягон забон, ҳатто ба забони русӣ тарҷума нашудааст.

Сонӣ муҳаррир каме таваққуф намуда, бо оҳанги андаке пасттар таъкид кард:

– Пешгуфторро барои шумораи оянда тайёр кунед!

Ҳамин ҷумлаи охирин дили маро таскин бахшид ва ман воқиф гаштам, ки тарҷумаи повест ба муҳаррир писанд омадаасту акнун ин корро давом додан мумкин аст.

Порчаи дуюми тарҷума дар шумораи навбатии рӯзнома бо пешгуфтор ва сурати муаллиф дарҷ гардид. Умуман тарҷумаи повести «Роҳи Қаҳкашон»-и Чингиз Айтматов аз забони асл сурат гирифта, ҳамон вақт дар саҳифаҳои «Комсомоли Тоҷикистон» пурра чоп шуд. Пас аз чанде нашриёти «Ирфон» маҷмӯаи повестҳои Чингиз Айтматовро таҳти унвони «Роҳи Каҳкашон» ба табъ расонд, ки дар он китоб хушбахтона дар қатори тарҷумаҳои устод Ҳабиб Аҳрорӣ тарҷумаи ман ҳам ҷой дода шуд.

Муҳаррирамон М. Наҷмиддинов дар идораи рӯзномаи ҷавонон бештар аз ду сол кор карда, пас барои таҳсили олии ҳизбӣ ба

шаҳри Маскав раҳсипор шуд. Вале мактаби нотакрори тарбиявие, ки дар идораи рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» ба ваҷҳи дурандешӣ, хирадмандӣ ва қобилияти баланди одамшиносии Мутеъулло Наҷмиддинов созмон ёфта буд, солҳои тӯлонӣ фаъолият намуд. Шахсоне, ки дар ин дабистон сабақ омӯхта буданд, ба пояҳои баланди илм, фарҳанг, сармуҳаррири нашриёҳо, роҳбарии вазоратҳо, унвонҳои фахрӣ ва дигар мартабаҳои олии ҳукуматию давлатӣ мушарраф гардиданд. Ва онҳо дар ҳама гуна ҳолату вазъият ва соҳиб будан ба ҳар вазифаю мақомҳои олӣ ба устод Мутеъулло Наҷмиддинов «муаллим» гӯён бо эҳтироми самимӣ муроҷиат менамуданд.

* * *

Боре аз идораи рӯзнома ба нависанда Мутеъулло Наҷмиддинов супориш доданд, ки дар бораи як раиси овозадори ҷумҳурӣ, қаҳрамони меҳнат, вакили мардумӣ дар Шӯрои Олии кишвар очерки таърифие иншо намояд. Адиб бо раис сӯҳбат карда, ҳаёти хоҷагиро омӯхт. Мувофиқи далелу рақамҳо хоҷагӣ дар сафи пешқадамон ҷой дошт, роҳбари он ҳам соҳиби нишонҳои мутаадад буд. Аммо аз чӣ бошад, ки дили нависанда ба ҳақиқати кори ин раис эътимоду эътибор надошт, дасташ ба навиштани мадеҳа пеш намерафт. Ва нависанда ҳам барои рафъи шубҳаю гумонҳо бо одамон пайваста мулоқот меварзид. Ба ҳамин минвол ӯ бо зане ҳамсӯҳбат гашта, дар хусуси кору кирдори раиси номӣ фикру мулоҳизаҳояшро пурсон шуд.

– Агар аз ҳаёти раис ягон чиз навиштанӣ бошед, гапро аз ҳамин сар кунед, ки ҳар саҳар қассоби махсус дар ҳавлии раис гӯсфанди парвориеро сар мезанад. Зеро писари ноболиғи нозпарвардаи вай ҷигарбирён хӯрда, баъд дар паси ҷилави мошин менишинаду ба мактаб дарсхонӣ меравад, ҳарчанд ки ҳуқуқи ронандагӣ надорад.

Ҳар рӯз як зан барои чойи раис аз чашма, ки аз ин деҳа хеле дур аст, оби пок меорад. Шахси дигар ба зарурати чорвои хосаи раис дар ҳавлӣ чалакҳоро аз об пур мекунад. Ҷавонзани бадасту пое дар гирди дегдони раис ҷунбуҷул менамояд. Зани худи раис бошад, бикаи хонадон асту бас...

Нависанда ин воқеаи ибратбахшро зимни сӯҳбат ба хотир овард. Ва он очерки таърифӣ навишта нашуду бар ивази он дар рӯзнома мақолаи танқидӣ чоп гардид.

М. Наҷмиддинов ақида дошт, ки нависанда ва умуман аҳли эҷод бояд аз се сарчашма шодоб гардад, маҳз ҳамин се сарчашма ба камолоти эҷодкор мусоидат мекунад.

Сарчашмаи аввал мутолиаи китоб аст, адиб бояд тамоми умр

мутолиаи амиқ ва ҷиддӣ дошта бошад. Бояд гуфт, ки заҳмати мутолиа барои нависанда аз заҳмати навиштани китоб камтар нест. Мутолиа ҳам ба се раҳ ҷараён меёбад: мутолиаи адабиёти тоҷик аз классикӣ то имрӯз, эҷодиёти даҳанакии халқ ва мутолиаи комили адабиёти рус ва тавассути забони русӣ омӯхтани адабиёту фарҳанги халқҳои мутараққии ҷаҳон.

М. Наҷмиддинов хоса ба насрнависони ҷавон мутолиаи насри классикии тоҷик «Ҳазору як шаб», «Самаки айёр», «Ҷомеъ-ул-ҳикоёт», «Анвори Суҳайлӣ», «Шоҳнома», «Гулистон», «Хамса» ва ғайраро тавсия мекард. Худи ӯ дар дафтари махсус асарҳои классикии мутолиа кардаашро ёддошт намуда буд. Дар дафтари алоҳида бошад, луғату ибораҳои хушоҳанг ва рехтаро сабт менамуд.

Шаҳодати луғатдонии адиб ҳамин аст, ки рӯзе як корманди ҷавони нашриёт дар тарҷумаи калимаҳои мазҳабии асари таърихӣ ва забони русӣ душворӣ кашида, ба М. Наҷмиддинов мурочиат кард. Инҳо калимаҳои «епископ» ва «кардинал» буданд.

– Дар осори классикӣ «епископ»-ро «сакубо» гуфтаанд, «кардинал» бошад, «асқуф» аст, – ҷавоб медиҳад М. Наҷмиддинов. – Аз адибони имрӯза шоири тавоно ва доно, устод Лоиқ Шералӣ дар тарҷумаи қасидаҳои Пабло Неруда калимаи «асқуф»-ро истифода кардааст.

Ин калимаҳоро дар «Ҳазору як шаб» мушоҳида намудаам. «Самаки айёр»-у «Ҳазору як шаб» – хазинаи сухан, – таъкид мекунад М. Наҷмиддинов. – Насри классикӣ инчунин ба адиб чӣ тариқ асар навиштанро таълим медиҳад, яъне ба ибораи дигар гӯем, усули навиштанро меомӯзад, ҷаҳонбинии нависандаро васеъ мекунад. Осори классикиро такрор ба такрор хондан лозим, одам ҳар дафъа аз он маърифати тозае меёбад. Адибоне, ки насри классикиро наомӯхтаанд, аз навиштаҳояшон бӯи бехабарии онҳо аз чунин осори боғановати халқамон эҳсос мегардад.

Сарчашмаи дигари муҳим ин омӯхтани рӯзгори ғанӣ, рангоранг, пандомӯзи халқ аст. Баъзеҳо ақида доранд, ки агар истеъдод бошад, нависанда сайру саёҳат накарда, ҳаёти халқро наомӯхта ҳам асар меофарад. Эҳтимол зумрае аз қаламкашон мӯътақиди ин ақида бошанд. Аммо ба фикри ман ин ақида куллан ғалат аст. Нависанда чизи дидаю аз сар гузаронидаашро чун шоҳиди воқеаҳо таҳлил намуда, бо фалсафаи зиндагӣ омехта ва обу ранги бадеӣ дода, пас ба килки тасвир мекашад. Албатта, барои ин қобилияти нигорандагӣ зарурат дорад. Ба адиб дар эҷоди асар муҳим аст, ки бо бисёр одамон сӯҳбат кунад, хислату рафтор, ҳаёти ононро донад, неку бадро дарк намояд. Ҳатто дар эҷоди очерк ҳам ҳаёти

қаҳрамонон, ботини ононро дақиқ омӯхтан шарт аст. Ба инсон бо чашми дил бингарад.

Мисоли барҷастаи аз таҷрибаи халқ омӯхтанро дар боло зимни ҷамъоварии маводи очерки таърифӣ аз ҳаёти раиси овозадор мушоҳида намудем.

Барои рӯзноманигор ва нависандаи ҳақиқӣ қобилияти сиришт, истеъдоди фитрӣ низ зарур аст, ин сарчашмаи сеюм ба шумор меравад. Агар ин чизҳо дар бунёди инсон вуҷуд надошта бошад, нависанда шудан амри муҳол аст. Таҳсил дар шӯъбаи рӯзноманигорӣ ҳанӯз маънои онро надорад, ки шумо аллакай рӯзноманигор шудаед ва акнун ба ҷодаи нависандагӣ ҳам қадам мениҳед.

Қувваи баланди ҳофиза низ як нишонаи қобилияти фитрии адиб аст. Нависанда чизи хондаю дидаю шунидаашро ҳаргиз набояд фаромӯш кунад. Агар дар хотир дошта бошед, Алишери Навоӣ дар сӯҳбат бо Бадриддин Ҳилолӣ аз ҳофизаи қавӣ ва табъи равонаш огоҳ гашта, дар китоби «Маҷолис-ун-нафоис»-и худ нигоштааст: «Ҳофизаи Мавлоно Бадриддин Ҳилолӣ қавист, Хамсатайнро аз ёд медонад...» Маълум мешавад, ки шоири нозуксухан Ҳилолӣ ғайр аз порчаҳои зиёди шеърию насрӣ ҳам «Хамса»-и Низомии Ганҷавӣ, ҳам «Хамса»-и Амир Хусрави Деҳлавиро, ки ҷамъан аз даҳ достон иборатанд, ҳифз намуда будааст. Бинобар ин ба таваҷҷӯҳи Навоӣ мушарраф гардидааст. Аз ин рӯ, дар ҳамон китоб адиби бузург доир ба ҳамкасби ҷавонаш ин ҷумларо низ замима менамояд: «Умед аст, ки тавфиқ меёбад»...

Оре, ҳофизаи қавӣ аз унсурҳои асосии нависандагист.

...Айёми ҷавонии М. Наҷмиддинов ба даврони шадиди ҷанг баробар омадааст. Соли чилу се, вақте ки ӯ синфи ҳаштумро хатм намуд, якбора аз партаи мактабӣ ба сохтмони зарбдори ҷавонони ҳамон вақт – нерӯгоҳи барқи Фарҳод сафарбар гардид. Мутеъуллоро, ки меҳнатдӯст ва соҳибтадбир буд, сардори бригадаи ҷавонони рақами сию се таъин намуданд. Бригада ҳафтоду панҷ нафар аъзо дошт.

– Кор вазнин, шароит душвор буд, – ҳикоя менамуд М. Наҷмиддинов, – нонро бо воситаи ҳуҷҷат, яъне «карточка» тақсим мекарданд...

Ҳуҷҷати нон дар дасти сардори бригада меистод. Одатан қариб ҳар рӯз аз бригада даҳ-понздаҳ нафар ба хабаргирии хешу табор мерафтанд, иддае аз кор мегурехтанд. Баъзе сардорони бригадаҳо ҳуҷҷати нони ин қабил одамонро фурӯхта, ба манфиати шахсии худ истифода мебурданд. Аммо Мутеъулло нони гурезаҳоро ба ҳамкорони худ,ба наврасоне, ки дар ҷабҳаи кор араќи ҷабин мерехтанд, бе каму зиёд тақсим менамуд. Барои меҳнати содиқона ва

адолату поктинатӣ ӯ соҳиби эҳтиром гардида, ба Ифтихорнома мушарраф шуда буд. Зимнан, дар зиндагӣ ин мукофоти аввалинаш маҳсуб мегардид. Роҳбарони сохтмон мехостанд, ки ӯро сардори минтақа мувазаф намоянд. Аммо кори дусолаи иҷборӣ сипарӣ гардиду бар дӯши ӯ ғиёбан дар деҳа вазифаи омӯзгориро вогузоштанд. Азбаски дар мактаб муаллим намерасид, ӯро аз сохтмон даъват карда, ба вазифаи мудири қисми илмии мактаб таъин намуданд. Ҳам ба шогирдон аз фанни табиатшиносӣ ва ҷуғрофия дарс мегуфт ва дар шӯъбаи ғоибонаи ҳамин факулта таҳсил дошт.

– Падару модари ман, – ҳикоя мекард М. Наҷмиддинов, – одамони бомаърифати замони худ буданд. Дар хотираи бачагиам нақш бастааст, ки падарам маро бар дӯш мебардошту роҳравон шеърҳои пандомези бузургонро аз ёд мехонд.

Деҳаи мо Варзик дар кӯҳдоман воқест. Осмони соф дорад, ситораҳою моҳтоби он нисбат ба дигар ҷойҳо калонтар ва ба замин наздиктар менамоянд. Бинобар ин шабҳои маҳтобии он хеле равшан мешаванд. Он солҳо, ки равғани чароғ камёфт буд, модарам дар партави моҳ ба ман ғазал мехонд. Ҳар бегоҳ хоҳиш мекардам, ки модарам барои ман ғазал хонад. Ӯ мехонду мехонд, ман гӯшу ҳуш мешудам, байтҳои чун оби чашмасор равони ин ғазалҳо ба ман таассуроти зиёд мебахшиданд. Бо таъсири ҳамин ғазалҳо ман ба шӯъбаи филологияи тоҷики университет омадам. Пас аз хатми он дар идораи рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият») кор кардам.

Аз ҷавонӣ то саргаҳи ҳар як дарё рафтанро орзу мекардам, дар соҳилҳои рӯдхонаҳои Сурхоб, Хингоб, Вахш, Кофарниҳон бисёр гаштугузор намудаам. Зимни ҳамин сафарҳо мақсади эҷоди асари «Дарё маҷрои нав меҷӯяд» дар дил пайдо шуда буд. Тасвирҳо, одамон, воқеаҳо гуфтан мумкин, ки мушаххасанд. Ғояи асар бошад, ба арзи солҳои дароз дар ниҳоди ман буд, тадриҷан пухта мешуд.

Эҳтимол мазмуни ин асар дар солҳои вазнини ҷанг, вақте ки муаллиф дар сохтмони зарбдори ҷавонон кор мекард, пайдо шуда бошад. Зеро нависанда аз ҳамон вақт дар бархӯрдҳои зиндагӣ ҳис менамуд, ки баъзе шахсони мансабдор мавқеъ ва мансаби худро сӯиистеъмол карда, одамони оддиро то чӣ андоза озор медоданд ва адлу инсофро фаромӯш месохтанд.

Муаллиф дар ин асар бошуурона бо офаридани симои Карима – зани ҷасур, мубориз, ба ноадолатиҳо оштинопазирро ба риштаи тасвир кашида, дар тимсоли Бободӯстов беадолатӣ, худсарӣ, дараҷаи олии тӯрагӣ, шӯҳратпарастии шахси соҳибмансабро нишон додааст. Қаҳрамони мусбати романи «Дарё маҷрои нав

меҷӯяд» садои худро бар зидди безориҳо, худсарии Бободӯстов баланд мекунад, порахӯрии ӯро беамон фош месозад. Зани ғаюр Карима инсони размандa ва ҳақиқатҷӯст, ӯ ба деҳқонон, чӯпонон, ҳамаи аҳли меҳнат исбот менамояд, ки онҳо банда нестанд, балки инсони комиланд ва аз роҳбарони лаҷомгусехта ҳаққашонро талаб карда метавонанд. Биноан онҳо бояд худро шиносонда, мақсади дилашонро ошкоро баён намоянд.

Дар асар ҷаласаи сайёри кумитаи ҳизбии ноҳия дилчасп ва бо тамоми шӯру шарар, қатъияти хоса инъикос ёфтааст, ки дар он роҳбари маслакгумкарда, вакил, узви кумитаи марказӣ ва ғайра дар ҳузури чӯпонон аз кор ронда мешавад.

Ин асар солҳои шастум навишта шудааст ва аз ҳамин лиҳоз ҳоло мо гуфта метавонем, ки муаллиф хеле дурандешона амал намуда, равнақи демократия, ошкорбаёнии бо тақозои замон ба миён омадаро ҳамон вақт дақиқона пешбинӣ кардааст. Вале афсӯс, ки то ҳанӯз дар бораи ҳамин ҷиҳатҳои муҳими асар танқиди адабӣ камтар таваққуф намудааст.

Ин ҷо баҳои мунаққид, узви вобастаи АИ ҷумҳурӣ устод Соҳиб Табаровро истисно бояд кард, ки «Дарё маҷрои нав меҷӯяд»-ро беҳтарин асари солҳои шастум аз ҳаёти деҳот номида буд.

Қиссаи «Ширмоҳ» дар эҷодиёти М. Наҷмиддинов зинаи наве ҳисоб мешуд. Ин асар дар бораи муҳаббати поку беғаш ҳикоят мекунад. Ин аз як тараф. Аз тарафи дигар аз боби олами маънавии инсон, тақдири истеъдод, ки он эҳсоси нодири табиат ба инсон аст, сухан меравад. Муаллиф бо ин асар низ исбот кардааст, ки мақсадаш дар адабиёт офаридани хислатҳои барҷастаи нотакрор аст ва ба ин мақсади наҷиби худ муваффақ гардидааст.

Бояд гуфт, ки нависанда М. Наҷмиддинов пеш аз ҳама ба хонандаи тоҷик бо очеркҳои дилчаспу шево маълуму машҳур гардидааст, ки беҳтарини онҳо дар маҷмӯаҳои калонаш таҳти унвони «Одамони замини барӯманд», «Раззоқи олам» гирд оварда шудаанд. Ин очеркҳо аз лиҳози проблемавӣ буданашон ба очеркҳои Фазлиддин Муҳаммадиев, ба асарҳои адибони рус Юрий Черниченко, Анатолий Стреляний ҳамвазну ҳамсанганд.

Қиссаи «Пайраҳаи шинос»-и М. Наҷмиддинов ҳама саршори муҳаббати инсон ба табиат буда, инчунин ваҳдати табиату инсонро нишон медиҳад. Кас ин қиссаи шоиронаро мутолиа намуда, ба дашту саҳро, рӯду кӯл, гуна-гуна дарахтони диёр меҳру муҳаббати қавитар мебандад. Ва барои ҳифзи табиати кишвари дилбанд ҳозиру омода мешавад.

Ҷавҳари асосии қиссаи «Пайраҳаи шинос» муҳофизати табиат

мебошад ва имрӯз муаммои ғамхорӣ ва ҳифзи он дар назди инсоният хеле ҷиддӣ ва муҳим аст.

Устод Мутеъулло Наҷмиддинов дар як вақт бо устод Фазлиддин Муҳаммадиев ба навиштани очеркҳои бадеӣ шурӯъ намуда, ин жанри ҷанговари адабиётамонро ба пояи баланд бардошт ва устувор гардонд. Биноан аҳли адаб эътироф кардаанд, ки дар очеркнависӣ ӯ мактаби худ ва пайравони худро дорад. Ва дар ин мактаб як гурӯҳи калони адибони очеркнавис тарбия ёфтаанд. Хушбахтона, фаъолияти ин мактаби адабӣ ҳоло ҳам бардавом аст. Ин ҷиҳати фаъолияти адабии ӯ аз ҷониби мунаққидон ва адабиётшиносон дар матбуот бамаврид ва бамавқеъ баҳо гирифтааст.

Азбаски М. Наҷмиддинов маводи асарҳои худро дар сайру сафарҳояш аз ҳаёти мардуми меҳнатӣ интихобан мегирифт, ягон гӯшаю канори ҷумҳуриамон нест, ки ин нависандаи пуркор ба ҷустуҷӯи қаҳрамонони адабии худ ба он ҷо нарафта бошад. Ва дар тамоми навоҳӣ, шаҳру вилоёти мамлакатамон одамон асарҳояшро мехонанду дӯст медоранд. Агар ҳаҷман гирем, фақат очеркҳои нависанда аз 100 ҷузъи чопӣ ҳам бештаранд. Ин очеркҳоро ҳақиқатан ҳам саҳифаҳои рангини таърихи адабии ҳаёти меҳнаткашони деҳот, зисту зиндагонии мардуми замони мо ҳисобидан равост. Аз ин рӯ бесабаб нест, ки устод зиёда аз 20 сол вазифаи раиси бахши очерк ва публитсистикаи Иттифоқи нависандагони Тоҷикистонро дар давраи роҳбарии устодон М. Турсунзода ва М. Қаноат ба ӯҳда доштааст.

Мавзӯи асарҳои ҳаҷман хурдаш – «Шаби чӯпони куҳансол», «Подоши мукофот», «Саркор писар дорад», «Обу ободонӣ» ва ғайра аз ҳаёти воқеии халқи меҳнаткаш буд ва ин хусусият минбаъд бо тасвирҳои пурвусъат ва бо диду таҳқиқҳои ҳарҷонибаи фалсафию иҷтимоии ҳаёт ба асарҳои калонҳаҷмаш низ кӯчидаанд. Масалан, романи «Дарё маҷрои нав меҷӯяд», қиссаҳои «Ширмоҳ», «Пайраҳаи шинос», «Бозгашт» аз таҳқиқи мавзӯъҳои муҳими ҳаёти мо иборат буда, муаллиф тимсоли қаҳрамонони ҷасур, боадлу инсоф, бунёдгар, покниҳод, ҳақиқатпараст, асоратнописанд, мубоpизони кори хайрро офаридааст. Нашриёти «Советский писатель» зарурат ва муҳимии мавзӯъҳои романи «Дарё маҷрои нав меҷӯяд», қиссаҳои «Ширмоҳ» ва «Пайраҳаи шинос»-ро, ки солҳои ҳафтод дар ҷумҳуриамон ба тоҷикӣ ва русӣ интишор шуда буданд, дарк намуда, онҳоро таҳти унвони «Река ищет русло» («Дарё маҷро меҷӯяд») дастраси хонандагони сершумор гардонд. Мавзӯъҳое, ки устод М. Наҷмиддинов ба силки тасвир кашидааст, кӯҳнашавӣ надоранд. Имрӯз ҳам мо ин асарҳоро хонда, ба пуррагӣ чунин як фикру ақидаи пурҳикмати нависандаро аз байни воқеаҳои тасвир-

кардааш пай бурда метавонем, ки ӯ моро ҳушдор медодааст ва огоҳ мекардааст, ки аз бодхӯрии (эрозияи) замин, табиат, ҳайвонот ва инқирози маънавиёт барҳазар бошем. Зеро ин омилҳо ба ҳам зич пайвастаанд.

Аз асарҳои М. Наҷмиддинов як насли калони зиёиёни ҷавони солҳои ҳафтодум баҳра бардоштаанд ва ҳоло ҳам қимати бадеию эстетикии худро гум накарда, якзайл хонданбоб ва ибратбахш мондаанд. Бо ин асарҳо наслҳои нав ба нав низ тарбия меёбанд. Зеро нависанда ба ҳеч кас тақлид накарда, бо ҷустуҷӯ ва сабку равияи хос сухани худро гуфтааст. Бинобар ин Мутеъулло Наҷмиддинов дар таърихи адабиёти навини тоҷик мақому мавқеи муносиби худро дорад. Беҳтарин қаҳрамонони асарҳояш, ки устоди соҳибном ва соҳибқалам офаридааст, шоҳроҳи накӯкории муаллифро дар арсаи зиндагӣ устуворона идома медиҳанд.

## ТУЛӮИ ХУРШЕД АЗ ДАРВОЗ

Устод Мӯъмин Қаноат аз шоирони тавоно буда, бо эҷодиёти ғанию рангин ва пурмӯҳтавои худ, хосатан бо достонҳои басо таъсирбахшу пурмазмунаш дар таърихи адабиёти тоҷик саҳми бузурги навгоние гузоштааст. Ӯ 20 майи соли 1932 дар деҳаи Курговади ноҳияи Дарвози Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд ёфтааст. Падари шоир Қаноатшоҳ ибни Борон ибни Муҳаммадамон ибни Шоҳбаршоҳ аз хонадони қадимӣ ва аслзодаи сарзамини Дарвоз будааст.

Мӯъмин Қаноат ҳанӯз дар солҳои таҳсили омӯзишгоҳ машқи шеър мекард ва чанд намунаи он дар рӯзномаи «Ҳаёти нав»-и ноҳияи Ғарм рӯи чопро дидааст.

Соли 1956 пас аз хатми Донишгоҳи давлатии Тоҷикистон ӯ мудири шӯъбаи назми маҷаллаи «Садои Шарқ» таъин гардида, баъдтар ба сифати котиби масъули ҳамин маҷалла хизмат намудааст.

Қобилияти ташкилотчигӣ ва истеъдоди баланди Мӯъмин Қаноатро ба назар гирифта, ӯро ба Раёсати Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон ба кор муваззаф намуданд. Аввал муовини раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон буд ва баъд котиби якуми Иттифоқи нависандагони ҷумҳурӣ ва котиби Раёсати Иттифоқи нависандагони Иттиҳоди Шӯравӣ интихоб гардидааст.

Маҷмӯаи аввалини Мӯъмин Қаноат «Шарора» ном дошта, соли 1960 чоп шудааст. Сипас баргузидаи ашъори шоир ва достонҳои алоҳидааш бо унвони «Ситораҳои замин», «Мавҷҳои

Днепр» «Китобҳои захмин», «Корвони нур», «Достони оташ», «Суруши Сталинград», «Тоҷикистон – исми ман», «Падар», «Гаҳвораи Сино», «Ситораи Исмат», «Ҳамосаи дод» ва амсоли инҳо чоп шудаанд.

Соли 1977 достонҳои «Суруши Сталинград» ва «Тоҷикистон – исми ман» ба шоир Ҷоизаи давлатии Шӯравиро оварданд. Ҳамчунин соли 1980 достони «Гаҳвораи Сино», ки ба ҷашни ҳазораи Абӯалӣ ибни Сино бахшида шудааст, шоирро ба мукофоти давлатии ҷумҳуриявии Рӯдакӣ сазовор мегардонад.

Тақрибан тамоми шеърҳо ва достонҳои суханвари бузурги давронамон, устод Мӯъмин Каноат ба забони русӣ аз тариқи нашриёҳои Маскав интишор гардидаанд. –Ашъори шоири забардасти тоҷик Мӯъмин Қаноат борҳо дар саҳифаҳои матбуоти Эрон, Афғонистон ва бисёр дигар кишварҳо рӯи чопро дидааст. Соли 1994 нашриёти «Алҳудо»-и Ҷумҳурии Исломии Эрон баргузидаи ашъори Мӯъмин Қаноатро интишор дод.

Сӯҳбати мо бо устод дар атрофи диёри шоири бузург Дарвоз ба вуқӯъ пайваст.

– Устоди мӯҳтарам! Чи тавре ки маълум аст, дар Дарвоз ба тӯли якчанд аср сулолаи шоҳон ҳукмронӣ намудаанд. Хонадони шоҳони Дарвоз мардуми ин сарзаминро муттаҳид намуда, аз парешонию парокандагӣ нигоҳ медоштаанд. Ва чи хеле ки таърихнигорон возеҳ намудаанд, то дараҷае шоҳони Дарвоз хеле қудратманд ҳам буда, дар замони худ қаламрави ҳукуматдориашонро ободу маъмур кардаанд. Албатта, ин ҳама воқеаҳо ба ташаккули шахсияти адиб ва ҷаҳонбинии ӯ бе таъсир намемонад.

– Бале, таърихи шоҳони Дарвоз басо ибратбахш аст. Ривоят мекунанд, ки қалъаи шаҳнишини Дарвоз дар байни боғи калоне қомат афрохтааст ва дар пештоқи дарвозаи асосии он рубоии зеринро ҳаккокӣ кардаанд.

*Шаҳ сохт бинои қалъаро дар боғе,*
*Офат нарасад ба мевааш аз зоғе,*
*Ин боғ бари Зайнулараб месозанд,*
*То дар дили бинанда намонад доғе.*

Дар ин рубоии ба салосат ва маҳорати баланд нигошта, дар калимаи «доғе»-и мисраи чаҳорум бо санъати шеърии муаммо таърихи оғоз гардидани давлатдории нави Дарвоз ифода ёфтааст, ки ба мелодӣ соли 1607 мешавад. Яъне давлатдории навини шоҳони Дарвоз ба давраи ҳукмронии марказии хонадони Ҷониён мувофиқ меояд.

Мутаассифона шаҷараи мукаммали шоҳони Дарвоз то айёми мо боқӣ намондааст. Аз ривояти мардум бармеояд, ки шоҳони Дарвоз шоҳбаршоҳ зикр мешудаанд, яъне ба маънии шоҳаншоҳ ё шоҳи шоҳон аст.

Аз таърих маълум аст, ки дар хонадони Сосониён шоҳи шоҳон набудааст ё шоҳонро ба ин унвон зикр намекардаанд. Дар хонадони Саффориён бошад, ду шоҳ Шоҳбаршоҳ ном доштааст.

Яке аз бобокалонҳои ман, ки чаҳор пушт пеш гузаштааст, Шоҳбаршоҳ ном дошта, аз хонадони бонаҷобат мутаваллид гардидааст ва ба шоҳони Дарвоз пайванд будааст. Бобокалонам масҷиди назди рӯдхонаи Дарвозро бо маблағи худ эъмор карда, замини гирду атрофи ин масҷид низ ба ӯ мутааллиқ будааст. Ҳамчунин дар минтақаи Ванҷ, Вахиё, Сағирдашт низ мулку макони зиёде доштааст. Хусусан дар минтақаи Дарвози кишвари Афғонистон соҳиби замини бисёре будааст, ки ҷомеаи он аз даҳ ҳазор бештар маҳсуб мешудааст. Боре бо шоири ширинкаломи Афғонистон Латиф Пидром мусоҳиб гардида, огоҳ шудам, ки вай аслан аз ҳамон манотиқ будааст. Ба ин маънӣ байни мову ин шоири Афғонистон низ риштаи хешовандӣ вуҷуд доштааст. Умуман қаламрави шоҳони Дарвоз аз як тараф то Даштиҷум расад, аз самти дигар то Толиқон (ҳоло дар Афғонистон) тӯл мекашидааст.

Дар деҳаи мо ду хонаводаи самарқандӣ мезистаанд, ки хонадони мо ба ин оилаҳои бостонӣ низ иртиботи хешу ақрабоӣ пайваста буд.

Бисёр намояндагони аҷдоди мо дар вазифаҳои мирзо, мударрис, қозӣ, муфтӣ, меҳтар ва ғайра хизмат намуда, яке аз гузаштагонамон, ки Мирзошафеъ ном доштааст, шефтаи шеъру шоирӣ буда, ба шеваи дарвозӣ шеърҳои бисёре ҳам гуфтааст ва иқтидори шоирии Мирзошафеъро баробари Мулло Ёри Ванҷӣ гуфтан мумкин аст.

Ба қалъаи шоҳнишини Дарвоз якчанд аҷоиботу мӯъҷизотро вобаста медонанд. Яке аз инҳо он аст, ки роҳи рафтуомади мардуми оддӣ аз байни қалъа, аз самти болоии он мегузаштааст. Агар дарвозаи оҳанини қалъаро накушоянд, убуру мурури одамон қатъ мегардидааст. Дигар он аст, ки аз кӯҳи Ҷаваст ба қалъа остини аз пӯсти гов дӯхта гузаронида будаанд ва самти ба қалъа васл гардидани ин остин андаке моил шуда, онро сайёҳон пули ҳавоӣ, пул ба сӯи биҳишт ва ё пули осмон меномидаанд. Гумоштагони қалъа дар тарафи муқобили ин остин муваззаф гардида, аз тоҷирон боҷу хироҷ меситонидаанд ва тавассути он ба маъмурини ҳукумат, яъне ба қалъа ирсол менамудаанд. Аҷоиботи сеюми қалъа чархи фалаки мӯҳташами обкашии он будааст. Дар замонҳои қадим дар даруни қалъа чашмае фаввора мезадааст, ки зарурати шахсони дохили он

ба оби ҳамин чашма қонеъ мегардидааст. Баъдан бо таъсири зилзила оби чашма фурӯ рафта, дар фарҷом чашма хушкидааст. Ба ин ваҷҳ чархи фалаки мӯҳташами обкашӣ сохта аз тарафи деҳоти Ҷомашӯёну Рузвай, ки тақрибан як километр роҳ аст, ба қалъа оби ошомиданӣ мерасонидаанд. Мӯъҷизоти чаҳорум ин аст, ки шоҳаншоҳи Дарвоз шамшер ва сипари сирф тилоӣ доштааст, ки ин рамзи давлатдории ӯ буда, аз дигар ҳокимону шоҳони атроф бо ҳамин фарқ мекардааст. Ва мегӯянд, ки дар шамшери он суханони зайл ҳак шуда будаанд. «Ҳар кас шамшер мекашад, ӯро шамшер мекушад!»

Дар бораи қалъаи Дарвоз ба айёми бостон таҳти унвони «Таърихи қаҳқаҳа ва шаҳшаҳа» китобе эҷод шудааст, ки як нусхаи он дар китобхонаи давлатии Бағдод ё Димишқ маҳфуз будааст.

Аз шоҳзодагони Дарвоз Қаноатшоҳ бо ғаюрию далерӣ ва мудаббирӣ хеле номвар будааст. Хусусан дар лашкаркашӣ ва кишваркушоӣ маҳорати комил доштааст. Биноан саркардагони манғитӣ аввал ӯро бо ҳадафҳои худ истифода бурдаанд, сониян аз обрӯю эътибори вай андешида захр дар таомаш кардаанд. Лаҳзаҳое пеш омада буд, ки Каноатшоҳ бо лашкари машқдида ва ҷаррори худ дар мулкҳои Ҷиззах, Чоч, Самарқанд, Ҳисор амнияти халқҳои тоҷику ӯзбекро аз ҳамлаҳо ва тохтутозҳои мардуми саҳро ҳифз медошт. Дар рӯзномаи генерал – губернатори Туркистон «Туркестанские ведомости», ки дар шаҳри Тошканд нашр мешуд, роҷеъ ба шуҷоатмандӣ, лашкаророӣ ва маҳорату усулҳои муҳорибавии Қаноатшоҳ бисёр мақолаҳо дарҷ шудаанд. Зимнан, бобокалони ман Муҳаммадамон бо лақаби «Амон», ки ӯ аз бобои Шоҳбаршоҳ хурд будааст, дар лашкари Қаноатшоҳ вазифаи сипаҳбудро адо мекардааст.

Баъд аз кушта шудани Қаноатшоҳ иддае аз лашкариёни ӯ, ки ҳамроҳаш аз Дарвоз рафта будаанд, барои зиндагии доимӣ дар минтақаҳои Фарғона, Поп, Тошканд, Ҷиззах, Фаркат ва дигар шаҳру деҳот ҷойгузин мешаванд. Яке аз роҳбарони Ӯзбекистони шӯравӣ Усмон Юсуфов, ки аз ҷумлаи шахсиятҳои барҷастаи ин кишвар ёд мешавад, аз фарзандони наслҳои минбаъдаи муқаррабони Қаноатшоҳ маҳсуб мегардад.

Охирин шоҳи Дарвоз Муҳаммад Сироҷиддини Мумтоз низ аз ҷумлаи зимомдорони меҳанпараст ва соҳибтадбире будааст. Ӯ бо даъвати мири Ҳисор – Абдулсатторбӣ ба ёрӣ омада, дар қалъаи Деҳнав бо урдуи манғития ду моҳ муҳориба мекунад. Дар ин ҳарбу зарб ӯ усули қалъаҷангро ба кор бурда, ба лашкари манғития зарбаҳои дандоншикан мерасонад. Вале қувва нобарор буд ва афсарони рус ба аскарони ҳукмдори ҳамлавар мушовират мекарданд.

Баъди чанде аз тарафи аскарони манғит ва мушовирони ҳарбии Русияи подшоҳӣ ҳукумати шоҳи Дарвоз барҳам мехӯрад ва охирин шоҳи Дарвоз Муҳаммад Сироҷиддини Мумтоз ба хоки Афғонистон паноҳанда мешавад.

Вақте ки ман пас аз инқилоби савр ба Афғонистон сафар доштам, зимни мулоқоту вохӯриҳои Кобул огоҳ гардидам, ки яке аз авлоди охирин шоҳи Дарвоз ба номи Шоҳвалӣ муовини сарвазири ҳукумати халқии Тараки будааст...

Модарам ҳам ба мисли падарам аз хонадони наҷиб буда, яке аз тағоҳоям Эшони ҳоҷӣ қории мураттаби Қуръон, мударрис, олими фақеҳ буда, се бор пиёда ба ҳаҷ рафтааст. Соли 1916 бори сеюм амаки хурдиам Ҷанобил низ ҳамроҳи тағоям – Эшони ҳоҷӣ ба зиёрати хонаи Худо сафар кардааст. Вале Ҷанобил дар кишвари Арабистони Саудӣ монда, дар ҳамон ҷо хонаю ҷой мекунад ва мегӯянд, ки тақрибан даҳ сол қабл аз ин дар синни 86-солагӣ фавтидааст. Аз ду зани амаки Ҷанобил – яке тоҷик ва дигаре араб фарзандони зиёди ӯ ҳоло дар қайди ҳаёт ҳастанд.

– Устоди арҷманд! Ҳамон навъе ки возеҳ гардид, шоҳони Дарвоз чандин аср истиқлолият дошта, дар қаламрави худ мустақилона ҳукмронӣ менамудаанд. Барои ин қабл аз ҳама асоси иқтисодӣ зарурат дорад. Ҳаёти иқтисодӣ ва иҷтимоии шоҳони Дарвоз бо кадом роҳ пойдор будааст, ки истиқлолияти ин мулкро ба тӯли солиён таъмин намудааст?

– Дар сарзамини Дарвоз аз замонаҳои қадим пахтаи мисрӣ, ғӯза парвариш меёфтааст, ки ғозаш кабудчатоб ва малларанг будааст. Ва мувофиқи ривоятҳо Қаноатшоҳ боре ба мулки Кошғар ҳамлавар гардида, қисмати онро тасарруф менамояд ва ҳангоми бозгашт ба ватан чанд тан аз занону духтарони кошғариро ба асорат меорад. Гӯё ин занон дар мӯйҳои худ тухми кирми пилларо пинҳонӣ интиқол медиҳанд ва бо ҳамин дар кишвари Дарвоз пиллапарварӣ низ ривоҷ меёбад.

Мардумони Дарвоз дар саноати бофандагӣ чунон моҳир будаанд, ки ба мулку манотиқи атроф 52 навъи матои пахтагӣ содирот мекардаанд. Анвои матоъҳои содироташон абрешим, истабрақ, ҳарир, алоча, карбоси сафед, борикӣ, панҷаи шер ва ғайра ҳисоб мешудааст. Борикӣ матои нафис буда, барои зерпираҳан истифода мегардид. Матоъи панҷаи шер хеле машҳур буда, аз ду навъ тор – борикӣ ва турра бофта мешудаасту намудаш гӯё бар болои барф пайи шерро мемондааст. Панҷаи шер ҷинси хеле олӣ маҳсуб мегардид. Ҷинси дигари хушсифат алифтор номида мешавад, ки ба ранги офтобпараст буда, ба зирабеқасаби қаратоғӣ монанд аст, вале торҳояш комилан дутоба буда, пудашро аз ресмони зардчаранги

тиллогуна месохтаанд. Ин матоъ хеле нархи гарон дошта, онро асосан шоҳон мепӯшидаанд ва ё ба хориҷа содирот мегардидааст.

Дар ин ҷо аз ҳама меҳнати вазнин коркарди пилла ҳисоб меёфт. Пас аз ҷамъоварӣ ва поксозии ҳосили пилла 4-5 нафар занон онро пухта, дар чархаи махсус мересиданд. Баъди ресидан бо нашоиста обу тоб додаву хушконида сипас орди гандуми сафедчаи лалмӣ пошида, дар шонаи абрешимбофӣ маҳин метаниданд. Соҳиби ҳар дастгоҳ мувофиқи завқу салиқаи худ бофта, ба матоъ мувофиқи супориш ва ё майлу хоҳиш рангҳои махсус медодаанд. Масалан, барои арӯс ранги гулобӣ, баҳри зани калонсолтар бошад, ранги ҷигарӣ медодаанд. Рангҳои машҳури ин матоъ офтобгул ва эронгул буда, матоъи гаронбаҳотарин маҳсуб мешуд ва як пероҳанаш баробари ҳашт сар гов арзиш доштааст.

Аз мӯина чакман, намад, хӯрҷин, қолӣ ва ғайра мебофтаанд.

Дар диёри Дарвоз, албатта мисли дигар минтақаҳо ба тақсимбандии меҳнат риоя мекарданд. Дар деҳаҳое, ки хоки кулолӣ мавҷуд буд, мардум ба кулолгарӣ машғул мешуданд. Кулолон кӯза, табақ, говдӯша, ширполо, хум месохтанд. Сокинони баъзе деҳот хосатан бо наҷҷорӣ машғул мегардиданд. Оҳангарони дарвозӣ хеле машҳур буданд. Онҳо аз конҳои махсус оҳансангҳоро бурида, дар кӯраҳои гудозиш пӯлоду оҳан тайёр мекарданд. Хусусан дамгарони ин кӯраҳо шахсони мӯътабар ҳисоб мешуданд, зеро меҳнаташон вазнин буда, бо ду ҷома-хушку тар кор мекарданд ва таомашонро бо равғани чормағз мепухтаанд. Танҳо дар ҳамин сурат ҷисми одамӣ ба ин меҳнати вазнин тоб меовард. Оҳангарон шамшер, ханҷар, найза, баргуставон, ҷавшан, хӯд, хафтон ва ғайра месохтанд. Шамшери дарвозӣ чунон қавӣ ва тез буд, ки агар бо шамшери дигар ба дами он зананд, заррае ҳам осеб намедид ва фақат дар ҳамин ҳолат оҳангар ҳуқуқи маънавӣ пайдо мекард, то бар он мӯҳри худро пахш намояд.

– Ҳам акнун хоҳиш дорам, ки дар хусуси доираи адабии Дарвоз чанд сухан ироа менамудед.

– Қадимтарин шоири дарвозӣ, ки Искандар ном доштааст, чунин гуфтааст:

*Шаҳ Носири Хусрав, ки шаҳи банданавоз,*
*Искандараму саги туям аз Дарвоз.*
*Ҳар кас ки ба даргоҳи ту ояд ба ниёз,*
*Навмед зи даргоҳи ту кай гардад боз.*

Тахмин кардан мумкин аст, ки ин шеър дар асри XI, яъне дар замони зинда будани шоир ва мутафаккири бузург Носири Хусрави Қубодиёнӣ гуфта шудааст ва то замони мо расидааст.

Шеъри дигари қадимӣ катебаи дарвозаи қалъаи Дарвоз аст, ки дар боло зикр намудем. Албатта, дар байни ин ду қитъа боз шеърҳои дигар низ гуфта шудаанд, аммо то айёми мо нарасидаанд.

Дар асри XVIII доираи адабии Дарвоз хеле тараққӣ кардааст, ки дар он тақрибан 45 нафар шоирони соҳибдевон ширкат доштаанд. Яке аз шоирони машҳури ҳамон замон Баҳрини Дарвозист, ки дар бораи ӯ доктори улуми филологӣ Амирбек Ҳабибов низ маълумот додааст. Вале ман ин мисраъҳои Баҳринро ҳанӯз дар солҳои мактабхонӣ аз даҳони мардум шунида, мафтуни санъати суханварии муаллифи он шуда будам.

*Агар зи чеҳра кушоӣ ниқоб дар таги об,*
*Ба аҳли баҳр фитад изтироб дар таги об.*
*Зи соидат агар афтад хабар ба аҳли муҳит*
*Зи ғусса моҳӣ хӯрад печутоб дар таги об.*

Шоирони дарвозӣ Хабо, Вола, Маъдум, Маҳҷур, Котиб, Маслак, Маҳзун ва дигарон аз суханварони соҳибистеъдоди ҳамин доираи адабӣ будаанд.

Дар доираи адабии Дарвоз ба инкишофи мусиқӣ, илм, воизӣ, иншонигорӣ ва ғайра низ аҳамият медоданд, ки ҳар яке аз ин санъатҳо ба аҳли адаби ин маҳал бидуни таъсир нахоҳад буд.

Яке аз муғанниёни маъруфи дарвозӣ Мирзо Ғуломи Чангӣ дар овони ҷавонӣ аз ҳоҷӣ Абдулазиз илми мақом омӯхта, дар таснифи мусиқӣ яке аз устодон ҳисоб меёфтааст. Писари ӯ низ ҳофизи хушовозе буд.

Ман чунин ақида дорам, ки комилан омӯхтани доираи адабии Дарвоз ва бо ҳамин навъ доираҳои адабии Исфара, Ҳисор,Истаравшан, Бадахшон ва ғайра маърифату маънавиёти моро баланд бардошта, эҳсоси ватандӯстиро таҳким мебахшад.

## «ШОГИРДИ МАКТАБИ УСТОД ТУРСУНЗОДААМ!»

Шоири Халқии Тоҷикистон устод Убайди Раҷаб аз адибони маъруфи замон ва шоирони маҳбуби кӯдакон буда, дар деҳаи Нигноти ноҳияи Панҷакенти вилояти Суғд таваллуд шудааст. Пас аз хатми Донишгоҳи омӯзгорӣ ба корҳои матбуоту нашриёт ва пешаи асосию якумрии хеш эҷоди шеър оғоз кардааст. Устод солҳои тӯлонӣ дар вазифаҳои масъули соҳаи матбуот, аз ҷумла чордаҳ сол ҳамчун сардабири маҷаллаи «Садои Шарқ», бисёр солҳо ба сифати котиби Иттифоқи нависандагон, ҷонишини раиси Иттифоқи нависандагони Тоҷикистон хидмат намудааст.

Дар эҷодиёти Убайди Раҷаб ҷои асосиро асарҳое ишғол мекунанд, ки шоир барои кӯдакону наврасон иншо намудааст. Ӯ муаллифи бештар аз 40 китоби шеър, қисса, чистону кистон ва достонҳост, ки дар нашриёти Тоҷикистон ва дар кишварҳои дигари олам нашр шудаанд. Шеърҳои Убайди Раҷаб ба китобҳои дарсии мактабҳои ҳамагонии Эрон роҳ ёфтаанд, ки як нишони эътирофи аксари мардуми форсизабонон гардидани асарҳои муаллиф аст.

Хидматҳои фидокорона ва асарҳои устодонаи шоир Убайди Раҷаб бо Ҷоизаи Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон, Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, Дипломи байналмилалии ба номи Ханс Кристиан Андерсан, бо унвонҳои баланди Корманди шоистаи Тоҷикистон, Шоири халқии Тоҷикистон ва дигар нишону ифтихорномаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон қадршиносӣ шудаанд.

Мусоҳибаи мо ба муносибати ҷашни ҳафтодсолагии шоир ба амал омад.

– Устоди мӯҳтарам, лутфан бигӯед, ки шеъри аввалини худро кай эҷод кардаед ва оё он дар ягон нашрия чоп шудааст?

– Дар ёд надорам, ки шеъри аввалини худро кай гуфтаам. Вале як воқеа вобаста ба шеъри аввалинам дар хотир мондааст. Донишҷӯи соли сеюми Омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Панҷакент будам, ки як порча шеъри ман дар мақолаи ҷамъбастии шеърҳои навқаламон ҳамчун намунаи эҷодҳои хуби адибони ҷавон зикр ёфта, дар рӯзномаи «Пионери Тоҷикистон» дарҷ гардида буд. Ин шеърро ба идораи рӯзнома худам нафиристодаам. Мо дар омӯзишгоҳ Абдуҷаббор Шарифзода ном устоди донишманде доштем, ки марди исфарагии дар мадраса сабақ омӯхтае буду аз адабиёт ва забони тоҷикӣ дарс мегуфт. Мо, навқаламони омӯзишгоҳ ба муаллимамон А. Шарифзода шеърҳои навмашқонаи худро нишон медодем. Сонӣ фаҳмидам, ки муаллим чанд шеъри маро ба идораи рӯзнома равон карда будааст.

Нахустин шеъри пурраам баҳори соли 1952 дар рӯзномаи «Ҷавонони Тоҷикистон» чоп шуд, ки он «СССР» ном дошт. Дар ин вақт донишҷӯи курси дуюми Институти педагогии шаҳри Душанбе будам. Ин шеър дар ягон маҷмӯаи ашъорам дохил нагардидааст.

Солҳои минбаъд боре ба деҳа рафта, аз сандуқи кӯҳнаи модарам чанд дафтари шеърҳои шогирдонаи худро ёфтам ва тӯъмаи оташ кардам. Ман дар хонадони қиблагоҳи бузургворам – Раҷаби Одина пас аз панҷ нафар апаҳои худ таваллуд шуда, ниҳоят писари эрка будам. Падарам аз деҳқонони номдори киштудӣ буда, дар мактаби маҳви бесаводӣ хонда бошанд ҳам, ба хати кириллӣ имзо гузошта наметавонистанд. Вале он кас Қуръони муқаддасро ме-

хонданд ва аз гапу кори олам хеле воқиф буданд. Бинобар ин дар таълиму тарбияи ман бисёр кӯшиш мекарданд. Муаллими синфи аввали мактабиамонро Шарофи Ёр мегуфтанд ва аз хешовандони падарам маҳсуб мешуданд. Аммо бо вуҷуди ин падарам ба муаллим таъкид менамуданд, ки бо ман ҷиддӣ бошад ва дар сабақомӯзӣ сахтгирӣ кунад.

Вақте ки ман дар синфи чоруми мактаби деҳа мехондам, падарам маро ба назди домулло Мулломирзо бурданд, то бар иловаи дарси мактаб сабақ омӯзам. Дар назди ин домулло қироати Қуръони маҷидро ёд гирифтам ва сонитар «Чор китоб»-ро ҳам мутолиа намудам. Ба ин муносибат падарам дар хонаамон маросими «Қуръондаророн» ташкил намуда, хешу табор ва ҳаққу ҳамсояро даъват карданд. Сипас ман дар назди ширкаткунандагони ин маросим бо овози баланд чанд ояти шарифро қироат намудам ва пораеро аз «Чор китоб» хондам.

*Ибтидо мекунам ба номи Худо,*
*К-аз ду ҳарф офарид арзу само.*
*Номи ҳақ бар забон ҳамеронам,*
*Ки ба ҷону дилаш ҳамехонам.*

Таассуроти ин лаҳзаҳои нотакрори ҳаёти худро дар асарам «Достони набераи бобо»ба риштаи тасвир овардаам, ки зимнан ин достон дар вазни «Чор китоб» эҷод гардида, дар маҷмӯаи тозанашрам «Яккабурс» дохил шудааст.

– Оё Шумо бо устодони бузурги адабиётамон Садриддин Айнӣ ва Абулқосим Лоҳутӣ мулоқот кардаед?

– Мутаассуф бо устод Лоҳутӣ вонахӯрдаам. Вале хушбахтона ба ман муяссар шудааст, ки бо устод Садриддин Айнӣ якчанд маротиба мулоқот намоям.

Мулоқоти якуми ман бо устоди бузургвор С. Айнӣ соли 1940 ба вуқӯъ пайваст. Вақте ки сохтмони канали Марғедар ҷараён дошт, устод ба зиёрати каналковон омаданд. Котиби якуми кумитаи ҳизби коммунисти ноҳияи Панҷакент Ш. Муҳаммадиев устодро ҳамроҳӣ менамуд. Сонитар фаҳмидам, ки ҳадафи асосии устод аз ин сафар ҷустуҷӯи қабри Одамушшуаро устод Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ будааст.

Ман ҳамон вақт дар синфи дуюми мактаб мехондам. Муаллимамон Шариф Зарифӣ ба мо хабар дод, ки нависандаи бузург С. Айнӣ ба Марғедар омадаанд ва ба вохӯрии устод меравем. Мо дар саҳни мактаб саф оростем ва ба даст байрақчаҳо гирифта, шарқихонон роҳӣ шудем. Аз мулоқоти аввал чашмони зирак ва андешаманди устод дар хотирам нақш бастааст.

Мулоқоти дуюм бо устод соли 1949 ба амал омада, дар шаҳри Панҷакент иттифоқ афтод. Ӯ ба дидорбинии интихобкунандагони худ омада буд. Устод бар тан шиму костюми сафед ва бар сар тоқии чоргул дошта, аз минбар суханронӣ кард. «Ба ҳукумати шӯроӣ ташаккур, ки дар бораам кинофилме офаридааст ва ҳоло онро ҳамроҳ тамошо мекунем», гуфт устод. Сипас дар бораи ҳаёт ва фаъолияти илмӣ, адабӣ, ватандӯстӣ, маорифпарварии устод иборат аз ду қисм филми мустанаде намоиш дода шуд, ки таҳиягари он Борис Кимёгаров буд. Дар филм аз азобу маҳрумиятҳои устод, саргузашти вазнини ӯ, гирифториаш ба 75 чӯби амирӣ ҳикояти муассире карда шуда, симои барҷастаи Садриддин Айнӣ ҳамчун адиб ва мутафаккири бузург возеҳан инъикос ёфт.

Таҷлили ҷашни 75-солагии устодро, ки дар Театри опера ва балет баргузор шуд, ман мулоқоти сеюм меҳисобам. Ин ҷашн дар саросари ҷумҳурӣ бо тантанаи махсусан олӣ қайд гардид. Дар маҳфили ҳукуматии ҷашн, ки онро сарвари мамлакат Бобоҷон Ғафуров роҳбарӣ менамуд, устод бо сабаби беморӣ иштирок карда натавонист. Аммо тамоми суханрониҳои маҳфилро тавассути радио гӯш менамуд. Дар охир устод низ бо воситаи радио ба ҳозирони маҳфил ва ба ҳамаи сокинони кишвар мурочиат кард. Устод мегуфт, ки минбаъд ҳам ҳаёти худро дар хизмати халқу Ватан сарф хоҳад намуд, «то ҳаст зи ҷонам рамақе кори ман ин аст» мешунидем мо овози устоди бузургворро. Дар ҷашн худи устодро надида бошам ҳам, садои хоси марғуладори ӯро шунида, симои нуронӣ ва бузургворонаашонро пеши назар тасаввур менамудам.

Вохӯрии устод Садриддин Айнӣ бо адибони ҷавон дар саробӯстони ҳукуматӣ, ки дар он Пӯлод Толис ва Гулчеҳра Сулаймонӣ иштирок доштанд, он солҳо барои ҳар яке аз мо, қаламкашони ҷавон сабақи ҷовидонии устод маҳсуб мегардид, ки гиреҳҳои роҳи эҷодиро мекушод. Хосатан Толис аз ин мулоқот хеле ифтихор дошта, ҳар як нукта ва панду ҳикмати устодро бо меҳру ихлоси самимӣ ба анҷом мерасонд. Агар ҳоло Толис зинда мебуд, итминон дорам, ки ӯ яке аз бузургони адабиёти мо мешуд. Аммо ҳазорон афсӯс, ки роҳи қисмат дигар будааст.

Мегӯянд, ки солҳои бистуми қарни гузашта роҳбари ҳамонвақтаи ҷумҳурӣ Абдуқодир Муҳиддинов аз устод Садриддин Айнӣ хоҳиш кардааст, то асари барои халқу Ватан тақдирсози худ «Намунаи адабиёти тоҷик»-ро бинависад. «Миллат ва ҷумҳурӣ фаромӯш намекунанд», гуфтааст А. Муҳиддинов ба устод. Ҳақиқатан ҳам ин суханон хеле дурандешона будаанд.

– Шумо шогирди бовафо ва содиқи устод Мирзо Турсунзода

ҳастед. Ва чанде пеш китоби хотираҳоятон дар бораи ин устоди бузург таҳти унвони «Зинда ба ишқ» интишор гардид. Хоҳишмандам, ки доир ба солҳои ҳамкориатон бо устоди зиндаёд ҳикоя мекардед.

– Ман худро ва аз ҷумла шоирон Лоиқ Шералӣ, Файзулло Ансорӣ, Аминҷон Шукӯҳиро шогирдони мактаби устод Мирзо Турсунзода меҳисобам. Худи устод Мирзо Турсунзода аз мактаби устод Садриддин Айнӣ баҳра гирифтаанд, яъне мо тавассути М. Турсунзода ҳамчунин шогирдони мактаби устод Садриддин Айнӣ низ ба шумор меравем. Мактаби устод Мирзо Турсунзода барои мо нотакрор буд, аз он тариқи суханварӣ, одаму оламшиносӣ, инсонгарӣ, ҳамдастӣ, одамонро эҳтиёт кардан ва ғайраро омӯхтаем.. Мо шогирдони содиқи ин мактаб ва ин устод ҳастем. Ва анъанаҳои ин мактаб аз насл ба насл гузашта, ҳамвора давом хоҳад ёфт.

Устод Мирзо Турсунзода падари маънавии миллат буд. Ман ду дафъа падарро гум кардаам, яъне бори аввал вақте ки падарам аз олам гузаштанд ва бори дуюм, даме ки ин устоди бузургворро ба хок супурдем.

Ман худро аз хушбахттарин инсонҳо медонам, зеро бо мадади толеи саъд 17 сол ҳамроҳи устод кор кардаам. Бо даъвати устод ба остонаи Иттифоқи нависандагон қадам ниҳода, то рӯзи ба нафақа баромадан, яъне дар ин даргоҳи муборак ҷамъан 32 сол хидмат намудам.

Бо устод нишастаю хестаам, сафарҳо кардаам ва устодро дар зиндагӣ, кору рафтор, дар сӯҳбати рафиқон, дар муносибат бо одамон омӯхтаам. Устод Мирзо Турсунзода бо ҳама бузургӣ, ки хоси эшон буд, як марди хоксор, инсони ғамхор, як фарди дастгиру раҳнамо ва шахси ниҳоят хайрхоҳ буд. Устод аҷоиб як хислати бонаҷобате дошт, ки ба он тоифаи ашхосе ҳам, ки ба ӯ бадӣ мекарданд, аммо устод бо некӣ ҷавоб мегардонд. Ман кулли ин воқеаҳоро медидам ва ба чашмони худ мушоҳида намуда, хулоса мебаровардам ва барои худ сабақ мегирифтам.

Чизи дигару муҳимтарине, ки аз устод омӯхтаам ин меҳнат кардан аст. Устод ҳамеша талқин менамуд, ки даст ба кор дошта бошам. Кор одамро ба роҳи нек ва мақсаду нияти пок ҳидоят менамояд, мегуфт устод, кори нек боиси забондарозӣ ва сарбаландии одам хоҳад шуд.

Устод пушту паноҳи мо, адибони ҷавон буд. Мададу дастгирии маънавии устод буд, ки ман соли 1964 шеъри «То ҳаст оламе, то ҳаст одаме»-ро гуфта будам, ки бо чунин мисраъҳо оғоз мешавад:

*Ҳар дам ба рӯи ман*
*Гӯяд адӯи ман,*
*К-ин шеваи дарии ту,*
*Чун дуд мешавад,*
*Нобуд мешавад,*
*Бовар намекунам,*
*Бовар намекунам!*

Ин шеър дар ҳифзи забони модарӣ буд ва боиси мамнунист, ки дар олами форсизабонон ҳамчун шӯрангезтарин шеър дар ситоиши забони форсии дарӣ эътироф гардид. Олимони бузурги Эрон Парвиз Нотил Хонларӣ, Ғуломҳусайни Юсуфӣ ва дигарон дар бораи ин шеър мақолаҳои алоҳида навиштаанд.

Албатта, возеҳ аст, ки тамоми хислатҳои ҳамида ва фазилатҳои баланди инсонии устодро дар як мусоҳибаи кӯтоҳ зикр кардан берун аз имкон аст. Биноан хома бар даст гирифтам ва хислатҳои неки устодро дар шакли як китоб ба силки тасвир даркашидаам. Ин китоб таҳти унвони «Зинда ба ишқ» интишор ёфт ва акнун хонанда муайян хоҳад кард, ки ман то чӣ андоза ба ҳадафи худ муваффақ гардидаам.

Ва хушбахтона дирӯз аз як хонандаи хеле хуштабъу баландзавқ роҷеъ ба ин китоб андешаҳояшро фаҳмидам. –Китоби «Зинда ба ишқ», – гуфт ӯ, – калиде хоҳад шуд барои боз кардани даричаи шинохти устод Мирзо Турсунзода ҳамчун шоир, олим, ходими ҷамъиятӣ ва фарзанди барӯманди миллат.

Ман аз рӯҳи пурфутӯҳи устод имдод талабида, ҳамкории 17-солаамонро пеши назар овардаму китоби «Зинда ба ишқ»-ро эҷод кардам ва ба саҳифаи охирини он соли 1992 нуқтаи таммат гузоштам. Табиист, ки он давра бисёр чизҳоро гуфтан намешуд ва хеле гапҳо дар дил нуҳуфта мондаанд. Аз ин рӯ ният дорам, ки агар фурсат даст диҳад, китоби «Зинда ба ишқ»-ро аз нав таҳрир хоҳам кард ва иншоаллоҳ симои хирадмандонаи устод боз беҳтару возеҳтар зеби рақам хоҳад шуд.

Мутаассифона устод Мирзо Турсунзода имрӯз дар байни мо нест ва агар устод ҳоло зинда мебуд, аз мубоlизаҳои пайгиронаи Президенти кишвар, Ҷаноби Олӣ, мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар боби таҳкими истиқлолияти Ватан, баланд бардоштани худшиносӣ ва бедории миллӣ, посдории забони модарӣ, фарҳанги миллат, бузургдошти аҳли адаб, ғамхориҳои Сарвари давлатамон нисбат ба деҳқонон, адибон, коркунони илм басе шоду болидарӯҳ мегардид. Ман гумон мекунам, ки аз навгониҳои ҳаёти ҷумҳурӣ рӯҳи устод шод мешавад. Ва ин чиз ҳам яқин аст, ки рӯҳи устод Мирзо Турсунзода ва рӯҳи дигар бузургони миллат ба корҳои неки Президенти кишвар ҳамеша ёру мададгор хоҳанд буд.

Ман хушбахтам ва шукронаи толеи худро мегӯям, ки ин рӯзҳои некро дидам.

– Устоди арҷманд! Ҷашни 70-солагии Шумо ба иди ҳақиқии адабиёту фарҳанги ҷумҳуриамон табдил ёфта, бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил гардид. Ҳоло эҳтиромона хоҳиш дорам, ки дар бораи нақшаҳои минбаъдаи эҷодиатон чанд сухан мегуфтед.

– Ман ҳамаи унвонҳои баланд ва ҷоизаҳои адабиро барои хизматам дар адабиёти бачагона ва баъди сабукдӯш шуданам аз вазифаи сардабирии маҷаллаи «Садои Шарқ» гирифтаам. Зиндагӣ ба ман талқин кардааст, ки бояд пайваста кор кунам ва танҳо ба қувваи қалам ва нерӯи худ эътимод бандам. Зимнан панди устод Мирзо Турсунзода низ ҳамин буд.

Банда ҳар рӯз кор мекунам. Барои кӯдакон чизе менависам ва барои худам ғазал менигорам, ки аксар чоп нашудаанд. Шеъру достонҳоеро, ки дар арзи даҳ соли охир барои кӯдакон ва наврасон навишта будам, дар китоби «Яккабурс» гирд овардаам ва он чоп шуд. Ман бо фарзандони фарзонаи миллат С. Улуғзода, Ҷ. Икромӣ, Б. Раҳимзода, М. Миршакар, М. Раҳимӣ, А. Деҳотӣ, Ф. Ниёзӣ, С. Ҷаҳаризода, Ф. Муҳаммадиев, П. Толис, М. Фарҳат ва дигарон бисёр солҳо ҳамсӯҳбату ҳамнишин будам, ки дар бораи онҳо хотираҳоямро навиштан дорам. Ҷилди аввали ин ёдкарди ман бо унвони «Дӯш будам ҳамнишин...» дарҷ гардид. Ният дорам, ки ҷилдҳои дуюм ва сеюми ин китобро низ бинависам.

Нақшаи дигарам он аст, ки аз 30 адад китоби барои кӯдакон навиштаам бо диди нав сара карда ва таҳриру такмил намуда, маҷмӯае тартиб доданиям, то ҳадяе аз мани бобо ба набераю аберaҳои ҷумҳуриамон ва берун аз марзҳои он бошад.

Ҳамчунин як маҷмӯаи очеркҳоям бо ҳамкории доктори улуми иқтисод, профессор Хушвақти Ғафур таҳия гардидааст, ки пас аз чанде чоп мешавад. Шукр мекунам, ки қувваи меҳнат кардан дорам ва бекор будан наметавонам, ҳамчунон ки Ҳаким Низомии Ганҷавӣ фармудааст:

*Гуфтан зи ман аз ту кор бастан,*
*Бекор наметавон нишастан.*

## ТЕҒИ «ДӮСТ» ВА ИШҚИ ЗАН

Ба гардани Саттор аз ақиб бо корд заданд. Дасту пойҳои ӯ якбора карахт шуданд. Чун теғ бори дуюм бар гарданаш фурӯ рафт ва он қотили хуношом нӯги кордро дар миёни сутунмӯҳраҳои гардан бераҳмона тоб дод, Саттор аз ҳуш рафт. Сипас қотилон аз дасту

пойи Саттор гирифта, аз мошин берун кашиданд ва ба канори роҳ оварда, ба ҷарӣ ҳаво доданд. Саттор бар хоку хун жӯлидаю ғелида ва бар сангҳо бархӯрда, ба қаъри ҷарӣ афтод. Вай дар қаъри зов дар ҳолати нимабеҳушӣ аранге шунид, ки яке аз қотилон мегуфт: «Тамом шуд». Саттор ҳамаи қувваташро ҷамъ карда мехост бигӯяд. «Номардҳо!...» Вале аз чӣ бошад, ки аз гулӯяш ҳеч овоз намебаромад.

Сонӣ ӯ дар ҳамон ҳолати нимбеҳушӣ садои мошинашро шунид, ки ғосибон гази онро баланд карда бурданд. Дигар ӯ аз ҳуш рафт.

Чӣ қадар дар он зови барфолудаи сард мондааст ҳеч дар ёд надошт. Дар кӯҳу дара бошад, ин дам оҳиста-оҳиста чодари сиёҳи торикӣ мефаромад...

Ин воқеа тақрибан соатҳои шаши бегоҳӣ ба вуқӯъ омада буд. Ҳамон рӯз Саттор соати ҳафту ними субҳ ба коргоҳи худ – базаи таксиронии пойтахт омада, мошинашро ба кор омода намуд ва худ аз муоинаи тиббӣ гузашта, ба кор шурӯъ кард. То соати панҷи бегоҳ рӯзи кории вай ба таври муқаррарӣ ҷараён дошт. Сипас занеро аз назди бозори Шоҳмансур то ба минтақаи мактаби милиса бурд. Аз ҳамон ҷо се нафар мусофир яке дар паҳлӯи Саттор ва ду нафари дигар дар нишастгоҳи ақиб ҷой гирифтанд. Саттор ду нафари онҳоро мешинохт, онҳо ҳамскасбонаш буданду якеро Ҳасан ва дуюмиро Сафар меномиданд. Мусофири сеюм барои Саттор ношинос буд.

– Моро то «Водонасос» бубар! – амри мусофиронро шунид Саттор. Мошини «Волга-ГАЗ-24» дар як они воҳид ба ин минтақа омад.

Мусофири сеюм ҳамоне, ки барои Саттор ношинос буд, дар ин ҷо мошинро тарк намуд.

– Ҷӯраҷон, акнун моро ба ГЭС-и Варзоб мебарӣ! – супориш доданд ҳамкасбони Саттор бо оҳанги илтимосолуд. Саттор низ ҷилави мошинро ба ҳамон тараф битофт. Мусофирон дам ба дарун кашида буданд. Саттор эҳсос намуд, ки ваҷоҳати онҳо тағйир ёфтан дорад.

Ҳине, ки Саттор ба истгоҳи барқи обии Варзоб наздик шуд, тахмини ӯ дар бораи сиёҳкории мусофиронаш Ҳасану Сафар комилан рост баромад. Яке аз онҳо ба паҳлӯи рост ва дигарӣ аз пушти гардани вай нӯги кордро халонда дӯғ заданд. – Ба пеш, ба тарафи Варзоб ҳай кун! Агар ягон нағма кунӣ... ва ҳар ду ҳам нӯги кордҳояшонро сахттар халонданд. Саттор ноилоҷ монда, мошинро ба пеш рондан гирифт. Ӯ пай бурд, ки дар чашмони ин ду марди бангзада хун ҷӯшида ва имкон дорад, ки аз ҳеч амали разилона рӯ натобанд. Саттор шунида буд, ки боре як таксиронро аз қафо ба гарданаш чилбур партофта буғӣ кардаанд.

Мувофиқи қоида таксии шаҳр то дувоздаҳ километр берун аз шаҳр рафта метавонад, ки ин фосила дар минтақаи Чорбед хотима меёбад. Ҳоло ӯ аз тарабхонаи «Насими кӯҳсор»-и Варзоб ҳам гузашта ба тарафи деҳаи Ҳушёрӣ наздик мешуд. Ва ноомади кор ягон корманди бозрасии давлатии автомобилӣ низ аз пеш набаромад, ки ӯро барои ин қонуншиканӣ нигаҳ дораду ба ҳамин васила ҷонаш аз дами корди ин нобакорон наҷот биёбад. Деҳаи Зиддӣ бо мӯриҳои зиёди дудкаши хонаҳои тунукапӯш намудор шуд. Ин вақт Саттор аз пояи бари роҳ мушоҳида намуд, ки дар километри ҳафтоду дуюм ҳаракат доранд. Айнан дар ҳамин лаҳзае, ки Саттор рақами ҳафтоду дуро бидид, чархҳои мошини ӯ дар барфи роҳ лағжиду мошин дар ҷояш таққӣ истод. Ва дар ҳамин сония яке пайи дигар бар гарданаш зарбаҳои корд расиданд...

Рӯзи дигар марди чӯпоне аз роҳ гузашта Саттори беҳушро тасодуфан бидиду аз деҳа ду-се нафарро даъват карда, вайро аз варта бароварда ба бунгоҳи тиббии Зиддӣ бурданд. Баъд аз чилу панҷ дақиқа Сатторро тавассути чархбол ба Душанбе оварданд.

Аз ҳамин сонияҳо давраи дуюми зиндагии Саттор оғоз гардид. Табибон барои аз чанголи марг наҷот бахшидани ҷони ин мард талоши зиёд варзиданд. Сатторро пас аз ҳабдаҳ соати захмӣ гардиданаш пайдо карда буданду то дар рӯи мизи ҷарроҳӣ хобиданаш боз як соат гузашт. Дар ин муддати тӯлонӣ ӯ хуни бисёреро гум карда буд. Невроҷарроҳи пуртаҷриба ва бомаҳорати шӯъбаи ҳаштуми бемористони Қарияи Боло Раҳмоналӣ Муродов ин амалиёти мураккаби ҷарроҳиро ба зиммаи худ гирифт. Ҷарроҳии мураккаби захмҳои гардани Саттор шаш соат тӯл кашид. Барои ҳамсари Саттор Фотима ин соатҳои ниҳоят тӯлонию вазнин ва ҷонгудоз буданд. Аз ҷарроҳихона аввал табиби чирадаст Раҳмоналӣ Муродов баромад. Фотима дарҳол пай бурд, ки чинҳои ҷабини ӯ кушодаанд. Аз ин дар дили зан як нури умеду эътимод пайдо гардид.

– Ҷарроҳӣ хеле нағз гузашт, худо хоҳад, шавҳаратон боз солҳои зиёде зиндагӣ мекунад, – гуфт табиб ба Фотима.

– Ташаккур ба шумо, мӯҳтарам духтур, – изҳори миннатдорӣ намуд ҳамсари бемор бо чашмони пуроб, – илоҳӣ, бахту саодати фарзандонатонро бинед. Ҳангоме ки хоҳарони шафқат Сатторро бо аробағалтак ба палатаи эҳёгарӣ мегузаронданд. Фотима тозон омада ба чеҳраи рангпаридаи ҳамсари азияткашидааш назар намуд:

– Азизам Саттор, чӣ ҳол дорӣ?

Шавҳараш дар ҳоли беҳушӣ буду чизеро эҳсос намекард, вале Фотима бовар дошт, ки дар ҳамин ҳол низ Саттор ӯро мешунавад.

Нӯҳ рӯзи аввали баъди ҷарроҳӣ Саттор дар миёни маргу

зиндагӣ талош дошт. Ин рӯзҳо барои ҳамсараш Фотима низ айёми вазнинтарин буданд. Вай рӯзону шабон аз бистари бемории ӯ дур намешуд, аз гулӯяш обу нон намегузашту ҳар лаҳзаю ҳар соат ҳамдаму ҳамнафаси шавҳараш буд.

Ҳол он ки баъзе хешовандони Саттор ба таври худ «пешгӯӣ» мекарданд, ки миллати Фотима осетин асту акнун шавҳари маъюбу маслуқашро ба ҳоли худ мепартояд. Чанд сол қабл Саттор аз ҳамсари пештарааш ҷудо шуда, бо Фотима издивоҷ кард ва ҳоло соҳиби як духтари дӯстрӯяке буд.

Воқеан ҳам яздони пок Сатторо аз дами марг баргардонд. Тақрибан пас аз бист рӯзи ҷарроҳӣ вазъи сиҳатии ӯ хуб шуд. Вале бар сари ин мард ва ҳамсари азияткашидаи вай имтиҳони дигаре омад. Яке аз хоҳарони шафқат беэҳтиётӣ карда, беморро бо сӯзандоруи нопок муолиҷа намуд ва дар фарҷом Саттор гирифтори бемории зардпарвин шуд. Ба ҷисми бемадори ӯ ин дарди сироятkунанда ниҳоят хатарнок буд, ҳатто табибон мегуфтанд, ки ҷисми бемор ба ин маризии вазнин тоб оварда наметавонад. Вақте ки Satторро дар бемористони касалиҳои сирояткунанда бистарӣ намуданд, ӯ ба занаш гуфт:

– Фотима, ғам нахӯр. Ман, ки дар Зиддию Қарияи Боло намурдам, дар ин ҷо ҳам намемурам!

Дар ин беморхона ӯро Константин Викторович ном духтури хушсалиқа моҳирона тадовӣ намуд.

– Умуман дар ҳамаи шифохонаҳо ҳамсари маро духтурони хуб муолиҷа карданд,-бо миннатдорӣ ёдоварӣ менамояд Фотима.

Саттор, ки соҳиби иродаи қавию рӯҳи бешикаст аст, ба ин бемории вазнин ҳам пирӯз шуд.

Чи тавре ки янгаи Фотима мегӯяд, вай ин дафъа низ аз чанголи марг наҷот ёфт ва аз қаъри варта хазида баромад. Вале карахтии тарафи росту чапи ӯ намегузашт. Табибон Сатторро муоина намуда, ба хулосае омаданд, ки ба иллати захмҳои гардан тарафи рост тамоман ва тарафи чап қисман фалаҷ гардидааст.

– Агар бо массаж ва варзиш доимо машғул шавед, – гуфт духтур ба Саттор, – дар ҷойгаҳ менишастагӣ мешавед, вагарна фақат дар ҷойгаҳ мехобед. Лекин бояд бигӯям, ки массажу варзиш барои шумо хеле дарднок хоҳад шуд.

– Духтур, барои маслиҳататон ташаккур, – ҷавоб дод Саттор ва бо қатъият илова намуд: – аммо ман ҳатман бо ҳар ду пойи худ роҳгардон мешавам ва мисли пештара мошинҳои «МАЗ»-у «Волга»-ро ҳам ҳай мекунам!

– Илоҳӣ, ҳамин хел шавад.

Саттор бо ҳамин қатъият ва матонату устуворӣ ба массажу вар-

зиш пардохт. Дар ҳақиқат массажу варзиш дарднок буд, вале аз ҳамсараш хоҳиш менамуд, ки дастону пойҳояшро молиш бидиҳад, бар алайҳи дард боз ва боз молиш бидиҳад. Ҳамкоронаш дар ду гӯшаи ҳавлии ӯ пояҳои оҳанин насб карда, симҳои ҳалқадор кашиданд, ки он ба тамрингоҳи хубе табдил ёфт. Тамоми рӯзи ӯ бо машқу тамрин мегузашт. Пас аз се соли чунин варзиши гарону дарднок Саттор нирӯе пайдо карда, бо қувваи худ мустақилона дар ҷойгаҳ менишастагӣ шуд. Вай ин варзишро боз се сол идома дода, оҳиста-оҳиста қадам мезадагӣ шуд. Аммо ба ҷои дуртар то ҳанӯз бо ёрии ҳамсараш ва савори аробача роҳӣ мегардид. Ба қабулгоҳи вазири нақлиёти ҷумҳурӣ Наримон Холович Яъқубов ҳам Саттор бо аробача ва ёрии завҷааш омада, ариза пешниҳод намуд, то соҳиби мошини сабукрави «Волга» шавад.

– Мошинро ҳамсаратон идора мекунад? – пурсид вазир ба аробача нигариста.

– Не, худам, – ҷавоб дод Саттор.

Наримон Холович мутаҳайирона китф дарҳам кашида, ба аризаи Саттор имзо гузошт. Дархости ӯро аз ҳисоби мошинҳои кӯҳна қонеъ гардониданд. Пас аз чандин моҳ вазир дар роҳҳои шаҳр Сатторро пушти чанбараки мошин дида, самимона табрикаш намуд. Аммо ин мошинронӣ бо заҳмати хеле зиёд ба Саттор муяссар гардида буд. Зеро аслан ӯ бо як дасти чапи нимфалаҷ мошинро идора мекард. Дӯстон ва ҳаққу ҳамсояҳо ин матонату устувории Сатторро дида ба ӯ «Мересеви тоҷик» ном ниҳоданд. Дар замони нобасомониҳо ба хонадони Саттор низ фоҷиа омад. Писари баркамоли ӯ Шамсиддинро (аз зани аввал) шахсони номаълум ба қатл расонданд. Ин воқеаи мудҳиш вайро ба бемории асаб гирифтор намуд. Пас аз муолиҷа духтурон ба Саттор маслиҳат доданд, ки бештар дар ҳавои тоза гаштугузор бикунад. Ҳамон вақт ӯ дар минтақаи «Километри нӯҳум» зиндагӣ мекард. Дар наздикии хонааш партовгоҳе мавҷуд буд, ки сокинони маҳалла ба он ҷо ахлоттӯдаю хасрӯбаҳоро мепартофтанд. Инчунин ба он партовгоҳ бетонпораҳои зиёди сохтмониро низ афканда буданд. Саттор хост, ки ба хотири писараш ҳамин макони ноободро ба боғистон мубаддал намояд. Ин рози дилашро қабл аз ҳама ба ҳамсараш ифшо бикард, вай дарҳол ин нақшаи шавҳарашро писандид. Ҳамин тавр онҳо хостанд, ки фоҷиаро бо кору заҳмат фаромӯш созанду дилашонро таскин диҳанд.

Ин макон ҳоло бо заҳмати бисёр сабзу хуррам гардидааст ва Саттор онро Чорбоғи Шамсиддин мегӯяд.

Аз сарнавишти ин марди қавирӯҳ тавассути номааш ба идораи рӯзнома огоҳ гардидем. «Роҳбари ҷумҳуриамон дар ҳама ҷабҳа

барои тантанаю пирӯзии қонуният мубориза мебаранд, ки мо аз ин мамнунем. Вале дар баъзе ҷойҳо на ҳама ба волоияти қонун риоя менамоянд» – навиштааст Саттор Сангинов.

Азбаски Саттор ҳангоми иҷрои вазифа захмӣ шудааст, тибқи қонун аз тарафи муассисаи таксиронии пойтахт бояд бо нафақаи махсус таъмин гардад. Аммо вақтҳои охир бе ҳеч сабаб ин нафақаро ба ӯ намедиҳанд. Саттор ба назди сарвари муассиса борҳо рафтааст, то ҳаққи ҳалоли худро рӯёнад. Вале сардор ҳангоми мурочиати Саттор сақичхоӣ карда, беэътиноёна гуфтааст: «Хуб мешавад, ки вақти ҳамин рафтуомадҳо бимирию маро дигар гаранг накунӣ»!

«Ҳангоми иҷрои вазифа ғосибон бо корд ба гарданам зада буданд, – навиштааст Саттор Сангинов, – аммо захми ин суханони сардор ба дилам халидаанд...»!

## ПАДАРИ ХАЛҚ

Боре ман ба ноҳияи Айнӣ ба сафари хидматӣ рафта, дар деҳаи зебоманзари Анзоб бо деҳқони куҳансол амаки Файзиддин мулоқот намудам. Деҳқони солхӯрда ҳофизаи қавие доштааст, дар бораи раисони собиқи хоҷагӣ ҳикоя кард, ки соли панҷоҳу ҳафт дар муддати ҳашт моҳ дар колхоз ду раис яке дигареро иваз намуда, бо усули булаҷабе «роҳбарӣ» карда будаанд. Хоҷагиро вайрону валангор намуда, деҳқононро қашшоқу бенаво кардаанд ин раисон. Ба ҳадде ки дар анбори колхоз ба миқдори як тоқӣ ҳам ғалладона намондаасту дар фермаҳо хасу хошок адо шуда, говҳо аз лоғарӣ ба пойҳои худ рост истода наметавонистаанд. Чунки ин роҳбарон андешаи фардоро накарда, бо ғорату мардумфиребӣ шуғл варзидаанд.

Хайрият, ки дар ҳамон давра роҳбарияти ноҳия оқибат ба хулосаи дуруст омада, шахси арзанда, роҳбари содиқу кордон, ғамхори халқ Раҳим Аслиддиноврo ба вазифаи раиси хоҷагӣ пешбарӣ намудаанд.

Бобои Файзиддин ҳикояти худро хотима дода, ба таври ҳикматомӯз гуфт: «Раиси мо Аслиддинов барои одамон, барои давлат кору зиндагӣ мекунад...»

Маълум аст, ки хусусан дар деҳот роҳбаронро бе ҳеч асос мадҳу ситоиш намекунанд, неку бади омоли онон ҳамчу оина равшан аст, барои гуфтани суханони боло мӯйсафед бояд солҳо мушоҳидаю андеша карда бошад.

Вақте ки сӯҳбати бо деҳқони солхӯрда анҷомдодаи худро ба ра-

ис ҳикоя кардам, дар чеҳраи роҳбари хоҷагӣ табассуми ҳазине пайдо шуд.

– Магар Файзиддин-бобо қиссаи мӯзаи аскариро нагуфт,- ишора намуд раис.

...Дар ҳамон шаби зимистоне, ки Аслиддиновро раис интихоб намуданд, ӯ пас аз маҷлиси ҳисоботию интихоботии деҳқонон рост ба хонаи худ нарафт, бо пайраҳаи санглох ба фермаи хоҷагӣ омад. Раиси ҷавон шунида буд, ки баъзеҳо хӯроки чорвои ҷамъиятиро медузданд. Ӯ, ки ҳоло таҷриба наандӯхта буд, фаъолияти раисиро ҳамин навъ оғоз намуд, мехост бо чашми худ тороҷгарони моликияти колхозиро бубинад. Ҳамин тавр хӯроквории чорворо зери назорати қатъӣ гирифт ва ҳар гуна ему хӯрокаеро, ки пайдо менамуд, тавассути ягона мошини боркаши хоҷагӣ худаш ба ферма мебурд.

Аз киштзори хоҷагӣ ҳам якчанд гектар лаблабуи барои хӯроки чорво киштаю зери барфу яхмондаро «кашф» намуд. Деҳқонон бо мисронҳо яхҳоро шикаста канданд ва лаблабуро ба чорво доданд.

Баҳорони соли аввали кораш бошад, хоҷагӣ нақшаи ба давлат ширсупориро шурӯъ намуд.

Вале ҳанӯз ҳам деҳқонон ба кори хоҷагӣ чандон дилкашолию дилчаспӣ надоштанд, зеро муомилаи раисони пешина ба кори ҷамъиятӣ одамонро дилсард карда буд.

Раиси нав дар фикри он шуд, ки халқро дилгармие бубахшад, эътиқоди онҳоро ба заҳмати дастаҷамъӣ зинда гардонад. Раис нағз медонист, ки фақат ғамхорӣ ба эҳтиёҷоту ниёзмандиҳои онон калиди дили одамон хоҳад шуд.

Бо ҳамин ният раис ба қабулгоҳи якчанд роҳбарони ноҳия сар кӯфта, барои деҳқонон либосҳои гарм ва пойафзолҳои бадошт пайдо намуд. Рости гап, он вақтҳо ба даст овардани инҳо хеле мушкил буд. Раис либосу пойафзолро мувофиқи зарурияти ҳар шахс ба истеҳсолот тақсим намуда, як ҷуфт мӯзаи аскаридӯхтро барои худаш нигоҳ дошт. Ин мӯзаро ҳоло ба хонааш набурда буд, дар даруни ҷевони идорааш меистод.

Амаки Файзиддин аз воқеа хабардор шуда, ба идораи раиси ҷавон ворид мешаваду бидуни истиҳола арзи дилашро изҳор менамояд: «Албатта, ба деҳқонони оддӣ аз раиси нав ҳам ягон файзу барака намерасад». Ва ба қафо баргашта аз идора баромаданӣ мешавад, ки раис вайро бозмедорад ва ҳеч чиз нагуфта мӯзаро аз ҷевон бароварда медиҳад.

Амаки Файзиддин мӯзаро гирифта бошад ҳам, раис боз чандин сол мушоҳида менамуд, ки ин одам ба сӯи ӯ нигоҳҳои шубҳаолуд

мефиканд. Бале, ҳисси нобоварӣ ба лаҳзае, яъне хеле осонакак пайдо мегардаду аз дил сутурдани он бошад, басо душвор аст.

Мӯзаи аскарӣ ҳамин тавр қиссае дорад.

Оре, раиси ҷавон ба ҳамин навъ хоҷагиро бо мушкилот ва зина ба зина ба пеш мебурд. Ғамхорию муносибати беғаразонааш ба одамон ва хусусан фидокорона меҳнат карданаш оҳиста- оҳиста деҳқононро дар атрофаш сарҷамъ намудан гирифт.

Соли аввали ҳосилғундорӣ ғалабаи нахустини хоҷагӣ буд бо роҳбарии раис Раҳим Аслиддинов. Ҳарчанд ки ҳамон сол андак хушксолӣ омад, колхози ба номи Орҷоникидзе дар ноҳия ҷои авваларо ишғол намуда, дар ҳамон давра аз ҳар гектар ҳосили рекордӣ- шонздаҳ сентнерӣ ғалла ба даст овард. Деҳқонон нахустин бор барои меҳнати худ ғалла гирифтанд. Ин воқеаи хеле хурсандибахш буд, одамон самараи меҳнати вазнини деҳқониро бо фараҳу миннатдорӣ чашиданд. Вале ба раиси хоҷагӣ ин хеле гарон афтод, ба ӯ барои бо ихтиёри худ тақсим карда додани ғалла ҷазои ҳизбӣ доданд. Бо вуҷуди ин Аслиддинов аз ҷамъбасти меҳнати деҳқонони хоҷагӣ дар соли аввал хушҳол буд, раис аз он ҷиҳат мамнун гашт, ки боварии мардум ба кори дастҷамъӣ ва умум барқарор шуд.

Воқеаи дигари хурсандибахши ҳамонсола он буд, ки раис Р. Аслиддинов дар баробари раисони машҳури ҷумҳурӣ-Қаҳрамонони меҳнат С. Ӯрунхоҷаев, А. Самадов, М. Маҳмадалиев ва як қатор пешқадамони истеҳсолот дар ҷаласаи умумииттифоқии ҷуворимаккапарварон ширкат варзид.

-Ин машварати мӯҳташам дар ҳаёти ман гардиши бузургеро ба амал овард,- ёдоварӣ менамуд Р. Аслиддинов.- Барои мустақилона роҳбарӣ намудан ва устуворона амал кардан дастури нотакрору ибратбахше дод. Сабақи дигари ин машварат дар он аст, ки афзалиятҳои ҷуворимаккапарвариро хеле возеҳ ташреҳ намуд. Олимон, роҳбарони номдор аз кашфиёту таҷрибаҳои худ маълумот ва панду андарзи беназире доданд. Барои хоҷагиҳои чорводор парвариш кардани ин зироат хеле зарур будааст, самара мебахшидааст.

Албатта, колхози ба номи Орҷоникидзе киштзорони бисёри обӣ надорад, вале аз он қитъаҳое ҳам, ки мавҷуданд, босамар истифода бурда, захираи фаровони хӯроки чорво таҳия намудан имконпазир мебошад. Дар ин боб киштани зироати ҷуворимакка хеле мувофиқ ва бобаракат аст. Раис дар машварат бо роҳбарони пуртаҷрибаи хоҷагиҳо мулоқот карда, ин ҳикмати кишоварзиро хубтар омӯхт.

Тирамоҳи соли дуюми роҳбарии Р. Аслиддинов колхоз дар баробари дигар зироатҳо аз ҷуворимакка ҳосили фаровоне парвариш

намуд. Хоҷагӣ нахустин бор дар таърихи мавҷудияти худ дар фасли зимистону аввали баҳор бо хӯроквории чорво пурра таъмин гардид.

Ба колхози муттаҳидгардидаи ба номи Орҷоникидзе таҳти роҳбарии раис Р. Аслиддинов ҳамагӣ ду сол лозим шуд, ки ҳам дар сатҳи ноҳияю ҳам дар сатҳи вилоят ба сафи хоҷагиҳои пешқадам ҷойгир гардад. Ба муносибати ин раисро бо медали «Барои меҳнати шоён» сарфароз намуданд.

– Бо кадом роҳ ин муяссар гардид,- пурсида будам зимни сӯҳбат аз амаки Фазлиддин, – охир ду нафар роҳбар пай дар ҳам кор карда, аз ӯҳдаи ин набаромаданд, ҳамон вақт низ деҳқонони ҳозира буданд.

– Сарриштаи барору баракаи кор дар дасти раис,- ҷавоб дод деҳқони гармию сардии рӯзгор дида,- ҳама гап дар қадрдонию қадршиносии ӯ. Раис инсони шарофатманд, ҷони одам аст, барои вай хурду калон як хел қадру қиммат дорад, албатта, иззати мӯйсафедон барояш махсус аст, ин маълум. Лекин ман борҳо шунидаам, ки раис мегӯяд: инсон гавҳари ноёб аст. Оре, барои вай ҳар як одам гавҳари ноёб аст.

Дар деҳоти хоҷагии мо ягон одам нест, ки раис ӯро бо бобою бобокалон ва фарзандону набераҳояш нашиносад. Пеш аз оғози ягон кор раис ҳатман ба ҳамақидаҳои худ такя менамояд, ҳамфикрону ҳамсангарони раиси мо зиёданд, тамоми хурду калон ва зану марди колхоз ва берун аз ҳудудҳои он аст. Мана, сарчашмаи барорҳои кори вай дар куҷост? «Аспи беҳолу бемадорро фақат гург ба таҳлука андохта метавонад, ба инсон фақат эътиқоду виҷдони пок нерӯ мебахшад», ҳикмати дӯстдоштаи раиси мо ҳамин аст. Мизони ҳақиқат барои ӯ кор ва натиҷаи он мебошад.

Ҷиҳати дигари фаъолияти раис ба он вобаста аст, ки ӯ ҳамеша машғули омӯзиш аст. Ҳар як соҳаи барои кишоварзӣ муҳиму муфидро меомӯзад. Бисёр мутахассисон бар он ақидаанд, ки раис Р. Аслиддинов соҳиби дипломҳои иқтисодшиносию агрономӣ ва зоотехникию инженерист. Ба андешаи ман бар замми инҳо раис боз дипломҳои таърихшиносию омӯзгорӣ ва рӯҳшиносӣ дорад. Ҳол он ки мувофиқи маълумоти шарҳиҳолӣ аслан ӯ соҳиби дипломҳои таърихшиносию агрономист.

Бо ибрати донишдӯстию маърифатпарастии раис даҳҳо нафар деҳқонону чӯпонҳои хоҷагӣ соҳиби маълумоти мактабҳои миёнаи махсус ва донишгоҳҳо гардидаанд. Дар хоҷагӣ зиёда аз сад нафар мутахассисони маълумоти олидор машғули коранд, ки аксари онҳо бо кӯмаки колхоз таҳсилоти худро бо муваффақият анҷом додаанд.

Боз як усули роҳбарии Р. Аслиддинов дар он ифода мегардад,

ки ӯ доим пешомадро возеҳан мебинад ва ба ин васила фаъолияти умумро саҳеҳан ба нақша мегирад.

-Шумо чилу ду сол боз раиси колхоз ҳастед ва аз ин чил сол боз хоҷагӣ дар сафи пешқадамон аст, ин ба шумо чӣ тавр муяссар гардид?- пурсида будам боре аз раис Р. Аслиддинов.

-Ман аз давраи аввали корам ба як қоида сахт риоя мекунам,- ҷавоб дода буд роҳбари хоҷагӣ, – ҳикмати олии кишоварзӣ он аст, ки деҳқононро ҳаргиз аз замин ҷудо накунӣ ва дар дили онон ҳиссиёти соҳиби замин буданашонро хомӯш насозӣ. Баъзеҳо хоҷагии дастҷамъиро фаромӯш кардаанд. Инро хусусан дар рӯзҳои мо бисёр таъкид мекунанд ва мегӯянд, ки хоҷагии дастҷамъӣ куҳна шудааст. Шояд кӯҳна шуда бошад, дар бисёр минтақаҳо хоҷагии иҷоравӣ ташкил намудаанд. Мо ҳам ба хоҷагии иҷоравӣ гузаштаем. Гап дар тағйир додани ном нест, балки дар моҳияти масъала аст. Яъне гурӯҳи деҳқонону чӯпонон дастҷамъона дар замин кор мекунанд ва муваффақияти кор ҳамон вақт таъмин мегардад, ки ин одамон ҳисси соҳиби замин буданашонро гум накунанд. Ҳаминро ман таъкид карданиям, ки хоҷагиҳои дастҷамъонаро барҳам дода, пешрав шудан номумкин аст. Тасаввур кунед, аввал хоҷагиҳои дастҷамъро барҳам дода, заминро ба хоҳишмандон тақсим бикунед, ба ҳамагон замин намерасад. Ва он шахси танҳо низ чун соҳиби замин шавад, барои коркард аз куҷо трактор ё дигар васоити техникӣ, маводи кимиёвӣ меёбад? Барои ҳамин ҳам даст бар даст ниҳода, бо мадади якдигар кор кардан афзалтар аст. Боз ҳатман бо донишу маърифати кишоварзӣ мусаллаҳ шудан зарур аст. Ва ақидаи ман ин аст, ки дар замин кор кардан усули махсуси истеҳсолот мебошад. Ба ман суханони Қаҳрамони меҳнат, раиси машҳур, шоҳмотбози моҳир Миралӣ Маҳмадалиев писанд омадаанд, ки боре гуфта буд: кори деҳқонӣ ин бозии шоҳмот бо табиат аст. Зимнан дар ин бозӣ ба ихтиёри табиат ҳамеша мӯҳраҳои сафед ҳастанд ва бозиро ҳам аввал табиат сар мекунад.

Хизмати раиси кордон, хирадманд ва дурандеш Раҳим Аслиддинов дар рушди болоравии маърифату ободонии деҳоти хоҷагии иҷоравии ба номи Орҷоникидзе, ноҳияи Айнӣ ва умуман водии Зарафшон хеле бузург аст. Гуфтан мумкин аст, ки роҳбари доно, мудаббир ва соҳибтадбир будан, инчунин обод намудан ва соҳиби маърифат кардани мулку маконро ӯ аз падару бобоёни худ мерос гирифта, ин хислатҳои ҳамидаи инсонии ниёгони хешро басо инкишоф додааст.

Аз шаҷараи хонадони раис Р. Аслиддинов маълум аст, ки падару бобо ва бобокалонҳои вай дар зарфи тақрибан дусад сол дар водии Зарафшон аз ҷумлаи саркардагон ва маърифатпарварони

қавму қабоили хеш будаанд. Бобои ҳафтумин пушти раис Раҳим Аслиддинов- Арбобхол дар мадраса таҳсил намуда, яке аз соҳибмансабони номвар ва баобрӯи замони хеш гардидааст. Дар водии Зарафшон якчанд масҷиду мадраса бино намуда, тарғибгари илму маърифати бузургонамон будааст. Арбобхол ҳамчун арбоб, яъне роҳбару саркарда бо ҳамроҳи як гурӯҳи калони сарбозони фидоии Зарафшон ба Истравшан рафта, ин шаҳри бостонии тоҷиконро аз ҳамлаи аҷнабиён мудофиа намудааст. Дар ин ҷанги одилона, яъне агар ба ибораи имрӯза гӯем, зимни расонидани ёрии башардӯстона ба бародарони истаравшанӣ Арбобхол захмин мешавад ва тир дар зери пӯсти сараш дармемонад. Баъди бозгашт модараш ба ҷои захм равғани зағир молида он тирро мегирад ва Арбобхол боз корҳои роҳбарию ободонии хешро давом медиҳад. Ва бобои дигари раис Ҳоҷиқурбон ба зиёрати Маккаи Мукаррамаю Мадинаи Мунаввара рафта, мударрис ва соҳиби масҷид будааст, бобоёни минбаъда ба ин тартиб арзи ҳастӣ кардаанд: Арбобкалон арбоб, Муллоусмон мактабдор, Муллораҳим қозӣ ва падари раис Муллоаслиддин солҳои тӯлонӣ раису саркор будааст.

Сокинони куҳансоли ноҳия ҳикоят овардаанд ва дар китоби Абдураҳмони Мустаҷир «Рӯзномаи сафари Искандаркӯл» /соли 1870/ навишта шудааст, ки қозӣ Муллораҳим, яъне бобои раис Раҳим Аслиддинов дар дарёҳои Анзоб ва Яғноб чор адад кӯпрук сохтааст, ки дарозии ин пулҳо дувоздаҳ-понздаҳ метр меомадаанд. Қозӣ Муллораҳим чӯбҳои бақуввату бадошт ва дарози дар ин кӯпрукҳо истифодашударо бо маблағи худ харидорӣ намуда, дар корҳои сохтмони пулҳо мардумро ба ҳашар ҷамъ кардааст. Ҳаққи хизмати устоҳо ва ошу нони ҳашариён низ бо маблағи шахсии қозӣ Муллораҳим адо шудааст. Ҳамчунин нақли накӯкориҳои қозӣ Муллораҳим ва гузаштагону фарзандонаш нуқли бисёр сӯҳбатҳо ва гуфтугузорҳост, ки ҳавлии ӯ дар сари роҳи деҳаи Марғеб воқеъ гардида, меҳмонхонаи он бошад, ба роҳ боз ҳам наздиктар ҷойгир будааст. Дар наздикии меҳмонхона оғил сохта будаанду дар як гӯшаи он алаф ва ҳезум ниҳода ва дар меҳмонхонаи муҷаҳҳаз ҳатман дастархон бо хӯрданиҳо ва чароғ мегузоштаанд, ки меҳмон агар дар бевақтии шаб ояд ҳам, улоғи худро дам дода, худаш ҳам бемалол истироҳат мекардааст. Ин расм аз гузаштагон мерос монда будааст...

Раис Раҳим Аслиддинов анъанаи халқамон, кори неки падару бобоёни худро ба дараҷаи аъло давом додааст, ҳам дар боби меҳмоннавозӣ, ҳам дар боби ободонии деҳот. Ҳавлии раис ҳам бо меҳмонхонааш дар сари роҳ аст. Агар номи меҳмонони ӯро зикр намуданӣ шавем, варақҳои хеле зиёде зарурат доранд ва ин аз ягон

ҷиҳат кори имконпазир ҳам нест. Тамоми роҳбарони ҳизбию давлатию ҳукуматии ҷумҳурӣ, кишварҳои ҳамсояи Осиёи Марказӣ, президентҳо, сарвазирон, адибон, рӯзноманигорон, олимон, сайёҳон, роҳбарони хориҷӣ, сафирон, дипломатҳо ва ғайра ба ин хонадон меҳмон шудаанд. Масалан, президенти собиқи Франсия Валери Жескар Дестен, роҳбари ҳизбию давлатии Чехословакия Густав Гусак, собиқ сафири Аёлоти Муттаҳидаи Амрико дар Тоҷикистон Эскудеро, котиби КМ ҲКИШ Капитонов бо духтаронаш, роҳбарони ҷумҳуриҳои ҳамсоя Д.А. Кунаев, Ш. Р. Рашидов, раиси Ҳизби коммунисти кишвари Гватемала...

Ин меҳмоннавозию меҳмондориҳо фақат ба хотири нишастану сӯҳбат оростан набуда, балки раиси оқилу доно дар сари ин сӯҳбатҳои гарму самимӣ ягон лаҳза ҳам манфиатҳои хоҷагию ноҳия ва ҷумҳуриро фаромӯш намекард ва бисёр муаммоҳоро бо тадбирҷӯиву хирадмандӣ ба фоидаи халқи диёр ҳаллу фасл менамуд. Ва албатта, ба мустаҳкам гардидани муносибатҳои дӯстию бародарии байни халқҳо ва кишварҳо хизмат мекард.

Боре ба раис Р. Аслиддинов хабар доданд, ки роҳбари ҷумҳурии Ӯзбекистон Шароф Рашидов аз ағбаи Анзоб гузашта, ба диёри худ меравад ва ним соат меҳмони хоҷагии шумо мешавад. Раис меҳмони олиқадрро дар мавзеи Шодмондараи ағбаи Анзоб пешвоз гирифта, сӯҳбат меорояд. Сӯҳбати нимсоатаи дастурӣ ба панҷ соат тӯл мекашад. Раис лаҳзаи мувофикро моҳирона истифода бурда, аз Ш. Рашидов хоҳиш мекунад, ки барои зимистонгузаронии чорвои хоҷагиаш ёрӣ расонад. Масъала ба таври мусбӣ ҳал мешавад ва қариб бист ҳазор сар рамаи гӯсфандони хоҷагӣ дар чарогоҳҳои гарму сералафи ноҳияи Зомини кишвари Ӯзбекистон ба тӯли солҳо бо фароғат зимистонро мегузаронданд.

Ё вақти яке аз сафарҳои котиби аввали КМ ПК Тоҷикистон Ҷаббор Расулов мушкилоти роҳсозии байни деҳоти колхозро ҳал намояд, ҳангоми сафари РаҳмонНабиев /дар давраи котиби якуми КМ ПК Тоҷикистон буданаш/ масъалаи хеле зарурии ба деҳаҳои дурдаст интиқол додани сими баркро файсала мекунад. Р. Набиев ба роҳбари ҳамонвақтаи раёсати барқи тоҷик Люлчак супориши қатъӣ медиҳад ва мӯҳлати иҷроро муайян мекунад, ки ҳатман аз истгоҳи барқи обии Фарҳод сим кашида, деҳаи дурдастро чароғон кунад ва иҷрои онро барояш иттилоъ диҳад.

Бале, чунин шахси фарзона ва ғамхор будааст, ҳамзамону ҳамдиёри мо раис Раҳим Аслиддинов.

Устод Мирзо Турсунзода низ ҳамроҳи шоирони номӣ Боқӣ Раҳимзода ва Убайд Раҷаб борҳо меҳмонони раис шудаанд. Боре ба сарвари нависандагони ҷумҳурӣ касе чунин гуфтааст:

– Устод, шумо фақат ба ҳавлии раис Аслиддинов меҳмон мешавед, охир ба хонаи мо ҳам марҳамат намоед.

– Раис Аслиддинов падари халқ аст, агар дар хонаи ӯ меҳмон шавем, гӯё меҳмони ҳамаи шумо гардидаем,- ҷавоб додааст устод ба он шахс.

Ҳақиқатан ҳам раис Аслиддинов ҳамчун падари меҳрубон ва ғамхор ҳамеша дар ғами осоиши рӯзгори мардум будааст.

Раис дар боби ободонӣ саъю кӯшиш варзида, ба роҳсозӣ диққати аввалиндараҷа медод. «Роҳ бошад, дигар ҳама чиз мешавад, ҳама иншоотро сохтан, обод кардан мумкин аст, роҳ шоҳраги ҳаёт аст», қайд менамуд ӯ. Фақат барои  пайвастани деҳаи калонтарини Анзоб ва деҳаҳои хурду калони атрофи он Нови Бидев, Истикон, Ушт, Обчарот, Қӯшқутан, Сари Ирғаё, Лаби Оби Сабих, Роға як кӯрпук ва ҳафтоду панҷ километр роҳи мошингард бунёд гардидааст. Чор километр роҳ ва як кӯпруки шонздаҳметра деҳаи Марзичро бо работи маркази хоҷагӣ васл намуд.

Дар роҳи сӯи деҳаи Марғеб кӯҳи баланд ва сахту саҳмгини Қандихӯрак дароз кашидааст. Ба ривояти халқ номи ин кӯҳ ишорате бар «қанд хӯру аз ин кӯҳ бигзар» будааст. Вале роҳсозони хоҷагӣ бо роҳбарии раис пайкари ин кӯҳро бурида, роҳи ҳашткилометра сохтанд ва ду соҳили дарёи Зарафшонро бо пуле пайвастанд.

– Ҳар як ваҷаби ин роҳ бо мушкилоти зиёд, яъне танҳо бо воситаи таркиш кушода шуд,- зикр намуд раис,- ба мо идораи «Взрывпром»-и ҷумҳурӣ ёрии калон расонд. Мо аз мутахассисони ин идора беҳад миннатдорем.

Дар бораи шоҳроҳи водии Яғноб, ки хоҷагӣ як қисмати онро ба анҷом расонд, махсус таваққуф намудан зарур аст.

– Маро нангу номуси ватандорӣ ба сохтмони ин роҳ водор кард,- ба ҳикояти худ идома дода буд раис.- Зеро ин гӯшаи афсонавии кишварамон, ки онро музеи табиии зистшиносӣ, таърих, забон, фарҳанги миллатамон меноманд, аз олам канда буда, мардумонаш дар фақру бенавоӣ зиндагӣ доштанд. Аз бисёр кишварҳои ҷаҳон олимон, сайёҳон, кӯҳнавардон омада, изҳори хоҳиш менамуданд, ки водии Яғнобро бубинанд. Вале мо на ҳамеша имкон доштем, ки ин диёрро ба меҳмонон нишон диҳем. Аз нигоҳи иқтисодӣ ҳам сохтмони шоҳроҳи Яғноб хеле манфиатбахш аст: дар ин водӣ зиёда аз ду ҳазор гектар замини ҳосилхез ҳаст, ки ҳаштсаду сӣ гектари он ҳоло обёришаванда буда, барои кишти картошка басо мусоид мебошад. Як ҳазору дусад гектари он ҳам ба осонӣ обёрӣ мешавад, зеро санглох нест, бо ин мақсад фақат як канал кофтан басанда аст. Дар оянда водии Яғноб пойтахти ҷумҳуриро бо сабзавот, хусусан картошка ва дигар маҳсулот пурра

таъмин карда метавонад. Ҳукумат бояд ба ин масъалаи муҳим таваҷҷӯҳ намояд.

Ҳоло то деҳаи Марғеб ҳашт километр ва аз ин ҷо то деҳаи Хишортоби водии Яғноб нӯҳ километр ва боз сохтмони як қисмати ин роҳи мошингард ба анҷом расидааст. Раиси оянддабин ният дошт, ки шоҳроҳи Яғнобро то охир бисозад, ки он ба дараи Ромит мебарояд, аз он ба тарафи рост шоҳроҳи Душанбе, ба тарафи чап, ба ҷониби Мастчоҳи Кӯҳӣ ва Исфара роҳ кушода мегардад.

Ин марди фидокор, хирадманд ва ғамхор ба ҳамин ранг андеша меронд ва кору пайкор мекард. Ӯ талош меварзид, ки иқтисоди хоҷагӣ, ноҳия ва тамоми ҷумҳурӣ пешрав бошад. Барои ҳамин ниятҳои пок ва созандагӣ ҳамчун фарзанди барӯманди миллат мӯҳтарам ва иззатманд гардида, аз тарафи ҳукумат бо се нишони Байрақи Меҳнат, нишонҳои Инқилоби Октябр, Дӯстии халқҳо, ду ордени Нишони ифтихор, унвони Корманди шоистаи Тоҷикистон ва бисёр дигар мукофот шарафёб шудааст. Худи қаҳрамони меҳнат эҳтироми халқро барояш аз ҳама баландтарин мукофот мешумурд.

Раис ҳоҷӣ Раҳим Аслиддинов оғози сохтмони нақби Анзобро бо рӯҳбаландии бузург истиқбол намуд. Тавре ки маълум аст, бо пешниҳоди Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон унвони он нақби Истиқлол ниҳода шуд.

Одамияти олӣ ва олиҳимматии беназири раис нақбканонро дар ҳайрат гузошта буд. Ӯ ҳар моҳ сохтмончиёни ин нақби мӯҳташамро аз ҳисоби худ зиёфат менамуд. Аҷоиботи ин амали хайрхоҳонаи раис дар он буд, ки рӯзи зиёфат аъзои оилаи Аслиддинов хизмат мерасонданд ва ба ҳамаи ин кор худи раиси накӯкор роҳбарӣ менамуд. Раис ба роҳбарони сохтмони нақб мегуфт, ки агар мушкилоту муаммое пеш ояд, бидуни истиҳола ба вай мурочиат бикунанд. Нақбканон аз чунин муносибати самимонаи раис дарёфтанд, ки сохтмони нақб гӯё кори шахсии Раҳим Аслиддинов бошад. Раис кушода шудани нақбро ниҳоят интизор буд, вале сад афсӯс, ки ӯ то ин рӯзи таърихӣ зиндагӣ накард. Раис Раҳим Аслиддинов ҳамеша мегуфт, ки ин нақб дар силсилаи таҳкими истиқлоли Ватанамон- Тоҷикистони азиз боз як ҳалқаи заррини сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангӣ хоҳад шуд.

## ҲИКМАТИ ҶОМАИ САРКОР

Бародарон Бобоқул, Нормурод, Сангинмуроду Турсунмурод ҳамроҳи падар ва модар дар мавзеи Сорбон-қалъа ба ободонии замини пуршебу фароз ва найзор ҳиммат намуданд. Фарзанди хур-

дсоли хонадон Хуррам ба бародарону волидони худ дастёрӣ мекард.

– Ризқу рӯзии мо дар ҳамин хокдон,- гуфт Тағой-амак ба писаронаш,- дасти ман не, дасти бобои деҳқон... Ӯ бо ҳамин суханони муқаддас ниҳоли аввалини самаровар бар чорбоғи ояндаи худ биншонд.

Фарзандони Тағой-амак дастони ҳамдигар гирифта, бо похсадевор хона сохтанд. Писарони калонӣ бо навбат арӯсони худро ба хонаи навобод фуроварда, дили падару модар шод мекарданд.

– Худовандо, бачаҳои маро аз чашм бад дур нигаҳ дор,- пичиррос мезад модар ва барои ҳар як фарзанд кӯрпа медӯхт. Модар пағаҳоеро, ки дар киштзорони ангора мерехтанд, бо ҳавсала чида аз пунбадона тоза мекард ва ба кӯрпаю ҷомаҳо истифода мебурд.

-Ҳосили нияти ман барои фарзандон ва набераҳоям,- мегуфт модар кӯрпаи дӯхтаашро дар чашми офтоб густурда,- баччаҳоям дар он хобида калон мешаванд. Ғӯза бисёр шавад, кӯрпаю ҷомадӯзӣ ҳам осон мешавад. Барои ҳар як ҷигарбандонам ҷомаю кӯрпа медӯзам, барои дигарон ҳам медӯзам.

Писарони калонии Тағой-амак Бобоқул дар хоҷагӣ мудири ферма ва Нормурод мудири мағозаю муҳосиб шуда кор мекарданд.

Аммо онон ҳар як лаҳзаи фориғ аз кори расмӣ ҳамроҳи падар дар киштзор заҳмат мекашиданд. Ҳафт пушти падар, ки деҳқон буданд, ӯ ба фарзандон ҳам аз овони хурдсолӣ шуғли деҳқонӣ омӯхта буд.

-Насибаи аҳли аёли худро аз замин ёбед,- панд медод Тағой-амак,- раиси колхоз шавед ҳам ва ё ба мартабаҳои аз ин калонтар соҳиб гардед ҳам, зинҳор касби деҳқониро фаромӯш накунед.

Вале деҳқон шудан, пахтакориро нағз омӯхтан чандон осон набуд. «Ин малака фақат бо зӯри бозу ва араҳи тахтапушт муяссар мешавад» таъкид менамуд марди деҳқон ба авлоди худ. Ҳоло дар атроф заминҳои кашфнашуда бисёр буда, ҳама ҷоро шӯразору хористон фаро мегирифт, ки одамизод қадам ниҳодан наметавонист. Аз шиварзорони андаке дур бӯи нохуше медамид, хомӯшакҳо мисли чанги сиёҳ дар ҳаво печида, на ба инсон оромӣ медоданду на ба чорво. Деҳқонон аз ҷиҳати озуқа, либосворӣ, шароити хуби зиндагӣ танқисӣ мекашиданд.

Хуррами ҷавон ба ҳамин васила дар арсаи ҳаёт, дар ҷодаи деҳқонӣ нахустин қадамҳои мустақилона мениҳод. Лаҳза ба лаҳза сабақҳои волидайн ва бародаронро меомӯхт.

Хоҷагие, ки дар деҳаи Арабхона ташкил ёфта буд, акнун андаке қомат афрохта, аз ҷиҳати иқтисодӣ мустаҳкам мешуд. Ва чорбоғе, ки Тағой-амак бо дастони худ обод кард, нав ба ҳосил даромада,

коми фарзандони ӯро лаззатбор намуда буд, ки ҷанги хонумонсӯзи зидди фашистони гитлерӣ оғоз шуд. Чор нафар писарони баору номус ва покниҳоди Тағой-амак яке пайи дигар ба майдони ҷанг сафарбар шуданд. Рӯзе, ки бародари калонӣ Бобоққул ба аскарӣ мерафт, лаҷоми аспи ҷирани худро ба дасти Хуррам дода гуфт:

– Додари азизам, илоҷе ёбу нақши суми ҳамин аспро аз ҳавлӣ гум накун, шарофати ин дигар хел аст.

– Хуб акаҷон, – ҷавоб дод Хуррам дасти рост пеши бар гирифта,- аспи шуморо то сиҳату саломат аз ҷанг омаданатон нағз нигоҳубин мекунам.

Аммо Бобоқул аз майдони муҳориба барнагашт, бародари дуюми Хуррам Нормурод ҳам ҷони ҷавони худро дар роҳи озодии Ватан нисор кард. Пас аз чанде Тагой-амак низ ба ҷабҳаи кор дар муассисаҳои ҳарбӣ даъват гардида, ӯ низ аз заҳмату шароити вазнин талаф ёфт.

Хуррам ҳамроҳи модар, хоҳар ва ду нафар янга ба кори хоҷагӣ баромад. Дар ин вақт ӯ ҳанӯз шонздаҳро пур накарда буд. Аммо Худованди меҳрубон аз даргоҳи табиати бахшоянда ба ӯ ақлу фаросати комил, сиҳатии хуб ва зӯру тавоноии таҳамтанӣ ато фармуда буд, ки баробари мардони калонсол меҳнат карда метавонист.

Ҳамон солҳо дар ноҳияи Қубодиён меҳнати пурмашаққати деҳқонон охирҳои фасли зимистон пеш меомад. Зеро дар ин айём ба кишти баҳорӣ тайёрӣ дида, деҳқонони хоҷагиҳо Наҳри Калонро, ки ба саросари ноҳия оби ҷонбахш медиҳад, бо белу каланд аз гилу лой тоза мекарданд. Дар фасли зимистон якчанд муддат барои тоза кардан оби Наҳри Калонро мебастанд, то гилу лойи он хушк шавад. Ҳар як хоҷагӣ ҳиссаи кори худро анҷом медод. Тартиби кор чунин буд, ки як нафар ҷӯйкоб дар қаър истода, хокро бо бел ба соҳил, ба пеши пойи шахси дигар мепартофт, дар навбати худ он шахс хокро ба берун ҳавола мекард. Вале Хуррам ин корро бе ёрии шахси дигар иҷро менамуд, яъне хеле бақувввату тануманд, ки буд, хокро аз қаъри наҳр бурида гирифта, якбора ба берун ҳаво медод ва бар ивази ду-се нафар меҳнат мекард. Аз ҳамон вақт боз халқ барои паҳлавониаш бо ҳурмати зиёд ба номи ӯ сифати «полвон»-ро илова карда, Хуррам-полвон мегуфтанд.

Рӯзе Хуррам-полвонро раиси хоҷагиашон Саймурод Ҳаитмурод ба назди худ даъват намуд.

– Додарам, худат медонӣ, ки аз хоҷагиамон яксаду дувоздаҳ кас ба ҷанг рафта, ҳоло ягон нафар барнагаштааст, – гуфт Саймурод-раис пас аз пурсупос, – шукр, ки ту шонздаҳро пур кардаӣ, аз ту акнун умедамон калон. Сардори звено мешавӣ.

Хуррам-полвон розӣ шуд. Ӯ дар дил азм дошт, ки ҳам ба ҷои бародарони дар ҷанг шаҳидгашта меҳнат мекунад, ҳам ба ҷои худаш.

Дар звено ҳамагӣ чор нафар зан буданд, ки ҳамроҳи Хуррам-полвон панҷ нафар узви хоҷагиро ташкил медоданд. Аммо ҳамин панҷ нафар аъзо ҳам дар минтақаи мушкилписанд аз ҳар гектар 23-сентнерӣ ҳосил рӯёниданд. Ҳамаи аъзои звено ба ҳар сад рӯзи меҳнат сездаҳ рӯзи меҳнат мукофот гирифта, соҳиби як миқдор ғаллаю газвор, рӯғану чой, шакару собун шуданд. Хуррам-полвон мувофиқи сабақомӯзии падар аз овони хурдсолӣ мустақилона кор мекард, тамоми истеъдод, ғайрат ва сайъу кӯшиши худро ба меҳнат сарф менамуд. Бо ҳар як узви звенояш самимона муносибат карда метавонист. Ана, бо ҳамин сифатҳо масъулияти роҳбарии Хуррам-полвон оғоз гардид. Пас аз якчанд соли сардори звено буданаш ӯро мироби хоҷагӣ таъин намуданд.

-Он солҳо об бо хуни одам баробар буд, – ба хотир меовард Хуррам-полвон ҳамон давраи кори худро, – аз ҳудуди деҳаи Бошқалъа, аз дарвозаи об то киштзори хоҷагиамон лаб-лаби Наҳри Калон обро посбонӣ мекардем.

Баъд бо талаби халқ Хуррам-полвон сардори бригада интихоб шуд. «Ҷавон бошад ҳам, корро нағз медонад», гуфтанд деҳқонон дар бораи ӯ.

– Дар ин вазифа қариб панҷоҳ сол кор кардам,- ёдоварӣ менамуд Хуррам-полвон, – вале ягон сол набуд, ки ман бо аъзои худ нақшаро пур накарда бошам. Ба Худо ҳазорон бор шукр, ки ба шарофати меҳнатам соҳиби обрӯю эътибор ва шаъну шӯҳрат гардидам. Ҳукумат бо ду нишони Байрақи Меҳнат, нишони Дӯстии Халқҳо, унвони Устоди пахта, бисёр медалҳо ва дигар мукофотҳо сарфарозам намуд...

...Роҳбарони аввалиндараҷаи ноҳия ба дигар корҳо мегузаштанд, раисони хоҷагӣ пай дар ҳам иваз мешуданд, вале Хуррам-полвон ҳамон сардори бригада, яъне саркор буду ҳар сол, дар ҳар гуна шароити обу ҳаво супоришҳоро барзиёд иҷро мекард. Зеро ӯ табиати замин, сиришти хоки ҳосилхезро дониста, мувофиқи он амал менамуд. Солҳое буданд, ки баъзе саркорон пеш аз кишт ба замин об мемонданд ва ё баръакс пунбадонаро мекиштанду аз болояш обро сар медоданд. Аммо Хуррам-полвон аз бӯю нафаси замин, аз ҳарорати хок саҳеҳ муайян мекард, ки донаи умедро кай ва бо кадом усул ба дили хок ниҳодан мумкин аст.

-Хоки маҳин шудгоршудаоро ба каф гирӣ, гармиашро ҳис кунӣ, худи замини муқаддас мегӯяд, ки «ман ба обу тоб омадаам, акнун тухмиро бикор, то ҳосили фаровон диҳам, хонаатро аз ғалла пур

кунам»,- аз таҷрибаи бисёрсолааш ҳикоят менамуд Хуррам-полвон.- Аммо деҳқони асил медонад, ки ҳар сол табиату шароити хосаи худро дорад. Ман ин қадар вақт дар замин кор карда, то ҳол надидаам, ки як сол ба соли дигар монанд бошад. Не, ин тавр нашудааст. Деҳқон ҳам мувофиқи талабот бояд ҳар сол усули коратро тағйир диҳад.

Солҳои тӯлонӣ бригадаи Хуррам-полвонро мактаби таҷрибаи пешқадам меномиданд, ки ҳақиқатан ҳам бригада ба ин ном сазовор буд. Ҳар навъи нави пахта ё ғалладона бошад, дар замини бригадаи ӯ кишта, хулосаю баҳои даркорӣ мебароварданд. Боре ба полвон супориш доданд, ки тухмии пахтаи навъи «Аш-25»-ро кишта, фикру ақидаашро ба олимон бигӯяд.

-Чигиташ хурд мешудааст,- зикр мекард Хуррам-полвон,- мувофиқи қоида пас аз ҳар обмонӣ ду бор ғизо медодем. Дар замини мо ин навъи пахта хеле нағз ривоҷ кард, ниҳолҳо сершох гардида, то 3000 дона кӯрак бастанд... Ихтироъкори ҳамин навъро аз Туркманистон даъват намуданд, ӯ ривоҷу ҳосилбандии навъи худро дида ҳайрон мешуду мегуфт: «Дар ҷойҳои мо ниҳолон кӯтоҳ мешаванд ва ин қадар ҳосил намедиҳанд». Сонӣ ӯ пахтазори моро ба навор гирифта, ду бех ниҳолро ҳам бо ҳосилаш бо худ бурд. Мехост, ки дар ватанаш бо телевизион намоиш диҳад. Вақти хайрухӯш такрор ба такрор дуои нек мекард, ки «илоҳо, тӯйи фарзандонатро бубинӣ»... Аз ҳамон пахтаи ашқободӣ дар 76 гектар кошта будем, аз ҳар гектар 44-сентнерӣ ҳосил гирифтем. Агар ҳосилро то охир мечидем, аз 50-сентнерӣ ҳам мегузашт...

Ҳамин тавр корҳои анҷомёфтаро иброз медошт ин марди деҳқон.

Вақте ки Хуррам-полвон мувофиқи синну сол ариза навишта, ба идораи хоҷагӣ омад ва ба аҳли раёсат изҳор намуд, ки акнун ҷавонон бояд ба арсаи меҳнат мустақилона бароянд ва ихтиёри роҳбариро ба даст бигиранд.

Аъзои бригадаи ӯ ва бисёр фаъолони хоҷагӣ ба ин хоҳиши саркор муқобил баромаданд.

-Мо медонем, ки Хуррам-полвон ҳоло аз ӯҳдаи сарварии бригада баромада метавонад, – гуфтанд бо як овоз ҳамкорони ӯ,- агар ҳақиқатан ҳам вай хастаю монда шуда бошад, пас дар бошишгоҳи саҳроӣ як ҷомаашро овехта монаду худаш дар хона истироҳат кунад. Мо ба ҷомааш итоат карда, мувофиқи маслиҳати Хуррам-полвон корро пеш бурдан мегирем...

Саркор аз ин ҳурмати самимонаи ҳамкорони худ хеле мутаассир шуд ва аризаашро аз идораи хоҷагӣ бозпас гирифта, якчанд соли дигар меҳнат кард.

– Ба қарибӣ илтимос карда, ба нафақа баромадам,- гуфт саркор,- писарам Амонқулро ба ҷои худ тавсия намудам. Хайрият, нағз кор кардан дорад...

Чанде пеш як гурӯҳ деҳқонони солхӯрда дар меҳмонхонаи Хуррам-полвон ҷамъ шуданд.

– Хоҷагии мо аз хоҷагии ба номи Телман бо он мақсаде ҷудо шуда буд, ки ба халқ нон диҳем,- арзи муддао кард яке аз онҳо,- вале ҳоло мо ба вазъияте расидем, ки хоҷагиамон идора надорад. Барои идора хонаи як деҳқонро иҷора гирифтаем, дар муддати кӯтоҳ се нафар раиси хоҷагиамон ҷои якдигарро иваз намуданд. Баъзеҳо «командир будем» гӯён вазифаро банд мекунанд, вале аз ӯҳдаи иҷрои он баромада наметавонанд. Охир на ҳар командир роҳбари хоҷагӣ шуда метавонад. Бинобар ин аз шумо хоҳиш дорем, ки роҳбарии хоҷагиро ба зимма гиреду онро аз ҷиҳати иқтисодӣ мустаҳкам намоед...

-Бародарон, барои бовариатон ҳазорон бор ташаккур,- арзи миннатдорӣ кард Хуррам-полвон,- ҳоло вазифаи раисӣ ба ман вазнинӣ мекунад, лекин ба раис маслиҳат дода метавонам. Ҳамаи қитъаҳои хоҷагиро панҷ панҷаам барин медонам ва барои ба по рост кардани хоҷагиамон ягон маслиҳату машваратамро дареғ намедорам. Шумо як раисе ёбед, ки маслиҳати дурустро фаҳмида қабул кунад. Боварӣ дорам, замине, ки дар ҳудуди хоҷагии мо ҳаст, тамоми халқамонро хӯрондаю пӯшонда метавонад. Охир ман ягон сол бо аъзои бригадаи худ аз чил сентнерӣ камтар ҳосил нагирифтаам. Дар масъалаи рӯёндани ҳосили ғалладона ҳам киштзори мо бемонанд аст. Мо худ борҳо аз ҳар гектар 37-сентнерӣ гандум ва 100-150 сентнерӣ ҳосили ҷуворимакка ғундоштаем. Ҳоло ҳам ҳамин замин дар ҷояш истодааст, тағйир наёфтааст. Баъзеҳо мегӯянд, ки пеш ба замин тез-тез ғизо дода мешуд, нуриҳои кимиёвӣ зиёд буд. Имрӯз ҳам чунин ғизодиҳиро ташкил намудан имкон дорад. Дар киштзорамон пиёз рӯёнидаем, пахта, ғалла, харбузаю тарбуз дорем. Ана, бар ивази ҳамин маҳсулоти хушсифатамон нуриҳои кимиёвӣ, қисмҳои эҳтиётӣ, сӯзишворӣ, рӯғаниёт, воситаҳои техникӣ дарёфт намудан мумкин аст...

Ин суханони саркори пуртаҷриба ба деҳқонон писанд омаданд ва ин маслиҳату машварат гувоҳӣ медиҳад, ки Хуррам-полвон пахтакори оддӣ нест, балки ӯ деҳқон- мутахассиси дорои андешаҳои пурқиммат ва фарох буд...

Хуррам-полвон аз роҳи тайнамудаи рӯзгори худ қаноатманд аст, зеро ӯ як умр ҳамроҳи халқ нони ҳаққу ҳалолро чашида, мувофиқи боварию эътимоди одамон зиндагӣ кардааст. Унвони паҳлавониро ғайр аз арсаи меҳнат дар майдони гӯштингирию

бузкашиҳо низ нишон дод ва қувваозмоӣ карда, борҳо комёб гардидааст.

Вақте ки дар тӯйи мулло Қутбиддини чашмаҷонӣ Нор-полвон бакавулӣ мекард, аз тарафи кишвари ҳамсоя Холбурӣ ном паҳлавони гарданкаше омада, аксари гӯштингирони қубодиёнию шаҳритусиро ба тахтапушт афканд ва номвари комил гардид. Дар ҳамин дам Хуррам-полвон ба майдон баромада, як даст гӯштӣ гирифту ин паҳлавонро бар замин зад ва боиси обрӯю эътибори тамоми паҳлавонони диёри худ шуд. Хуррам-полвон дар бузкашии мавзеи Шағолаки адири Хоҷа Ғозиён ҳам бо аспи Абдулло-раис бисёр мукофотҳоро ба даст оварда буд. Бо аспи ҳамин шахс ва бо аспи худ солҳои дароз ӯ дар бузкашӣ пешдастиро соҳиб мешуд. Зимнан тибқи савганди ба бародар додааш вай нақши суми аспи ҷиранро аз ҳавлӣ гум накард.

Хуррам- полвон сарчашмаи ҳаёти худро нағз дар хотир дорад, ки он аз ниҳоли аввалини чорбоғи падар ва пағаҳои барои кӯрпаю ҷома чидаи модар оғоз гардида буд. Инро ӯ ба фарзандон ва набераҳои барӯманди худ ҳикоят мекард.

## МУҲОРИБА БО ОТАШ

Ин воқеа тобистон ба вуқӯъ омада буд. Механизатори иттиҳодияи «Тоҷикселхозтехника»-и ноҳияи Данғара Талбак Лолаев бо трактори таъмиркардааш дар ғаллазори хоҷагии ба номи Ленини ноҳия машғули меҳнат буд. Ҳамроҳи ӯ ронандаи базаи махсуси автомобилии рақами 2-и шаҳри Душанбе Холмурод Муҳиддинов низ кор мекард. Онҳо аз тарафи иттиҳодия барои ёрӣ расонидан дар мавсими дарав фиристода шуда буданд. Дар бадали давраи кории 5 солу 9-моҳаи худ Талбак дар дарави нахустини ғалла иштирок менамуд. Ӯ бо трактори соғудори худ хошок ва ғалла мекашонд.

Ногоҳ дар ғаллазори наздики коргоҳи Талбак ва дӯстони ӯ минтақаи Сурхдара аз шароити тасодуфие сӯхтор ба амал омад. Дар гирду атроф ғаллазори тиллогини нопайдоканоре доман густурда буд. Оташ ҳар лаҳза метавонист, ки ғаллазорро ба дами худ фурӯ барад. Талбак аввалин шуда ба оташ дарафтод, сонӣ Холмурод ва дигар деҳқонону механизаторон бо оташ ба муҳориба даромаданд. Сӯхтор ғаллазори атрофро фаро гирифта натавонист. Дар мубориза бо оташ Талбак Лолаев ҳалок гардид, дӯсти ӯ Холмурод сахт осеб дид...

Талбак Лолаев моҳи феврали соли панҷоҳу ду дар ноҳияи

Данғара таваллуд шудааст. Ӯ дар зодгоҳи худ синфи 8-умро хатм намуда, сонӣ дар омӯзишгоҳи ҳунарҳои техникии рақами 13-и шаҳри Қӯрғонтеппа касби булдозеррони ва идора кардани дигар навъҳои тракторро омӯхтааст. Баъд ӯ дар қисми ҳарбӣ қарзи мардонагии худро дар назди Ватан ичро намудааст. Рӯзномаи «Комсомоли Тоҷикистон» (ҳоло «Ҷавонони Тоҷикистон») дар бораи корнамоии Талбак ба хонандагони худ нахустин шуда хабар дода буд.Талбак Лолаев барои ин корнамоии худ ба мукофоти олии ҷангии ҳукуматӣ сазовор гардид. Ба идораи рӯзнома, созмони ҷавонони ноҳияи Данғара, ба модар, бародарону хоҳарони ӯ аз номи ҳамсолону ҳамзамонони мо даҳҳо адад мактубҳо омадаанд. Ҳамдиёрони мо, ҷавонон мехоҳанд, ки ба кори ҷамъияту халқ мисли Талбак Лолаев содиқ бошанд! Онон хоҳиш доранд, ки дар бораи ин қаҳрамони бистучорсола бештар маълумот пайдо намоянд.

* * *

Бист гектар ғаллазор ва чарогоҳи ба коми сӯхтор фурӯ рафта, ки дар миёни баҳри тиллоранги ғаллазор ҷазираи сиёҳеро мемонад, он рӯз набардгоҳи одам ва оташ буд. Дар он набард, дар он муборизаи шадид одам ғолиб омад, оташ мағлуб шуд. Вале Талбак, Холмурод ва дигар хомӯшкунандагони сӯхтор намедонистанд, ки майдони оташгирифта чанд гектар аст. Барои онҳо муҳимаш он буд, ки оташро фурӯ нишонанду нафаси сӯзони онро ба ғаллазори дигар паҳн шудан намонанд. Онҳо медиданд, ки дар атроф ғаллазори доманфарохе пухта расидааст; бинобар ин тамоми фикру зикрашон, ҳамаи қуввату тавоной, ҳарорати дилашон ба фурӯ нишондани оташи авҷ гирифта ва наҷот додани гандумзори сесаду панҷоҳгектараи минтақаи гирду атроф банд буд.Ин сесаду панҷоҳ гектар ҳам сонӣ маълум шуд. Онҳо ҷисму ҷони худашонро ба дами аждаҳои оташ батамом гузоштанду ҳамин сесаду панҷоҳ гектарро аз талафот раҳоӣ доданд.

Вале агар Талбак, Холмурод ё ягон нафар аз ҳамкорони онон, ки дар лаҳзаи душвор дӯш ба дӯш истода, нони муқаддасро аз хоку хокистар шудан ҳифз мекарданд, агар ба мисли муаллифи як мактуби ба идораи рӯзнома омада хаёл менамуданд, оё ҳамин сесаду панҷоҳ гектар ғаллазор наҷот меёфт?

-Албатта, ин мардонагии ҳақиқист,- навиштааст муаллифи мактуб,- вале онро магар маҳз дар ҳамин ҷо нишон додан лозим буд? Магар ҳаёти худро барои бист гектар ғаллазору чарогоҳ зери хавфу хатар гузоштан зарур аст? Чи тавре ки маълум гашт, ин фидокорӣ бо фавти яке аз хомӯшкунандагони сӯхтор анҷом ёфт. Охир, барои мо ҳаёти инсон аз арзиши ҳосилоти бист гектар замин бартару бо-

лотар аст-ку? Ҳамин бист гектари сӯхта соли дигар ҳосил хоҳад дод, вале одамро аз куҷо меёбӣ? Дили наздикони ӯро чӣ сон тасалло медиҳӣ?

Дар мактуби дигар сатрҳои зайлро мехонем:

– Корнамоии Талбак Лолаев ҷасорати Анатолий Мерзлови рязаниро, ки чанд сол пеш аз ин ӯ ҳам маҳз дар ҳифзи сӯхтори ғаллазор нишон дода буд, ба хотирам овард,- навиштааст ёвари механик аз ноҳияи Фархор ҶавшанAtторов,- чи мувофиқати аҷиби касбу кор ва омолу рафтор, ки Анатолий ҳам тракторрон буд. Дар байни ин ду ҳодиса  ҳақиқатан ҳам пайванди мантиқӣ вуҷуд дорад: корнамоии намояндаи як халқро намояндаи халқи дигар такрор кардааст. Чӣ хуб, ки Анатолий Мерзлов танҳо нест!

Албатта, Анатолий ва Талбак ҳаргиз мурдан намехостанд. Онҳо ҳаётро дӯст медоштанд ва бо нишонаи марг-оташ мубориза бурданд: ҳам дар ғаллазор, ҳам дар беморхона.

Матонату мардонагии Анатолий, Талбак ва рафиқи ӯ Холмурод ба муқобили туғёни оташ, ки мехост нони ҳалоли халқро нобуд созад, барои ҳар як ҷавонмард дарси ибрат аст. Ман аминам: ҳар як фарди поксиришти Ватани азизи мо дар чунин вазъият айнан ҳамин тавр рафтор мекард. Аз корнамоии неки халқи мо дар ин мавзӯъ мисолҳои зиёде овардан мумкин аст. Ҳамаи ин натиҷаи муҳаббати бепоён ба Ватани маҳбуб, дӯстию рафоқат ва ҳамдастии одамони мост».

Ҷавшан Сатторов ҳақ аст: Талбак ҳаргиз мурдан намехост. Ӯ ҳаётро дӯст медошт: зеро ба модари пираш дар зиндагӣ дастёру мададгор буд, чанд моҳ пеш ба зеботарину баодобтарини духтари Данғара Татяна Нақшова хонадор шуда, ҳоло интизори фарзанд таваллуд кардани вай буд, ба додарону хоҳаронаш барои дар ҳаёт мавқеъ ёфтани онон ёрӣ расондан мехост... Ӯ зиндагиро дӯст медошту моли халқ, ҳаёти рафиқашро аз ҳаёти худ авлотар мешумурд. Ҳикояти муовини раиси ноҳияи Данғара Сафар Воҳидов низ дар ҳамин хусус гувоҳӣ медиҳад.

– Вақте ки сӯхтор хомӯш карда шуду деҳқонон Талбаки беҳушро аз миёни хокистару оташ бардоштанд, ӯ зуд ба ҳуш омада ба пои худ истод. Аввалин суханоне, ки баъди корнамоиаш мардум аз Талбак шунидан, инҳо буданд:

– Ба Холмурод ёрӣ диҳед, аҳволи ман хуб аст.

Ва барои нишон додани он ки дар ҳақиқат аҳволаш гӯё чандон бад нест, ӯ бе ёрию мадади касе ба асп савор шуда ба сари марза баромад.

Талбак бо Воҳидов шинос буд. Бинобар ин ба мошин савор шуда истода аз ӯ пурсид:

– Ако, ман намемурда бошам?

Ин суханонро аз рӯи буздилӣ нагуфт, не, балки Талбак ҷавони нотарс, боқувват буд, ӯ ба қувваи худ бовар дошт. Ва ҳоло мехост, ки шахси дигар низ инро тасдиқ намояд...

Қудрати Талбакро модараш ҳам вақти сӯҳбат канда-канда ишора кард:

– Вай...бақувват... тоза... ҷавон буд.

Зимнан, барои ман аз Ниҳолбӣ-хола дар бораи писараш чизе пурсидан, бо ӯ сӯҳбат кардан хеле душвор буд. Ҳанӯз ба назди модар наомада худро танбеҳ медодам, ки бо саволҳоям ҷароҳати дили ӯро аз нав хуншор мекунам...

...Талбак фарзанди дуюми Ниҳолбӣ-хола буд. Духтари калониаш Маҳбуба баъди хатми омӯзишгоҳи тиббӣ дар беморхонаи ноҳия хоҳари шафқат шуда кор мекунад. Додари Талбак- Қурбон моҳи май аз аскарӣ омада, ҳуҷҷатҳои худро барои дохил шудан ба мактаби милиса супурдааст. Қодир дар як мактаби ҳунаромӯзӣ таҳсил мекунаду Назирамоҳ, Муҳаббат ва Зулфия дар мактаби миёна мехонанд.

Падари Талбак- иштирокчии Ҷанги Бузурги Ватанӣ, дорандаи мукофотҳои ҳукуматӣ Лола Мирзоев бар асари ҷароҳатҳои ҷанг соли 1972 фавтидааст...

– Талбак гунҷишко ворӣ ҳелча сохт, – мегуфт модар бо ҳасрату андӯҳ, – ҳелчааш нимкола монд, – душвор буд ба Ниҳолбӣ-хола дар бораи писараш сухан рондан. Ба гумонам дудҳои оташе, ки пайкари ҷигарбанди ӯро сӯхта ҷароҳатдор карда буд, ҳоло аз димоғи модар мебаромаданд. Ғами модар он қадар амиқу гарон буд, ки гуфтугӯ боз бо як шахси дигар дар хусуси писараш ин ғамро коста наметавонист – зеро ғуссаи модар ҳам вақти дар бораи фарзанд сухан гуфтан, ҳам вақти бо ёди ӯ хомӯш будан бо ҳамон қудрату дарду ҳасрат дар ниҳодаш вуҷуд дошт. Ба тоза кардани ҷароҳати дили модар ҳоҷат набуд.

Талбак, чи тавре ки модар гуфт, барои ба анҷом расонидани хонаи худ фурсат наёфт, ба вай дидани дидори фарзандаш ҳам муяссар нашуд. Ӯ боз бисёр корҳоро иҷро карда натавонист. Аммо Талбак дар зиндагӣ вазифаи худ, қарзи ватандӯстии худро анҷом дод, дар лаҳзаи ҳалкунанда мавқеи мувофиқ пайдо намуд. Ӯ ҷасорати олӣ ва қаҳрамонӣ нишон дод.Ниҳолбӣ-хола бо вуҷуди шикастаҳолӣ дар худ қудрату матонат пайдо карда, арӯси хонадон Татянаро тасаллӣ медиҳад. Писараш Қурбон ҳам маҳз бо исрори ӯ барои таҳсил ба мактаби милиса рафтааст. Модар ба дигар фарзандонаш ҳам супориш медод, ки сохтмони хонаи чаламондаи Талбакро давом диҳанд. Фақат шахси қавиродаи матин чунин рафтор

карда метавонад.

Файласуфе фармудааст: шахси қавииродаю матин на он аст, ки овозаш намеларзаду аз дидагон ашк намефишонад. Балки шахси матин он аст, ки дар лаҳзаи душвори ҳаёт наметарсад ва пеши бадбахтӣ сар фуруд намеорад.

Ман бо модар сӯҳбат мекардаму аз шахсияти ӯ, аз муносибаташ ба корнамоии фарзанди фавтидааш лаҳза ба лаҳза шахсияти он ҷавони бисту чорсола пеши назарам возеҳ мегашт.

Модар дар хусуси фарзандаш хотираҳои худро нақл намуда, гоҳе чашмонаш пурнам мешуданду донаҳои сиришк ба чеҳрааш шорида мефаромаданд ва гоҳе ба муддати зиёд хомӯш гашта, чизеро ба ёд оварда, базӯр табассуме  мекард. Маълум буд, ки модар фақат марги писарашро не, балки тамоми лаҳзаҳо, ҳамаи роҳи зиндагии ӯро чун китобе дар худ фароҳам овардааст ва онро ҳоло саҳифа ба саҳифа, ҳарф ба ҳарф ёд меорад, ҳам дақиқаҳои душворро, ҳам сонияҳои некро аз овони тифлии ҷигарбандаш...

Ҳар кас ба ҳавлӣ дарояд, ҳамсари Талбак-Татяна ҳатман ба қафои шахси воридгашта менигарад. Ман ба ин ҳавлӣ ду маротиба ворид шудаам, ду маротиба ҳам ҳамин ҳолат рӯй дод. Вақте рӯи шаҳсуфаи ҳавлӣ нишастанам ҳамсояи Ниҳолбӣ-хола мӯйсафеди ҷелаки тики сурх дар бар дошта бо чанд нафар мардони солхӯрда омаданд. Дар ҳамин ҷо ҳам Татяна беихтиёр ба қафои воридшудагон нигарист, бо умеде нигарист, ки аз ақиби меҳмонон ҳамин лаҳза шояд Талбак ҳам ба хона дарояд. Татяна ба ин фоҷиа ҳеч бовар карда наметавонад, ӯ мехоҳад, ки мӯъҷизае рӯй диҳад...

Хоҳари Талбак – Маҳбуба гаштаю баргашта афсӯс мехӯрд, ки ҳангоми аз майдони сӯхтор баромадани Талбак касе ба вай оби сард нӯшондааст. Духтарак аз куҷое шунидааст, ки ба шахси аъзои баданаш сӯхта оби сард додан зарарнок аст.

– Ҳаминро ба ӯ намехӯронданд, шояд зинда мемонд,- ҳасрат мекунад Маҳбуба...

Дар оила Талбакро ҳамаи хурду калон дӯст медошт, ӯро ҳамсояҳо, ҳамкорон, рафиқонаш эҳтиром менамуданд. Ӯро барои муносибати хубаш бо одамон ва ба кор, ба додару хоҳаронаш, ба зани ҷавону рафиқонаш чунин дӯстдорӣ ва эҳтиром мекарданд. Барои меҳнатдӯстӣ, кордонӣ, ҳисси вазифашиносӣ, масъулиятнокӣ ӯро ҳурмат менамуданд. Роҳбари ноҳияи Данғара Нуриддин Маҳмудов ҳам барои ҳамин хислатҳои некаш Талбакро дӯст медошт.

Як бегоҳӣ, вақте ки Талбак бо трактори соғудораш аз кор бармегашт, шахсе ӯро нигоҳ дошт. Талбак ин шахсро шинохт, ӯ Маҳмудов буд.

– Ҳамин бедаро ба фермаи хоҷагии ба номи Ленин бурда месупорӣ ва аз мудири он коғаз меорӣ,- бо ишора супориш дод Маҳмудов.

Ин беда ва дигар хӯроки чорво аз дасти тороҷгарони моликияти ҷамъиятӣ баргардонида шуда буданд. Талбак хӯрокии чорворо ба ферма овард. Ҳамон бегоҳӣ мудири фермаро дар коргоҳаш пайдо накард. Талбак аз кор мондаю хастаҳол омада бошад ҳам, мудирро ҷустуҷӯ намуда, аз кадом як тӯйхонае пайдо кард ва худи ҳамон шаб коғазро ба дасти роҳбари ноҳия супурд. Ана, ҳамин хел одам буд, Талбак, то як корро ба субуташ нарасонад, намемонд.

Барои он намемонд, ки вай аз овони тифлӣ дар ҳамин рӯҳия тарбия ёфта буд. Талбак дар оилае тарбия ёфт, ба камол расид, ки ба аъзои он бо садоқат ва виҷдони пок меҳнат кардан русуми зиндагӣ, қонуни ҳаёт гардидааст.

Аз бародарони падари Талбак- Лола Мирзоев ду нафар- Қӯзӣ, Александр, худи ӯ ва писари бародари калонаш- Азиз, яъне ҷумла аз ҳамин хонадон чор кас дар ҷанги зидди фашистон иштирок карда, хушбахтона ҳар чорашон зиндаю саломат ба зодгоҳ баргаштаанд. Бинобар ин Талбак аз падари худ, аз амакаш- Александр Мирзоев, ки барои шуҷоату далериаш бо нишони Шараф ва дигар медалҳо мукофотонида шудааст, инчунин аз дигар хешовандонаш дар хусуси қаҳрамонӣ, ҷоннисорӣ ва мардонагии аскарони шӯравӣ бисёр ҳикояҳо шунидааст.

Хизмат дар сафи Артиши Шӯравӣ низ барои Талбак мактаби ҳақиқии тарбия гардид. Хизмати шоистаи Талбакро аз ҳамин ҳам донистан мумкин аст, ки рӯзномаи «Красная звезда» соли 1972 дар бораи ӯ ва рафиқонаш навиштааст: «Аскарони қаторӣ А. Сердюк, В. Томилин, Т. Лолаев дар шароити душвортарини обу ҳаво низ ба таври намунавӣ хизмат мекунанд». Ҳамин вақт Талбак дар самти шимол, дар минтақаи сард хизмат менамуд. Дар рӯзномаи дигари ҳарбӣ низ ду сурати ӯ дарҷ гардидааст. Ин ҳамаро мушоҳида намуда, аз хотир фаромӯш кардан лози нест, ки ҳарбиён ба кас беҳуда баҳои баланд намедиҳанд. Ҳамаи инҳо замина тайёр карданд, ки Талбак дар ҳар лаҳза барои корнамоӣ ва шуҷоат ҳозир бошад. Ӯ бо рафтори шоиста ва далериаш ба анъанаҳои қаҳрамононаи аскарон садоқатманд буданашро исбот кард ва дар замони осоишта ҳам мисли аскарони ҳақиқӣ шуҷоат нишон дода, ба мукофоти ҷангии ҳукуматӣ шарафманд гардид. Соли шасту нӯҳум яке аз муҳофизони далери ҷазираи Даманск Павел Ковалёв, ки барои шуҷоаташ ба нишони Байрақи Сурхи Ҷангӣ мушарраф гардидааст, меҳмони шаҳри Душанбе шуда буд. Ӯ ба сифати ронандаи мошини зиреҳпӯши Қаҳрамони Иттифоқи Шӯравӣ лейте-

нанти калон Иван Стрелников ҷасурона хизмат кардааст, далерию қаҳрамонии ҳамсилоҳони худро бо чашмонаш дидааст. Ҳамон вақт ӯ дар бораи корнамоии Иван Стрелников, хусусан сержанти хурд Юрий Бабанский, ки баъд аз кушта шудани командир дар лаҳзаи ҳалкунанда қарори қатъӣ қабул намуда, аскаронро аз қафои худ ба ҳуҷуми ҷавобӣ бурдааст, нақлҳои фаромӯшнашуданӣ мекард.

Ҳоло дар бораи фидокорию ҷоннисории Лолаев андеша ронда, қаҳрамонии муҳофизони шуҷои ҷазираи Даманск, тақрибан ҳамсолони Талбакро ба хотир меорем (зимнан, мо онро ба ҳеч ваҷҳ набояд фаромӯш кунем) ва дар миёни ин ду корнамоӣ низ пайванди мантиқие мебинем, ҳарчанд ки воқеаҳо дар шароити гуногун ба вуқӯъ омадаанд...

Дар ҳаёти одамизод лаҳзаҳое пеш меоянд, ки дар чунин лаҳзаҳо Ватан ба мафҳуми аниқу саҳеҳи мушаххас бадал мешавад. Дар саҳифаҳои таърихи қаҳрамононаи мамлакатамон дар корнамоиҳои фарзандони шарифи он чунин лаҳзаҳоро бисёр мушоҳида кардаем. Вақте ки Туйчӣ Эрйигитов дами тирҳои оташфишони душманро бо сандуқи синааш пӯшонда, ҷони ҳамсилоҳонашро халос кард, ҳамин барои ӯ мафҳуми Ватанро дошт, вақте ки Талбак Лолаев ба муҳофизати нони халқ дидаю дониста худро ба ҳалқаи оташ зад, ҳамин бист гектар замин барои вай маънои бузургии Ватанро ифода менамуд. Албатта, ҳоло мо саҳеҳ баён карда наметавонем, ки Талбак дар ҳамон дақиқаҳои муҳориба бо оташ чӣ фикру хаёл дошт. Лекин ба ҳамин чиз қатъиян аминем, ки он қитъаи оташгирифтаи сарзамини азизаш барои Талбак қисмати ногусастании тамои арзу тӯли Ватан буд.

Он матонату устуворӣ ва он пуртоқатию пурбардоштӣ, ки Талбак Лолаев баъди сӯхтани аъзои баданаш бо марг мубориза мебурд, гувоҳӣ медиҳанд, ки ин қаҳрамонии ӯ хоммеваи бебокии бачагона ё худ ҷаҳиши яклаҳзаина набуд. Хоҳари шафқат Маҳбуба, ки се рӯз дар сари болини бародараш парасторӣ мекард, ягон ҳарфи шикояту пушаймонии Талбакро нашунидааст. Табибони дигар ҳам ба ин шаҳодат медиҳанд.

Оре, шахсе ҳаёти худро бе калавиш, бе дудилагӣ зери хавфу хатар гузошт, ки ӯ қалби  матин дошт ва дар лаҳзаи зарурӣ вазифаи асосиашро дуруст фаҳмида, ба иҷрои он бо устуворӣ шурӯъ намуд. Ва ӯ боварии комил дошт, ки ҳамин вазифаашро ба хубӣ анҷом медиҳад, ба офати табиӣ ғолиб меояд.

Агар дар ҳамин лаҳзаи зарурӣ ба ҷои Талбак ва Холмурод шахсоне мебуданд, ки ба мисли муаллифи он мактуб ҳаёти одамиро, ҳаёти худро аз тамоми дигар чизҳо афзалтар медонистанд, онро бо дили ларзону парешон эҳтиёт карда мегаштанд, пас ҳодиса чӣ ранг

сурат мегирифт? Магар чунин шахс, агар пиндорем, ки вай аскар бошад, вақти зарурат ба майдони набард рафта, мулкашро муҳофизат карда метавонад? Яқин аст, ки ин тоифа одамон рӯзи душворӣ на ҳаёти шахси дигареро ҳифз карда тавонанд ва на ҳаёти худро...

Ҳамчунин аз мактуби саркори хоҷагии «Роҳатӣ» Ятимхон Сиддиқов чанд сатреро иқтибос карданием. «Мо бо тамоми аъзои бригадаамон аз корнамоии Талбак Лолаев воқиф гашта, хеле мутаассир шудем. Шояд барои зинда мондани Талбак хун лозим мешуд. Дар ин ҳолат ҳар як узви бригадаи мо тайёр буд, барои саломатии ин қаҳрамон хун диҳад, ҳаёти ӯро ба нақди ҷон бихарад. Вале, афсӯс...

Талбак барои дони гандум, шиками сери мардум, ғаллазори Ватан ҳаёти худро қурбон кард. Ӯ ба Ватан ва ба худ содиқ монда, бо корнамоию шуҷоати бемислаш дар хотираи мо ҷовид хоҳад буд. Агар лозим шавад, ҳар яке аз мо тайёр ҳастем, ки барои халқу ҷамъият ҷасорати Талбак Лолаевро такрор намоем.

Ташаккур ба Шумо, Модар, ки чунин фарзандро тарбия кардаед».

Садоқат ба Ватан ва ба худ. Сиддиқов хеле дуруст навиштааст, маҳз ҳамин суханон моҳияти асосии корнамоии Талбак Лолаевро ифода менамоянд. Талбак барои ҳамин чунин корнамоӣ кард, ки дар он порчаи замин як қисми моликияти халқро дид ва ин барояш аслан маънои Ватанро дошт. Ӯ ба дилу виҷдону рӯҳияи худ садоқатманд монда, ба тарзи дигар рафтор карда натавонист ва барои Ватан, ҳифзи нони он ҷони ҷавони худро фидо намуд.

Ва мо ҳам ба бузургии дили Модар сано мегӯем, ғам махӯр Модар. Фарзандат дар симои даҳҳо, садҳо ҷавононе, ки мактабҳо, омӯзишгоҳҳоро хатм намуда, соҳибони замин мешаванд, дар мавҷҳои ғаллазори тиллогуне, ки ҳар сол дар саҳро сар ба истиқболи офтоб мекашанд, зинда аст!

Фарзанди ғолибат ҷовидонӣ зинда хоҳад монд, Модар!

## МУНДАРИҶА

### Ҳикояҳо

Сияҳмушкини вопасин....................3
Ишқи духтари раис....................8
Дарахти пуда....................12
Ҷӯи Навдиз....................19
Умеди модар....................24
Ҷавпазак....................27


### Қиссаҳо

Одами ҷавҳардор....................34
Ман чароғ афрӯхтам....................71


### Очеркҳо

Чашмаҷон (Чилучорчашма, санаи 136-и ҳиҷрӣ)....................170
Нури ҷовидони Зӯзанаб....................187
Дар он боғе, ки мурғонаш нахӯсанд....................200
Сухангустари дарёдил....................205
Тулӯи хуршед аз Дарвоз....................217
«Шогирди мактаби устод Турсунзодаам»....................223
Теғи «дӯст» ва ишқи зан....................229
Падари харлқ....................234
Ҳикмати ҷомаи саркор....................242
Муҳориба бо оташ....................248


**Бахтёри Муртазо**

**ҶАВПАЗАК**
*(Маҷмӯаи ҳикояҳо, қиссаҳо ва очеркҳо)*

Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабандӣ *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 20.10.2010 супурда шуд. Чопаш 27.10.2010 ба имзо расид.
Ҷузъи чопӣ 16,0. Андозаи 60x84 1/16. Адади нашр 1000 нусха

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш. Душанбе, кӯчаи Н. Қаробоев,17а